**Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ба ифтихори 20 – солагии Ваҳдати миллӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№2 (6), 2017**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

### ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РАВАНДИ ҶОМЕАСОЗӢ

**С. Ятимов.** *Илм ва амният*............................................................... 5
**Нозим Нуров.** *Ваҳдати миллӣ ва имконоти фарҳангӣ*...................... 23
**Назрӣ Асадзода.** *Ваҳдати воқеии миллӣ чист?*................................. 33

### ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**Вернер Штегмайер.** *Ояндanигарии фалсафӣ аз ҷониби Фридрих Нитше*........................................................................................ 45
**Қоҳирова Г.И.** *Астероиди эҳтимолан хатарноки 2014jo25 ва мушоҳидаи он дар Тоҷикистон*......................................................... 62
**Нумонов М.Э., Эшов Б.Б.** *Вода – это жизнь*.................................. 67
**Комил Бекзода.** *Мушкилоти ишқ аз нигоҳи фалсафа*....................... 73
**Меҳр Собириён.** *Нақши омилҳои иқтисоди дар мазҳабишави ҷомеа*.. 79

### ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

**Ҷаҳон дар равзанаи антропология** (*мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, профессор Муҳаммадалӣ Музаффарӣ)*.................... 87

### МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Исомиддин Шарифзода.** ***Ш. Гулаҳмадов.*** *Конформизм ва омилҳои пайдоиши ахлоқи конформистӣ дар байни ҷавонони тоҷик*................ 102
**Фирдавс Мирзоёров.** *Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими фанни забони тоҷикӣ*........................................................................ 115
**Дидавар Бекзода.** *Холик Мирзозода и проблемы изучения просветительской деятельности Ахмада Дониша*.............................. 125

### БОЗЁФТ ВА КАШФИЁТ

**Юсуфшо Яъқубов.** *Карон – кашфи асри 21-и таърихшиносии тоҷик* 136
**Номвар Қурбонов.** *Пайдоиши назарияи дуализми рӯшноӣ*................. 156
**Аброров Ҳусейн.** *Кӯлоб- музофоти табобат, фарогат ва сайёҳат*.. 164

**Қурбониён Меҳрдод.** *Олами заррот ва қиёси онҳо бо чизҳои оддӣ.....* 174

АДАБ ВА ҲУНАР

**Олимҷон Хоҷамуродов.** *Хайём аз зовияи диди Содиқи Ҳидоят..........* 179
**Шодимуҳаммад Сӯфизода**. *Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад..............* 191
**Ғиёсиддин Қодиров.** *Ҳақиқат ва ривоёт дар бораи афгонҳо..............* 196

ТАҲИЯ ВА ТАДВИН

Ҷалил Камолиддин. Садриддин Айнӣ (тарҷума ва таҳияи **Тоҷиддин Мардонӣ**.............................................................................. 205
*Мудирият ва воқеияти масъулиятшиносӣ* (таҳияи **Ёрмуҳаммад Ниёзӣ**)........................................................................................... 220

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РАВАНДИ ҶОМЕАСОЗӢ

***С. ЯТИМОВ,***
*доктори илмҳои сиёсӣ*

## ИЛМ ВА АМНИЯТ

### Муқаддима

Аз лиҳози сиёсӣ истилоҳи "амният" муродифи калимаи "давлат" аст ва баръакс.

Аввалин тасаввурот оиди ниёзи одам, ҷамъият ба мавҷудияти муҳимтарин ва гаронтарин ҷузъи системаи сиёсӣ таҳти номи "давлат", зарурати таъмини амнияти худи инсон ва ҷомеаро дар назар дорад. Ба ҳамин хотир, **"Давлате, ки амнияти хешро таъмин карда наметавонад, ғайримаҷоз"** (Томас Гоббс) эълом гаштааст.

"Кишвар" ва "мамлакат" синонимҳои муваффақи истилоҳи "давлат" мебошанд. Аммо аз лиҳози ҳуқуқӣ баробарвазн буда наметавонанд. "Давлат" мафҳуми юридикӣ аст. Истилоҳоти аввалан номбаршуда ишора ба ҷанбаи ҷуғрофиёианд. Кишвар, мамлакат метавонад бошад. Аммо давлат набошад. Мансубияти ҳокимияти сиёсӣ **дар давлат тибқи конститутсия муайян карда мешавад. Он тақсимнашаванда аст. Ягон гурӯҳ, ҳаракати сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ дигар ин ҳуқуқ ва масъулиятро надорад**. Дар таърифи классикии давлат унсурҳои асосӣ - миллат ва миллатҳо, қаламрав, ташкилоти сиёсӣ, пойдору мустаҳкам будани қонун, ҳуқуқ ва имконоти қонунии ҳокимияти сиёсӣ оид ба истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди ин воҳиди сиёсӣ муайян карда шудаанд.

Панҷ ҷузъи (нишонаи) давлат, ки номбар гардид, дар маҷмӯъ маънои таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлатро дорад.

Ҳамин тариқ, давлат падидаи осмонӣ ё тухфа нест. Заминӣ аст. Дар асоси қонуниятҳои хоси раванди ҳодисаҳои ҷамъиятӣ пайдо гаштааст. Аз ҷиҳати назариявӣ ва илмӣ арзи вуҷуд мекунад.

Таърихи давлат, таърихи таъмини амнияти он аст. Ин ду мафҳум, тарзе ки хотиррасон гардид, якдигарро аз лиҳози мантиқи сиёсӣ ва натиҷаи он – ҳуқуқӣ пурра мегардонад.

Тафсири пайдоиш ва рушди амният, ҳамчун муҳимтарин унсури давлат, дар асоси қонуниятҳои инкишофи ҷамъият заминаҳои илмӣ - назариявӣ дорад. Ҳарчанд эътироф бояд кард, ки дар бораи пайдоиши давлат фарзияҳои гуногун мавҷуданд. Ин падидаро тавассути паҳн кардани тасаввурот, консепсия ва назарияҳо, ашхос, гурӯҳ, ҳизб, ҳаракат ва қишрҳои муайяни сиёсӣ дар олам ва минтақа "соҳибӣ" карданӣ мешаванд. Ба он тобиши сирф идеологӣ медиҳанд. Аммо чунин тарзи ҷаҳонбинӣ ва амалия ҳам мисли истилоҳоти "давлат" ва "амният" ниёз ба тафсири илмӣ дорад.

Истилоҳоти "дониш" ва "илм" дар қавмияти ниҳоят эътиқодмандонаи семантикианд. Лекин як чиз нестанд.

Донишҳо метавонанд рӯзмарра, омӣ, идеологӣ, эътиқодӣ ва монанди инҳо бошанд. Илмӣ набошанд. Аммо барои тафсири система, структура ва функсияи давлату амният, зарурати тавзеҳи он аз мавқеи шакли шуури ҷамъиятие муҳим аст, ки охирин қудрати шарҳи қонуниятҳои рушди ҷомеаро дошта бошад. Ҳамзамон, ин қонуният на дар асоси афсона, мифология, теология, балки дар ҷараёни ҳаёти чандинасра, таҷрибаи дақиқи дар амалия санҷидашудаи худи Инсон ошкор ва тасдиқ гардида бошад. Ва ин донишҳо бояд ҳамеша дар ҳолати рушди бемайлон барои манфиатҳои заминии худи Одам хизмат намоянд.

Албатта, назарияи эътиқодии фавқуттабиӣ оид ба пайдоиши давлат ва амният низ вуҷуд дорад. Ба хотири ин ақида, ҳар рӯз садҳо, ҳазорҳо нафар ҷони худро қурбон мекунанд. Бегуноҳон ҳалок мегарданд. Мардум бехонумон мешавад. Чунин назария ҳам беасос нест. Он падидаи онтологӣ ва тавлидкардаи ҳадафҳои заминӣ аст. На осмонӣ. **Ба хотири манфиат доштан дар сохтани давлати мувофиқ, хеле осон асоснок кардан ва нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ - ҳокимият ва, албатта, истифода намудан аз он аст. На бештар аз ин.**

Вазъи имрӯзаи олам, минтақа мураккаб аст. Масъалаи аслӣ - таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлат мебошад. Дар маркази баҳс масъалаи ҳифзи сулҳу субот ва амният меистад. Ин мавзӯи дараҷаи аввал маҳсуб мегардад. Ҳар нафаре, ки қудрати фикри солимро дорад, намехоҳад **"чеҳра ба гиря бишӯяд ва**

**оҳанги ракс аз оҳу нола биҷӯяд"** (Ҳофиз). Ҳамзамон маълум аст, посух ба ин асрор корест на осон.

Муҳим ба назар мерасад, ки дар дараҷаи муқаддимавӣ баъзе масъалаҳои амниятӣ аз нигоҳи назариявӣ мавриди баҳс қарор гиранд.

## Давлат ва амният

Амнияти давлат мафҳуми системавӣ мебошад. Он аз ячейкаи одии давлат оғоз ва дар олитарин муассисаҳои давлатӣ ба тарзи принсипиалӣ таҷассум меёбад. Муҳтавои ин масъала дар Қонуни асосии ҳар кишвар сабт гаштааст. Тибқи он дар давлат нафар, муассиса, корхонае вуҷуд надорад, ки амали вай берун аз манфиатҳои таъмини амнияти давлат мавриди назар гирифта шавад. Субъектҳои дорои ҳуқуқ, ҳамзамон, вазифаҳои муайян дар самти таъмини амнияти давлатро доранд.

Давлат дар натиҷаи таҳлили дараҷаи самаранокии шаклҳои гуногуни ҳокимият, аз ҷумла бисёрҳокимиятӣ, муҳимтар аз он, дар асоси раванди қонуниятҳои инкишофи ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Он воситаи асосии муташаккилии раҳбарии ҷомеа мебошад. Тавассути он дастгоҳи идорӣ иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташударо таъмин мекунад. Ба тарзи дигар, давлат қувваи марказонидашудаи ҷомеа маҳсуб мегардад. Дар асоси маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷомеа ва худи давлат зарур медонад, арзи ҳастӣ менамояд.

**То замоне ки давлат - гаронтарин ҷузъи системаи сиёсии ҷомеа, миллат ва миллатҳо вуҷуд дорад, тақрибан ба ҳамин андоза (қиматнокӣ, арзишмандӣ, баробарвазнӣ) барои фалаҷ кардан, аз фаъолият боз монондан ва оқибат нест кардани он хатарҳо мавҷуданд.** Ин таҳдидҳо якранг, дар як сатҳ, бетағйир ва мутлақ буда наметавонанд.

**Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу оянда давлати миллии мо мебошад.**

Хатарҳое, ки зидди осудагии як миллат, барои ба гирдоби бало андохтани он тарҳрезӣ мешаванд, зуҳуроти тасодуфӣ ё бетартибона нестанд. Дар асоси нақшаҳои муайян коркардшуда,

аз ҷумла таҷрибаи хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдор ва амалияи дастандаркорони ҳамин гуна аъмол дар минтақа ва ҷаҳон роҳандозӣ мегарданд. Эътироф бояд кард, ки тахрибкорӣ, нооробм сохтани як давлат, бесаранҷом, бесарусомон кардани як миллат вобаста ба тақдир ё чизи тасодуфӣ нест. Илм аст. **Терроризм, экстремизм, дигар намуди тахрибкорӣ ба муқобили ҳар кадом субъекти муносиботи байналхалқӣ, давоми сиёсати хориҷии кишвари муайян бо роҳ, усул ва методҳои дигар мебошад.** Дар он маҷмӯи имконоти давлати ташаббускор, пеш аз ҳама, захираҳои ақлонӣ ва амалии он истифода мешаванд. Бе донистани моҳият (ҷавҳар)-и чунин тахрибкорӣ, ғаразҳои аслии аъмоли душман, раванд ва қонуниятҳои он, мубориза бо чунин зуҳурот номумкин аст. **Дар муқобили доноӣ ва амалкарди бадхоҳон, фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омада метавон**.

## Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ

Тавре ки хотиррасон гардид, масъалаи таъмини амнияти миллӣ хусусияти сирф соҳавӣ, идорӣ надорад. Он умдатарин масъулият дар назди системаи ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, динӣ ва монанди инҳо мебошад. Мафҳуми шахшудамонда, бетағйир, мавҳум нест. Чизи воқеӣ, материалии дар вақт ва фазо мавҷудбуда аст.

Реалияти объективӣ дар шуури инсон чун падидаи зинда ҳама вақт дар тағйир, ивазшавӣ, ҳаракат, зиддиятҳо, ҳамзамон ҳаллу фасли он қарор дорад. **То замоне ки давлат, ҷомеа вуҷуд дорад, ин ҷараён зина ба зина такрор мешавад.** Раванди таъмини амнияти давлат, миллат дар ҳолати зудтағйирёбандаи фазои минтақавӣ ва олам сурат мегирад. Онро доимо, аз нигоҳи илмӣ ба тарзи системавӣ наомӯхтан, сарфи назар кардан, бо ҷузъиёт ба инобат нагирифтан амнияти миллиро ҷиддан зери суол мебарад. **"Дароздастии кӯтаҳостинҳоро"** (Ҳофиз) зиёд мекунад.

Диалектика ҳамчун назария ва методология беш аз се ҳазор сол пеш пайдо шудааст. Таҷрибаи инсонӣ онро собит намудааст. **Ин падидаи назариявӣ ва илмӣ дар давраҳои гуногуни таърих вобаста ба иштибоҳи мақсаднок ва ғайримақсадноки одам борҳо таҳриф шудааст. Аммо аз чунин бархӯрд ҷавҳари назарияи**

**илмӣ зарар надидааст. Нигоҳҳо, таҳлилҳо, хулосаҳо осебпазир шудаанд. Ҳамчун натиҷа, тасмимгирҳо зарар дидаанд.**

Асоси диалектикаро аксиомаи қонуниятҳои рушди табиат, ҷамъият ва назарияи шинохти ҳақиқати реалӣ, таълимот дар бораи зиддиятҳои ҳаматарафа ва пурра дар рушди таърихӣ ташкил мекунад. Тибқи он, падидаҳои "ДОИШ", "Ал-Қоида", "ҲНИТ", "Ваххобия", "Салафия", "Ҳизб-ут-Таҳрир" ва монанди ин ҷараёнҳои террористиву зиддимиллӣ қатъан чизҳои нав нестанд. Ин гуна ҳаракатҳо дар таърихи инсоният ҳазорҳо сол вуҷуд доштанд. Вуҷуд доранд. Вуҷуд хоҳанд дошт. Дар шаклҳои дигар. Дар асоси ақидаҳои дигар (динӣ ва ғайридинӣ). Бо пуштибонҳои дигар. Бо истифода аз маблағҳои дигар. Бо номҳои дигар. Бо чеҳраҳои дигар.

Аз нигоҳи таҳлил, таърихи миллатҳо, асосан, таърихи зиддиятҳост. Таърихи ҷангҳост. Таърихи муборизаҳост. Аз ин фоҷиа набояд сохт. Ин мушкили моро осон намекунад. Онҳоро ҷиддан бояд омӯхт. Аз нигоҳи илмӣ ҳамчун падидаи воқеӣ нигоҳ карда, зарур аст системаи таъмини амниятро тарзе пешгӯӣ, тарҳрезӣ ва амалӣ намуд, ки аз **"гарди хоки нагуни фалак"** ва **"тӯфони Нуҳи набӣ"** (Ҳофиз) ба миллат осеб натавонанд расонидан.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии вазъи ҳаётан муҳим барои **таъмини амнияти миллат дар шароити кунунӣ илмро ба қувваи истеҳсолкунанда мубаддал мекунад.** Он воситаи муҳимми шинохти воқеият ва сабаби аслии андешидани чораҳои пешгирикунанда мегардад.

Мақсади ҳама гуна назарияҳо, аз ҷумла донишҳои илмӣ дар соҳаи таъмини амният иборат аз он аст, ки тавассути ин шакли шуур маълумоти баробар бо воқеият дастрас гардад. Зеро ки **"дар назди илм мундариҷаи бой маҳфуз аст. Он дар тӯли асрҳо, ҳазорсолаҳо барои дарки воқеият зам гардидааст. Ин донишҳо барои мо чизи фаромӯшшуданӣ, гузашта нестанд. Онҳо ғизо барои хотираи мо мебошанд. Барои тезфаҳмӣ. Тозаандешӣ. Ҳамчун илме, ки рӯҳи моро дар самти пайдо намудани ҳақиқат қонеъ мегардонад".**[1]

[1] Ф. Гегел. Наука логики. - М., 1975, с. 69

Бадбахтии мухолифони манфиатҳои миллии мо иборат аз он аст, ки онҳо "ҳақиқат"-и худро доранд. Дурусттар ифода гардад, "ҳақиқат"-е, ки тавассути "хайрия", "грант", пулу моли аҷнабиён дар майнаи онҳо ҷо кунонида шудааст. "**Табари тез"-и ҳақиқати илмиро, ки принсипи асосии он ҳаракат аз надонистан ба донистанҳост, чунин "намад" мувоҷеҳ ба кундӣ мекунад.**

**Меъёри асосии имтиҳони ҳақиқати илмӣ – таҷриба, амали инсонӣ аст. Дар айни ҳол, раванди миллатофаринӣ ва давлатсозии тоҷикон дар назар дошта мешавад.**

Муҳимтарин вазифаи мантиқ – муайян кардани муносибати тафаккури инсон ба воқеият, ба ҳақиқат мебошад. Дар баробари ҳақиқати илмӣ системаи таъмини амнияти миллӣ кизб, дурӯғ таҳрифи воқеияти таърихиро ҷиддан мадди назар мегирад. Кӯшиш мекунад субъекти аслӣ ва мақсаднокии таҳрифи таҷрибаи гузашта ва воқеияти имрӯзаро муайян кунад. Махсусан, агар он ҳодисот мансуб ба таъмини амнияти миллӣ бошад. Илм дар ин самт корро осон мекунад. Чунки тафсир ва бо далелҳо собит кардани дурӯғ аз муҳимтарин вазифаҳои илм аст. **"Дурӯғ метавонад, воқеаи фикр карда баровардашудае бошад, ки вуҷуд надоштааст. Ҳамчунон, бошуурона пинҳон кардани он чизе аст, ки вуҷуд дошт".**[2] Аз тарафи дигар, аз ин ҷиҳат баҳо додан ва ошкор кардани "фаъолияти" ононе, ки ба китобҳои муқаддас савганд мехӯранд, осонтар мегардад.

**Баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ, муайян кардани муносибат ба рӯйдодҳои олам, рафтор ва амали Инсон баробар ба дониш, таҷриба ва малакаи ӯст. На бештар аз он.**

Таҳлили **"нутқи хаттӣ ва даҳонӣ"-и** ашхоси муайяни мавриди назар тавассути васоити электронӣ, ки аз дуриҳои дур гоҳ-гоҳе "доди ватанхоҳӣ" мезананд, мисоли ҳамин тасаввуроти сода, омиёна нисбат ба миллат, давлат, давлатсозӣ ва давлатдорӣ мебошад. Онҳо ин корро саҳл шуморидаанд. Мехоҳанд ба ҳар қимате ба он даст дошта бошанд, бо тақдири миллат бозӣ кунанд. Чуноне ки боре кардаанд. Аммо пуштибонон, басаҳнагузорандагон, коргардонони онҳо доноанд. Барои манфиатҳои худашон. Устодона, ҳадафмандона, тахассусмандона кор мекунанд, ки нияти хешро тавассути

---

[2] Н.И. Кондаков. Логический словарь – справочник. - М.: Наука, 1975. - С. 321

"ватандорон" амалӣ кунанд. Нақшаҳои террористиро ҳам. Аз лиҳози илмӣ, дар чунин ҳолат **субъекти фаъол -** дастандаркорон; **объекти истифода -** бадомафтодагон; **муҳит** - ба инобат гирифтани вазъи дохилии мамлакат - сарфи раҳгумзадагон; **сабаб** - каммаърифатӣ, ноогоҳӣ, рӯҳияи бегонапарастӣ, ифротгароӣ, дурӯягӣ, адами масъулият назди Ватану Миллат; **оқибат** - эҳтимолияти сар задани фоҷиаи миллӣ.

**Дар таърихи миллатҳо ин таҷриба (формула, нақша, монандиҳо) миллионҳо бор такрор шудааст.** Дар дидгоҳи зикргардида ягон чизи нав нест. **"Ҳар миллат ҳамон қадар хушбахт аст, ки ба он мувофиқ ва сазовор бошад. Меъмори тақдири миллат, худи миллат аст"**.[3] Онон, ки ба дасти бегонагон об мерезанд, донанд, ки **"дур аст сари об аз ин бодия, ҳуш дор, то ғӯли биёбон нафиребад ба саробат" (Ҳофиз).**

Ҳамзамон, дар муқобили тахрибкории бадхоҳони миллат, воқеияти дохили мамлакатро низ бояд мадди назар гирифт. Намунаҳои ҳақиқатан ватандӯстона ва миллатпарастонаи онро минбаъд ҳам қувват бахшид. **Оид ба арҷгузории масъала аз муҳимтарин категорияи фалсафии сабаб - оқибат дар лаҳзаҳои барои таъмини амнияти миллӣ ҳассос истифода кард**.

Маълум аст, ки ин категория (сабаб - оқибат) дар давраи муайяни таърихӣ воқеиятро инъикос мекунад. Натиҷаи омилҳои ҳалкунандаро ба намоиш мегузорад. Нақши фаъоли инсонро дар ҳалли мушкилоти бамиёномада нишон медиҳад. **Барои мисол, яке аз сабабҳои аслии барқосо хунсо кардани гурӯҳи террористии Назарзода (воқеаҳои 04-уми сентябри соли 2015), рӯҳияи баланди ватандӯстонаи кормандони сохторҳои махсус, ҳамчунон сарбозони одии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Омили ниҳоят муҳим, рафтори ватанпарастонаи аҳолии ноҳияҳои атрофи пойтахти кишвар маҳсуб мегардад, ки ба по хестанд. Бидуни силоҳ аз меҳани худ ҳимоят карданд.** Шахсан ҷинояткорони даргурезро кофтуков, дастгир ва ба ҳукумат таслим намуданд. Дар ин ҳолат категорияи сабаб ва оқибат тавассути қонуниятҳои шаклгирифтаистодаи раванди миллатсозӣ ва давлатсозӣ дар Ватани азизи мо хубтар шинохта мешавад.

---

[3] А. Линколн, президенти ИМА, солҳои 1860-1865

**Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, чунин далериву шуҷоати мардуми одӣ, зуҳуроти қонунияти таърихӣ - баёнгари орзуи миллат барои ҳифзи истиқлолият, дар шакли пешгирии аъмоли дастае буд, ки аз ҷониби аҷнабиён пуштибонӣ мегашт. "Моҳияти масъала - як шудани манфиати амнияти давлатӣ бо амнияти миллӣ мебошад" (М. Давлатов).**

Дар пайвастагӣ бо ҳамин мисол, фикри олими бузург, ки зикраш дар оғози ин қисмати мақола рафт, муҳим ба назар мерасад: **«Ҳақиқат, яъне расидан ба воқеият то дараҷаи аслияти он аст». Агар касе муносибати миллати тоҷикро нисбат ба мафҳумҳои «Ватан», «Истиқлолият», «Ваҳдати миллӣ» мехоҳад фаҳмад, мисоли боло ҳамагӣ як далели исботи он аст.**

### Илм: информатсия ва амният

Яке аз мафҳумҳое, ки аз дунёи қадим то ба имрӯз моҳияти семантикии он тағйир наёфтааст, "информатсия" мебошад. Он аз калимаи informatio-и лотинӣ гирифта шудааст. Тӯли зиёда аз ду ҳазор сол ба маънои шарҳ, тафсир, фаҳмонидан истифода мегардад. Дар маъруфтарин луғати тафсирии С. Ожегов низ, ки дар замони мо чандин маротиба бознашр шудааст, ба ҳамин маъно истифода бурдани ин истилоҳ тасдиқ мегардад.

**Дар тамоми соҳа информатсия ҷузъи ҳаётан муҳимми фаъолият ба ҳисоб меравад. Ҳарф сари маълумоти ба талаботи иҷтимоӣ посухгӯянда аст. Ҳангоми истифодаи истилоҳи "информатсия" ("маълумот", на "хабар"), маҳз ҳамин талабот ба инобат гирифта мешавад.**

Асоси фаъолияти илмиро низ маълумот дар бар мегирад.

Маълум аст, ки метод ва методологияи гирифтани маълумоти илмӣ хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавӣ доранд. Хусусиятҳои умумии метод - тарз, роҳ, усул ва воситаҳои тадқиқоти илмӣ - расидан ба ҳақиқати илмӣ, ки аз **"субъект, инсон ва инсоният вобастагӣ надошта бошад",** шарти муҳим нисбат ба маълумоти илмӣ аст.

Маъруфтарин олим - файласуф, иқтисоддон, таҳлилгар ва назариётчии асри XIX, ки таълимоти ӯ ба раванди тафаккури инсоният таъсири бевосита расонидааст, таъкид месозад: **"На танҳо натиҷаи тадқиқот, балки роҳе, ки ба он мебарад, бояд ҳақиқӣ бошад. Тадқиқоти ҳақиқат худаш бояд ҳақиқӣ бошад"**.

Агар сухан дар бораи маълумот ба ҳар маъное, ки равад ва мақсад аз он дар ҷараёни муносибатҳои ҷамъиятӣ - илм, фаъолияти иҷтимоӣ, фаврӣ, тафтишотӣ таъсиргузорӣ бошад, меъёри аслӣ **набояд камтар аз ҳамин талабот** (ҳақиқӣ будан) дар назар дошта шавад.

Маълумот (информатсия) вазъро инъикос мекунад. Ҳолати субъектро дар муҳити атроф муайян месозад. Ҷобаҷогузории объекти омӯзиш, ҳолати материалӣ, физикӣ ва табиии онро дар маъраз мегузорад. Барои таҳлили вазъ хулосаи баробар ба воқеиятро муҳайё мекунад. Барои қабули қарори дуруст шароит фароҳам меорад.

Вобаста ба пайдарҳамии истифодаи маълумот, дар илм ҳам онро ба ду қисмат ҷудо мекунанд: рӯзмарра – он чизе, ки ҳамакнун, имрӯз бояд мавриди истифода қарор бигирад. Дуюм, захиравӣ – маълумоте, ки амалӣ кардани он ниёз ба вақт, соат ва лаҳзаи муносиб дорад.

Дар мавриди муносибат ба сарчашмаи иттилооте, ки барои илм хизмат мекунад, академик И.Д. Ковалченко менависад: "**Дар маркази диққат масъалаи моҳияти сарчашмаҳо, ҳамчун дорандаи маълумот... оид ба табиати иҷтимоӣ, имконоти информативии он, муносиботи объективӣ ва субъективӣ, баробарвазн будани маълумот ба воқеият... коркард ва таҳлили он сухан меравад**".[4]

Дар бораи назарияи маълумот баҳсҳо идома доранд. Аммо қонуниятҳо ва хусусиятҳои аслии он то ҳадди имкон муайян шудаанд. **Асоси маълумотро назарияи инъикос ташкил медиҳад**. Тибқи он, шуури инсон ба тарзи субъективӣ реалияти объективиро таҷассум менамояд. Дар ҳамин асос, муносиботи хешро ба табиат, ҷамъият, ҷаҳонбинӣ, арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғайра мушаххас месозад. Бо ангезаи дақиқ, бошуурона ва ё бешуурона аз худ амалҳое содир менамояд, ки дар замон ва макони муайян ба вуқӯъ мепайвандад. Аз рафтори худ нишона боқӣ мемонад. "**Ҳамин тариқ, информатсия гуфта, натиҷаи хусусияти материяро оид ба инъикоси як объект бар объекти дигар дар шаклҳои тағйирёфта ва ҳамчун натиҷаи муносибот номидан мумкин аст**".[5]

---

[4] И. Д. Ковальченко. Методы исторического исследования. М.: Наука, 1996. - С. 121
[5] И. Д. Ковальченко. Методы исторического исследования. М.: Наука, 1996. - С. 121

Муаллифи ин сатрҳо мушкили дарки мафҳумоти зикргардидаро аз ҷониби хонандае, ки ба масъала зиёд ошно нест, эҳсос мекунад. Ба тарзи дигар, иброз кардани матлаб боз ҳам нофаҳмотар ба назар мерасад. Аммо кӯшиши одии тафсири истилоҳи "информатсия" аз он иборат аст, ки маълумот натиҷаи амали фаъол ё ғайрифаъол (айни замон инсон) мебошад, ки ҳангоми бархӯрд, муносибат бо дигар предмет (шахс, ҷамъият, табиат) зуҳур меёбад. Ҳамин тариқ, маълумот муҳимтарин ҷузъи фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Ҳамзамон, хотиррасон бояд кард: **маълумоте, ки ба талаботи иҷтимоӣ посухгӯ аст, асос барои самтгирӣ, қабули қарор, танзими система, структура ва таъмини функсияҳои муайян сабаб мегардад, дар чаҳорчӯби "информатсия" мадди назар гирифта мешавад.**

Маҳз ба ҳамин хотир, талабот ба информатсия як чизи одӣ дар дараҷаи фаҳм ва муносибати омиёна буда наметавонад.

**Маълумот қудрати майнаи инсонро оиди аз ахбори дар муҳити мавҷудбуда гирифта тавонистани чизе, ки номуайяниҳоро аз байн бибарад, дар назар дорад.**[6]

Он чизе, ки дар дараҷаи аввалия аст, ниёзи ҷиддӣ ба бозсанҷӣ дорад, **ҳамзамон шубҳа, номуайяниҳоро тавлид мекунад, хабар ном дорад. На информатсия. Онро наметавон "маълумот - донисташуда, мафҳум; аён, ошкор" номид.**[7] **Олими номбурда ишора ба он мекунад, ки хабар дар фазо, дар муҳит зиёд аст. Ҷамъ кардани он ҳунар нест. Ақли зиёдро ҳам талаб намекунад. К. Шеннон онро "The tongue and ear's gymnastics and opposite"** (гимнастикаи забону гӯш ва баръакс) **ном мебарад. Маҳз ба хотири ифодаи номуайянии хабар, ки онро бо синонимҳои вазнинтар метавон ном бурд, истилоҳи "энтропия" қабул гаштааст. Барои мисол, агар доштани маълумот дар доираи "эҳтимолият" баробар ба 1 бошад, коэффитсиенти ростӣ (ҳақиқат) дар доираи "энтропия" ба 0 баробар аст.**

Аз нигоҳи назарияи илмӣ "хабар" аз "маълумот" ба тарзи принсипиалӣ фарқ мекунад. Барои он ки "**Роҳбарӣ кардан,**

---

[6] К. Шеннон. "Назарияи математикии алоқа", соли 1946

[7] Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX), ҷилди 1. - М.: Советская энсиклопедия, 1969. - С. 664

**истифода бурдани маълумот (информатсия)-ро дар назар дорад", на хабарро**.[8]

Аммо таъмини амнияти миллӣ байни ҳама донистанҳо (донишҳо), қатъан ба тасаввурот, донишҳои илмӣ ниёз дорад. На ба дониш, назария ва тасаввуроти дигар.

**Бе донишҳои илмӣ таъмини амнияти миллӣ ғайриимкон аст. Бе онҳо (донишҳои илмӣ) ба осонӣ метавон мафтуну пойбанди овозаҳо, суханҳои бофта, беасос, ғаразнок, айбҷӯии бедалели хатарнок, хурофот гашт. Аммо на ба таъмини амнияти миллӣ. Масъулиятнокӣ нисбати маълумоти касбӣ (информатсионӣ), бояд корманди амнияти миллиро аз ашхос ва амалҳое, ки тибқи меъёрҳои дар қонун нишондодашуда мавриди таваҷҷуҳи ӯ қарор мегиранд, фарқ кунонад.**

Модоме ки ҷавҳари фаъолиятро дар ин самт таъмини амнияти давлати миллӣ ташкил мекунад, **тасаввурот бояд зиёдтар аз дараҷаи фаҳми масъалаҳои фаврӣ ва ҳуқуқӣ бошад.** Донишҳои илмӣ дар ин самт ҷое оғоз мешаванд, ки дар маҷмӯи далел, **равандҳои ба амнияти миллӣ хатарнок, дар миқёси миллӣ, минтақавӣ ва олам** қонуниятҳои шаклгирии таҳдидҳо муайян ва дар чаҳорчӯби се ҷузъиёти номбаршуда хулосаҳои дақиқ бароварда шаванд. Дар ин асос, кӯшиши пешгӯӣ ва муҳимтар аз ҳама, пешгирии хатарҳо таъйин гардад. Зеро дар системаи таъмини амнияти миллӣ ин се раванд наметавонанд ҷудо аз якдигар бошанд.

Хусусияти фарқкунандаи ҳама гуна донишҳои илмӣ, аз ҷумла оид ба таъмини амнияти миллӣ, аз назарияе иборат аст, ки тибқи он консепсия, роҳ, усул ва ахиран эътиқоди таъмини амният то кадом андоза ҷанбаи амалӣ дорад. Яъне раванд, хатар ё таҳдидҳое, ки миллат аз онҳо бояд ҳифз карда шавад, дар таърихи миллат буданд ё не? Онҳо дар гузашта ва шароити муосир, дар тақдири давлатдории мо ва ба ҳамин монанд зуҳурот дар дигар мамлакатҳои мусулмоннишин чӣ нақше бозиданд? Аниқтараш чӣ фоҷиае ба бор оварданд?

Бояд ба инобат гирифт, ки андеша, фикрронӣ, назария ва дарки ҳастӣ дар шаклгирии маълумоти илмӣ ҷузъиёти муҳим ҳастанд. **Назарияе, ки дар равандҳои муҳимми таъмини амнияти**

[8] Н.И.Кондаков. Логический словарь – справочник. - М.: Наука, 1975. - С. 211

**миллӣ дар таҷриба санҷида шуда, маҳз тавассути он миллат ба сулҳу субот ва кишвар ба рушду нумӯ расидааст, на танҳо маълумоти илмӣ, балки мояи ифтихор ва ҳимояи он сазовор ба ҷоннисориҳост.**

## Геополитика: манфиат ва амният

Муҳимтарин вазифаи илм тавассути инфрасохтори махсус - назария, таҳлили таҷриба, озмоиш, бозсанҷиҳо ва истифодаи дурусти истилоҳот, расидан ба дарки моҳияти масъала мебошад. Дигар роҳи гирифтани маълумоти дорои аҳаммияти иҷтимоӣ аз имкон берун аст.

Категорияҳои фалсафие, ки дар ин ҷода - шинохти асли масъала, махсусан, дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба кор меояд, **"моҳият ва зуҳурот"** аст. **Он на танҳо барои мутахассисони соҳаи илм, кормандони самтҳои идеологӣ, таълиму тарбия, балки барои ҳар нафаре мехоҳад фаҳмад, ки ҳама гуна шиорҳо, даъватҳо, гуфторҳо, рафторҳо, тафсири ин ё он масъала, сарфи назар аз "намуди зоҳирӣ", "рангу бор", ҷолиб будан, чӣ маъно дорад, манфиати кадом гурӯҳро ҳимоя мекунад, ниҳоят муҳим аст.** Ҳатто барои нафароне, ки дар муқобили Ватани аҷдодӣ ва манфиатҳои миллии хеш, худро дар ҳар қолаб ба намоиш гузоштанианд.

Тафсири пурраи категорияҳои номбурда вазифаи ин мақола нест. Фақат ёдовар шуданӣ ҳастем, ки моҳиятро дарк кардан - расидан ба умқи масъала, ба асл, ба ҷавҳар, ба решаи масъала аст.

**"Аммо то вақте ки инсон ба ақидаи шахшудамондааш эътиқод дорад, дар ниҳодаш бо ҳамон афкори фарсуда мемонад. Ислоҳнопазирии эшон моҳиятан ногузир хоҳад буд"**.[9]

Вазъи имрӯзаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, сулҳу суботи Тоҷикистон - воқеият аст. Барои имрӯз. Барои таърих. Онро инкор кардан мумкин нест. **"Имрӯза (ҳоло, ҳозир, айни замон - С.Я.) "моҳият" - ҷавҳари ҳақиқат аст"**.[10]

Ин воқеият, сарфи назар аз баъзе норасоиҳои объективӣ, дар вазъи ниҳоят мушкил ва ҳассоси таърихӣ, геополитикӣ, боиси ифтихор аст. **Моҳият ҳамин аст**. Инъикос ва тафсири чунин

---

[9] Л. Фейербах. История философии. т. 3. - М., 1967, с. 81
[10] Л. Фейербах. История философии. т. 3. - М., 1967, с. 146

воқеият дар майнаи инсон **вобаста ба дараҷаи фаҳм, идрок, донишҳо, таҷриба, масъулият, инсоф ва албатта, сифати шахсияти ӯст.** Дар ҳар шакл вокунишҳо бевосита нисбат ба моҳият (воқеият), **зуҳурот** ном дорад.

Масъала ниҳоят доманадор аст. Лекин барои ҳарчи кӯтоҳ кардани сухан дар доираи дарки пурраи "моҳият ва зуҳурот" ин нуктаро хотирнишон бояд сохт: истилоҳоти "ҷиҳод", "мубориза ба хотири исломи ноб", "сохтани давлати исломӣ", "шаҳид гаштан дар роҳи ислом", "мубориза бо куффор", "пуштибонӣ аз ислом дар рӯи олам" ва монанди инҳо, ки имрӯз аз номи бозигарони геополитикии сатҳҳои гуногун, ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, пуштибонони онҳо садо медиҳанд, ба дини ислом муносибати аслӣ надоранд. Зеро "**дар доираи дин, ислом муъҷизаи осмонӣ, фавқуттабиӣ аст. Диёнат аст. Имон аст. Боварӣ ва ихлоси маънавию рӯҳонӣ аст. Дар доираи сиёсат - ислом олот, васила, роҳу усул ва воситаи сиёсат аст" (М. Давлатов)**. Аз ин ваҷҳ, ислом ба манфиати на уммати мусулмон, балки барои гурӯҳе, ҳизбе, ки ба ҷавҳари он бегона аст, хизмат мекунад. Дар чаҳорчӯби нақшаҳои геополитикӣ, дин воситаи таъмини манфиатҳои сирф ғаразҷӯёна, **ба хотири даст доштан дар сиёсати глобалӣ ва минтақавӣ, дахолат кардан ба корҳои дохилии давлатҳои мавриди ҳадаф қароргирифта, азхудкунии манбаъҳои ашёи хоми стратегӣ, нооро сохтани вазъи дохилии мамлакатҳо барои тағйири масири роҳҳои транзитии нақлиёт, газ, нафт ба манфиати хеш, эҷоди мушкил ба рақибони стратегии худ ва монанди инҳо хизмат мекунад. Ба хун оғушта кардан, бехонумон, сарсону саргардон намудани миллионҳо одамони бегуноҳ барои ин бозигарон касб, кори ҳаррӯза, чизи одӣ, маъмулист. Бадбахтӣ он аст, ки дар ин масир, хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд. Барои ҳар кишвар аз дохили мардумони он кишвар. Аз ҳамин лиҳоз, гоҳо бояд ба инобат гирифт, ки "Рафтори ғулом на ҳама вақт рафтори худи ғулом аст"** (Г. Лихтенберг). Маҷаллаи "Шпигел"-и Олмон дар як таҳлили воқеъбинона вобаста ба ҷавонони мусулмон менависад: **"Аҷаб қавмеанд монанд ба соат. Онҳоро пур мекунанд. Рафтан мегиранд. Ва намедонанд: барои чӣ?".**

Аз лиҳози илмӣ ин чӣ падида аст?

Ин зуҳурот ба назари мо чизи одӣ аст. Ба шарте сабр ва аз ҳама муҳим, майл ва тавони фаҳмидани он бошад. Бояд донист,

ки кураи замин аз давлатҳои хурд ва бузург иборат аст. Назарияи антропоморфизм вуҷуд дорад. Тибқи он давлат ҳамчун организми зинда тасаввур карда мешавад. Ҳамчун мавҷудоти биологӣ. Ҳамчун инсон. **Давлат "шахси соҳиби шуур" дар рӯи замин мебошад, рафторҳое аз худ ба намоиш мегузорад, ки дар ин асос тарҳрезӣ ва роҳандозӣ карда мешавад** (Аристотел). Вобаста ба вазн, қувва, иқтидор, тавоноии интеллектуалӣ ва физикӣ амал мекунад. **"Ба одам деҳ ҳама он чизеро, ки ӯ мехоҳад. Ҳамон дақиқа ӯ ҳис мекунад, ки ин ҳама чиз, ҳанӯз на ҳама чиз аст"** (И. Кант). Яъне иҷроиши як талабот, ҳамзамон, талаботи дигарро тавлид мекунад. Ин ҷараён охир надорад. Ва чунин аст талаботи инсон. Чунин аст талаботи давлат. Дар доираи манфиатҳои геополитикӣ (**муносибати сиёсӣ ба сиёсати хориҷӣ, ки рафторҳои сиёсӣ ва имконоти ҳарбиро дар муҳити физикӣ пешгӯӣ мекунад ва тафсир менамояд"[11], тавре таъкид гардид,** ин амал сифати абадиро касб кардааст.

**Қувваҳои бузурги истеҳсолкунанда, ки тавоноии моддӣ ва молии ҷаҳон мансуби онҳост (дар назар аст қудратҳои ҷаҳонӣ ва бо ном минтақавӣ), ҳамзамон таррох, муаллиф ва таҳиякунандаи системаи муайяни идеологии (ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносӣ, шинохти олам бо айнаки онон сохташуда) дунё мебошанд.** Онҳо ин "ҳақ"-ро доранд. Додани ҳуқуқ ҳам моли онҳост. Чунки сохтани идеологияи идора кардани равандҳои геполитикӣ ва амалӣ кардани он - дар майнаи мардуми олам ҷой карда тавонистани ақл, донишҳои илмӣ (на дигар), касбият, технологияи электронӣ, ҳарбӣ ва ғайраро тақозо мекунад. Кишварҳои мусулмоннишин, мутаассифона, ин қудратро надоранд. Баъзе аз онон кӯшиши даступоҷунбонӣ ҳам, ки кунанд, дараҷаи муайянкунандагиро касб накардаанд. Аз ҳамин лиҳоз, "Лашкари Тайиба", "Ҷайши Муҳаммад", "Ҷундуллоҳ", "Ал-Қоида", "ҲИӮ", "ДОИШ", "Ансоруллоҳ", "ҲНИТ", "Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ", "Ҳизб-ут-Таҳрир", "Қодирия", "Акрамия", "Салафия", "Ваҳҳобия" ва ба ин монанд ҳизбу ҳаракатҳои террористиро тавлид кунонидаанд. Фаъолони ин ҳизбу ҳаракатҳо, ки хеле омиёна, содалавҳона аз даричаи интернет намуди манфури инсониро ба оламиён ба намоиш гузоштаанд, баъзеи онҳо ким-

[11] J.C. Plano, R. Olton. The International Dictionary. - California, 1982. - P. 98

чӣ гуфтанӣ ва ким-чӣ навиштанӣ ҳам мешаванд, танҳо нафратро не, балки афсӯс, надомат, эҳсоси ҳақирӣ, нотавонии ақлӣ, касодии маънавӣ, донишу тасаввуроти одиву омӣ нисбати дарки маънии ҳастӣ - ватандорӣ, давлатсозӣ ва давлатдориро аз худ асар мегузоранд. **Аз ҳамин лиҳоз аст: "ҳар он ки беҳунар афтад, назар ба айб кунад"** (Ҳофиз).

**Бояд донист, ки ҳар давлат системаи ягонаи таъмини амнияти миллии худро дорад. Ин система аз қисматҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, маданӣ, идеологӣ, динӣ, мазҳабӣ, маъмурӣ иборат аст. Тибқи қонун онҳо қотеона ҳифз ва идора карда мешаванд. Ашхосе, ки дар роҳи хиёнат ба манфиатҳои миллии хеш ворид мегарданд, аз системаи таъмини амнияти миллии Ватани худ берун гашта, дар системаи таъмини амнияти миллии давлати бегона ворид мегарданд ва фаъолият мекунанд. Гумон намеравад, ки ин тезис зиёд нофаҳмо бошад. Зеро "ҳақиқати абстрактӣ вуҷуд надорад. Ҳақиқат ҳама вақт мушаххас аст"** (Г.Ф. Гегел).

Барои илм раванд, падида ва структураи ин қабил шахсиятҳо объекти истеҳзо буда наметавонад. Онҳо ниёз ба таҳқиқ, омӯзиш, сабабмуайянкунӣ ва тасмимгирӣ ба манфиати ояндабинию солимгардонии ҷомеаро доранд.

## Илм: адабиёт ва амният

Илмро бо адабиёт як донистан мумкин нест. Аммо муқобил гузоштани ин ду шакли ҷаҳонбинӣ ҳам ба ҳақиқат дуруст намеояд. Агар илм тавассути истилоҳот, мафҳумҳо воқеиятро инъикос кунад, адабиёт онро тавассути образҳо таҷассум менамояд.

Ҳодисаҳое, ки дар шароити кунунӣ вобаста ба вазъияти таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат рух медиҳанд, бо метод ва методологияи илмӣ ба пуррагӣ мавриди тадқиқ метавонанд қарор гиранд. Аммо илм фазоеро, ки хулосаи чунин маълумот ба мақсадҳои амалии худ ба таври басанда кор кунад ва натиҷаи мавриди назарро ба бор орад, таъмин карда наметавонад. Фаҳми истилоҳот, мафҳум ва назарияҳои илмӣ ба субъект - объектҳои фаъоле, ки ҳамчун воситаи нигаронӣ дар таъмини амнияти миллӣ ҳастанд, дар аксари вақт, ниҳоят душвор ва номумкин мебошад. Аз тарафи дигар, натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар шакли назария ба ин ашхос нигаронида ҳам нашудааст.

Илм хосияти системаофаринӣ дорад. Аз натиҷаҳои дақиқи тадқиқоти илмӣ ҳар як ҷузъи системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, дар вобастагӣ ба салоҳият, функсия ва вазифаҳояш истифода мекунад. Адабиёт муҳимтарин ҷузъи ин система мебошад. Трансформатсияи (табдили) тадқиқоти илмӣ, ошкор кардани сабаб ва оқибат, моҳият ва зуҳуроте, ки таъмини амнияти миллиро зери хатар мебарад, зарур аст, тавассути инфрасохтори бадеӣ - одӣ, фаҳмо бо образҳо, ҷузъиёти марбути эмотсионалӣ ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ фаҳмонида шавад. Дар ин раванд қудрати каломи бадеӣ дар офаридани ҳар гуна асари одӣ (нақшавӣ, барои ҳисоботдиҳӣ) нест. Он бояд равиши ниҳоят мушкили давлатофаринӣ ва миллатсозии замони навинро давра ба давра таҷассум карда тавонад. Образҳои қаҳрамонон - хирадмандӣ, корнамоӣ, ҷавонмардӣ, хислатҳои олии инсонпарварона, миллатдӯстӣ ва ватанпарастии онон дараҷаи ғоявию эстетикии асарҳои бадеиро ташкил кунад. Ҳамзамон барои ҳаматарафа нишон додани қаҳрамонони мусбат, тарафҳои манфӣ - сабаб ва натиҷаҳои аъмоли ашхосеро, ки роҳи созандаи ҳаёти имрӯзаро сарфи назар мекунанд, муваффақиятҳои бузурги давлати миллии моро дар кӯтоҳтарин давраи таърихӣ нодида мегиранд, ба ифротгароӣ, экстремизм ва терроризм рӯ овардаанд, ба номи давлат ва миллат иснод меоранд, ошкор созанд.

Бузургии тафаккури бадеӣ дар тавони дидани воқеоти реалӣ, ҳодисаҳо, равандҳои ҷомеа дар маҷмӯъ, ягонагӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар мебошад. Он чизеро, ки дар ифода карданаш илм мувоҷеҳ бо мушкилот мегардад, сухани бадеӣ хеле сода, одӣ, ба таври оммафаҳм, заминӣ ифода мекунад. Яъне, барои таъмини мақсадҳои амнияти миллӣ аз беҳтарин воситаҳост. Аммо ин кори осон нест. Барои офаридани асаре, ки мардум онро қабул мекунад, хотирмон аст, хонанда (бинанда ва шунаванда)-ро ба фикр кардан ҳидоят менамояд, ба мақсади гузоштаи нависанда (иштирокчии фаъоли системаи таъмини амнияти миллат) наздик мешавад, зарур аст, ӯ масъаларо ҷиддан, аз нуқтаи назари илмӣ дарк кунад, худ ба он идея муътақид бошад. Асари ӯ аз таҷрибаи дар тарозуи эҳсоси масъулият ва воқеият санҷидашуда сарчашма бигирад.

**Маълум аст, ки мубориза барои расидан ба истиқлолият ками дар кам таърихи сеҳазорсола дорад. Бузургтарин Шахсияти даҳ асри ахири Миллати Тоҷик ин ормонро бо қаҳрамонӣ, шуҷоатмандии бемисл, азхудгузаштанҳо, хирадмандӣ, солорӣ тавонист амалӣ созад. Миллатро сарҷамъ намояд. Давлатро бунёд ва Тоҷиконро бо сари баланд ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад.**

Эҷодиёти бадеӣ дар як амалиёти фикрӣ метавонад хеле осон сайри таърихӣ анҷом диҳад. Воқеияти имрӯзро тасвир созад. Ояндаро пешгӯӣ кунад. Ҳидоят намояд. Ҳушдор диҳад.

Ба назар мерасад, ки адабиётшиносӣ имкон дорад, мисли замони гузашта аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик барои таҳкими давлатдории миллӣ ва амнияти миллӣ тахассусмандона, бо масъулияти бузурги рукнҳои конститутсионӣ истифода кунад. Аҷдодони бузурги миллати тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абӯалӣ Сино, Носири Хисрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва бисёри дигар адибон ва донишмандон дар фаҳми илмии воқеият, тарғиби хирад, дониш, таҷрибаи инсонӣ, мубориза ба муқобили хурофотпарастӣ хизмати бебаҳо кардаанд. Онҳо равшангароии миллатро аз асосҳои муҳимтарини ҳаёти худ донистаанд. Дар ин бобат зарур аст, таҷрибаи пешини ба мо маълум (*се принсипи реализм*) дар мувофиқ кунонидан ба манфиатҳои миллӣ истифода гардад. Осори классикони адабиёти тоҷик ба бисёре аз дардҳои рӯзмарра марҳам шуда метавонанд.

Дараҷаи таъмини амнияти миллӣ бо тамоми роҳу восита наздик гаштан ба илм, маориф, фаҳми воқеии равандҳои ҷамъиятӣ мебошад. Бе адабиёт расидан ба ин мақсад номумкин аст.

## Хулоса

Система, структура ва функсияҳои таъмини амнияти давлатӣ ҳамон вақт метавонад вазифаҳои худро дар чаҳорчӯби қонунҳои амалкунанда муваффақона таъмин созад, ки ба илм, маърифат тавассути қатъиян ба инобат гирифтани қонуниятҳои тараққиёти ҷамъият ва тафаккури инсонӣ муносибат намояд. Агар дар тамоми соҳа (сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиб, маориф ва ғайра) доштани маълумот муҳимтарин ҷузъи фаъолият бошад, барои таъмини амнияти давлат, шахс ва ҷомеа ин қисмат ҳаётан

муҳим маҳсуб мегардад. **Гирифтани маълумоти касбии аҳаммияти иҷтимоидошта ҳаваскорӣ** (тавре ки хотиррасон гардид, гимнастикаи забону гӯш ва баръакс) **нест. Масъулияти қонунӣ, меъёрӣ - ҳуқуқӣ, касбӣ ва махсусан ахлоқиву маънавӣ аст. Агар илмӣ ҳам набошад, дар ҳамин асос бояд ташкил, роҳандозӣ ва баҳогузорӣ карда шавад.**

Ҳамчунон, субъект, раванд ва фактҳое, ки тибқи салоҳдид мадди назар гирифта мешаванд, ба таҷзия, таҳлил, муқоиса, бозсанҷӣ ва арзёбии ҷиддӣ ниёз доранд. Муайян кардани генезис, этиология, омил ва сабабҳои воқеот ба хотири бартараф ва пешгирӣ намудани онон аз шартҳои асосии фаъолият мебошанд.

Ҷараёни таъмини амнияти миллӣ навъи мусобиқаи интеллектуалӣ байни сохторҳои ин муассиса бо террористҳо, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, объектҳои таҳти назар муайянкардаи қонун нест. Роҳ, метод, усул ва шаклҳои мубориза бо онҳо маълуманд. Аммо ба истифодаи истилоҳи "мусобиқа" бо сохтор арзиш надоранд. Ин мусобиқа, қувваозмоӣ байни органҳои таъмини амнияти миллӣ ва бозигарони пуштипардагии онон дар ҳар сатҳе, ки бошад ва иштироки фаъолонаро дар ҷараёни аз байн бурдани омилҳое, ки зуҳуроти терроризм, экстремизм, фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятиро моҳиятан тавлид, ташкил ва роҳандозӣ мекунанд, дар назар дорад. Донишҳои илмӣ дар ин роҳ, тавони сифат ва самараи корро мушаххас ва муайян мекунанд. Ҳамзамон, таъкид бояд кард, ки ҷавҳари аслии қудрати таъмини амнияти давлати миллӣ мансуб ба фаҳм, дониш ва масъулияти бузурги мардуми сарзамини обод, осуда ва биҳиштосои мост.

***Нозим НУРЗОДА,***
*фарҳангшинос*



# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ИМКОНОТИ ФАРҲАНГӢ

Фарҳанги ҳар қавму миллат моҳияти ҳамон қавму миллатро дар замону макони мушаххас таъйин мекунад. Кайфият ва чигунагии фарҳанг дар шароити мушаххаси таърихӣ ва ҷуғрофиёи муайян аз бошандагони минтақаи муайян бастагӣ дорад. Муҳимтар аз ин, фарҳанг равиш ва бавуҷудоварандаи низоми муътадили зиндагӣ дар ҷомеа буда, инзиботу инсиҷоми иҷтимоъ бар мабнои муносиботи фарҳангӣ сурат мегирад. Ҷомеа, ба назари муҳаққиқон, маҷмӯаи афроди созмонёфтаест, ки шеваи зиндагии хос дорад ва фарҳанг ҳамин шеваи зиндагии вижаи инсонҳост.[1] Шеваи зиндагии вижа ё хоси инсонҳо маънии ба марзи иттиҳод ва тафоҳуми миллию мардумӣ расидани ҷомеаро далолат мекунад. Ба сухани дигар, фарҳанг ва тамаддун ибрат аз назми иҷтимоӣ аст[2] ва дар асоси муназзамӣ ва эътидолоти муносибатҳо рушду тараққиёт дар ҷомеа имконпазир мегардад. Дар маънии васеъ, ҳар он чи ки аз ҷониби инсон офарида мешавад, фарҳанг унвон мегирад ва он(фарҳанг)-ро ба сифати «табиати дуюм», ки офарандааш худи инсон аст, мешиносанд.[3] Аз ин ҷост, ки субъекти ҷараёни фарҳангсозӣ инсон аст, инсони огоҳ, ҷӯё, пӯё, ҳушманд, доно, бофаросат, бомаърифат ва зирак, ки имконоти омӯзишию парвариширо барои ҷомеа тавассути офаридаҳои моддӣ ва маънавиаш муҳайё месозад.

Муносибати муътадил ва ҳасана дар хамаи давру замонҳо бар асари таҳаққуқ пайдо кардани фарҳанг дар умури иҷтимоӣ имконпазир буда, маҳз фароҳам овардани имконоти фарҳангӣ

---

[1] Паҳлавон Чингиз. Фарҳанг ва тамаддун. –Теҳрон: Най, 1388. -С.145
[2]Дуронт Вил. Таърихи тамаддун. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1365. –С.13
[3] Силичев Д.А. Культурология. Конспект лекций. –Москва: «Приор-издат», 2004. -С.3

боиси ҳаллу фасли мушкилоту дарҳамбарҳамиҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва равонӣ гардидааст. Оромиш ва суботи ҷомеа, қабл аз ҳама, ба равиши зиндагии фарҳангӣ ва фаъол будани ҷомеаи маданӣ, ки мунтаҳо, ба ваҳдат сабаб мегардад, марбут аст. Дар навбати худ, ваҳдат риштаест, ки миёни фард ва ҷомеа вуҷуд дошта, онҳоро ба ҳам мепайвандад. Аз ин ҷост, ки ҳар як ҷомеа, табиатан, ниёз ба ягон шакли ҳамбастагӣ ва ваҳдатро дорад.[4] Ваҳдату ҳамбастагӣ ва раванди ташаккулу инкишофи он ба фазо ва муҳити фарҳангӣ бевосита алоқаманд аст ва дар паҳнои муносибатҳои фарҳангӣ ва маданӣ устувор мешавад.

Аз ваҳдати маъмулию муқарарӣ то ба масири ваҳдати миллӣ расидан масофаи тӯлонӣ вуҷуд дорад. **Ваҳдати миллӣ, ки** бар мабнои ваҳдати органикӣ шакл мегирад (ваҳдати механикӣ, ки шакли аввали ваҳдат аст, дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ва рӯ ба тараққӣ сурат мегирад), **яке аз унсурҳои таркибии раванди ҷомеасозӣ маҳсуб меёбад.** Дар ин замина, он ба яке аз масъалаҳои калидӣ дар раванди ҷомеасозӣ бадал шуда, дар ҳама мароҳили таърихӣ барои дилхоҳ ҷомеа мубрам мегардад ва дар бастагӣ бо ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба сифати зарурати таърихӣ рӯйи кор меояд.[5]

Мусаллам аст, ки парешонии ичтимоӣ, аз ҳам дур шудан ва дар муқобили якдигар қарор гирифтани мардум дар охири солҳои ҳаштодум ва аввали солҳои навадуми садаи бист, махсусан баъди пош хӯрдани низоми қудратманди Шӯравӣ ба ҷанги ҳамватанӣ мусоидат кард. Дастгоҳҳои ҳукумати вақт бо аз байн рафтани сиёсати марказӣ ва мунҳал шудани низоми такраҳбарии шӯравӣ дасту по гум карда, ба гирдоби мушкилоти дохилӣ афтиданд. Азбаски элитаи сиёсии замон истиқлолияти роҳбарӣ ва муҳимтар аз ин, савобиқи мудирияти равандҳои сиёсиро надошт ва ҳамвора аз марказ дастуру фармон мегирифт, дар ҳалли мустақилу мустақими мушкилоти дохилӣ бидуни дастуроти болоӣ оҷиз монд. Илова бар ин, дастандаркорони бозиҳои сиёсии ҷаҳонӣ, аллакай даст ба кор буданд ва бо ҳар

---

[4] Идиев Х. Ваҳдат ва омилҳои иҷтимоии таҳкими он. /Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. –Душанбе: Дониш, 2007.-С.22-23

[5] Гиёев Қ. Ташаккули раванди ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон. /Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. –Душанбе: Дониш, 2007.-С. 30

роҳу васила дар фазои ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, ки бо шикасти империя ҳолати карахтиро аз сар мегузарониданд, сенарияи бесарусомонӣ ва бетартибиҳои оммавӣ(хаос)-ро дар шакли таҷаммуоти муътаризона коргардонӣ мекарданд, то низоми Шӯравӣ комилан аз байн биравад. Дар пайи ин тадбир, нақшаи низоъ ва даргириҳои дохилӣ тарҳрезӣ шуда, тартиби ба ҳам рехтани ақаллиятҳои этникӣ ва мазҳабиёну дунявиён сурат гирифт. Ба ин тариқ, дар манотиқи ҳассоси қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тухми кинаву адоват кошта шуд ва дар ин замина даргириҳо ба вуқӯъ пайваст, ки аз он вазъи мавҷуда торафт мураккабтар гардида, бовару эътиқодоти мардумӣ ба ояндаи неки ҷумҳурӣ тадриҷан аз байн рафта, халои фикрӣ ва фарҳангӣ дар манотиқи даргир ва баъдтар, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ҳукмфармо гардид. Дар ин миён низоми сиёсию идорӣ ва блоки иқтисодии давлатӣ побанди бухронҳои амиқ гардида, натиҷатан, фалаҷ шуд. Оқибат ҷанги ҳамватанӣ доман зада, мусибатҳои зиёдеро ба бор овард. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, аз 5,5 миллион аҳолии кишвар, тибқи маълумотҳо, **то 200 ҳазор** нафар ҳалок гардид. Тақрибан ҳафтяки қисми сокинони он иҷборан тарки хонаю ватан намуда, ба мамолики Афғонистон, Покистон, Россия ва дигар кишварҳои ИДМ паноҳанда шуданд.[6]

Маълум аст, ки ваҳдати миллӣ маҳсули марҳилаи навини инкишофи ҷавомеи миллӣ мебошад. Дар ин гуна ҷомеаҳо ваҳдати миллӣ хусусияти рамзӣ-символикӣ пайдо мекунад ва элитаи сиёсӣ аз он барои таъмини устувори низоми иҷтимоию сиёсӣ ҳадафмандона истифода мебарад. Масъалаи ваҳдат ва раванди амалишавии он ба масъалаи созиши миллӣ бастагӣ дорад. Созиши миллӣ ҷараёни иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, ҳадафи бартараф намудани низоъҳои дохилимиллӣ, дохилидавлатӣ ва минтақавиро дар ин ё он мамлакат дар назар дорад.[7] Бо таваҷҷуҳ ба ин, ваҳдати миллӣ ба унвони механизми асосии созиши миллӣ дар нимаи дуюми солҳои навадуми садаи бист, аниқтараш, 27 июни соли 1997 ҷанги дохилиро, ки боиси хисороти зиёди ҷонӣ, молӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фикрию фарҳангӣ гардида буд, барҳам зад. Дар марҳилаи ҳассоси ҷанги шаҳрвандӣ ва

---

[6] Ҳаролд Ҳ. Сандерс. Раванди сулҳи ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2002. –С.181

[7] Салимов Нуриддин. Фалсафаи ваҳдати миллӣ. –Душанбе: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ш. Ҷӯраев, 2000. -С.11

даргириҳои бемаънии мусаллаҳонаи ибтидои солҳои навадуми асри бист неруи тозаи миллӣ дар симои раиси Шӯрои Олии вақт Эмомалӣ Раҳмон тавлид ёфт, ки ҳадафи ягона – мунҳал кардани ҷангу даргириҳои дохилӣ, ба вуҷуд овардани фазои ваҳдати миллӣ ва ба оромишу субот расонидани ҷомеаи тоҷикро дунбол карда, ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардид. Ба таъкиди донишманд ва муаррихи тоҷик Иброҳим Усмон: «Бузургтарин хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари давлати Тоҷикистон муайян ва амалӣ кардани роҳи сулҳу халқи тоҷик, наҷоти миллат аз гирдоби фоҷеабори ҷанг, ба ҳам овардани онҳое, ки аз ҳам дур мешуданд, нигоҳ доштани киштии шикастаи ҳукумат аз ғарқу нобудшавӣ аст».[8] Тибқи қоида ва одоти маъмулии сиёсӣ, сулҳу оштӣ танҳо дар натиҷаи гуфтушуниди тарафҳои даргир сурат мегирад ва бо қарордоди тарафайн ба анҷом мерасад.[9] Охируламр, бо саъю талошҳои фаровони Сарвари давлат сулҳу оштӣ фароҳам омад ва ваҳдати миллӣ дар ҷомеа тадриҷан устувор гардид. Ҳамин тариқ, сулҳу салоҳи мардуми мо тозатарин ва мушаххастарин роҳи ба ҳам расидани тарафҳои даргирро кашф намуд.[10]

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва фурӯ нишондани оташи ҷанги дохилӣ давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар пайи амалӣ намудани барномаҳои фарҳангӣ иқдомоти зарурӣ анҷом дода[11], тадриҷанд ба фазосозии миллӣ дар умури маданӣ даст ёфт. Шароити бози ваҳдати миллӣ ва тафоҳуми мардумӣ боиси он гардид, ки ҷомеа ба сӯйи шинохти арзишҳои миллӣ, тарғиби мероси гаронмояи фарҳангӣ ва муаррифии осори гузашта дар сатҳи ҷаҳонӣ қадамҳои устувор бардорад.

Аз нимаи дуюми солҳои навадуми асри гузашта тасмимоти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон бештар сари фарҳангикунонии ҷомеа аз тариқи таҷлили солрӯзи бузургтарин чеҳраҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ қарор гирифта, дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи осори гузашта солгардҳои шоирону мутафаккирони

---

[8] Усмон Иброҳим. Савганди сулҳофаринӣ(ба муносибати 20-солагии Сулҳ ва Ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон). –Душанбе: «Бебок», 2017. -С.4

[9] Конфликтология. Учебник. Санкт-Петербург, 2000. -С.285

[10] Восеъ Қурбон. Аз қасри Арбоб то кохи Ваҳдат.–Душанбе: «Деваштич», 2004.-С.19

[11] Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. –Душанбе: «Эр-граф», 2016. -С.11

бузурги миллӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҳаким Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ ва дигарон дар сатҳи баланди сиёсӣ ва фарҳангӣ доир шуд. Соли тамаддуни ориёӣ ба унвони тадбири сиёсӣ ва фарҳангӣ[12], ки таҷлили саросарии он ба соли 2006 иттифоқ афтода буд, гардиши куллиеро дар самти шинохт ва муаррифии мероси арзишманди тамаддуни ориёӣ дар марҳилаи ваҳдатсозии миллӣ ба вуҷуд овард. Илова бар ин, дар замони таҳкими ваҳдати миллӣ ва пойдории суботу амнияти иҷтимоӣ таҷлили вусъатноки ҷашну маросимҳои бостонии миллӣ, назири Наврӯз, Меҳргон ва Сада аз авлавиятҳои давлатӣ шинохта шуд. Бавижа, таҷлили ҷашни бостонии Наврӯз дар саросари кишвар ва ба ҷашни байналмилалӣ бадал шудани он ҳодисаи нави таърихӣ дар масири фарҳанггустарӣ ва давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад.

Бо ба вуҷуд омадани шароити хуби омӯзишӣ ва таҳқиқӣ масъалаи муаррифӣ ва тарғиби ғояҳо, арзишҳо ва маросимоти миллию мардумӣ дар сатҳи ба талаботи замон ҷавобгӯ ба миён омада, дар ин замина, тадбирҳои судманд андешида шуда истодаанд. Таҷлили ҷашнҳои бостонии Наврӯз Сада, Меҳргон, Тиргон, Ялдо ва амсоли инҳо, ки дар хотираи таърихии миллати мо ҳифз шуда, ба умри миллат ва мардум баробаранд[13], тақозои замон мебошад ва дар раванди ҷаҳонишавӣ бозсозӣ ва ба сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ расонидани иду маросимоти мардумӣ аз авлавиятҳои сиёсати давлатӣ ба шумор меояд. Дар баробари таҷлили саросарии ҷашну маросимоти миллӣ, масъалаи ҳифзи мерос ва арзишҳои фарҳангӣ ба масъалаи умдаи сиёсати давлатӣ табдил ёфта, дар марҳилаи ваҳдатсозӣ ба ин самти муҳим аҳамияти зарурӣ дода шудааст. Ҳанӯз баъд аз он ки соли 2003 Конвенсия (Муоҳада)-и ЮНЕСКО «Дар бораи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ(маънавӣ)» қабул гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 ба узвияти ин Муоҳада пазируфта шуд. Бо таваҷҷуҳ ба муҳиммияти масъала, Ҳукумати Тоҷикистон 31 майи соли 2012, таҳти №263 «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии

[12] Тамаддуни ориёӣ ва худшиносии миллӣ. //Маҷмӯаи мақолаҳо. –Душанбе: «Деваштич», 2008. -С.3
[13] Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. –Теҳрон: Беҳҷат, 1380. -С.17

ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020»-ро ба тасвиб расонд, ки дар он мушаххасоти таълиму тадвин, тарғибу ташвиқ, таҳияву интишор ва билохира ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ матраҳ гардидааст.[14] Бар мабнои он, таваҷҷуҳ ба мероси гузаштаи фарҳангӣ ва ҷиддитар аз ин, ҳифзу нигаҳдошти он аз газанди рӯзгор рисолати фарҳангиёну зиёиёни кишвар мебошад.

Дар марҳилаи ваҳдатсозӣ ва ваҳдатофаринӣ, ки амнияти миллӣ таъмин аст, имконоти фарҳангӣ бештар мегардад. Ба назар мерасад, ки то соли 2000-ум бар асари ҳаводиси мусибатбори ҷанги дохилӣ доираи имконоти фарҳангӣ маҳдуд шуда, як навъ бетафовутию беҳавсалагиҳо дар кори фарҳангӣ ва фаъолиятҳои густурдаи маданӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ дида мешуд. Дар марҳилаи нави баъдиҷангӣ, шурӯъ аз соли 2000-ум рушди инфрасохтори фарҳангӣ, бунёди иншоотҳои замонавӣ, тақвият ёфтани шууру тафаккури миллӣ ҷараёни имконоти фарҳангиро аз ҳар ҷиҳат таҳкиму тақвият бахшид.

Бояд тазаккур дод, ки сулҳ ва ваҳдати миллӣ омили асосии ба вуҷуд омадани фазои оромӣ ва имконоти васеи фарҳангӣ ва маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки аз қудрати фикрию фарҳангии мардуми тоҷик сарчашма мегирад, тавонист пеши роҳи хунрезӣ, нофаҳмӣ, ҷаҳолат, нафрат, бадбинӣ, кинаву адоват ва душманиро бигирад ва ақли солимро бар ҷаҳли мураккаб пирӯз бигардонад. Ин нуктаро бояд донист, ки сулҳ дар кишвари мо худ аз худ ба даст наомадааст ва он натиҷаи тадбирҳои амалиест, ки Сарвари давлат тайи солҳои 1994-1997 ҳадафмандона андешида[15], ҷиҳати пойдору устувор гардидани он ҷаҳду талоши фаровон варзидааст. Дар ин марҳила таваҷҷуҳ ба фарҳанг авлавияти сиёсӣ ва давлатӣ маҳсуб ёфта, дар ин замина қувватманд сохтани базаи моддию техникии самти марбута мадди назари бевоситаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт. Таҷдиди инфрасохтор, бунёди иншоотҳои замонавӣ, сохтан ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани муассисаҳои нави фарҳангӣ-фароғатӣ ва маърифатӣ, минҷумла Китобхонаи миллӣ, ки намунаи баланди меъмории башарӣ мебошад, силсилаи иқдомоти давлату Ҳукумати

---

[14] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик.-Ҷилди 1.–Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2015. -С.6

[15] Восеъ Қурбон. Сиёсати давлатӣ ва ваҳдати миллӣ. -Душанбе: «Илм», 2012. -С.46

Тоҷикистон дар марҳилаи ваҳдати миллӣ буда, раванди созандагию бунёдкорӣ дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ҳамчунон идома дорад.

Бар пояи фарҳанги ватандорӣ, ки намунаи олии маданияти тоҷикӣ аст[16], бунёд ёфтани ваҳдати миллӣ маънои ба илму дониш ҳамоҳанг будани зиндагии ҷомеаро далолат мекунад. Ҷомеаи маданӣ, қабл аз ҳама, бо дониш ва фарҳанг сари кор дорад ва ба василаи такмилу тавсеаи илму дониш, ки аз тариқи китобу мутолеа ба даст меояд, ба густариши фарҳанг машғул мешавад. Ин аст, ки ҷалби насли ҷавон ба китобу китобхонӣ аз масоили ҷиддиест, ки пешорӯйи мақомоти марбута ва дастандаркорони соҳа қарор дорад. Китобхонӣ ва китобдӯстӣ аз муқтазиёти муҳимми замонӣ маҳсуб меёбад, зеро ки сатҳи баланди огоҳӣ, шинохт ва арзишгузорӣ, пеш аз ҳама, ба бинишмандии ҷомеа вобастагӣ дорад. Ташаккул ва таҳаввули биниш ва диди хонанда, омӯзанда ва умуман, шаҳрванде, ки дар фазои амну суботи қаламрави Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сар мебарад, умри ваҳдату ҳамбастагии мардумро дароз менамояд ва ҳусни тафоҳумро дар ҳама сатҳҳои иҷтимоӣ таҳаққуқ мебахшад.

Акнун, ки дар арафаи 20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ қарор дорем ва ҳамасола санаи муборакӣ **27 июнро чун Рӯзи баҳамойӣ, ҳамбастагӣ, ризоиятмандӣ, якпорчагӣ, муттаҳидӣ** ва **сулҳофаринӣ** бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мекунем, бояд назди худ вазифа гузошта, дар самти ҳифзи ин гавҳари ноёби миллӣ ва давлатӣ ҷиддӣ фаъолият намоем. Хушбахтона, қатъи назар аз баъзе нофаҳмиҳо ва тангназариҳо, ҷомеаи тоҷик имрӯз зери осмони ваҳдати миллӣ ва оромиши сиёсӣ зиндагӣ карда истодааст. Аммо пурсише ҳамеша мадди назари мост бад-ин мазмун: Оё метавонем ваҳдати миллиро, чунонки боястӣ, ҳифз кунем ва бо истифода аз имконоти фаровони фарҳангӣ иттиҳоди миллию мардумиро дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчунон побарҷо дошта, аз баҳри пурталотуми бархӯрдҳои шадиди тамаддунӣ ва геосиёсӣ солим бадар оем? Ин пурсиш аз мо тааммул ва тааммуқи ҷиддиро тақозо менамояд. Аз як тараф, дурбини сиёсат ва қудрати империализми ҷаҳонӣ дар қолаби

[16] Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. –Душанбе: Дониш, 2007.-С.306

шиорҳои авомфиребонаи «озодӣ, демократия ва либерализм»[17] низоми зиндагии ҷомеаҳо, махсусан ҷавомеи мусулмониро, ки ғолибан бар мабнои тафаккури динӣ-мазҳабӣ ҳувият месозанд, таҳти назар қарор медиҳад, аз ҷониби дигар, рӯҳи бегонасолорӣ ва худбохтагӣ зеҳниёти насли ҷавонро мусаллат кардааст.Тақсимоти сиёсии ҷаҳон[18] ба унвони стратегияи сиёсӣ дар барномарезиҳои қудратҳои ҷаҳонӣ матраҳ аст ва ҷиҳати амалӣ намудани он аз усулу шеваҳои гуногун кор гирифта мешавад. «Мағзшуӣ» ё бозӣ бо зеҳн, агарчи технологияи нав дар бозиҳои геосиёсӣ маҳсуб намеёбад, корбасти он миёни мардуми синну соли гуногун, билхусус насли ҷавон босуръат идома меёбад. Имрӯз ба мушоҳида мерасад, ки иддае аз насли ҷавони мо дар фабрикаи мағзшуӣ коркард шуда, ба «истеҳсолот» ворид мегарданд. Тамоюл ба мафкураи бегона ва дар масири фарҳангу идеологияи аҷнабӣ ҳаракат кардани онҳо мушкилзо шудааст, ки ин тарзи ҳаракат, биниш ва мафкура ояндаи хатарбореро ба дунбол дорад.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари бароварда сохтани ниёзҳои иттилоотӣ, фаннӣ (техникӣ), маърифатӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ба мағшуш сохтани зеҳниёти иҷтимоъ тавассути таблиғоти афкору мафкураи ғаразнок, ғайриахлоқӣ ва ғайриинсонӣ ва дар ин замина, тағйир додани тафаккури ҷомеаҳои пасошӯравӣ сари кор мегирад. Сели иттилооти гуногунмазмун, ки даҳсолаи ахир рӯйи сафаҳоти нашрияҳои мустақил ва шабакаҳои иҷтимоӣ мерезад, як навъ таҳлили фаннӣ ва бархӯрди мантиқии фикриро талаб менамояд. Феълан то андозае қисмате аз фарҳангиёни ҷомеа дар ин самт ба буҳрон мувоҷеҳанд. Дар чунин вазъият, ки онро муҳаққиқон ва коршиносон, одатан ҳолати буҳронӣ талаққӣ мекунанд, омодагии фикрӣ ва мафкуравӣ-идеологии табақоти иҷтимоӣ, махсусан ниҳодҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ сахт зарур аст. Самти ҳаракати ниҳодҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ дар марзи таҳаввулот ва бедории фикрии ҷомеа маҳдуд мешавад. Муҳим он аст, ки намояндагони илму фарҳанг ва фалсафаи давлатҳои

[17] Раҳмонов Т. Осори мунтахаб. -Душанбе: МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014. -С.191
[18] Тузиков А.Р.Основы геополитики./Учебное пособие. –Москва: КНОРУС, 2013. -С.6

миллии фазои пасошӯравӣ дарк кардаанд, ки зарурати муттаҳид шудани мардумони минтақа ва ҷаҳон ба миён омадааст.[19] Бар мабнои ин, ҷуғрофиёи ваҳдати миллӣ тавсеа ва масири нуфузи он дар паҳнои фарҳанги башарӣ густариш меёбад. Барои он ки ҷилави бархӯрдҳои номутавозини сиёсӣ ва тамаддунӣ гирифта шавад, мебояд садои наслҳои огоҳи миллатро ба сози муколимоти беғаразонаю самимонаи байни тамаддунҳо ҷур кард. Бинобар ин, нахуст зарурати муаддабона ва муттафиқона ислоҳ намудани камбуду нуқсоноте, ки то ин замон дар ҷараёни кори фарҳангии ватанӣ эҳсос шудааст, пеш меояд. Зарфиятҳои маҳдуди фикрӣ, муҳимтар аз ин, бетаваҷҷуҳию саҳлангории баъзе ниҳодҳои фарҳангию маърифатӣ раванди бедории фикрию миллиро сусту заиф месозад. Мутаассифона, дидаю дониста дар самти худсозӣ ва ҷомеасозӣ фориғболӣ намудани як идда аз фарҳангиёну зиёиёни ватанӣ дар шароити кунунӣ мушкил андар мушкил эҷод мекунад ва роҳро барои бурузи афкори ғаразнок ва ғайриилмию ғайримиллӣ ҳамвор месозад. Аз заъфи фикрӣ ва фарҳангии халқу миллиятҳои камзарфият ва заифтафаккур ба манфиати худ истифода намудан шеваи кори бозигарони сиёсати глобалист. Вобаста ба ин, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва биниши илмии насли ҷавон, миёнсол ва солманди ҷомеаи тоҷикӣ, ки дар зарфи 10-15 соли охир ба хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ махлут шудааст, яке аз омилҳои асосии ҳифзи ваҳдати миллӣ дар марзу буми аҷдодӣ мебошад.

Муҳаққиқон кайфият ва чигунагии сарнавишти миллиро дар фазо ва макони мушаххас ба ҷадалу пайкори худи миллат мансуб медонанд [20] ва аз ин ҷо метавон хулоса бардошт, ки меҳру самимият, ақлу фаросат, наҷобату шарофат ва бинишу маҳорати наслҳои миллат(махсусан, фарҳангиён), ки ҳамагӣ дар мафҳуми «одоби миллӣ» ҷамъбаст мегарданд, дар таҳким ва устувории ваҳдати миллӣ ва дар маҷмӯъ, ваҳдати иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд. Оянда ва дурнамои оптимистонаи ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ба дониш ва биниши илмӣ, ахлоқу мафкураи устувори

[19] Бобоёров Ҳафиз. Методологияи бехатарии вуҷудӣ: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб. –Душанбе: Дониш, 2015. -С.9

[20] Ятимов С. Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ. //Ҷумҳурият №252 (22557), 24 декабри соли 2014. –С.3

миллӣ ва фарҳанггустарии табақоти сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва умуман, фаъолони иҷтимоӣ иртибот дорад.

Ваҳдати миллӣ, қабл аз ҳама, фарогири манофеи миллӣ дар замон, макон, арзу тӯл ва ҳавзаи муайян аст. Ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ, ҳамёрӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни аъзои як ҷомеа баёнгари ваҳдати миллӣ ва дар айни замон иттиҳоди иҷтимоӣ аст. Дар ин раванд фарҳанг ва ҳунари созанда, бешубҳа, метавонад нақши ҳалкунанда дошта бошад. Фарҳангу ҳунар хусусияти офаринишӣ ва зиндагисозӣ доранд. Бар ин маъно файласуфи бузурги олмонӣ Фридрих Нитше таъкид карда буд: **«Ҳунар бузургтарин муҳаррики зиндагӣ аст»**.[21] Ба василаи рӯйи кор овардани офаридаҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ ҷомеа худ аз худ тағйир меёбад ва зиндагисозӣ ба унвони маҳорати фарҳангию ҳунарӣ маҳбубият пайдо менамояд. Ин аст, ки мутафаккири аврупоӣ Мишел де Монтано ба ин нукта таваҷҷуҳ фармуда буд: **«Ҳунари зиндагӣ, яъне ёфтани роҳҳое барои истифода аз мусибатҳои худамон»**.[22] Пеши роҳи ҷангу даргириро, ки аз ҷаҳолату таассуби ҷомеа сарчашма гирифта, мусибатҳоро дар пай дорад, метавон бо фарҳангу ҳунари зиндагисозӣ гирифт ва сулҳу амниятро дар иҷтимоъ ҳифз намуд. Воқеият ин аст, ки имконоти фарҳангии густурда барои таҳкиму тақвияти ҳамаҷонибаи ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад ва чун сипар дар баробари хавфу хатарҳои минтақавӣ ва глобалӣ хидмат менамояд.

---

[21] Алейн де Боттон. Тасаллибахшиҳои фалсафа. Тарҷумаи Ирфон Собитӣ. Теҳрон: Қакнус, 1383. –С.255

[22] Алейн де Боттон. Тасаллибахшиҳои фалсафа. Тарҷумаи Ирфон Собитӣ. Теҳрон: Қакнус, 1383. –С.266



**Назрӣ Асадзода**
*ҷомеашинос*

## ВАҲДАТИ ВОҚЕИИ МИЛЛӢ ЧИСТ?

Миллат дар ҳар марҳилаи таърихӣ ва рушди худ вобаста ба муҳиту шароит ва мушкилоти дохиливу хориҷӣ ба вазъиятҳои хоссе дучор мешавад, ки бояд аз онҳо ба хотири рушду пешрафт ва ё ҳадди ақал барои ҳифзи мақом ва бақои хеш роҳи раҳоиро дарёфт кунад. Дарёфти роҳҳои раҳоӣ аз вазъиятҳои мунтазам тағйирёбанда вазифаҳо ва нақшаҳои кори миллатро ташкил мекунанд. Миллате дар ин гирудорҳои беохир муваффақ хоҳад буд, ки муттаҳиду ягона аст ва ба таври хастагинопазир барои ҳифзи манофеи худ дар талош буда, аз маҷмӯи роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилот тавоноии дарёфти беҳтарин роҳҳалро дошта бошад.

Вазъияти мушкили сиёсие, ки дар ибтидои солҳои 90-уми қарни ХХ дар кишвари мо ба вуҷуд омада, мусибатҳои зиёдеро ба сари миллат овард, метавонист паёмадҳои махуфи аз он ҳам бештаре дошта бошад. Шукр, ки бо иршоди Пешвои миллат роҳи раҳоӣ аз ин варта дарёфт карда шуд ва миллат аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ бадар омад.

Дар воқеъ, истиқрори сулҳ ва таъмини амну суботи сиёсb баъди фоҷеаи ҷанги бародаркуш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастовард{ои бисёр му{им ва муваффақияти беназири миллати мо аст, ки дар алоғамандb ба он заминаи рушди устувори игтисодии кишвар ва бе{дошти рӯзафзуни ихтимоии а{олb гузошта шуд. Аммо бо ёдкарди мунтазами ин фоҷеаи миллӣ ва таъкиди мукаррари заҳматҳое, ки барои ҳусули ин дастовард анҷом дода шудааст, чунонки мушоҳида мешавад наметавон интизори шукргузории ҳамешагӣ аз сӯи намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа ва махсусан, насли ҷавон буд. Бо ин тарзи маҳдуд талқину таблиғ кардани ваҳдат дар зеҳни омма фаҳмишеро ба вуҷуд меорад, ки ваҳдат фақат шакли ҳамзистии иҷтимоии бидуни ҷанг асту бас.

Шакли ҳамзистии иҷтимоии бидуни ҷангро на ваҳдати миллӣ, балки амну суботи сиёсӣ ва оромиши иҷтимоӣ бояд донист. Хосса, агар ҷомеа роҳи ин гуна ҳамзистиро баъди хастагӣ аз ҷанги дохилӣ интихоб карда бошад, он фақат сулҳ ва оштии миллӣ аст. Чунин шакли ҳамзистӣ як падидаи иҷтимоии нисбатан содаи таркиби ваҳдати миллӣ мебошад, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд бо ваҳдати миллӣ айният дод. Сулҳу оштии миллӣ ва амну суботи сиёсии ҷомеа падидаи иҷтимоиву сиёсии матлубест, ки дар заминаи ҳамдигарфаҳмӣ ба хотири ҳифзи манофеи умумӣ ва бақои ҷомеа роҳандозӣ мегардад, аммо он ба тафовут аз ваҳдати миллӣ унсурҳои асилу доимии ҳувиятсоз надошта, асосан ҷанбаҳои қарордодӣ ва зоҳирӣ дорад. Амну суботи сиёсии ҷомеа, агар бидуни ваҳдати воқеии миллӣ фақат дар заминаи назорати низомии давлат ба вуҷуд оварда шуда бошад, он бо вуҷуди устувории зоҳирии худ ҳамеша осебпазир боқӣ монда, дар лаҳзаҳои барои давлат ҳассос метавонад ба осонӣ халалдор гардад.

Аз ин рӯ, бо назардошти дастёбӣ ба истиқрори сулҳу амну суботи сиёсии ҷомеа вақти он расидааст, ки ба ваҳдати миллӣ ҳамчун ба падидаи иҷтимоии мураккаб ва арзиши бунёдие муносибат намоем, ки кафили устувории амнияти миллӣ ва заминагузори пойдориву мондагории давлати мо гардад. Агар ваҳдати миллӣ заиф ва зоҳирӣ бошад, табиист, ки амнияти миллӣ низ заифу зоҳирӣ ва осебпазир хоҳад буд.

**Ваҳдати миллӣ падидаи , мураккаби иҷтимоиест, ки баёнгари сатҳи ташаккули миллӣ буда, дар ҷавҳари миллат тағйироти сифатӣ ва тавонмандии рақобатпазирӣ ба вуҷуд меоварад ва афроди миллатро муттаҳиду неруҳои зеҳниву ҷисмии онҳоро барои ҳифзи манофеи миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои умуми мутамарказ карда, миллатро ҳамҷун низоми иҷтимоӣ ташаккул медиҳад.**

Ваҳдати миллӣ, агарчанде тавофуқи назар ва дидгоҳи ягона доштани мардум доир ба манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварӣ ва масоили бунёдии ҷомеа аст, аммо набояд тасаввур кард, ки он комилан ба маънои якандешӣ ва ҳамфикриву ҳамсӯии мутлақи миллат доир ба тамоми масъалаҳост ва бо мафҳумҳои дигарандешиву озодии фард ва демократияву плюрализм

таноқуз дорад. Ваҳдати миллӣ ҳамфикриву ҳамсӯӣ ва ҳаммаромии миллат доир ба масъалаҳои куллӣ ва бунёдии миллӣ аст, аз ҷумла доир ба масъалаҳои ҳифзи якпорчагии кишвар, истиқлолияти сиёсӣ, манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварии ҷомеа, шаъну обрӯи Ватан ва ҳамватанон, ҳалли мушкилоти миллӣ, талош барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ, вокунишҳои сазовор ва таъсироти номатлуби муҳити геопалитикӣ ва амсоли инҳо.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии муҳофизатӣ дар робита ба таҳаввули ҳамешагии муносибатҳои байналмилалӣ бояд ҳамеша аз ҷиҳати сифатнокӣ такмил ёбад. Он хусусият ва сифати умдатарини ҳастии миллат ва рақобатпазирии он барои ҳифзи бақои худ аст. Бидуни доштани ин вижагӣ, аслан миллат ҳамчун низоми иҷтимоӣ наметавонад рақобатпазир бошад ва мавҷудияти худро ба таври шоиста муаррифӣ намояд. Аз ин рӯ, то вақте миллат вуҷуд дорад, масъалаи ваҳдати миллӣ ва тақвият додани он ҳамчун масъалаи ҳаётан муҳими миллӣ боқӣ хоҳад монд, зеро ваҳдати миллӣ шарти бақои миллат аст.

Чунонки ишора шуд, амну суботи сиёсӣ ва оромиши вазъи иҷтимоӣ ҷузъи хеле муҳими ваҳдати миллист, аммо ваҳдати миллӣ фақат бо амну суботи сиёсӣ ва оромиши вазъи иҷтимоӣ маҳдуд намешавад. Ваҳдати миллӣ, аз ҷумла дар ҳамсӯиву ҳаммаромӣ ва вокуниши миллат доир ба масъалаҳои ҳифзи манофеи миллӣ ва рафъи мушкилоти умумии ҷомеа низ инъикос меёбад. Аз ин ки манофеи умумимиллӣ ва мушкилоти ҷомеа тадриҷан тағйир ва таҳаввул мепазиранд, зарурат дорад, ки мавқеъгириҳои ҷомеа низ нисбат ба ин масъалаҳо мунтазам тамаркуз дода шаванд. Тамаркуз додан ё мутамарказ кардани неруҳои зеҳниву ҷисмии мардум, аслан рисолати нухбагону масъулини давлатӣ ва зиёиёну пешоҳангони ҷомеа аст. Бетафовутиву бетарафии мардум нисбати масъалаҳои умумимиллӣ, агарчанде амну суботи сиёсиро халалдор нанамояд ҳам, аммо бозгӯи заиф будани тору пуди ваҳдати ҷомеа ва ҳатто адами он аст. Аз ин рӯ, бедорӣ ва ҳушёрии сиёсии ҷомеаро бояд ба вуҷуд овард. Миллат бояд нисбат ба манофеи худ ва хатарҳое, ки бо он мувоҷеҳ мешавад, бетараф набошад. Вокунишҳо ва мавқеъгириҳои дурусту саривақтии миллат нисбат ба омилҳои таъсиргузори муҳити геополитикӣ, ки ба таври мустақим ва ё ғайри

мустақим ба манфиатҳои миллат таҳдид ва таъсир мекунанд, яке аз умдатарин шаклҳои зуҳур ва бозтоби ваҳдати миллӣ аст.

Ваҳдати миллиро ҳамчунин фақат ҳамбастагиву ҳамсӯии шаҳрвандони як кишвар нисбат ба якдигар доир ба масоили умумимиллӣ низ набояд донист. Яке аз рукнҳои дигари асосии ваҳдати миллӣ ҳамбастагиву ягонагии миллат бо давлат аст. Ваҳдати миллӣ он гоҳ қавӣ хоҳад буд, ки мардум ҳокимиятро мардумӣ ва аз они худ донад ва ба он сидқан эътимод дошта бошад. Барои бақои бардавоми давлати миллӣ ҳамчун муҳимтарин дастгоҳи ҳифзи манофеи миллӣ коре бояд кард, ки тамоми мардум худро масъул донанд. Мардум бояд дарк кунанд, ки ҳимоят аз истиқлолияти сиёсии миллат танҳо масъулияти сохторҳои низомӣ нест, балки он вазифаи муқаддаси ҳар як фарду марди кишвар аст.

Ба хотири устувориву мондагорӣ ва таҳаввулпазирии ҳамешагии ваҳдати миллӣ давлат ҳамчун ниҳоди асосии тамаркуздиҳандаи неруҳои зеҳниву ҷисмии ҷомеа масъулияти бисёр муҳимеро ба зимма дорад. Давлат вобаста ба вазъи мунтазам тағйирёбандаи ҷаҳон ва таъсиргузориҳои омилҳои дохиливу хориҷӣ бояд саривақтӣ неруҳои ҷомеаро мутобиқ ба вазъ тамаркуз диҳад ва ориентатсияи миллиро муайян намояд, вагарна неруҳои таъсиргузори манфиатҷӯи фурсатталаб метавонанд аз беэътиборӣ ва ё таъхир дар ин самт сӯиистифода карда, дидгоҳи мардум ва масири ҳаракати ҷомеаро тағйир диҳанд ва боиси парокандатаркиб гардидани он шаванд.

Дар кишварҳое, ки шаҳрвандони онҳо нисбат ба манофеъ ва аҳдофи миллӣ бетафовуту бетарафанд, бо вуҷуди суботи зоҳирии сиёсӣ, аслан амнияти миллӣ наметавонад дорои заминаи устувору муътамад бошад. Дар ҷомеаҳои парокандатаркиб ҳар касе ба дунболи манфиатҳову ҳадафҳои шахсиву гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва диниву сиёсии худ аст. Дар чунин ҷомеаҳо аксарият ба ҳадафҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ ҳеҷ арзишеро қоил нестанд. Нуқсони асосӣ дар чунин ҷомеаҳо, аслан марбут ба омма нест. Нуқсони асосӣ дар он аст, ки дар чунин ҷомеаҳо манфиатҳову арзишҳо ва ҳадафҳои умумимиллӣ ҳанӯз дуруст муайян ва мушаххас нашудаанд. Аз ин рӯ, табиист, ки дар чунин ҷомеаҳо ҳар як фард ва қишри ҷомеа манфиатҳову ҳадафҳои шахсиву

гурӯҳӣ ва диниву сиёсии худро пайгирӣ мекунад ва онро арзиши аслӣ меҳисобад.

Маҳз чунин ҷомеаҳо бинобар сабаби бисёр осебпазир буданашон аз ҷониби неруҳои манфиатҷӯи бегона ҳамчун объекти таъсирпазир дар мадди назар гирифта мешаванд, зеро фурӯпошии чунин низомҳои заифи иҷтимоӣ кори чандон мушкил нест.

Аз ин рӯ, мо бояд дар фазои истиқлолияти сиёсии кишвар бо истифода аз ин фурсати воқеан, мусоиди таърихии тақдирсоз бо назардошти вазъи бисёр мураккаби ҷаҳон таъҷилан ва бо тамоми ҷиддият пойдевори ваҳдати воқеии миллиро барои устувории амнияти ҷомеа, мондагории давлати миллӣ, пойдории истиқлолияти сиёсии Тоҷикистони азиз ва ҳифзи бақои миллати ранҷдидаи тоҷик аз дидгоҳи илмӣ таҳким бахшем.

Ваҳдати воқеии миллӣ дар равон ва рӯҳияи миллӣ тағйироти сифатӣ ба вуҷуд меоварад. Агар ба ин масъала аз зовияи назария оид ба эмерҷент(аз вожаи англ. emergent — падидаи ғайримаъмулӣ) нигарем, дарки моҳияти он ба, маротиб осонтар мешавад. Мувофиқи назария оид ба эмерҷент, ки шакли дигари ифодаи нисбатан такмилёфтаи қонуни диалектика дар бораи гузариш аз миқдор ба сифат аст, баъзе хусусиятҳо ва сифатҳои вижае ҳастанд, ки онҳоро ашё ва мавҷудот фақат дар ҳолати ҳамбастагиву ваҳдати комилу воқеӣ ва низоми муташаккил доштан метавонанд касб намоянд. Ҷузъиёт ва мавҷудоти олами ҳастӣ, ки ҳар яке дорои сифатҳои вижаи худ ҳастанд, дар мавриди ба ҳам омадан ва ташкили робитаи бонизом дорои сифатҳои куллан мутафовите мешаванд, ки қаблан надоштанд ва ин сифатҳои мутафовит на ба ҷузъиёт ва мавҷудоти алоҳида, балки маҳз ба низоми робитаҳои муштараки онҳо марбут аст. Аз ин аст, ки назария оид ба эмерҷентро метавон назария оид ба сифатҳо ва вижагиҳои сохторӣ (системавӣ) низ номид. Ин гуна сифатҳо, яъне сифатҳое, ки махсуси низомҳо ва сохторҳоянд, ба таври фаровон дар олами мавҷудоти зинда ва ғайризинда мушоҳида мешаванд. Масалан, атомҳои гидрогену оксиген дар ҳолати пайвастагӣ, ки обро ҳосил мекунанд, дорои хусусият ва вижагии куллан мутафовите мешаванд, ки онро ҳаргиз дар ҳолати алоҳидагӣ ва ҷудо аз ҳам будан дошта наметавонанд.

Занбӯрон ва мӯрчагон ҳамчун навъи биологӣ аз дидгоҳи ташаккули ҷисмӣ ва зеҳнӣ дар алоҳидагӣ нисбати дигар анвоъи биологӣ ҳеҷ афзалияте надоранд, аммо бо назардошти ҳамоишу ҳамбастагӣ ва "низоми иҷтимоӣ"-и мураккаби худ дорои сифатҳову хусусиятҳои вижае шуда, ба ин васила барои ҳифзи бақояшон афзалиятҳои зиёдеро касб кардаанд, ки ин гуна афзалиятҳоро ҳаргиз имкон надорад, ки ҳар яктои он дар алоҳидагӣ дошта бошад. Ҷузъиёти як ҳавопаймо бо вуҷуди мураккабӣ қудрати парвози ҳадафмандонаро надорад, аммо ҳамбастагии ҷузъиёт онҳоро қудрати парвоз, яъне сифати куллан мутафовите мебахшад, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо дар алоҳидагӣ онро наметавонистанд дошта бошанд.

Ваҳдати назариву амалӣ ва ҳамоишу ҳамбастагӣ, аз ҷумла одамонро низ метавонад ба низоми муташаккиле табдил диҳад, ки боиси ҳусули сифатҳои махсус ва афзоиши неруи онҳо мегардад. Миллатҳои муташаккилу муттаҳид аз он неруманданд, ки афроди онҳо чун ҷузъиёти як низом рисолату масъулияти худро дар ҷомеа мешиносанд ва анҷом медиҳанд. Маҳз ҳамин ҳамбастагиву ваҳдат ва "ҳисси иҷтимоӣ" ба таври муъҷизаосо ба онҳо неруи иловагӣ ва сифатҳои вижае мебахшад. Дар мавриди набудани ваҳдат ва ё ба таври расмиву зоҳирӣ вуҷуд доштани он иҷтимои физикии одамон ҳаргиз наметавонад дорои чунин хусусият ва афзалият бошанд. Ваҳдати воқеӣ миллатро қудрату эътимод ва ангезаву рӯҳия мебахшад. Дар навбати худ, ин ангеза ва рӯҳия боиси тақвияти дигар неруҳои созандаи миллӣ, аз ҷумла тақвияти ваҳдати миллӣ низ мегардад.

Ваҳдати миллӣ дар заминаи рӯҳияи миллӣ ба вуҷуд меояд, аммо дар навбати худ барои ба неруи фарогиру ҳадафманди ҷомеа табдил гардидану таҳким ёфтани он нақши муҳим ва муассир мебозад. Барои ваҳдати воқеии миллиро ба вуҷуд овардан ҳатман рӯҳияи миллиро бояд эҳё кард ва таҳким бахшид. Дар акси ҳол ваҳдати миллӣ осебпазир ва ноустувор хоҳад буд. Ҷавҳари ваҳдати миллиро рӯҳияи миллӣ ташкил медиҳад.

Мутаассифона, дар кишвари мо зуҳуроти манфӣ ва омилҳои ҷиддии таъсиргузоре мавҷуданд, ки монеи тақвияти рӯҳияи миллӣ ва садди роҳи ташаккули ваҳдати воқеии ҷомеа мегарданд.

Қавӣ будани ҳисси маҳалгарой ва ангезаи маҳалсолорӣ дар кишвари мо яке аз ҳамин гуна зуҳуроти номатлуб аст. Ин нуқсон на фақат монеъи тақвияти рӯҳияи миллӣ, балки монеъи ҷараёни ниҳоии ташаккули воқеии миллати мо низ ҳаст.

Боиси таассуф аст, ки дар ҷомеаи мо аз ҳисси маҳалгароиву ангезаи маҳалсолорӣ на фақат зеҳни омма, балки зеҳни афроди таҳсилдида ва ҳатто кормандону роҳбарони сохторҳои давлатӣ низ сироят ёфтааст.

То чӣ андоза амиқ фурӯ рафтани решаҳои маҳалгароиро дар зеҳни аҳли ҷомеаи мо аз он метавон пай бурд, ки ҳатто Ҳукумати кишвар низ бо назардошти таъсири ин омил маҷбур мешавад, ки дар мавриди таъин ба вазифаҳои калидиву бонуфузи давлатӣ барои маҳалҳо ва минтақаҳои ба қавле “бонуфуз” квота муқаррар намояд. Маълум аст, ки чунин муносибат боиси боз ҳам тақвият ёфтани ангезаҳои маҳалсолорӣ гардида, сулолаҳои ҳокими маҳалгароро неруманд мекунад.

Ба василаи эътилофи неруҳои маҳалгаро наметавон ваҳдати воқеии миллиро ба даст овард. Ваҳдати миллӣ эътилофи неруҳои маҳалгаро нест. Бо корбурди ин усул наметавон ба ваҳдати воқеии миллӣ ноил шуд. Шояд барои муҳлати кӯтоҳи таърихӣ истифода аз чунин усули созиши миллиро зарурати таърихӣ унвон додан раво бошад, аммо ин фарзия ё гипотезаро набояд роҳкори ҳамешагии давлат дар умури миллатсозӣ донист. Эътироф бояд кард, ки ин усул аслан ба раванди ҷомеасозӣ дар кишвар наметавонад таъсири мусбат дошта бошад ва боиси суръат бахшидани марҳилаи ниҳоии ташаккули миллати тоҷик гардад. Беш аз 100 сол аст, ки давлатҳои охири тоҷикон, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ин фарзияи ғайриилмиро ҳамчун роҳкори созиши миллӣ ва миллатсозӣ истифода мебарад, лекин мо дар ин самт ҳанӯз “дар хами як пайроҳаем” ва ба манзили мақсуд, яъне марҳилаи воқеӣ ва ниҳоии рушди миллӣ нарасидаем. Пас бояд дарк кард, ки фарзияи мазкур ва корбурди тӯлониву ҳамешагии он ба ҳайси роҳкори бегузинаи давлатдории миллӣ хатост. Шояд ҷонибдорони ин фарзия, ки на фақат симоҳои воқеии арсаи давлатдорӣ, балки ҳатто чеҳраҳои идеаливу қаҳрамонҳои мардумиро низ дар ҳамин қолаб ва формат ҷобаҷо кардаанд, бо ин андеша сари созиш ва муросо надошта

бошанд, аммо ҳақиқати таърихӣ он аст, ки ин назария дар тӯли беш аз 100 соли ба амалия пайвастани худ натавонист эҳсоси маҳалгароиро аз зеҳни мардуми мо зудояд. Баръакс, он боис шуд, ки тӯли тамоми муҳлати давлатдориҳои мазкур тақсимоти вазифаҳои муҳими сатҳи ҳокимияти давлатӣ дар кишвари мо маҳз бо назардошти фактори маҳаллӣ расман ҷорӣ гардад ва гузашта аз ин, тартиби ҷоришуда мисли як амали қонунманд аз тарафи умум пазируфта шавад. Чунин муносибат дар мавриди ташкили Ҳукумати миллӣ ва таъини ҳайати кадрии он моҳиятан маънои машруият додани маҳалгароист ва бидуни шубҳа, эҳсоси маҳалгароиро дар байни мардум тақвият медиҳад.

Олами мутамаддин бо суръати кайҳонӣ дар ҳоли таҳаввул аст. Пас, чаро дидгоҳи мо доир ба умури миллатсозӣ тамоил ба таҳаввул надорад, хосса дар мавриде, ки усулу услубҳои назариву амалӣ ва роҳкорҳои мо дар самти миллатсозӣ натиҷабахш будани худро исбот карда наметавонанд? Пас, чаро марказҳои илмиву тадқиқотӣ ва стратегиву оянданигарии кишвари мо дар андешаи коркарди роҳкорҳои муассиртару самарабахштар барои таҳкими воқеии ваҳдати милливу аз байн бурдани ангезаи маҳалгароӣ нестанд?

Ҳар қадаре ки ҳисси маҳалгароӣ дар ҷомеаи мо қавӣ бошад, ба ҳамон андоза суръат бахшидани раванди ҷомеасозиву ташаккули ваҳдати воқеии миллат ва тақвияти рӯҳияи миллӣ мушкил хоҳад буд.

Барои тадриҷан аз байн бурдани маҳалгароиву маҳалпарастӣ ғайр аз татбиқи принсипи адолати иҷтимоиву баробарии рушди маҳалҳо ҳамчунин зарур аст, ки аз ду самти дигар низ таъсир расонида шавад.

Аввалан, бояд ба таври тадриҷӣ доираҳои нуфуз, мақом ва таъсиргузориҳои ақидативу молиявии кланҳо ва сулолаҳои маҳалливу минтақавӣ маҳдуд карда шаванд, зеро яке аз омилҳои асосии тақвият ёфтани ангезаи маҳалгароиву маҳалсолорӣ маҳз ҳамин гуна гурӯҳҳо мебошанд. Ин гуна гурӯҳҳо, ки бо назардошти "омили маҳал" ба сари қудрат омадаанд, табиист, ки барои таҳкими мақоми худ ҳамеша аз ҳамин омил сӯистифода кардан мехоҳанд ва маҳз аз ин рӯ, барои қавӣ кардани ин омил ҳавасманд хоҳанд буд.

Сониян, бо истифода аз сохторҳои соҳаи маориф ва ВАО корҳои тарбиятиву идеологиро дар асоси барномаҳои мукаммали тарбиятиву идеологӣ ба таври муассир роҳандозӣ карда, ҷиҳати

тарбияи ҷомеа, хосса тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ талоши ҳамешагӣ бояд дошт.

Маҳалгароӣ дар кишвари мо яке аз омилҳои бисёр хавфноке аст, ки давлатдории миллиро аз бунёд ноустувор мекунад. Маълум аст, ки тарроҳони равандҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ дар ҳамаи он кишварҳое, ки мақсади ба вуҷуд овардани мушкилоту буҳронҳои сиёсиву иҷтимоиро доранд, қаблан бо усули тафриқаандозӣ мекӯшанд, ки он ҷомеаҳоро таҷзия карда, ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо созанд. Барои чунин тарроҳон маҳалгароии мардуми мо, ки решаҳои амиқ дорад, ба осонӣ метавонад ҳамчун заминаи тафриқаангезӣ ва ташаннуҷ хидмат кунад. Вазъи кунунии тоҷикони Афғонистон ва ба гурӯҳҳои мутааддид ҷудо гардидани онҳо бозгӯи ҳамин воқеияти талх аст. Тоҷикони Афғонистон бо вуҷуди афзалияти теъдодӣ, мутаассифона, наметавонанд муттаҳид бошанд ва ҷойгоҳи шоистаи сиёсиву иҷтимоии худро дар ин кишвар ба даст оранд.

Дар кишвари мо омили маҳалпарастӣ чун омили мазҳабгароиву хурофотпарастӣ на фақат аз дохил барои ташаккули тафаккури миллӣ монеа эҷод мекунад, балки метавонад ҳамчун абзори тафриқаангезӣ ва ташаннуҷи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар хидмати неруҳои манфиатҷӯи бегона низ қарор гирад.

Дуруст аст аст, ки таъсиргузориҳои неруҳои манфиатҷӯи хориҷӣ метавонад омилу фактори ташаннуҷи вазъи дохилӣ ва дар зимн, заъфи ваҳдати миллӣ дар кишвари мо бошад, аммо бо корбурди дурусти васоили тарғиботиву ташвиқотӣ ва мавқеъгирии ватанпарварона метавон ин омили манфиро ба омили тақвияти ваҳдати миллӣ ва мутамарказ кардани тамоми неруҳои ҷомеа бар алайҳи хатари беруна истифода кард. Барои натиҷабахш шудани кор дар самти табдили ин фактори манфӣ ба омили мусбат арзёбиҳои илмии ихтисосмандона шарти аввал ва роҳкорҳои муассир шарти сонӣ аст.

Хеле хавф дорад, агар дар минтақаҳои кишвар ғайр аз сохторҳои расмии давлатии идоракунӣ боз гурӯҳҳо (кланҳои эътирофшуда)-и ғайрирасмии муташаккили маҳаллие вуҷуд дошта бошанд, ки ба самти фаъолияти сохторҳои расмии давлатии маҳалливу марказӣ ва масъулини онҳо таъсир расонанд. Аз он ҳам хавфноктар аст, агар намояндагони ин қабил гурӯҳҳо дар сохторҳои давлатӣ роҳ ёфта ва ё роҳ дода

шуда бошанд, зеро арзишҳои меҳварии ин гуна афрод на арзишҳои милливу умумидавлатӣ, балки бузургманишии маҳаллӣ аст.

Соҳибмансабоне, ки ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи мардум ва махсусан мардуми маҳал ва минтақаҳои муайян ба сатҳи олии маъмурии давлатӣ ҷойгузин мешаванд, набояд аз зумраи ашхосе бошанд, ки барои онҳо арзишҳои маҳаллӣ, аз ҷумла бузургманишии маҳаллӣ аз арзишҳои умумимиллӣ афзалият дошта бошанд. Хеле хавфнок аст, агар як нафар масъули сатҳи ҳокимияти марказӣ ба ҷои сиёсати давлатӣ, аслан дар андешаи сиёсати маҳаллӣ бошад.

Неруманд шудани ин гуна гурӯҳҳои муташаккилу мутамаркази маҳаллӣ ва дар сатҳи кишвар соҳибнуфуз гардидани саркардагони онҳо бо назардошти вазъи кунунии ҷомеаи мо ва таъсири субъектҳои сиёсии манфиатҷӯи сатҳи минтақа ва байналмилалӣ ба нафъи ҳокимияти мутамаркази миллӣ ва якпорчагии миллат нест. Бояд ба ҳокимияти марказӣ шиддати таъсири ин гуна гурӯҳҳо ва ин гуна соҳибмансабони маҳаллӣ кам карда шуда, батадриҷ нуфузи онҳо дар маҳал низ коҳиш дода шавад.

Боиси хушнудист, ки тӯли 25 соли Истиқлолияти давлатӣ, новобаста ба мушкилоти таҳмиливу дохилии сиёсӣ тадриҷан ҷойгоҳу пойгоҳи давлати миллӣ дар ҷомеаи мо таҳкиму тақвият меёбад. Аммо лозими таъкид аст, ки барои устуворӣ ва мондагории давлату низоми давлатдорӣ талоши ҳамешагӣ бояд дошт ва баҳри аз байн бурдани омилҳову зуҳуроти заифкунандаи мавқеъ ва нуфузи ҳокимияти марказӣ бояд мунтазам тадбир ҷуст. Яке аз омилҳои заифкунандаи мавқеъ ва нуфузи ҳокимияти марказӣ дар кишвари мо ин аст, ки на фақат омма, балки баъзе кормандону мансабдорони давлатии мо низ, мутаассифона, дидгоҳи милливу давлатӣ надоранд ва ба масъалаҳои умумимиллӣ бо назардошт ва афзалият додани манфиатҳои маҳалливу минтақавӣ ва гурӯҳӣ муносибат мекунанд.

Аз ин рӯ, мутаассифона, дар зеҳни баъзе кормандону мансабдорони давлатии мо низ на арзишҳои миллӣ, балки арзишҳои маҳаллӣ ва мафкураи маҳалсолорӣ мавқеи меҳварӣ дорад. Дар сатҳи ҳамаи минтақаҳои кишвар ин ангезаи номатлуб ҷой дорад, аммо чунин ба назар мерасад, ки миқёс ва шиддати ин ангеза дар баъзе минтақаҳои кишвар бештар ба равандҳои сиёсиву идоракунӣ

таъсиргузор аст. Аз ин рӯ, ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳои маҳаллӣ, ки бо мақсади таъин ба вазифаҳои сатҳи маҳал ва ё сохторҳои марказии ҳокимияти давлатӣ ҷалб карда мешаванд, хуб мебуд, ки дараҷаи ташаккули шахсияти номзадҳо ҳамчун шахсияти миллӣ ба эътибор гирифта шавад.

Ба хотири таҳкими низоми мутамаркази давлатдорӣ ва тақвияти мавқеи ҳокимияти марказии давлатӣ муносиб нест, ки кадрҳои дорои амбитсия ва мафкураи бузургманишии маҳалливу қавмӣ дар садри мақомоти маҳаллӣ ба вазифа таъин карда шаванд, зеро чунин ашхос бо мафкураи сироятёфтаи маҳалсолории худ ҳангоми солори маҳал шудан имкони бисёр хуби роҳандозии сиёсати маҳалгароёнаро меёбанд ва аз дастгоҳи давлатӣ ба нафъи ҳадафҳои ғайридавлатии худ сӯиистифода мекунанд. Аз ин рӯ, ин гуна кадрҳое, ки ҳанӯз то сатҳи тафаккури милливу мавқеи давлатӣ рушд накардаанд ва гузашта аз ин мафкураи хароби маҳалгароӣ доранд, хуб мебуд, дар мақоми роҳбарии маҳалли худ ва ё сохторҳои марказии ҳокимияти давлатӣ ба вазифаҳои асосӣ таъин карда нашаванд, зеро онҳо, чунонки таъкид шуд, барои ба даст овардани чунин вазифаҳо ва доштани чунин мақоми маъмурӣ, аслан ба хотири он талош мекунанд, ки ҳадафҳои маҳалсолорӣ ва гурӯҳиву шахсии худро роҳандозӣ намоянд. Ин гуна ашхос, аслан намояндагони сулола ва кланҳои маҳаллиеанд, ки ҳамеша аз пуштибонии онҳо бархӯрдоранд ва маҳз аз ин сабаб ҳангоми ифои вазифа дастури кори худро на фақат аз роҳбари давлат, балки аз роҳбарони сулолаи худ низ мегиранд. Аз ин рӯ, ба чунин ашхос набояд имконоти бемаҳдуд дод ва ҳамаи хостаҳои онҳоро бароварда кард. Агар баҳри ҷалби таваҷҷуҳ ва ба хотири ҳусули ризои мардуми ин ё он минтақаву маҳал зарурате ҳам барои ҷалби кадрҳои маҳаллӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ кадрҳои дорои мавқеи давлативу андешаи ташаккулёфтаи миллӣ ё ҳадди ақал афроди якрӯ ва ба ҳокимияти марказӣ содиқ ба кори роҳбарӣ бояд ҷалб карда шаванд. Ба ҳеҷ сулола ва клане дар минтақаҳои кишвар набояд имкон дод, ки худро ҳокими мутлақи маҳал тасаввур ва вонамуд кунанд. Дар ин минтақаҳо ба василаи таъиноти кадрии дуруст бояд механизмҳои идоракунӣ тарзе ба роҳ монда шаванд, ки ҳамаи ҳокимони маҳаллӣ дастуру нишондоди фаъолияти худро фақат аз Пешвои миллату

роҳбарияти Ҳукумат гиранд, на ҳамзамон аз сарварони маҳалливу сулолавии худ.

Мавҷудият ва нуфузи ҳокимияти ғайрирасмӣ дар дохили ҳокимияти расмӣ далели заъфи давлат ва омили хатар бар амнияти миллист. Чунин вазъият барои умумимиллӣ эътироф шудани ҳокимияти сиёсии кишвар аз тарафи ҷомеа монеаи ҷиддӣ ба вуҷуд меорад.

Дар сатҳи роҳбарияти мақомоти маҳаллии кишвар ҳатман шахсиятҳои дорои тафаккури миллӣ ва мавқеи давлатӣ бояд таъин гарданд, зеро таъини ашхоси маҳалгаро дар чунин вазифаҳо боиси боз ҳам бештар тақвият ёфтани ангезаи маҳалгароӣ мегардад.

Ба хотири таҳкими ваҳдату амнияти миллӣ коре бояд кард, ки бузургманишиҳои сиёсии маҳаллӣ на фақат шиддат нагиранд, балки тадриҷан аз байн бурда шаванд. Барои расидан ба ин ҳадаф, яъне тадриҷан кам кардану баъдан аз байн бурдани амбитсияҳо ва бузургманишиҳои сиёсии маҳаллӣ ногузир бояд аз тақвияти мавқеи сулолаву кланҳои маҳаллӣ ҷилавгирӣ кард, зеро маншаи ангезаҳои сиёсии маҳаллӣ маҳз ҳамин кланҳои маҳаллианд. Аммо ба хотири пешгирии норизоии мардуми ин минтақаҳо нисбати беэътиноӣ ба кадрҳои маҳаллиашон беҳтар аст, ки худи Ҳукумати ҶТ мустақиман, бидуни эътибор ба хостаҳову тавсияҳои саркардаҳои расмиву ғайрирасмии кланҳои маҳаллӣ ашхоси шоистаи ба сиёсати давлат содиқро ба вазифаҳои лозимӣ таъин намояд.

Роҳандозии сиёсати шоистасолорӣ ва бо назардошти сатҳи касбият ва рушди тафаккури давлативу мавқеи миллӣ ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти давлатӣ яке аз омилҳои умумимиллӣ ва мардумӣ эътироф шудани ҳокимияти сиёсӣ буда, роҳро барои ташаккули ваҳдати воқеии ҷомеа ва тақвияти рӯҳияи миллӣ ҳамвортар мекунад.

Хеле судманд хоҳад буд, агар ваҳдати миллӣ на ҳамчун шиор ба таври сатҳиву ғайриилмӣ ва матбуотиву намоишӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ ба таври дақиқу амиқи илмӣ ба хотири ояндасозӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи олимони ҷомеашиносу сиёсатшинос қарор гирифта, роҳҳои муассири ташаккул додани он дар ҷомеаи парокандатаркиби мо дарёфт гардад ва ҳамзамон бо истифода аз дастгоҳи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи ҷомеа ба таври устувору мондагор татбиқ карда шавад.

Ғояи ваҳдати миллӣ дар кишвари мо ҳамчун унсури технологияи сиёсӣ ва абзори таъсиргузорӣ бояд барои мутамарказу қавӣ кардани ҳокимияти сиёсӣ ва ҷилавгирӣ аз ҷараёнҳои маҳалгарои марказгурез дар хидмати давлат қарор дошта бошад.

ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР



**Вернер Штегмайер**
*профессори Донишгоҳи Грайфсвалд (Олмон)*

# ОЯНДАНИГАРИИ[1] ФАЛСАФӢ ДАР НИГОҲИ ФРИДРИХ НИТШЕ

## 1. Оянданигарӣ чист?

1. Таърифи Оянданигарӣ: Мо ҳамеша ба оянданигарӣ ниёз дорем. Дар ҳар як вазъияти нав оянданигарӣ ҳатмӣ мебошад. Оянданигарӣ ин қобилияти дар вазъияти нав худро дуруст дарёфтан мебошад, то ки имкониятҳои амалнамоӣ пиёда гарданд ва бад-ин васила вазъият зери идора қарор гирад.[2] Мавҷудоти зинда наметавонанд, ки бидуни қобилияти оянданигарӣ ба ҳаёти худ идома диҳанд.

2. Асолатнокии Оянданигарӣ: Оянданигарӣ ҳамеша ин қадами аввал мебошад. Он пештар аз ҳама гуна амал ва андеша қарор дорад ва ҳама гуна амалу андеша аз як тасмимгирии пешакӣ вобаста мебошанд.

3. Ба худ марбут будани Оянданигарӣ: Дар як вақт аллакай оянданигарӣ карда шудааст. Ҳар як Оянданигарии нав аз Оянданигарии пешина вобастагӣ дорад ва дар алоқамандӣ бо он арзи ҳастӣ мекунад. Оянданигарӣ ҳамеша як азнавоянданигарӣ намудан мебошад. Дар фаҳмиши имрӯза он муртабит ба худ мебошад.

4. Замоният ва таҳаввули Оянданигарӣ: То он ҷое, ки Оянданигарӣ бо вазъият ва шароитҳои нав алоқамандӣ дорад, он бо масъалаи замон алоқамандӣ дорад. Замон, барои Оянданигарӣ чунин маънӣ дорад, ки

1. Вожаи «ориентатсия» маънии васеътар нисбат ба маънии «оянданигарӣ»-ро дорад, аммо чун яке аз маъниҳои бунёдии он ин оянданигарӣ мебошад, мо ин вожаро ҳамчун оянданигарӣ тарҷума намудем (мутарҷим).

2. Муқоиса кунед ба Вернер Штегмайер. Оянданигарии фалсафӣ. Берлин/ Ню Ёрк: Валтер де Гройтер, 2008. С. 2.

ҳама чизро метавон ҳамеша мавриди дигаргунӣ қарор дод. Чун бисёр чизҳо ҷовидона дигар ҳастанд, пас онҳо бояд худро аз ҷиҳати оянданигарӣ низ ҳамеша дигаргуна созанд. Ба хотири он ки онҳо тавонанд вазифаи худро иҷро намоянд, бояд бо табиати замон мувофиқат намоянд ва он ҷо ки зарур аст, бояд пайваста ба худ тағйири шакл диҳанд. Ҳамон гуна ки дар бунёди ҳама чиз таҳаввул қарор дорад.

5. Зиддиятнокии Оянданигарӣ: Ҳамон гуна, ки идроки замон барои ҳамеша пуртаноқуз аст (ба ақидаи Арасту он ҳамеша як чиз, аммо дар айни ҳол чизи дигар аст), оянданигарӣ низ дар замонмандии худ зиддиятро ба вуҷуд меоварад. Вақте кас мехохад оянданигариро дарк намояд, набояд зиддиятнокиро ҳамчун инзивосозии андеша, балки онро бояд ҳамчун воситаи он қабул намояд.[3] Оянданигарии рӯзмарра

3.Зиддиятнокӣ ё Таноқуз замоне ба вуҷуд меояд, ки фарқиятҳо бо арзиши манфии худ ба худ рӯ меоваранд. Масалан, вақте ки касе мегӯяд: «Тири парвозкунанда ором аст» (ҳаракати тир дар ҳар лаҳзаи муайяни парвоз дар ҳолати ҳаракат нест) ва ё «Ин ҳақиқат аст, ки ман дурӯғ мегӯям (яъне ҳақиқатро намегӯям)». Мафҳумҳо баръакси чизҳое, ки тавассути онҳо ифода мегарданд , безамонии анъанавиро зери шубҳа қарор медиҳанд. Таърихи фалсафа худ нишон додааст, ки мафҳумҳо низ замони худро доранд, яъне муваққатӣ ҳастанд (ин фикрро метавон тавассути дида гузаштани Қомуси Таърихии фалсафа (таҳ.) Ёхим Риттер ва дигарон (Базел/Дармштадт 1972-2007 ) исбот намуд. Фарқияти безамонӣ (мафҳумҳо) ва замоният (он чизе, ки тавассути онҳо ифода мегардад) истифода бурда мешавад, яъне мафҳумҳое, ки ба замон тааллуқ надоранд, дар навбати худ ҳамчун як чизи замонӣ истифода мешаванд, ки худ парадокс ё худ таноқуз мебошад. Баръакси дигар файласуфон, ҷомеашинос Никлас Луҳманн аз парадоксҳо (зиддиятҳо, таноқузҳо) ибое надошт, балки ,баръакс, бо он як муносибати пурмаҳсул менамуд. Муқ. кунед: Тавталогия ва Парадокс дар тасвири азхуднамудаи ҷомеаи муосир (1987), дар: Н.Л. Эътироз. Назарияи система ва ҳаракати иҷтимоӣ, (таҳ.) Кай-Уве Ҳеллманн, Франкфурти Майн 1996, С. 79-106; Таноқузоти тасмимгирӣ, дар: Бойгонии идорӣ 84.3 (1993), 287-310; Стенография ва Ойралистик, дар: Ҳанс Улрих Гумбрехт ва К. Людвиг Пфайфер (таҳ.) Таноқузот, Нобаробариҳо ва Дарҳамшиканиҳо. Вазъиятҳои эпистемологияи ошкор, Франкфурт Майн 1991, 58-82; Дини иҷтимоъ, Андре Кисерлин (таҳ.) Франкфурт Майн 2000, 17 ба баъд, 55, 74, 131 ба баъд, 155 ба баъд. Таҷрибаи Луҳманн чунин буд: бо як тарси иҷборӣ аз таноқузот бархӯрд мешавад, ки он ба як мантиқи худтавсиядиҳӣ оварда мерасонад ва ин чунин маънӣ дорад, ки истифодаи кодҳо ба худи кодҳо якҷоя иҷро намегарданд (Мазҳаби ҷомеа, 70 ба баъд). Боз: аз замони Нитше сар карда, то ба Ҳайдеггер ва Деридда бо таноқузот бо як шеваи тамоман дигар бархӯрд шудааст. ...Таноқузот мавриди канораҷӯӣ ё сарфи назаркунӣ қарор нагирифтаанд, балки муаррифӣ мегарданд. Онҳо ҳамеша бо як забони аҷиб мавриди ифодагардонӣ қарор гирифтаанд.(Муқ. кунед: Никлас Луҳманн, Ҷомеаи ҷомеа, Франкфурт Майн, 1997, 91). Суоли ҳамешагӣ чунин аст: Кӣ боварии бо таноқузот бархӯрд карданро дорад ва онгоҳ кадом фарқиятҳо фаъол мегарданд, то ин ки ба онҳо тавсеа бахшанд (Луҳманн, Мазҳаби ҷомеа, 118). Луҳманн эҳтимол дорад, ки мураккабии алоқаи ҷомеаи

бо зиддиятнокиҳо ба осонӣ канор меояд, андешаи илмии бо гуфтор мутааллиқгардида бошад, бо зиддиятнокӣ бо мушкилӣ канор меояд. Аммо андешаи илмӣ низ ба оянданигарии рӯзмарра такя мекунад.[4] Ҳамин тавр, як азнавоянданигарӣ дар андешаи андеша зарурӣ мебошад.

6. Адами итминон дар оянданигарӣ: Оянданигариҳои рӯзмарра ҳамеша зери фишори замон мебошанд, он фишоре, ки дар ҳар як вазъият бояд сареъ амал намуд, то ки таслими он фишор нагардид. Дар зери фишори замон як вазъият на бо итминони мутлақ, балки бо итминони муваққатӣ аз худ карда мешавад. Ҳамин гуна оянданигарӣ ҳамеша бо адами итминон ва ё шубҳанокӣ низ алоқамандӣ дорад: он мавқеиятҳои то ҳол бадастнаомада метавонанд роҳро ба як оянданигарии тоза ҳамвор созанд. Бо хотири он ки оянданигарии рӯзмарра ба даст ояд, бояд фалсафа худро ба ҷойи боварӣ ҷойгузини адами итминон ва ё шубҳа намояд.

7. Возеҳияти оянданигарӣ: Боввариҳои қаблина барои даст ба амал задан кифоят менамоянд. То он ҷое, ки онҳо дар амал собит, возеҳ ва қобили қабул мегарданд. Қобили қабул гуфта он чизеро мефаҳманд, ки як чиз худ аз худ ва бидуни саволгузорӣ ва асосноккунии иловагӣ пазируфта шавад. Ҳамаи саволҳо барои асоснокгардонӣ дар чизҳои қобили қабул ба анҷом мерасанд ва ҳамаи асосноккуниҳои гуфторӣ маҳз аз он сар мезананд. Оянданигариҳои фалсафӣ низ ниҳоятан дар асоси возеҳиятҳо ба вуҷуд меоянд.

## 2. Чаро ҳоло як оянданигарии фалсафӣ зарурат дорад?

1. Мавқеиятнокии фалсафа: Фалсафа бо даъвии илмӣ исрор дорад, ки дигар ҳеҷ гуна ҳақиқат ва ё арзиши мутлақ вуҷуд надорад. Фалсафа бояд суол намояд, ки он чӣ гуна ба ин мавқеият ва ё оянданигарии

---

муосир як ҳодисаи таърихан бесобиқа ва боварнакарданӣ бошад (Стенография ва Ойралистик, 59).

4. Ин ба Волфрам Ҳогребе даст додааст, ҳамчунин Готтлоб Фреге ҳамчун шоҳид «ба муқобили «объективизм»-и интранспеаренӣ даъват кардааст» (Волфрам Ҳогребе, Туи тира, дар: Ҳақиқати андеша. Маърӯзаҳо ба Ҳайдеггер-профессур , таҳиякунандагон Йенс Ҳалфвассен ва Маркус Габриел (Пажӯҳишҳои Ҳайделберг. Ҷилди 34), Ҳайделберг, 2007, 11-35.

фалсафӣ расидааст. Ҷавоб ба инро фақат фалсафаи оянданигарӣ дода метавонад. Сухан сари он меравад, ки ҳар як оянданигарӣ аз як нуқтаи назар оғоз мегардад ва ҳамин тавр, ҳар як оянданигарии фалсафӣ низ. Нуқтаи назарҳои фалсафӣ ин шабакаҳо ё бофтаҳое аз возеҳиятҳо мебошанд.

2. Фарҳангияти фалсафа. Аз замони Монтескиё ва Ҳердер маълум гардидааст, ки фарҳангҳои гуногун аз возеҳиятҳои гуногуне пайравӣ менамоянд. Фалсафа имрӯз бештар ба як амали байнифарҳангӣ машғул аст,[5] фарҳангҳои дигар низ оянданигариҳои фалсафии дигарро омода менамоянд. Як оянданигарии фалсафӣ оянданигариҳои фарҳангиро бо ҳам меоварад ва онҳоро дар алоқамандӣ қарор медиҳад.

3. Худ аз худ фаҳмоияти мафҳуми оянданигарӣ: Фарҳанг он чизест, ки дар замони худ худкифо ва худ аз худ фаҳмо гардидааст.[6] Дар навбати худ, мафҳуми оянданигарӣ низ худ аз худ фаҳмо мебошад. Дар ин байн ин мафҳум зуд-зуд бидуни он ки худи онро асос қарор диҳанд, барои муайян намудани дигар мафҳумҳо ва мавқеиятҳои фалсафӣ истифода мегардад. Агар ин як вазифаи фалсафа бошад, ки чизҳои маълум ва фаҳморо дар асоси возеҳияти онҳо мавриди суол қарор диҳад, пас як оянданигарии фалсафӣ ҳатмӣ мебошад.

4. Хусусияти истиоравии мафҳумият дар оянданигарӣ: «Оянданигарӣ ё худ Ориентатсия» як истиораи ҷуғрофӣ мебошад. Маънии он чунин аст: «чизеро ба он ҷо, ки офтоб мебарояд, рост кардан» (калимаи лотинии орири (oriri)). Ҳадаф аз он чиз калисоҳо ва харитаҳо буданд ва дар ин байн дигар аксари калисоҳо ва тамоми харитаҳо ба сӯйи шарқ самти худро равона намекунанд. Аммо истиораи «ориентатсия» аз он ба баъд боқӣ мондааст. Он низ дигар тавассути мафҳумҳои ғайриистиоравӣ ҷойгузин нагардидааст. Аз ин лиҳоз, он як истиораи

5. Муқ. кунед: Георг Штенгер, Фалсафаи байнифарҳангӣ. Таҷриба ва ҷаҳонҳо. Як таҳлили падидоршиносона, Фрайбург/Мюнхен 2006. Назари Штенгер дар мавриди фалсафаи байнифарҳангӣ бо назари Кант мувофиқат менамояд.

6. Муқ. кунед: Штегмайер, Фалсафаи оянданигарӣ, С. 501, 527 ба баъд.

мутлақ мебошад.[7] Чунин истиораҳои мутлақ ҳамчунин мафҳумҳое аз қабили «нуқтаи назар», «уфуқ», «перспектива», «нуқтаи такягоҳ» ё «макони озод», ки барои таърифи оянданигарӣ истифода мешавад. Аз ин ҷо мафҳуми мафҳум худ бояд аз нав муайян карда шавад.

5. Мафҳуми мафҳум дар як оянданигарии фалсафӣ: Мафҳуми фалсафаи анъанавии мафҳум дар гуфтор оянданигарӣ мегирад. Он бояд аз рӯйи имкон муайян карда шавад, ки дар худ чиро ифода менамояд. Баръакси он, оянданигарӣ аз ҷиҳати сохторӣ фазои холиро барои дар бар гирифтан муҳайё месозад. Таваҷҷуҳ ба як чиз ё касе равона карда мешавад, ба сӯйи ӯ, бидуни он ки ба сӯйи он тамоиле вуҷуд дошта бошад, самтгирӣ ва мушоҳида карда мешавад ва ё онро ҳамчун нуқтаи такягоҳ, ки аз он худро дар фосила нигоҳ медорад ва бардоштҳо ҳифз карда мешаванд. Ҳамин тавр, мушоҳида мегардад, ки ҳар як вазъият, ки дар он ва бар рӯйи он самтгирӣ карда мешавад, дигаргуна мебошад. Ин фарқиятҳо бояд бо мафҳумҳое мувофиқат намоянд, ки тавассути онҳо самтнигарӣ карда мешаванд. Мафҳуми мафҳум дар фалсафаи оянданигарӣ ин истифодаи мафҳумҳо дар фазои озод мебошад.

6. Мафҳуми озодӣ дар оянданигарии фалсафӣ: Як фалсафаи оянданигарӣ бояд ҳамчунин дар андеша ва амал ва пешбинии як давлати қонунии дорои зиндагии якҷоя бошад, на як тарҳрезии метафизикӣ ва трансденталӣ. Фалсафаи оянданигарӣ бояд ҳамчун озодии фазои озод фаҳмида шавад. Ҳадафи мо аз фазои озод ин сарҳадҳои муназзами муносибатҳои номуназзам мебошад.[8] Ҳамчун шаҳрванди як давлати ҳуқуқӣ инсон дар ҳудуди қонунҳои ҳуқуқӣ, ҳамчун мавҷуди ахлоқӣ инсон дар ҳудуди арзиш ва нормаҳои ахлоқӣ ва ҳамчун мутафаккир инсон дар ҳудуди стандартҳои мантиқӣ ва фаннӣ озод аст. Дар оянданигарӣ ҳамон андоза озодӣ вуҷуд дорад, ки дар фазои озод вуҷуд дорад, бидуни он ки озодиҳоро ба як озодӣ табдил диҳанд, ки дар ин маврид озодӣ ба як фаҳмиши метафизикӣ ва трансденталии фаросӯйи оянданигарӣ табдил мегардад.

---

7. Муқ. кунед: Ҳанс Блуменберг, Парадигмаҳо ба як Истиорашиносӣ (1960, Нашри нав), Франкфурт Майн, 1998. Блуменберг кӯшидааст, ки мафҳумияти Оянданигариро талқин намояд, аммо онро дар Парадигмаҳои худ дохил накардааст.

8. Муқ. кунед: Штегмайер, Фалсафаи оянданигарӣ, С. 221.

7. Мафҳуми ҳақиқат дар оянданигарии фалсафӣ: Ҳақиқат низ ҳамвора ҳақиқат дар як оянданигарӣ, аз нуқтаи назари як оянданигарӣ, дар уфуқи як оянданигарӣ ва дар иртибот бо перспективаи он мебошад. Як чиз танҳо то он замон ҳамчун ҳақ мавриди қабул аст, ки чизе дар муқобили он қарор нагирад ва бо он зиддият наварзад. Ҳақиқат низ дорои намудҳои гуногун мебошад, то вақте ки онро ба як ҳақиқати мутлақ маҳкум намекунанд. Як ҳақиқат аз дигар ҳақиқатҳо дар оянданигарии онҳо ҷудо карда мешавад ва ҳамин тавр, умумӣ мегардад. Ҳақиқатҳо ҳамеша барои нафарони алоҳида ҳастанд. Ҳамеша ин имкон вуҷуд дорад, ки ба ҷонибдорӣ ва ё бар зидди онҳо қазоват намоем.

### 3. Оянданигарии фалсафӣ бо чӣ оғоз меёбад?

1. Рене Декарт: Декарт бо тамоми огоҳӣ кӯшидааст, ки ба фалсафа ояндаи нав диҳад. Дар ин маврид ӯ корро аз вазъиятҳои парадигматикии адами оянданигарӣ оғоз кардааст. Масалан, дар асари «Дискурси метод» аз роҳгумзадае дар ҷангал, ки равиши роҳи наҷотро ҷустуҷӯ мекард ва дар «Медитатсияҳо» бошад, аз нафари дар гирдоб ғарқшавандае сухан мегӯяд, ки дар такя бар қувваи худ такягоҳеро бояд пайдо намояд.[9] Декарт ақлро танҳо дар иртибот бо худ баррасӣ мекунад, ки дар он ҳамаи Боварӣ ва Ҳақиқат бояд андозагирӣ гардад.

2. Блайзе Паскал: Паскал вазъияти бунёдии инсони «раҳгумзада»-ро ҳамчун бетакягоҳ дар байни «нотамомии дугона»-и ҷаҳони бузурги беохир ва ҷаҳони хурди беохир қаламдод кардааст: «Мо аз як маркази васеъ ронда мешавем, ҳамеша бо адами итминон ва калобандагӣ, аз як анҷом ба дигариаш бармехӯрем. Ҳар як нуқтаи сарҳадӣ, ки умеди мо бар такя задан ва қарор гирифтан бар он аст, албонҷ мехӯрад ва худро аз мо дур мегирад ва, вақте ки мо онро дунболагирӣ мекунем, аз кӯшишҳои бадастдарории мо фирор менамояд, моро фиреб медиҳад ва ба гурези ҷовидонагии худ идома медиҳад. Танҳо нестӣ дар ихтиёри мо

9. Декарт, Дискурсҳо дар бораи метод, қисмати 3, боби 3; Медитатсияҳо 2, Боби 1-ум.

қарор мегирад».[10] Дар зери бори як номуайянии амиқ ниёз ба боварӣ ва такягоҳ ба оянданигарӣ танҳо онгуна иҷро карда мешавад, ки дар номуайянӣ такягоҳ пайдо намудан коркард карда шавад.

3. Мусо Менделсон: Равшангари маъруфи яҳудӣ Менделсон аз ҷониби масеҳии даъвогар Фридрих Ҳайнрих Якоби пеш аз алтернативаи масеҳият дар байни ақл ва имон гузошта мешавад. Менделсон худро аз таъсири он мераҳонад, чун ӯ мафҳуми ҷуғрофии худоянданигарӣ карданро ба тариқи истиоравӣ дар фалсафа қабул менамояд. Дар фалсафа дар назди чунин қазоват қарор мегирад, аз як тараф, самти ақли спекулативӣ ҷониби зеҳни солими инсон равона мегардад ва, аз дигар тараф, зеҳни солими инсон тавассути ақли спекулативӣ ислоҳ карда мешавад. Дар ҳар ду маврид низ андеша самти худро бидуни итминони ниҳоӣ ба худии худ равона месозад.

4. Иммануел Кант: Кант дар бахши «*Дар андеша оянданигарӣ кардан чӣ маънӣ дорад?*» мафҳуми худоянданигариро истифода намудааст, аммо ин шеваи истифодаи худро дар «Нақди хиради ноб» ислоҳ ва онро танҳо дар доираи нақди ақли амалӣ маҳдуд намудааст. Ақл набояд ба зеҳни солими инсон, ки дорои маҳакҳои кофӣ нест, руҷӯъ намояд, балки танҳо тавассути худ худро маҳдуд созад. Ба ҷойи он бояд ҳамчун бидуни шарт ва дар ин маврид ҳамчун озод фаҳмида шавад. Ҳамчун бидуни ҳеҷ гуна қайду шарт он аз ҷиҳати назарӣ табиатро аз банди ҳама гуна шароитҳо раҳо месозад, аммо аз ҷиҳати амалӣ он бояд зери таъсири ин гуна шароитҳо таъсир расонад. Он наметавонад ҳатто як маротиба фарқияти чап ва рост, оғози ҳама гуна оянданигариҳои макониро аз мавқеияти марбута муайян намояд ва аз ҷаҳони таҷрибӣ ҳеҷ вақт наметавонад дониши объективӣ ба даст оварад. Ин «нуқс» онро водор ба ниёз ба оянданигарӣ мекунад. Ақли муҳтоҷ барои оянданигарии амали ахлоқӣ «қутбнамо»-и императиви категориявӣ ва «ақлонияти холис»-ро барои як худои одил доро мебошад. Дар ин ҷо «ниёз ба мулоҳиза» қарор дорад. Кант шартҳои оянданигариро дар амали воқеӣ ба тариқи густурда озод гузоштааст.

### 4. Ба чӣ васила Нитше як оянданигарии фалсафиро пиёда сохтааст?

10. Паскал, Пенсес,№. 199/72 ва№ 101/324.

1. Фардигардонии ақл: Ҳангоми шарҳдиҳии ақле, ки ба умум тааллуқ дорад ва ақле, ки марбут ба худ аст, Кант ақлро ба хусусӣ ва «ақли бегона» тақсим менамояд.[11] Он чизе ки ба дигарон возеҳ ва равшан аст, набояд барои ман низ аллакай равшан бошад. Ман метавонам ба худ возеҳияти онҳо, аммо танҳо дар асоси ақли худ ва возеҳияти он возеҳ гардонам.[12] Нитше барои худ ҳадаф гузоштааст, ки маҳз аз ақли фардӣ назари худро оғоз намояд. Ӯ он ақлеро, ки Кант дар назар дошт, ҳамчун «ақли кучак» шинохтааст, ки «восита ва бозича»-и «ақли бузург», яъне ҷисми инсон мебошад ва тавассути ҷисм он таъсир мепазирад, аммо аз сабаби мураккабии худ он наметавонад ба пурраги фаҳмида гардад.[13]Дар ояндаанигарии худ он аз ғайриқобили фаҳмбудагии худ вобаста мебошад.

2. Феноменализм ва Перспективизм: Нитше аз мафҳуми ояндаанигарӣ дурӣ гирифтааст.[14] Аммо ӯ фалсафаи худро «феноменализми махсуси преспективизм» номидааст.[15] Пас аз он ҳамаи он чизе, ки дар худ зуҳур мекунад, падидор дар перспективаи фардӣ ва ояндаанигарии фардӣ мебошад. Баръакси Протагор, Спиноза, Лейбнитс ва Кант, ки дар падидоршиносӣ ва перспективизми онҳо ӯ сарчашмаи ақидаи худро мебинад, Нитше дақиқан ба ҷанбаи фардии перспективизм ва ҳамчунин идроки падидорҳо мутамарказ мегардад.[16]

3. Таҷрибаи шубҳа: Нитше ба файласуфон тавсия медиҳад, ки шубҳаро на ҳамчун як чизе, ки аз он гурез нест, қабул намоянд, балки онро ҳадафмандона дунболагирӣ намоянд, то ин ки ба ояндаанигарии худ уфуқҳои навро боз намоянд ва дар он худро озмоиш гузаронанд,

11. Муқ. кунед: Ё. Симон, Кант. Ақли бегона ва забони фалсафа, Берлин/ Ню Ёрк 2003.

12. Дар ин маврид Кант се «максими зеҳнии умумиинсонӣ»-ро пешниҳод намудааст: «1. Худандешӣ; 2. Ба ҷойи каси дигар андешидан; 3. Ҳар бор бо худ равшан андшидан» (Кант, Нақди қобилияти муҳокимаронӣ, § 40, AA V, 294).

13. Муқ. кунед: Нитше, Чунин гуфт Зардушт I, Дар бораи хордорандагони тан.

14. Он ки ин мафҳум барои Нитше маъмул буд, як қайд далел мешавад, ки дар он ӯ суол менамояд, оё «ҳадаф», ки бо мақсади он ман амал менамоям, фақат як нишонаи зуҳури як амал нест, «як нишонаи дар огоҳӣ партофташуда, ки дар Ояндаанигарии мо хидмат менамояд» (Осор 1886/87, 7[1], НИО 12, С. 248).

15. Нитше, Ҳикмати шодон, 354.

16. Муқ. кунед: Нитше, Осор 1881, 11[156], НИО 9.500; ҲШ 3, 348,363,370,380; ТА (Таборшиносии Ахлоқ) II 12, ТА III; СБ (Сукути бутон), Масъалаи Суқрот 4; СБ, Ақл дар фалсафа 1 ва 4, Ахлоқ ҳамчун зидди табиат 6, ЭҲ (Эссе Ҳомо), Чаро ман чунин китобҳои хуб менависам 2, Чаро ман як сарнавиштам 7.

ки ба чӣ қадар шубҳа ва адами итминон тоб овардаанд. Файласуфон бояд худро ба «баҳри озод» бубахшанд ва «ба баҳрҳои нав» қадам ниҳанд. Дар «хушҳолӣ дар X» , яъне чизи номаълум метавонанд онҳо «як саодати нав»-ро пайдо намоянд. Вазифаи шинохти фалсафӣ на ба мисли ҳаёти рӯзмарра ва илм ошно гардонидани чизи ношинохта, балки танҳо дунболи чизҳои ноошно гардидан мебошад.[17]

4. Ҳамчун бофтаҳои возеҳияти худ бегонатарин метавонад худро ҳамчун маълум ва худ аз худ фаҳмои ба чашм намоён пешниҳод намояд.[18] Онҳо аз «зарурат», «эҳтиёҷ» ва «дард» сарчашма мегиранд ва файласуфон дар ин мавридҳо худро пинҳон менамоянд, то ки ба забони оммафаҳм сухан гуфта тавонанд. Возеҳияти афкори файласуфон на мантиқан, аз эҳтиёҷоти онҳо сарчашма мегирад, балки инҳо ҳадсзаниҳое мебошанд, ки ҷанбаи психологӣ доранд. Ҳамчун дарёфтнамоӣ эҳтиёҷи психология «аз ин пас боз ҳам роҳ ба сӯйи проблемаҳои бунёдӣ» мебошад.[19]

5. Андешаи худкифои бидуни Субъект: Эҳтиёҷоти эвристикии ёбандаи як фалсафаи феноменологӣ ва перспективистӣ ва ё оянданигарие, ки фақат аз худашон зуҳур мекунанд. Дар як вақт онҳо монеъ мегарданд, ки ин эҳтиёҷҳоро ба тариқи трансенденталӣ ба ихтиёри субъекти бидуни эҳтиёҷ вогузоранд. Нитше ба метафизикаи субъект, ки аз трансформатсияи интиқодии Кант дар фалсафаи трансенденталӣ сарчашма мегирад, зарбаи ҷонкоҳ задааст. Худии як оянданигарӣ ин, яъне як оянданигарӣ танҳо бо возеҳияти худ мебошад.[20]

6. Андешаи таҳаввулпазир: Нитше андешаро ҳамчун «аппарати соддагардонӣ» қабул кардааст, ки воқеиятҳои мураккаби ғайриқобили тавсифро дар асоси эҳтёҷоти дарозмуддат ва ҳаяҷонҳои кӯтоҳмуддаташ ҷобаҷо мекунад. Пеш аз оне, ки дар огоҳӣ пайдо шаванд, андешаҳо худ худашонро меофаранд ва аз он ҷо ба тариқи эволютсионӣ дар як раванди мураккаби Иродаи қудрат зоҳир

17. Муқ. кунед: Нитше, ҲШ, Муқаддима 3, 343,355.
18. Муқ. кунед: Нитше, ТА, Муқаддима.
19. Муқ. кунед: Нитше, Фаротар аз нек ва бад (ФНБ) 23.
20. Муқ. кунед: Штегмайер, Фалсафаи оянданигарӣ, 293-302.

мегарданд.[21] Ҳамин тавр, ҳамаи мафҳумҳо хусусияти муваққатиро касб мекунанд, ҳақиқат аз чизе ин рӯйиҳамафтии равандҳои зиёд ё ками дар бунёд рухдиҳанда, кам ва ё беш аз ҳамдигар вобастабуда ва дар он раванди чирагии ҳамешагӣ ба вуқӯъ мепайвандад. [22]

7. Таноқузот ҳамчун воситаи андеша: Барои он ки фалсафарониро аз банди догмагардӣ озод нигаҳ дорад, Нитше ҳадафмандона фалсафаи худ ва бегонаро ба тавталогия ва таноқузот ҳидоят менамояд. Намунаҳо шарҳдиҳии трансенденталии Кант мебошад («Чӣ гуна қазовати синтетикӣ ҳамчун априорӣ имконпазир мебошад? Суол мекунад Кант аз худ, - ва аслан, ӯ чӣ ҷавоб медиҳад? Тавони як тавоноӣ») ва истифодаи мафҳуми Ирода аз ҷониби худи ӯ мебошад («Умумӣ – ботинӣ / 1. -ҳама чиз ирода муқобили ирода мебошад / 2. Дар асл, ҳеҷ гуна иродае вуҷуд надорад»).[23]

8. Хусусияти истиоравии мафҳум: Он гуна ки навиштаи нашрнашуда ва барвақтии Нише бо номи «Дар бораи ҳақиқат ва дурӯғ дар маънии фаротар аз ахлоқии он» собит мегардонад, нишон медиҳад, ӯ ҳанӯз аз оғоз аз ҷанбаи истиоравии мафҳум ҷонибдорӣ намудааст. Вобаста ба он, истиораҳо ва маънии онҳо ҳамеша тағйирпазир боқӣ мемонанд, онҳо на он чизе ҳастанд, ки дертар аз ҷониби мафҳумҳо сохта мешаванд, балки баръакс, мафҳумҳо бо мурури вақт истиораҳои шахшудамонда мебошанд.

9. Умумигардонии забонии таҷриба ва андеша: Забонҳо низ ба андозаи эҳтиёҷоти худ инкишоф меёбанд, бахусус онеро, ки дар ҳолати зарурат сареъ ва осон метавон фаҳмид. Онҳо як фаҳмиши умумии «ҷаҳони сатҳӣ ва аломатҳо», як ҷаҳони умумӣ ва нишонаҳоро меофаранд, ки дар гуфтори онҳо таҷриба ва андешаи фардӣ барҳам мехӯрад, зеро танҳо тавассути он ҷаҳони умумӣ ва нишонаи барои ҳама фаҳмо метавон вуҷуд дошта бошад.[24]

21. Нитше, Осор 1885, 34 [49], НИО 11.505; 38 [1], НИО 11.598 ба баъд; 38 [2], 11.597. Муқ. шавад дар ин маврид ҳамчунин ба Штегмайер, Аломатҳои Нитше, дар: Нитшешиносӣ 29 (2000), 41-69.
22. Нитше, Таборшиносии ахлоқ II 12
23. Нитше, Фаротар аз нек ва бад 11; Осор 1886/87, 5 [9], НИО 12. 187. Муқ. кунед: Ҳолгер Шмид, Шинохти фочиавии андешаи Нитше, Вуртсбург, 1984.
24. Нитше, Фаротар аз нек ва бад 286, Ҳикмати шодон 354.

10. Умумифаҳмии ахлоқии андеша ва амал: Забонҳо дар фаҳмиши сареъи худ дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамеша ахлоқро низ дар бар гирифтаанд. Онҳо аз бунёд андеша ва амалро ахлоқӣ мегардонанд ва бо ҳам созиш медиҳанд. Бунёди ҳама гуна андеша на қонунҳои мантиқӣ, балки возеҳияти ахлоқӣ мебошад. Асоси ахлоқи масеҳӣ-европоиро зиддияти як худи аз худӣ орӣ ва як субъекте, ки дар андеша ва амали худ ҳамеша бояд аз худ чашм пӯшад, ташкил медиҳад. Барои он ки ин зиддият ошкор гардад, Нитше фитнаангезона ба худии аз худӣ орӣ он худиеро, ки табиатан, аз худ нигарон ва худхоҳу худпараст мебошад, муқобил мегузорад. [25]

11. Оянданигарии ахлоқӣ ба «Шӯру ҳаяҷони фосила»: Интизории Нитше аз «талаботи ҳамешагӣ ба як вусъатпайдокунии фосила дар маҳдудаи як равон» ва аз «офаридани ҳолатҳои ҳамеша болотар, махсустар, дуртар, беҳад кунҷковтар ва ҷомеътар» ин «боло бурдани навъи инсон» ва «чирагии пайвастаи инсон бар худ» буд, то ин ки як мавҷуди ахлоқӣ дар маънии фаротаразахлоқӣ фаҳмида гардад.[26] Дар танокузи мафҳуми ғайримафҳумии ҳаяҷон аз фосила Нитше ҷудогардии оянданигариҳоро дар оянданигариҳои онҳо аз нуқтаи назарҳои мавҷуда мефаҳмид.[27]

12. Соҳибихтиёрии оянданигарӣ: Ба ақидаи Нитше, фардҳо дар оянданигариҳои худ аз ҷиҳати амалӣ ва ахлоқӣ соҳибихтиёр мебошанд, вақте ки онҳо сахт ба худ такя менамоянд[28] дар асоси фаҳмиш ва масъулияти худ ҳадафҳои худро дунболагирӣ мекунанд ва ҳамин гуна аз нуқтаи назари прагматикӣ ва ахлоқӣ бо боварӣ ва осон бар ғайримунтазиратарин вазъиятҳо низ ғолиб меоянд, ки дигарон аз оянданигарии онҳо мутаассир мегарданд. Чунин «рӯҳҳои қавӣ, комил ва муътамад»[29] ҳар гуна вазъиятро ба даст меоваранд ва меомӯзанд, ки перспективаҳои худро дар асоси ниёз ва ҳадафҳои худ дар пешорӯ

25. Муқ. кунед: Нитше, Панҷ муқаддима. Мусобиқаи Ҳомер, НИО 1. 789 ба баъд;Инсонӣ азҳадзиёд инсонӣ II 285; Сапедадам 552; ҲШ 21, 55, 328, 335; Чунин гуфт Зардушт 3, Дар бораи се бад 1 ва 2; Сукути бутон, 33 ва 35; ЭҲ, Чаро ман чунин ҳушмандам 9 ва 10, Чаро ман як сарнавиштам 7.
26. Нитше, Фаротар аз нек ва бад, 257.
27. Муқ. кунед: Штегмайер, Фалсафаи оянданигарӣ, 361-459.
28. Нитше, ҲШ 345.
29. Ҳамон ҷо.

дошта бошанд ва ҳамин тавр, онҳо «фоидабахш гардонидани гуногунии перспективаҳо ва тафсирҳои ҳаяҷонангез барои маърифат»-ро мефаҳманд.[30]

**5. Чаро аз замони Нитше ба пас вазъияти фалсафа дигаргун мегардад?**

1. Поёноварии интизориҳо аз файласуфон, вусъатбахшии соҳа ва фалсафаро ба як фанни методӣ табдил додан: Пас аз ниқоббардорӣ аз «ошкорсозии ахлоқи масеҳӣ», ки зуҳури «як фоҷеаи воқеӣ»-ро дар он медид, Нитше аз файласуфони асил як «қонунгузорӣ»-и нав барои замони «сарварии инсон бо тамоми бузургӣ бар замин»-ро интизор дошт. Онҳо бояд дар як вақт «як таълими олии инсоният»-ро фароҳам оваранд, ки барои қабули чунин вазифа инсониятро омода созад. Пас аз он файласуфон бояд мафҳуми нави инсон ва мақоми ӯ дар ҷаҳонро ба вуҷуд оваранд, он мафҳумҳо он гуна равшан ҳастанд, ки ба инсон дар ояндаангарии умумиҷаҳонии ӯ такягоҳи муътамад фароҳам меоваранд ва ҳамин тавр, он мафҳумҳо «сарнавишти инсоният» мегарданд.[31] Имрӯз интизориҳо аз фалсафа сода мебошанд. Фалсафа дар ин байн қисман бо худи Нитше иртибот дорад, соҳаҳои он худро дар асоси саволҳои бунёдии зиндагии рӯзмарра, вуҷуди инсон, фарҳанг ва иртиботи байнифарҳангӣ ва равишҳои он дар Падидоршиносӣ, Герменевтика, Таборшиносӣ ва таҳлили мантиқии забон густариш додаанд. Фалсафа худро ба қитъаҳо ҷудо ва соҳибметод гардонидааст ва ҳамин тавр, худро ба як фанни илмӣ монанд гардонидааст. «Бадбинии диогенисӣ»-и Нитше дорои як некбинии нав бо номи «амали фалсафӣ» мебошад, ки худи ӯ онро латифгардонӣ номидааст.[32]

2. Дурӣ ҷустан аз таълимоти машҳури Зардушт: Новобаста аз таҷрибаҳои фоҷиавии асри 20-ум, дар асри 21-ум нигилизм чандон

30. Нитше, Инсонӣ беҳадзиёд инсонӣ, Пешгуфтор 6; Таборшиносии ахлоқ III 12.- Бисёр кам нафарон дар Ориентатсияи фалсафаи худ мустақил гардидаанд ва Волфрам Ҳогребе яке аз чунин нафарони ангуштшумор мебошад.

31. Нитше, Эссе Ҳомо, Чаро ман як сарнавиштам 8; Фаротар аз нек ва бад 211; Инсонӣ беҳадзиёд инсонӣ I 247; Эссе Ҳомо, Сукути бутон 4. Муқ. кунед: Ферф, Сарнавишти Нитше? Ба хударзишгузории Нитше ҳамчун сарнавишти фалсафа ва инсоният (Эссе Ҳомо, Чаро ман як сарнавиштам 1), дар: Нитшешиносӣ 37 (2008), 62-114.

32. Нитше, Ҳикмати шодон 370; Фаротар аз нек ва бад 211.

ҳамчун зарурат мушоҳида намегардад ва аз файласуфони намунавӣ мушкилӣ ба вуҷуд оварда намешавад; новобаста аз таъсири зиёди Нитше ба адабиёт, ҳунар, мусиқӣ, сиёсат, дин, илм, фалсафа ва ахлоқ ҳеҷ кас аз радифи таълимоти машҳури ӯ, аз қабили Абаринсон, Иродаи қудрат ва Бозгашти ҷовидона пеш нарафтааст. Ҳамчун тафсиргари сермаҳсули Нитше Ҳайдеггер ин таълимотҳоро бар хилофи огоҳсозиҳои худи Нитше, ба як системаи метафизикии нав ворид сохтааст, ки системаҳои метафизикии гузаштаро комил мегардонад.[33] Аммо Нитше мегузорад, ки Зардушти ӯ бо таълимоти машҳури худ ба мақсад нарасад – ҳамаи онҳо хато фаҳмида мешаванд[34] -- худи ҳамаи ин таълимотҳо ба ғайр аз «Чунин гуфт Зардушт» дар асарҳои дигараш инкишоф наёфтаанд. Назари куллии худро дар мавриди андешаҳои матраҳгардонидааш, ки ӯ 10-уми июни 1887 пеши назар дошт ва «Нигилизми урупоӣ» ном ниҳода буд, бо чунин савол ҷамъбаст кардааст: чӣ гуна пурқудраттаринон ва миёнаравтаринон, ки ба ҳеҷ гуна бовариҳои ифротӣ ниёз надоранд, ба осонӣ дар «бозгашти ҷовидона» андешида мешаванд?[35] Нитше он ва андешаи Абаринсонро дар асарҳои дигар мавриди пайгирӣ қарор надодааст[36] ва танҳо дар таборшиносии андешаҳои худ, яъне дар «Эссе Ҳомо» ба онҳо муроҷиат намудааст. Он гуна ки худи ӯ қайд мекунад, ӯ ба ин «зиддимафҳумҳои қавӣ, неруи дурахшонкунандаи ин зиддимафҳумҳо ниёз дошт, то ин ки ба бунёди ҳар як вартаи саҳлангорӣ ва дурӯғ, ки то ин замон ҳамчун ахлоқ шинохта мешуд, рӯшанӣ андозад».[37]

33. Мартин Ҳайдеггер, Нитше, иборат аз 2 банд, Пфуллинген 1961. Муқ. кунед: Штегмайер, Ҳамҷоягардонӣ бо Нитше I – Тафсири метафизикии як зиддиметафизик, дар: Ҳайдеггер – китоби рӯйидастӣ. Ҳаёт – Осор – Таъсир, таҳ. Дитер Томе, Штутгард/Ваймар 2003, 202-210 ва Нитше аз диди Ҳайдеггер, дар: Ҳайдеггер- маҷаллаи солона, Қисми 2-юм: «Ҳайдеггер ва Нитше» таҳ. Алфред Денкер, Марион Ҳайнтс, Ҷон Саллис, Бен Веддер, Ҳолгер Заборовски, Фрайбург 2005, 321-336.

34. Нитше Зардуштро ба бозор мефиристад, ки дар он ҷо ӯ таълимоти Абармардро эълон мекунад ва мавриди хандахариш қарор мегирад. Чун Зардушт бо андаке аз дӯстон ба қафо бармегардад, ӯ огоҳ мешавад, ки онҳо ӯро хато фаҳмидаанд ва бо ҳайвонҳои худ ба гуфтугӯ мепардозад, ки онҳо низ ӯро фаҳмида наметавонанд.

35. Нитше, Осор 1886/87, 5 [71], НИО 12.217.

36. Дар мавриди Абаринсон Нитше дар Таборшиносии ахлоқ I 16, Суқути бутон 37 ва Даҷҷол 4 ҳамчун «як навъи абаринсон» низ сухан гуфтааст.

37. Нитше, Осор 1888, 23 [3] 3, НИО 13. 603.

3. Маънии танқидии таълимоти машҳури Зардушт барои як оянданигарии фалсафӣ: «Танқидӣ» ҳамчун «зидди мафҳум» фаҳмида мешавад, мафҳумҳои Абаринсон, Иродаи қудрат ва Бозгашти ҷовидонаи ҳамон оянданигарии фалсафиро озод месозанд, он гуна ки онҳо вуруд ба оянданигарии фалсафиро тарҳрезӣ менамоянд.[38] Мафҳуми Абаринсон ба таҳаввули минбаъдаи инсон ва оянданигарии он даъват мекунад. Абаринсон дар муқобили мафҳуми умумии инсон, ки мехоҳад худро дар асоси сурати худ шакл диҳад, барои он ки худро ҳамчун «охирин инсон» бипазирад ва фаротар аз он дигар фаро рафтан вуҷуд надорад, қарор дорад.[39] Мафҳуми иродаи қудрат ва ё дақиқтар, Иродаҳои қудрат[40] бояд барои мафҳуми мафҳум, умуман фазои озод тағйирёбии маъниҳоро фароҳам оварад. Он дар муқобили собит мондан ва мустақилгардии умумиятҳо дар гуфтор равона гардидааст. Вобаста ба он, ҳаёт ҳамчун низоъи пайваста дар як нуқта собит нест, балки дар ҳар як низоъ бояд ҳаёт ҳамчун қудрати худро аз нав шаклдиҳанда фаҳмида шавад, ки дар он «ҳар як қудрат дар ҳар як лаҳза натиҷаи ниҳоии худро нишон медиҳад». Дар ниҳоят, мафҳуми бозгашти ҷовидонаи ҳамон бо метафизика дар зиддият қарор дорад. Он бояд чизҳоеро ба даст оварад, ки барои як таълимоти метафизикӣ зарурат дорад ва дар ҳамин ниёзмандӣ барангехта гардад. «Ҷовидона» ва «ҳамон» мафҳумҳои метафизикӣ мебошанд, ҳамин тавр, «ҳама чиз » ҷовидона ва ҳамон тавр, бояд аз нав бозгарданд. Дар зери фаҳмиши ориентатсия ҳеҷ гуна *ҷовидона* ва *ҳамон* вуҷуд надорад, қонуни *ҷовидона* ва *ҳамсон* фаротар аз нуқтаи назар, уфуқ ва перспективаҳои ориентатсия мебошад ва «ҳама чиз» аллакай аз Кант ба ин ҷониб дар ҳеҷ гуна ориентатсия қобили фаҳмиш нест. Бо «бозгашт» Нитше замонро вориди метафизика мегардонад. *Ҷовидона* ва *ҳамон* дар як вақт ҳам замонманд ва ҳам орӣ аз замон мебошанд, ки худ дар таноқуз мебошад. Як бозгашти ҷовидона ва дар айни ҳол ҳамони ҳама чиз принсипан ғайриқобили маърифат мебошад. Зеро, агар ҳама чиз ҳамсон бозгардад,

38. Муқ. кунед: Штегмайер, Фридрих Нитше: Чунин гуфт Зардушт, ин: (дар ҳамкорӣ бо Ҳартвиг Франк) Тафсирҳо. Асарҳои асосии фалсафа. Аз Кант то Нитше, Штутгарт 1997, 402-443, такроран таҳти унвони «Зидди таълимот». Саҳна ва таълимот дар «Чунин гуфт Зардушт»-и Нитше, дар: Фолкер Герҳардт (таҳиякунанда), Тафсири классикҳо: Фридрих Нитше, «Чунин гуфт Зардушт», Берлин, 2000, 191-224.

39. Муқ. кунед: Нитше, Чунин гуфт Зардушт, Пешгуфтор 5.

40. Муқ. кунед: Волфганг Муллер-Лаутер, Нитше. Фалсафаи таноқузи ӯ ва таноқузи фалсафаи ӯ, Берлин/ Ню –Йорк, 1971.

бозгашт ҳамчун бозгашт шинохтанашаванда мегардад, дар ғайри ин, бояд як бозгашт аз дигар бозгаштҳо тавассути чизе фарқ намояд, ки дар ин сурат ҳамсон будани он ғайриимкон мегардад. Барои он ки бозгашти ҳама чиз қобили шинохт гардад, бояд ҷаҳон ҳамчун як чизи том ва аз як нуқтаи назар мавриди мушоҳида қарор гирад. Чунин як нуқтаи назари назариявӣ ва ё худогунаро фақат метафизика муаррифӣ менамояд ва дар оянданигарии инсонӣ бошад, он ҳам ғайриимкон ва ҳам ғайризарурӣ мебошад. Ҳамин тавр, андешаи бозгашти ҷовидона ба оянданигарии инсонии ҳамеша дорои мавқеъгирии нав ва инкишофёбанда муроҷиат менамояд.

Аз забони олмонӣ тарҷумаи
доктори фалсафа (PhD) Нуриддин Шаҳобуддинов



***Қоҳирова Гулчеҳра Исроиловна***
*доктори илмҳои физикаю математика*

## АСТЕРОИДИ ЭҲТИМОЛАН ХАТАРНОКИ 2014JO25 ВА МУШОҲИДАИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Астероиди наздизаминии 2014JO25 соли 2014 кашф карда шудааст. Баъди муайян кардани мадор маълум гардид, ки астероид ба Замин ба масофаи минималӣ наздик шуда метавонад, аз ин сабаб он ба гурӯҳи объектҳои ба Замин хатари эҳтимолӣ дошта дохил шуд. Ин астероид яке аз астероидҳои калонтарин ҳисобида мешавад, ки андозаи он ба 1.4 км баробар аст. Суръати ҳаракати астероид дар фазои байнисайёравӣ зиёда аз 33 км дар як сония мебошад, ва ин суръат барои астероидҳо бениҳоят баланд ҳисоб мешавад.

Масофаи наздиктарини астероид ба Замин ба рӯзҳои 18-24 апрели соли 2017 рост омад. Дар шаби 19 ба 20-уми апрел астероид ба Замин дар масофаи камтар аз 1.8 млн км наздик шуд. Дар ин лаҳзаи наздиктаринаш ба Замин астероид хеле дурахшон буд ва онро ҳатто бо ёрии телескопҳои хурдтарин аз рӯи ҳаракаташ дар байни ситораҳо дидан мумкин буд.

Муассисаҳои астрономии ҷаҳон ба хулоса омаданд, ки астероиди эҳтимолан хатарноки 2014JO25-ро моҳи апрели соли 2017 дар якҷоягӣ мушоҳида намоянд. Ҳангоми парвози астероид аз назди Замин, мушоҳидаи он аз расадхонаҳои дар масофаҳои калон аз ҳамдигар ҷойгиршуда имкон медиҳад, ки дуриаш аз Замин бо ёрии усули триангулятсионӣ аниқ маълум карда шавад. Мушоҳидаи астрометрӣ на танҳо координатҳои объектро дар осмон, балки масофа аз Замин ва мавқеи онро дар фазо бо саҳеҳӣ муайян мекунад. Ин имкон медиҳад, ки роҳи ҳаракати

астероид сохта шуда, тағйирёбии мадори он ҳангоми парвоз маълум карда шавад. Ҳамаи ин маълумотҳо барои ёфтан ва коркарди тарзҳои пешгирӣ ва кам кардани оқибатҳои бархӯрди эҳтимолии астероидҳо ба Замин хеле муҳим мебошанд.

Ба ғайр аз муайян кардани мавқеъ, масофа ва мадор, инчунин аз рӯи мушоҳидаҳо каҷии дурахшонии астероид сохта шуда, вобаста ба ин шакл ва хусусиятҳои чархзании он маълум карда мешавад.

Чунин наздикшавии навбатии ин астероид ба Замин дар ояндаи дур, яъне баъди 74 сол ба вуқӯъ меояд, бинобар ин натиҷаҳои мушоҳидаҳои якҷояи ҳозира барои тадқиқотҳои он аҳамияти хеле зарурӣ доранд.

Институти астрофизикаи АИ ҶТ ин чорабинии мушоҳидаҳои муштараки астрономии ҷаҳониро дастгирӣ намуд ва дар Расадхонаи астрономии байналмилалии Санглох ва Расадхонаи астрономии Ҳисор мушоҳидаи астероиди 2014JO25-ро гузаронид. Мониторинги астероид аз 16 то 26 апрели соли 2017 дар расадхонаи Санглох бо телескопи 1-метраи Тсейсс ва дар расадхонаи Ҳисор бо телескопи АЗТ-8 аз рӯи нақша ва реҷаи барои ҳамаи расадхонаҳои ҷаҳон тасдиқшуда гузаронида шуд. Дар телескопҳо аксбардории объектҳо ба воситаи камераҳои рақамии махсуси астрономӣ амалӣ гардонида шуд. Шароити хуби астрономӣ ва асбоби нави идораи телескопи 1 метраи Санглох, автоматӣ кардани ҷараёни мушоҳида, истифодаи камераҳои рақамӣ ва кӯшишу ғайрати кормандони Институт барои бомувафаққият гузаронидани ин чорабинии якҷояи астрономҳои ҷаҳон мусоидат намуданд.

Мониторинги пай дар паи астероид аз соати 20 то соати 4.30 аз 16 то 25 апрели соли ҷорӣ гузаронида шуд. Ҳангоми мушоҳида дар расадхонаҳои Санглох ва Ҳисор ин астероид ба қайд гирифта шуд ва маълум гардид, ки он, дар ҳақиқат, бо суръати калон ҳаракат карда, хеле дурахшон аст. Инчунин тағйирёбии дурахшонии астероид ба назар расид, ки чархзании тези онро

дар атрофи тираш нишон дод. Миқдори хеле зиёди маводҳои мушоҳидавӣ ба даст оварда шуд, ки дар якҷоягӣ бо расадхонаҳои дигар истифода ва коркард карда мешаванд. Натиҷаҳои мушоҳида ва коркарди он, бевосита, ҳамчун мақолаи илмӣ нашр ҳоҳад шуд. Аксҳои астероид аз расадхонаҳои Санглох ва Ҳисор дар расмҳои 1 ва 2 нишон дода шудааст.

Ҳангоми экспедитсияи олимони Институт Қоҳирова Г.И., Мулло-Абдолов А.Ш., Ҳамроев У.Х., Абдуллоев С.Х. ва Юсупов М.З. ба расадхонаи Санглох, ба ғайр аз мушоҳидаҳои махсуси астероид, боз мушоҳидаи дигар объектҳои кайҳонӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, кометаҳои 2015V2 (расми 3) ва 41P (расми 4) аксбардорӣ шуданд, ки натиҷаҳои коркарди онҳо барои омӯзиши хусусиятҳои динамикӣ ва физикии кометаҳо хеле заруранд.

Мушоҳидаи астероидро дар Расадхонаи астрономии Ҳисор кормандони Институт Буриев А.М., Иброҳимов А.А., Аюбов Д.К. ва Сафаров А.Ғ. фаъолона ба анҷом расониданд.

Ҳамин тариқ, мушоҳидаҳои муштараки расадхонаҳои ҷаҳон пешгӯиҳои назариявиро тасдиқ намуда, исбот мекунанд, ки ҳарчанд астероиди 2014JO25 ба гурӯҳи астероидҳои эҳтимолан хатарнок дохил шуда бошад ҳам, ба Замин таъсири манфӣ намерасонад.



Расми 1. Ҳаракати астероиди 2014JO25 ҳангоми наздикшавӣ ба Замин дар масофаи 1.8 млн км, ки 19 апрели соли 2017 дар Расадхонаи астрономии байналмилалии Санглохи Институти астрофизикаи АИ ҶТ бо телескопи 1-метраи Тсейсс бо экспозитсияи 10 сония аксбардорӣ шуд.



Расми 2. Акси астероиди 2014JO25 (бо аломати тир ишора шудааст) ҳангоми дуршавӣ аз Замин ба масофаи зиёда аз 9 млн км, ки 22 апрели соли 2017 дар Расадхонаи астрономии Ҳисори Институти астрофизикаи АИ ҶТ бо телескопи АЗТ-8 бо экспозитсияи 10 сония аксбардорӣ шуд. Раҳҳо дар расм акси ҳаракати се моҳвора мебошанд.



Расми 3. Кометаи 41P дар масофаи зиёда аз 24 млн км аз Замин, ки 17 апрели соли 2017 дар Расадхонаи Санглох бо телескопи 1-метраи Тсейсс бо экспозитсияи 5 сония аксбардорӣ шуд.



Расми 4. Кометаи 2015V2 дар масофаи зиёда аз 219 млн км аз Замин, ки 18 апрели соли 2017 дар Расадхонаи Санглох бо телескопи 1-метраи Тсейсс бо экспозитсияи 5 сония аксбардорӣ шуд.

***Нумонов М.Э., Эшов Б.Б.***
*Государственное научно-экспериментальное и производственное учреждение АН Республики Таджикистан*

# ВОДА – ЭТО ЖИЗНЬ

2018-2028 годы объявлены в рамках ООН Международным десятилетием действий «Вода для устойчивого развития». Соответствующая резолюция, выдвинутая по инициативе Основателя мира и национального единства — Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона была принята 21 декабря 2016 года на пленарном заседании Генеральной Ассамблеей ООН и поддержана 177 странами членами ООН.

Международное десятилетие действий "Вода для устойчивого развития" 2018-2028 г.г. является четвертой глобальной инициативой Таджикистана по вопросам, связанным с водой, которая впервые в 2015 году была озвучена Основателем мира и национального единства — Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном в ходе 7-го Всемирного водного форума в Республике Корея. Международное десятилетие действий "Вода для устойчивого развития" 2018-2028 г.г. придет на смену Международному десятилетию действий «Вода для жизни, 2005-2015 годы» и будет содействовать координации и поощрению всех усилий для решения вопросов и проблем, связанных с водными ресурсами.

Вода обладает аномальными свойствами. В частности, все тела при замерзании сжимаются и уменьшаются, а вода, наоборот, расширяется. Это единственное вещество на Земле, которое может существовать в жидком, газообразном и твердом состоянии. Вода присутствует повсюду на Земле на молекулярном уровне, как часть живой материи. Вода, в каком бы состоянии ни находилась, так или иначе связана с остальной всей водой по Земле, поэтому через воду можно узнать тайны. Вода – живая субстанция.

Гераклит Эфесский, греческий философ, ещё в VI веке до н. э. первый предположил, что источником всего во Вселенной

является вода. "Теория потока" Гераклита Эфесского долгое время считалась красивой сказкой.

Однако в XX веке его теорию подтвердил другой великий мыслитель – выдающийся советский ученый В. Вернадский.

Если брать теорию Вернадского о терре – разумной планете, то, конечно, вода несёт в себе какую-то частичку истории. Если смотреть, что происходит с планетой, как ведут себя животные, люди, как ведёт себя планета, то видно, что вода участвует в этом процессе, это совершенно очевидно. С помощью воды можно смотреть и в прошлое, и в будущее.

До недавнего времени современная наука не наделяла воду признаками живого организма, но как тогда объяснить еще одно удивительное свойство воды ее память. Вода умеет запоминать.

Как утверждает Российский ученный Ю.И. Краснов в основе его идеи лежит принцип витализации воды методом турбуленции, предложенный австрийским изобретателем Шаубергером, который заметил, что природная вода в ручьях и речках, проходя через естественные препятствия и завихрения – камни, начинает бурлить.

Благодаря турбуленции структура воды якобы изменяется, в следствии чего происходит стирание наложенной, вредной информации и уменьшение напряжения на поверхности воды.

Естественный процесс турбулентности происходит в дождевой воде, где происходит поглощение газов из воздуха. В ручьях, с одной стороны, происходит разбавление, с другой, к сильной турбуленции так, что вся палитра информации сохраняется на протяжении всего пути от дождя до водопроводного крана. Когда вода испаряется, эти структуры уничтожаются и остаются не более чем в 2 молекулах на каждый кластер.

В результате турбулентности происходит уменьшение поверхностного напряжения воды, сокращается время очистки воды, а также улучшается вкус воды.

Сейчас исследованием спирального движения жидкости (vortex) серьёзно занимаются некоторые научно-исследовательские институты и научные центры. Подобно тому, как в природе вода бурлит, пробиваясь сквозь камни, в витализаторе поток воды пропускается через особую создающую турбулентность спираль. Благодаря этому якобы происходит

структурирование воды и насыщение воды энергией. С научной точки зрения сам термин “структурированная вода” (С-вода), т.е. вода с регулярной структурой был введён относительно давно и связан с кластерной моделью строения воды.

Сейчас наукой доказано, что особенности физических свойств воды и многочисленные короткоживущие водородные связи между соседними атомами водорода и кислорода в молекуле воды создают благоприятные возможности для образования особых структур-ассоциатов (кластеров), воспринимающих, хранящих и передающих самую различную информацию.

Ещё дальше пошел японский исследователь Масару Эмото выпустивший в 1999 году книгу “Послание воды”, которая стала бестселлером не только в Японии, но и во многих других странах мира.

Японский исследователь, известный экспериментами, направленными на доказательство того, что вода якобы обладает способностью «воспринимать информацию» от окружающей среды. Основной метод «доказательства» состоит в «воздействии» на воду произносимыми и написанными словами и изучении структуры кристаллизации такой воды, которая, по его заявлениям, изменяется в зависимости от смысла этих слов. В данной книге также имеются фотографии кристаллов с пояснением, какая информация была «послана» воде (рис.1 положительная) (рис.2 отрицательная). Из вышеуказанных примеров мы видим, что вода, как зеркало реагирует на любые наши эмоции и чувства. Положительные энергии создают прекрасные картины из кристаллов. Теперь у нас есть свидетельства того, что мы можем влиять, излечивать и преобразовывать нас и нашу планету мыслями. В своих экспериментах Эмото пытается доказать, что вода способна впитывать, хранить и передавать человеческие мысли, эмоции и любую внешнюю информацию — музыку, молитвы, разговоры, события.

Чтобы увидеть, как выглядит записанная водой информация, Эмото Масару фотографирует замороженную воду. Для получения фотографий, в чашки Петри помещают по капле воды и резко охлаждают в морозильнике. После 2-х часов чашки переносятся в специальный прибор, состоящий из холодильной камеры, микроскопа и фотоаппарата. Кристаллы воды

рассматриваются при температуре −5 °C с 200—500-кратным увеличением. Делаются снимки наиболее характерных кристаллов. Эмото утверждает, что форма образующихся при этом кристаллов льда варьируется в зависимости от эмоционального окраса воспринятой информации. Позитивные мысли и чувства, гармоничные мелодии порождают симметричные «красивые» рисунки, негативные — хаотичные и бесформенные, с рваными краями, «уродливые».

Также, согласно Эмото, молекулы воды объединяются в кластеры, которые выступают своеобразными ячейками памяти, называемые информационными панелями. В одной "панели" исследователь насчитывает до 440 молекул, которые образуют своего рода аналог компьютерной памяти. В данные ячейки вода записывает информацию и может хранить её долгое время (если воду не подвергать различным воздействиям). Увидеть качество записанной информации можно, сфотографировав кристаллы льда. При этом форма кристаллов зависит от эмоционального окраса воспринятой информации. Чем позитивнее мысли или гармоничнее мелодии, тем выше уровень симметрии и порядка в кристаллах.

Выше изложенное не несет в себе больших научных открытий и требует множества экспериментов и доказательств, но это не снимает с нас ответственности за наше основное богатство – воду, и мы обязаны поддержать нашего Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон о принятии Международного десятилетия действий “Вода для устойчивого развития” 2018-2028 г.г.



Кристалл воды, которому было показано слово Буддизм



Кристалл воды, которому было показано слово Индуизм



Кристалл воды, которому было показано слово Христианство



Кристалл воды, которому было показано слово Ислам

Рисунок 1. Влияние положительных слов на кристалл воды




Рисунок 2. Информационное воздействие на кристалл воды

Использованные материалы:

1. Вода. Краснова Ю.И. http://www.o8ode.ru/article/answer/method/krasnov1.htm
2. Прокопенко И. «Великие тайны вселенной»
3. Резолюция ГА ООН «Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» 2018-2028 годы»



**Комил БЕКЗОДА,**
*файласуф*

# МУШКИЛОТИ ИШҚ АЗ НИГОҲИ ФАЛСАФА

*(Мақола бо ихтисор чоп мешавад)*

***Аз садои сухани ишқ надидам хуштар,***
***Ёдгоре ки дар ин гунбади даввор бимонд.***

Он чи то имрӯз бо номи ишқ гуфта ва навишта шудааст, ишқи ҳақиқӣ набуд…Чаро ки зан ҳамеша ғуломи мард буд. Байни хоҷа ва ғулом ишқ мумкин нест. Ва ишқ молу сарват ва фоидаву пулро қабул надорад…Ба ақидаи файласуфон ва муҳаққиқон робитаи ишқ-робитаи тиҷоратию савдоӣ нест… ва ишқ харида ва фурухта намешавад…Таърихи ҷинояткори гузашта баробарии мард ва занро аз байн бурдааст…Ҳарду ҳолати табиӣ надоранд…На мард ва на зан…Дар ишқи ҳақиқӣ табодули воқеии байни ҷисм, нафс ва ақл ҷараён дорад…Байни инсони комил ва ноқис ишқ вуҷуд дошта наметавонад…Ҷомеаҳои гузашта дар таърих ҷавҳари инсонии занро ғорат кардаанд. Занро бешахсият кардаанд…Занро аз ҳуқуқи баробарӣ дар ишқ маҳрум намудаанд.

Робитаи ҷинсии маъмулӣ байни занҳо ва мардҳо ишқ нест. Як ҳодисаи оддии биологӣ аст. Ишқ танҳо биологӣ нест. Ишқ падидаи нодири сотсиологӣ ва психологӣ мебошад. Ишқ муъҷиза аст…Бозсозии шахсияти инсон…Ишқ огоҳӣ ва худшиносии биологӣ ва сотсиологӣ аст…Розу ниёзи табиии ду инсони озод аст, на ду инсони ғулом…Ишқи инсонӣ аз алоқаҳои шаҳвонии ҳайвоноту ҳашарот фарқ дорад…Онҳо барои идомаи насл бо ҳам ҷамъ меоянд…Аммо ишқи инсонӣ аз ишқи биологии ҳайвонот ва ҳашарот сифатан фарқ мекунад… Дар ишқи инсонӣ ҷавҳари онро маънавиёт ташкил мекунад…Онҳо ҳарду бо ҳам чизе мегуянд. Мушкилеро ҳал мекунанд…Нақшае мекашанд…Бо ҳам табодули эҳсос, афкор ва орзу менамоянд…Ишқи инсонҳо аз

рӯи иродаи оқилонаи онҳо амалӣ мегардад…Инсонҳое ки масъулиятро эҳсос мекунанд. Масъулият-баландтарин сифати мусбатест, ки инсон метавонад ба он бирасад.

Ишқ сababи пешрафти ҷабҳаҳои гуногуни зиндагии моддӣ ва маънавии инсонҳо мегардад…Барои инсон роҳи шаҳомат, озодӣ, масъулият ва худшиносиро мекушояд…Инсони беишқ инсони бунбастӣ аст…Одами беишқ мурғи бепар аст…Ишқ танҳо хоҳишу майли ҷисму тани инсонҳо нест. Балки ишқ шӯру шавқи ҷисм, ақл ва нафсу ҷону рӯҳи инсон аст…Ишқ бузургтар ва болотар аз тафсирҳои биологии насл ва физиологии гармонҳо мебошад…Ишқи таносулӣ танҳо як қисмати маҳдуди ҷисми инсонро дар бар мегирад: вазифаҳои ҷиҳози таносулии инсонро…Дар сурате ки ишқ тамоми вуҷуди инсон: ҷисм, рӯҳ ваақли инсонро фаро мегирад.

Рисолати ишқ танҳо барои таносул нест. Вазифаи ишқ инкишоф додани фазои рӯҳӣ дар инсон аст. Ба андешаи файласуф Николай Бердяев, «ишқ барои инсон шахсият медиҳад, инсонро ба камол мерасонад ва оқибат ӯро дар роҳи расидан ба абадият равона месозад»…Ишқ моро аз нав месозад, аз маҳдудиятҳои шахсӣ озод менамояд, то мо битавонем шахсияти худро дар шахсияти инсони дигар мушоҳида намоем. Бештари динҳои таърих аз ҷумла масеҳият доир ба шахсияти Худо чунин таъриф додаанд, ки «Худо-ин ишқ аст». Яъне Ишқ-худои зиндагӣ аст. Дар ҳоле ки дар муқобили ишқ худои Марг қарор дорад…Худои ишқ сарчашмаи зиндагӣ, болandaгӣ ва худшиносӣ аст…Аммо худои Марг талош дорад, ки инсонро ба сӯи фақру нотавонӣ ва нестӣ бикашонад…

Тифли навзод худро бо табиат як ҷисми том эҳсос мекунад…Оҳиста-оҳиста дарк мекунад, ки худ шахсияти алоҳида дорад…Дар муқобилаш ашёҳо ва шахсҳои дигар қарор доранд…Ишқ ҳам мехоҳад, ки ин ваҳдат ва ягонагии аз даст рафтаро аз нав барқарор кунад. Ин аст, ки ҳамнавъ, ҳамҷисм, ҳамфикр ва ҳаморзуи худро меҷӯяд ва пайдо мекунад. Одам Ҳаворо ҳамин тавр пайдо кард. Ва бо ҳам ошиқ шуданд…Чаро ки ҳарду (Одам ва Ҳаво) монанди якдигар буданд ва аз мавҷудот ва ҳайвоноти дигар фарқ доштанд…Ҳамин шабоҳат ва монандӣ онҳоро ба сӯи якдигарҷалб кард. Ва бо ҳам ҷазб шуданд. Муттаҳид гаштанд. Якдигарро шинохтанд. Ба худшиносии фардӣ, отифӣ, ҳиссӣ ва иҷтимоӣ расиданд….

Ҷавҳари ишқ табодул ва ҳамдигарфаҳмии ду инсон аст. Агар табодули воқеӣ ва ростин бошад…Ҳарду бояд аз як гурӯҳ бошанд…Даста ва гуруҳи ба ҳам баробар …Нобаробарӣ ишқро барҳам мезанад…Дар ишқ бояд қавӣ ва заиф, тавоно ва нотавон, сарватманд ва фақир…набошад. Ин фарқҳо ва нуқсонҳои иҷтимоӣ пояҳои ишқи ҳақиқиро хароб мекунанд…

Ишқи якҷониба, яктарафа ва нобаробар ишқи ҳақиқӣ нест. Нолаву фиғони як тараф коре ва мушкилеро ҳал намекунад. Ишқҳое ки дар адабиёти асрҳои XIXваXX тасвир шуданд, ишқҳои ноком, якҷониба ва ноқис буданд…

Он чи дар бораи ишқ гуфтаанд, ки: Ишқ-нобино аст, девонагӣ аст, сарнавишт аст, аз ақл бегона аст ва ғайра, ҳамаи ин сифатҳо сифатҳои ишқи ҳақиқӣ нестанд…Дар ҳақиқат ишқ чизе дигар аст. Ишқ беморӣ нест, таназзули муваққатии шахсият нест, тӯфон ва туғёни эҳсосотӣ нест, девонагӣ нест ва ишқ нобино ҳам нест. Пас, чӣ бояд гуфт? Бояд гуфт, ки:

Сабаби ишқҳои бемор ҷомеаҳои гузашта буданд, ки занро чун мавҷуди иҷтимоӣ ба марг маҳкум карда буданд. Барои он ҷомеаҳо зан танҳо ҷисми биологӣ буду бас. Сифатҳои инсонии занро аз ӯ гирифта буданд. Зан аз сифатҳои рӯҳӣ, нафсӣ ва ақлӣ маҳрум гардида буд. Ҳеҷ як ихтиёроти шахсӣ ва иродӣ дар худ суроғ надошт…Мард танҳо монда буд. Чаро ки зан наметавонист шарики баробарарзиши ӯ бошад. Зан аз сифатҳои лозима маҳрум шуда буд. Байни зану мард фосилаи дуру дарозе эҷод шудааст…Кутоҳ намудани ин фосила то ҳол даст надодааст… Ин мушкилӣ ба адолати иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҷаҳони мо то имрӯз нисбат ба адолати иҷтимоӣ бегона аст…Ва худро ба надонӣ мезанад…Ин ҳама бархурдҳои фарҳангӣ ва динӣ натиҷаи набудани адолати иҷтимоӣ мебошад…Бо баҳонаҳои идеологӣ талаботи оммаи мардумро бераҳмона саркӯб мекунанд…Ин аст, ки ҷанги сеюми ҷаҳон дар шакли терроризми байналхалқӣ давом дорад…Дар ҷаҳоне ки террор аст, ишқ вуҷуд дошта наметавонад. Ишқ-зиндагӣ ва худшиносии фардӣ ва иҷтимоӣ аст. Аммо террор-марг ва аз худ бегонагии ҳамагонӣ мебошад. Решаи воқеии ишқ огоҳӣ, ихтиёр, озодӣ ва хоҳишу иродаи шахсӣ аст. Танҳо ишқ аст, ки инсон метавонад ба воситаи он ба амиқтарин макнуноти ҷисмӣ, нафсӣ, рӯҳӣ ва ақлии худ бирасад. Ишқ аст, ки Инсонро бо худаш мешиносонад,

шахсияти ӯро такомул мебахшад ва дар охир идеали зиндагииояндаашро мушаххас менамояд.

Шоирон бо зикри хату хол, лабу дандон, зулфи печон ва ғайра марсияи он маргеро мехонанд, ки баробарии зану мардро барҳам зад. Насталгия ва доғу ҳасрати он хотира ба шеъру таронаву ҳикояву роман мубаддал гардидааст. Ин марсия ба ёди он ҳодисаи бузургест, ки дар замоне Инсонҳо ба ду гуруҳи бузург тақсим шуданд: Ба мардҳо ва занҳо. Фоҷеаи ҷудоии ҷаҳони мард аз ҷаҳони зан. Трагедияи ишқ. Шикасти ҷаҳони зан ва ғалабаи мардҳо. Ғалабаи бадфарҷом. Ғалабае, ки мардро аз ишқи ҳақиқӣ маҳрум кард. Бо ғулом кардани зан мард ҳам оҳиста-оҳиста ба ғуломии хеш дар пеши ишқи зан таслим шуд. Оқибат, ҳам зан ва ҳам мард ғулом ва вобастаи якдигар гардиданд. Вобастаи навъ ва насл. На ишқ ва на кашиши табиӣ. Қонуну қоидаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва урфу одат аср ба аср мардро аз зан ҷудо мекард…Ба таври нохудогоҳ онҳо нисбат ба якдигар эҳсоси бегонагӣ мекарданд. Издивоҷ як маҷбурияти иҷтимоӣ ва динӣ шуд. Ба хотири давом додани насл ва навъи башар. Вале бе ишқ. Бе худшиносӣ. Бе романтика. Бе озодӣ. Бе меҳру вафо. Бе фидокорӣ. Танҳо ва танҳо ба хотири насл ва масъулиятҳои иҷтимоӣ ва динӣ. Ин буд фоҷеаи ишқ. Дар натиҷаи ин шикасти фоҷеабор ҳамагуна майлу хоҳишҳои табиии занҳо бераҳмона саркуб мегардиданд. Зан ба ғуломи мутеъ ва махлуқи бешахсият дар назди мардҳо мубаддал гардид.

Аз ин пас занҳо дар тули таърих ба хотири бехатарии вуҷудии худ ҳамагуна чораҳоро медидандто ин ки аз мардҳо қассоси худро бигиранд. Ва мегирифтанд. Аз роҳҳои хиёнат, макр, бевафоӣ, риёкорӣ, тазоҳур ба сидқу вафо, неши забон, таъна, маломат, ғайбат, туҳмат ва садҳо шеваҳои дигар.

Ҳамин тавр корвони ишқи башарӣ дар таърих ба инҳироф ва ба бероҳагӣ раҳсипор гардид. Ва ҳоло ҳам ин роҳро давом медиҳад. Роҳе ботил ва бунбастӣ. Рашки мард нисбат ба занаш ба сабаби ишқ нест. Балки ба сабаби ман-манӣ, ғурур, такабур ва худпарастии ифротии худи мард асту бас. Зеро ки зан барои мард як чиз ва молу дороӣ аст;

Ба мисли: мошин, тилло, доллар, хона, боғ ва ғайра. Ин аст ҳолати воқеии зан дар хонаводаи мард…Агар зане даъвии фидокорӣ кунад, ки барои шавҳараш аз ҷонаш гузаштааст, ин фидокории ростин нест. Балки фидокории дуруғин ва ниқобдор

аст. Чаро ки чунин занаслан аз ишқ бехабар аст. Фидокорӣ дар ишқ инкори шахсият ва рӯҳу нафс нест. Касе ки дӯст намедорад, аз рӯҳу нафс бенасиб аст. Чизи набударо чигуна фидо мекунӣ? Ин ҳам шаммае аз муаммоҳои ишқи сохта ва бофтаи таърихи музахрафи мост. Зан аз роҳи худфиребӣ дар роҳи ишқи набуда, худро қурбон мекунад…Ин айби зан нест. Ин айби ҷаҳони ноқис ва ҷомеаҳои хурофотзадаи таърихи мост. Касе ки шахсият ва ҳувияти худро бохтааст, ба ишқ қодир нест. Ишқ насиби шахсест, ки ба худ бовар ва эътимод дорад. Ин эътимод ба худ аст, ки дар давоми ин боварӣ ба дӯстдории атрофиён ва дар охир ба кулли башарият мерасад. Занҳо дар тули таърих зери фишори қонунҳои навишта ва нонавиштаи ҷомеаҳои худ ин эътимод ба нафс ва боварӣ ба шахсияти худро аз даст додаанд. Эътимоди онҳо ба мардҳо ва шавҳарҳояшон аз рӯи ноилоҷӣ ва маҷбурӣ аст. Эътимоди сохта ва бофта, ки дар ботини худ ҷавҳаре надорад. Он ҷавҳари аз даст рафта-ишқ буд. Вале ҳоло дигар вуҷуд надорад. Мард ҳам маҷбур аст, ки ба ин сохтакорӣ ва риёкории зан муросо кунад. Чун худи мард ҳам дар ин ҳолати ба амал омада, аз зан нотавонтар шудааст…Гирифтори уқдаи занкалонӣ…Ишқ амалияи иродӣ, огоҳона ва аз рӯи майли озод ва ихтиёри шахсӣ аст. Яъне ишқ одат нест; Ҳодисаи ғайри иродӣ нест. Балки тасмими мустақилонаи шахси соҳибихтиёр ва соҳибирода аст…

Вале издивоҷҳои бо ном саодатманд ва бобарор дар асл издивоҷҳое мебошанд, ки аз рӯи одат давом мекунанд. Ин одат аст, ки мард баъди кори давлатӣ ва иҷтимоӣ ба хонаи худ бармегардад…Ба мисли мардони майзада ва ҳаводорони моводи мухаддир, ки аз рӯи одат ба майкада рӯй меоранд. Тарки ин одат барои онҳо ногувор аст…Чун ташвишҳои зиёдеро дар пай дорад. Мард дар воқеъ метарсад, ки ин одатҳоро тарк кунад. Тарки хона, зан, фарзанд ва оромии бедағдаға кори осон нест…Мард бо сеҳри худфиребӣ ба чунин хулоса меояд, ки ӯ дар издивоҷи худ гӯё хушбахт аст. Ҳарчанд, ки дар ҳақиқат чунин нест…Зеро ки дар ин издивоҷ робитаи баробар ва ростин аз ибтидо вуҷуд надошт ва ҳоло ҳам вуҷуд надорад…

Агар яке аз шартҳои асосии ишқи ҳақиқӣ истиқлоли шахсӣ бошад, дар ин хонавода ҳатман яке аз он ду ва ё дар баъзе ҳолатҳо ҳарду аз ин истиқлол маҳрум ҳастанд. Ин маҳрумияти собиқадору тӯлонии ҳамаи хонаводаҳо вуҷуди ишқи покро ба

нестӣ маҳкум мекунад. Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ ин ҷост, ки пайдоиши ишқи ҳақиқӣ шароити махсус ва зарифро тақозо дорад: Яъне инсон бояд ҳамаи ниёзҳои моддӣ ва рӯҳии худро қонеъ карда бошад. Он гоҳ аст, ки ба водии ишқи ҳақиқӣ дохил шудан ҳуқуқ пайдо мекунад. Баъди қонеъ гардидани ин гуруснагии моддӣ ва маънавӣ, ишқ ҳамчун вулқони ботинии шахсият ҳамаи истеъдодҳо, ибтикорҳо, орзуҳо ва захираҳои ҷисмӣ, рӯҳӣ, эҳсосӣ ва ақлии инсониро метарконад ва инсонро ба дараҷаҳои баланде аз камол ва саодат мерасонад. Зиндагии маҳрум аз ишқ, зиндагии ноқис аст.

Ҳеҷ мақому мартабае ҷои ишқро гирифта наметавонад. Ҳадафе дар зиндагӣ болотар аз амалӣ намудани шахсияти фардии инсон нест. Ин шахсият танҳо аз роҳи ишқ амалӣ мегардад. Роҳ ё роҳҳои дигаре ғайр аз ишқ вуҷуд надоранд. Ин ишқ аст, ки танҳоии метафизикӣ ва маънавии моро барҳам мезанад. Дар олами вуҷуд касе ба ҷуз зан барои шунидани дардҳои зоҳирӣ ва ботинии мо гӯши шунавое надорад. Манбае арзандатар ва муҳимтар барои мард ва илҳоми созандаи ӯ ба ҷуз зан дар ҷаҳон вуҷуд надошт ва ҳоло ҳам вуҷуд надорад…Ишқи ҷисмонӣ дар асл ва ҷавҳари худ рағбат ва шӯру шавқи бузурги рӯҳонӣ низ мебошад…Дар роҳи ишқ ва озодӣ…Озодии фардӣ ва шахсӣ ки рӯҳи камолталабии он ишқро сайқал медиҳад…Ишқи ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ дар ин майдон ду тарафи як сиккаро ташкил медиҳанд…Истилоҳи «рӯҳонӣ» дар ин навишта ба маънои маънавӣ ва фикрӣ истифода гардидааст, на ба маънои ирфонии он…Натиҷа ин ки:

*Бо сеҳри худфиребиву аз бими Зиндагӣ,*
*Дилро ба дасти дилбари неку супурдаем.*
*Маҷнун бувад гувоҳ, ки дар қайди Рӯзгор,*
*Бе сӯзу сози ошиқ дар ҳукми мурдаем!*



**Меҳр СОБИРИЁН,**
*иқтисодшинос*

# НАҚШИ ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР МАЗҲАБИШАВИИ ҶОМЕА

Аз замони пайдоиши низоми давлатдории демократӣ, рушди иқтисоди кишвар ва таъмини рифоҳи мардум яке аз вазифаҳои асосии ҳар як ҳукумати демократӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ қисми зиёди ниҳодҳои давлатӣ барои фароҳам овардани фазои мусоиди рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум равона карда мешавад. Маориф, фарҳанг, ниҳодҳои иқтисодиву молиявӣ, адлияву қонунгузорӣ ва бонкҳо дар ин самт фаъолият мекунанд. Ҳукуматҳои маҳаллӣ, ҷамоатҳо ва оилаҳо низ дар баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум ва рушди иқтисодии кишвар саҳми худро мегузоранд.

Таъмини амнияти иқтисодӣ натанҳо хатари мушкилоти моддии мардумро ҳал мекунад, балки яке аз роҳҳои асосии бартараф ва пешгирӣ кардани бисёре аз хатарҳои дигар низ мебошад. Маориф, тандурустӣ, фарҳанг, қонунгузорӣ, идораи давлатӣ ва амнияти миллии ҳар як кишвар замоне дар пайраҳаи рушди устувор қарор мегиранд, ки амнияти иқтисодии он таъмин ва сатҳи зиндагонии мардум нисбатан беҳтар бошад.

Падидаи шуми ифротгароии мазҳабӣ, ки тайи ду даҳаи охир ҷаҳонро фаро гирифтааст ва ҷони садҳо ҳазор инсонро рабуда, кишварҳои як замон орому шукуфонро ба харобазор табдил додааст, мушкилест, ки тамоми мардуми сайёраро нигарон кардааст. Махсусан, баъди он ки гурӯҳҳои ифротӣ ва террористии динӣ тавонистанд қисме аз кишварҳои Сурия ва

Ироқро таҳти тасарруфи худ даровварда, барои худ давлати асримиёнагӣ созанд. Онҳо тавонистанд, лашкари худро аз ҳисоби ҷавонону мардони минтақаҳои таҳти тасарруфи худ ва дигар кишварҳо таъмин кунанд ва онҳоро дар ҷангҳо истифода баранд. Аз ҷумла, бо сабабҳои гуногун ва бо роҳҳои гуногун шаҳрвандони Тоҷикистон низ ба Сурия ва Ироқ рафта, ба сафи лашкари ин давлати ифротӣ ва бунёдгарои мазҳабӣ пайвастанд ва инсон мекушанду худ кушта мешаванд. Шумораи онҳоро аз чандсад то 1500 нафар тахмин мезананд.

Солҳои охир дар тамоми ҷаҳон коршиносони соҳаҳои гуногун даст ба омӯзиш ва ҷустуҷӯи омилҳои густариши ҷаҳонбинии мазҳабӣ ва ифротгароӣ дар миёни ҷомеаҳои мусалмонӣ зада, сабаби пайвастани ҷавонони мусалмон ба ин гурӯҳҳоро дарёфтан мехоҳанд.  Дар тамоми ҷаҳон садҳо мақола ва китобҳо дар ин мавзӯъ навишта ба чоп расидаанд ва дар Тоҷикистон ҳам коршиносони соҳаҳои гуногун мақолаҳо ба нашр расонда, сабабҳои сар задани ин вабои асрро баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, коршиноси тоҷик Исомиддин Шарифзода дар мақолаи худ таҳти унвони “Чаро хурофазадаем?” (Маҷалаи “Илм ва Ҷомеа” №1-2, 2015-2016) нуҳ омили густариши хурофазадагӣ ва ифротгароиро пешкаш кардааст, ки инҳо мебошанд:

- Заъфи фарҳанги нақдӣ ва қавӣ будани фарҳанги нақлӣ;
- Қудсият бахшидан ба анвои гуногуни боварҳо ва иддаоҳои сохта ва пардохта дар ҷомеа;
- Набудани навандешӣ ё бозандешӣ дар боварҳои умумӣ;
- Сари вақт таҳлили воқеии илмӣ наёфтани ҳаводиси иҷтимоӣ;
- Эҳсоси нотавонӣ дар афроди ҷомеа, ки гӯё онҳо қудрати таъсиргузорӣ ба равандҳо ва шароитҳоро надоранд ва ин вазъро онҳо марбут ба тақдир медонанд;

- Заъф ва набудани масъулияти иҷтимоӣ, ки он боиси фирор аз масъулият ва пазириши бечуну чарои боварҳо мегардад;
- Ҳал нашудани мушкилоти одии зиндагӣ ба васила ва шеваҳои шинохташудаи аҳлонӣ ва фикрӣ;
- Худдорӣ аз гуфтани назарҳои илмӣ, ба хотири фирор аз вокунишҳои қаҳромез ва тардомези намояндагони дин.

Ин маҷмӯи омилҳое мебошанд, ки донишмандону коршиносони зиёд онҳоро сабаби густариши хурофазадагӣ ва ифротгароии мазҳабӣ медонанд. Инҷо омилҳое вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо ба вазъи иқтисодии кишварҳо сахт вобаста аст. Аз ҷумла, омили ҳал нашудани мушкилоти одии зиндагӣ ба васила ва шеваҳои шинохташудаи аҳлонӣ ва фикрӣ. Дар ин матлаб омилҳои иқтисодии мазҳабишавӣ ва густариши ифротгароӣ дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Асри 21-ум асрест, ки дар он бештари мушкилоти зиндагии мардум роҳи ҳалли илмии худро ёфта, бартараф мешаванд ё осон мегарданд. Аммо, азбаски ҷаҳон бо шартҳои иқтисоди бозаргонӣ кор мекунад, барои дастрасӣ ба имконоти мавҷуда ва ҳалли мушкилоти шахсӣ ва ё ҷамъиятӣ маблағи зиёд лозим аст. Кишварҳое, ки иқтисоди варшикаста доранд ва сатҳи зиндагии аҳолиашон паст буда, даромади кофӣ надоранд, аз дастрасӣ ба техникаву технологияи нави мушкилосонкун маҳруманд ва шаҳрвандони ин кишварҳо наметавонанд мушкилоти ҷории худро ба васила ва шеваҳои аҳлонӣ ва фикрӣ, ки илм ба вуҷуд овардааст, ҳал кунанд. Дар натиҷа, мардум дубора рӯй меоранд ба дину мазҳаб ва фолбину ҷодугару муллову шайху эшон.

Бо вуҷуди он ки илми тиб дар замони муосир пешравии бузург дорад ва техникаву таҷҳизоти тиббӣ зарфияти ташхис ва табобати бемориҳои гуногунро доранд, бештари мардум қобилияти молиявии баҳрабардорӣ аз онро надоранд. Ҳамин

тариқ, методологияи нави таълим, ки метавонад мутахасисони дараҷаи баландро омода кунад, дастраси бештари сокинони кишварҳои фақир нестанд. Дар ҷомеаҳое, ки мардуми босавод, солим ва аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин нест талабот ба маҳсулоти фарҳангӣ кам аст ва бе ин фарҳанг рушд намекунад.

Солҳои охир мушкилоти иқтисодӣ сабаб шудаанд, ки ҷавонони зиёд рӯ ба муҳоҷират овардаанд. Бештари шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба ДИИШ пайвастаанд, маҳз муҳоҷирон будаанд. Муҳоҷироне, ки таълиму тарбияи дуруст нагирифтаанд ва дар муҳоҷират дур аз назорати падару модар ва дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ ба доми таблиғгарони равияҳои ифротии динӣ меафтиданд. Раванди муҳоҷират ҳам ба вазъи иқтисодии кишварҳо вобастагии зич дорад ва ба танзим даровардани он метавонад то дараҷае шиддати ифротгароиро кам кунад.

Роҳи дигари паст кардани сатҳи ифротгароӣ ва мазҳабишавии ҷавонон густариш додани ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури интиқодӣ аст, ки раванди давомдор ва пурмасраф аст. Мардуми фақир имкони чунин хароҷотро надоранд ва давлатҳои ақибмонда бо иқтисоди варшикаста ҳам ҳазинаи онро таъмин карда наметавонанд. Мутаассифона, дар баробари ин барои ба вуҷуд овардани ҷаҳонбинии динӣ, ки боиси хурофазада ва ифротгаро шудани ҷавонон мегардад, ҳазинаи зиёде лозим нест ва ин ҷаҳонбинӣ дар кишварҳои фақир бештар паҳн мегардад.

Инсон доимо аз ояндаи худу оилаи худ андеша мекунад ва агар хатаре дар пеш бошад ё ояндаи норӯшан бошад, ӯро тарс ва ноумедӣ фаро мегирад. Диндорӣ ва мазҳабгароӣ, асосан зодаи тарс аст ва агар амнияти иқтисодии оилаҳо таъмин набошад, тарс аз оянда пайдо мешавад ва боиси густариши боварҳои хурофотӣ мегардад.

Маҷмӯи мушкилоти гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ кишварҳои фақирро ба гирдоби ҷаҳонбинии динӣ-

хурофотие меандозанд, ки муқаддас ва осмонӣ пиндошта шуда, боиси фурӯ рафтани ин ҷомеаҳо дар ботлоқи ифротгароӣ мегардад. Соҳаи маориф дар кишврҳо ва ҷомеаҳои фақир ба таври зарурӣ ва кифоӣ маблағгузорӣ намешавад, мардум аз хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ бархӯрдор нестанд, амнияти иқтисодии оилаҳо ва давлат таъмин нест ва тарс аз оянда норӯшан боиси густариши ҷаҳонбинии динӣ ва ифротӣ мегардад.

Тақсимоти ноодилонаи захираҳои моддии як кишвар дар қатори ноадолатиҳои иҷтимоӣ, норозигӣ дар миёни ҷомеаро боло мебаранд. Мусаллам аст, ки намояндагони исломи радикалӣ аз ин норозигиҳо ба манфиати худ истифода карда, ҷавонони аз нобаробариҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҷӯшомдаро ба осонӣ ба доми худ медароранд ва онҳоро дар роҳи манфиатҳои худ қурбон мекунанд. Аз ин ҷост, ки тамоми низомҳои муосири давлатдорӣ дар худ фишангҳое доранд, ки даромади миллиро тақсимоти одилона мекунанд. Ҳатто низоми капиталистӣ дар замони муосир бо роҳҳои гуногун аз қишри сарватманди аҳолӣ андозҳои зиёдтар гирифта, ба қишри нодор тақсим мекунад. Онҳо дар ин роҳ шакли прогрессивии Андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андозҳои бавоситае монанди ААИ ва Андоз аз фурӯши чаканаро ҷорӣ карда, то дараҷае адолати иҷтимоиро таъмин мекунанд. Дар инҷо пардохти ҳар шахс ҳам дар баробари иҷрои кораш мешавад. Наметавон коре накарда ё кори кам карда баробари дигарон даромад дошт. Аммо, ба ҳар ҳол, механизмҳое амал мекунанд, ки намегузорад ҳама даромадҳо дар дасти як қишри муайян қарор гиранд. Падидаҳое ба монанди ришвахорӣ, адами адолати судӣ, маҳалгароӣ ва хешутаборчигӣ омилҳое ҳастанд, ки боиси нобаробар тақсим шудани даромади миллӣ мегарданд ва норозигиро дар ҷомеа афзоиш медиҳанд.

Нобаробарии иқтисодӣ ва адами амнияти иқтисодӣ дар ҷомеа эҳсоси ноумедии амиқ, нотавонӣ ва дилмондагиро ривоҷ медиҳад, ки ин дар навбати худ дар шакли бераҳмӣ, бадбинӣ ва хушунат буруз мекунад. Инро дар аксари кишварҳои мусалмоннишине, ки сатҳи ифротгароӣ баланд аст, дидан мумкин аст. Дар ин кишварҳо омилҳои номбаршуда имкон намедиҳанд, ки ҷавонон дар зинаҳои тахассусии муайян ҳолати боло рафтан дошта бошанд, қонун дуруст кор карда бошад ва дороиҳои мамлакат баробар тақсим шаванд.

Дар конференсияи илмӣ-амалии "Афғонистон 2017: дурнамои рушди вазъият, чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ барои Осиёи Марказӣ", ки рӯзи 23 майи соли 2017 дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИҶТ баргузор гардид, вакили Парлумони Афғонистон, раҳбари Ҳизби "Кунгураи миллӣ"-и Афғонистон, шоир ва сиёсатмадор Латифи Пидром дар ин маврид таъкид кард:

*"Дар баробари ҷаҳонбинии мазҳабӣ ва тафаккури мазҳабии равияҳои аҳли суннат ва ҷамоат, масъалаи Толибон ва ДОИШ масъалаи иқтисодӣ ҳам ҳаст. Ҳарчанд ин сабаби меҳварӣ нест, аммо бекорӣ ва маоши ночизи корхонаҳои давлатӣ ва дар баробари ин, маоши баланди Толибон, боиси густариши ҳаракати Толибон дар шимоли Афғонистон шудааст. Толибон ба аъзои худ моҳона дар ҳаҷми 1000 доллари амрикоӣ медиҳанд ва бо як мотосикл таъмин мекунанд. Дар баробари ин, агар Афғонистон ором шавад ва манобеи табиии худро ба бозор барорад, рақиби асосии кишварҳое, ба монанди Қатар ва Арабистон мешавад. Ин кишварҳо барои нигаҳдории мавқеи худ Афғонистони оромро намехоҳанд ва Толибонро кумак мекунанд ё ДОИШ-ро дар Афғонистон дастгирӣ мекунанд. Ҳама он мадрасаву масоҷиде, ки ин кишварҳо дар Покистону Афғонистон сохтаанд, барои ифротӣ кардани ҷавонони минтақа истифода мешаванд. Тақрибан 8000*

*мадраса дар Покистон амал мекунанд. Аммо инҳо як озмоишгоҳи шимиёвӣ ё физикӣ намесозанд. Чун мақсад омода кардани террористони мазҳабӣ мебошад, ба рушди илму маориф ва инфрасохтори дигар таваҷҷуҳ, аслан сурат намегирад. Ба даст гирифтани хатҳои фурӯши маводи мухаддир дар шимол ва баъди соли 2011 дастрасӣ ба кумакҳои НАТО, ки аз шимол ба Афғонистон дохил мешуданд, аз ҷумлаи авомили дигари иқтисодии густариши ҳаракати Толибон дар шимоли Афғонистон маҳсуб меёбад."*

Албатта, танҳо мушкилоти иқтисодӣ омили асосии хурофазадагӣ ва ифротгароӣ дар ҷомеа буда наметавонад ва наметавон гуфт, ки бо бартараф кардани ин мушкилот масъалаи ифротигароӣ ва пайвастани фарзандони миллат ба сафи гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ҳалли худро меёбад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтае мисли Белгия, Олмон, Фаронса, Британия ва ИМА нишон медиҳад, ки иқтисоди пешрафта ва сатҳи баланди рифоҳи мардум, мушкилоти ифротгароиро ба пуррагӣ ҳал карда наметавонад. Аммо барои кишварҳои ақибмонда ва рӯ ба инкишоф таъмини иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум дар ҷойи аввал меистад.

Бурузи падидаи ифротгароӣ, ки тайи чанд даҳсолаи ахир ҷаҳонро фаро гирифтааст, решаҳои амиқи торихӣ, динӣ-эътиқодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва тарбиявиро дорад. Яъне як раванди бисёрҷабҳа буда, омилҳои гуногун онро ба вуҷуд меоранд. Бинобар ин, мубориза ба ин вабои аср ҳам бояд бисёрҷабҳа бошад ва дар қатори муборизаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва амниятӣ, бартараф кардани мушкилоти иқтисодии мардум ҳам як ҷабҳаи муҳими мубориза аст. Дуруст аст, ки бартараф кардани мушкилоти иқтисодӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва кам кардани норозигиҳои иқтисодӣ ифротгароиро решакан намекунад. Аммо ин метавонад қисман ба манфиати ҳар ҷомеа ва давлат бошад. Тадқиқотҳо нишон

медиҳанд, ки як қисми назарраси ҷавон бо сабабҳои иқтисодӣ ба гумроҳӣ афтода, ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ пайвастаанд. Инро бояд ҳатман дар назар гирифта,ислоҳоти ҷиддӣ ва саривақтӣ баҳри бартараф кардани мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум роҳандозӣ кард. Таъхир дар ин ҷода ҳатман бар зарари ҳар кишваре анҷом меёбад.

Сарчашмаҳо:


1. Исомиддин Шарифзода. Чаро хурофазадаем? Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” №1-2, 2015-2016).
2. Суханронии Латифи Пидром дар конференсияи илмӣ-амалии “Афғонистон 2017: дурнамои рушди вазъият, чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ барои Осиёи Марказӣ”, Душанбе-2017.
3. Галым Жусипбек. В чем причины радикализма и кровопролития в мусульманском мир. Сомонаи “Центр Азия» 19. 08. 2015.
4. Галым Жусипбек, Жанар Нагаева. Взглянуть по-новому на причины радикализма и терроризма – и что делать? Сомонаи “Rethink Institute». Март 11, 2016.

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР



### ҶАҲОН ДАР РАВЗАНАИ АНТРОПОЛОГИЯ

(*мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, профессор Муҳаммадалӣ Музаффарӣ*)

**Нозим Нурзода:** Устоди арҷманд, қаблан сипосгузорем, ки ҳамеша имкони мусоҳибаро бо мо фароҳам меоваред, чӣ хоҳише, ки мо мекунем, шумо бе ягон такаллуфу таоруф қабул менамоед. Ташаккури зиёд. Дар ибтидо арз медорем, ки ҳангоми таъсиси маҷалла ва кушодани бахши "Ҷаҳон аз нигоҳи дигар" Шумо дар феҳристи аввалинҳо барои мусоҳиба қарор доштед. Акнун, ки ин фурсат расидааст, суҳбатро оғоз мекунем. Шумо дар ду давраи таърихӣ - Шӯравӣ ва марҳилаи соҳибистиқлолӣ зиндагӣ ва таҳқиқ кардаед. Ҳамзамон ба масоили инсоншиносӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, таҳқиқотатонро дар самти антропология маҳдуд намудед. Бо таваҷҷуҳ ба ин, суоли мо ин аст: Таносуби илми антропологияи имрӯза ва теология чӣ гуна аст?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Ташаккур. Антрополия, пеш аз ҳама, илми фалсафист. Амиқтараш, яке аз чаҳор илми ҳастишиносӣ. Агар таснифи илмҳоро ба ёд оварем ва мавқеи фалсафаро муайян бифаҳмем, маълум аст, ки фалсафа илмест дар бораи ҳастӣ ва маърифат. Ҳастӣ худ объекти омӯзиши ҳастишиносист. Ҳастишиносӣ, ки яке аз илмҳои бунёдии фалсафист, чаҳор шакли ҳастиро чаҳор илм: теология, космология, антрология ва сотсиология меомӯзанд. Чуноне ки мебинем, антропология, бо сабаби омӯзиш ва яке аз шаклҳои ҳастии инсон будан, илми фалсафӣ ҳисобида шудааст.

Ин таснифро мо соли 1999 дар рисолаи худ пешниҳод намуда будем, ки аз тарафи яке аз шӯроҳои дифои Институти фалсафа пазируфта шуда буд. Аз чунин тасниф бармеояд, ки теология ва антропология ҳамчун илмҳои ҳастишиносӣ мавқеи якхела дошта “баробарвазнанд”. Ҳамаи илмҳои фалсафӣ, ки бо номҳои гуногун маълуманд, аз ду самти илмӣ, яъне ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ сарчашма мегиранд. Қисме аз онҳо илмҳои онтологианд ва қисме гносеологӣ. Вале, мутаассифона, дар таснифи илмҳои фалсафӣ тақсимбандии аз ду илми бунёдии фалсафӣ: онтология ва гносеология сарчашмагирандаро, на ҳама вақт ба инобат мегиранд. Ин аст, ки антропологияро бо фалсафаи фарҳанг ҳамчун масоили бо ҳам алоқаманд якҷоя намудаанд, теологияро бошад, то ҳатто илми ҳастишиносӣ, яъне фалсафӣ намеҳисобанд. Тафовути илмҳои онтологӣ ва гносеологӣ аз дигар илмҳо дар он аст, ки объект ва предмети омӯзишашон як аст, яъне объекти илмҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ тақсимнашаванда буда, ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Масалан, агар инсонро мавриди омӯзиш қарор бидиҳем, табиат ва моҳияти вайро зиёда аз 49 самти илмӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Агар инсон объекти омӯзиши антропология қарор гирад, ин илми онтологӣ бояд табиат ва моҳияти инсонро бутун, бапуррагӣ, бе тақсимбандии предметӣ биомӯзад. Бо ин сабаб, антропология монанди дигар илмҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ илми бунёдии фалсафӣ-методологӣ буда, барои 49 самти илмии зикршуда, ки инсонро меомӯзанд, ҳамчун илми умумӣ, методологӣ ва ҷаҳонбиниофар хизмат мекунад. Чунин мавқеъро илмҳои дигари ҳастишиносӣ (теология, космология, сосиология) низ ишғол мекунанд. Аз сабаби илми умумӣ ва фалсафӣ буданаш, мо ибораи “антропологияи фалсафӣ”-ро дуруст намешуморем, чунки антропология, чунонки гуфта шуд, худ илми фалсафист. Ба монанди он ки мо ахлоқро бо ибораи ахлоқӣ- фалсафӣ ифода наменамоем. Ё ин ки “зебоишиносӣ”-ро бо ибораи

“зебоиишиносии фалсафӣ”. Ҷаро мо антропологияро ҳатман бояд бо мафҳуми “фалсафӣ” якҷоя истифода намоем. Ба андешаи мо, чунин тарзи истифодаи мафҳум ва ибораҳо нодуруст мебошад.

Агар сухан дар бораи объекти илмҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ равад, бояд дар назар дошт, ки объекти яке “ҳастӣ” ва объекти дигаре “маърифат” аст. Бо ҳадафи мушаххас намудани мазмуни ин ду мафҳуми васеъ, онҳоро ба шаклҳо тақсим намудаанд. Ҳастиро бо чаҳор шакл ва маърифатро низ ба чаҳор шакли дигар. Дар натиҷаи чунин тақсимбандӣ андешаҳо дар бораи ҳастии мутлақ, ҳастии олами моддӣ, ҳастии инсон ва ҳастии ҷамъият пайдо шудаанд. Илмҳои маърифатшиносӣ бошанд, равоншиносӣ, мантиқ, равоншиносии метафизикӣ ва матншиносӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳама илмҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ илмҳои методологӣ ҳисобида мешаванд. Космология барои ҷамъи илмҳои табиатшиносӣ ҳамчун илми методологӣ хизмат мекунад. Сотсиология бошад, чунин вазифаро нисбат ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ба уҳда дорад. Дар байни илмҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ танҳо теология илми “сарбаста” аст, чунки дар ягон самти илмӣ вазифаи методологияро ба зимма надорад.

Теологияро гоҳе бо метафизика ва гоҳе бо диншиносӣ омехта месозанд, ки чунин андешаҳо беасосанд. Вале бояд қайд намуд, ки “теология”- ба ду таълимот ҷудо шуда, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Якеро теологияи фалсафӣ – ратсионалӣ ва дигареро теологияи эътиқодӣ-динӣ меноманд. Ҳангоме ки теологияро яке аз илмҳои ҳастишиносӣ меҳисобанд, теологияи фалсафӣ-ратсионалиро дар назар доранд.

Дар забони тоҷикӣ дар баъзе маврид мафҳуми “илоҳиётшиносӣ”-ро низ истифода мебаранд. Вале номаълум аст, ки дар зери мафҳуми “илоҳиётшиносӣ” кадом шакли илоҳиётшиносӣ (фалсафӣ ё динӣ)-ро дар назар доранд.

Ногуфта намонад, ки дар бештари маврид муаллифон мафҳумҳои илмии “фалсафа”, “метафизика”, “теология”,

“мистика”-ро муайян намесозанд. Масалан, мафҳуми “мистика”-ро бо “ метафизика” омехта месозанд.

Бояд дар назар дошт, ки метафизика, ба андешаи И. Кант, фалсафаро гӯянд. Мистика ё мистикӣ андешаҳои фалсафиеро гӯянд, ки асоси онҳоро эътиқоди динӣ ташкил медиҳад.

**Дидавар Бекзода**: Устод, дар бораи назарияи пайдоиши инсон чӣ назар доред?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Ин масъаларо бо як ё ду андеша равшан намудан нашояд. Масъалаи пайдоиши инсон масъалаи мураккаб аст. Барои дуруст муайян намудани масъалаи пайдоиши инсон мо бояд назарияҳои пайдоиши оламро хуб сарфаҳм равем. То замоне ки мо масъалаи пайдоиши олами моддиро равшан насозем, пайдоиши инсонро дуруст нахоҳем фаҳмид.

**Исомиддин Шарифзода:** Дар фалсафа ду масъала аст: яке масъалаи пайдоиши инсон ва дигаре, масъалаи саодатманд сохтани инсон. Кадомаш муҳим аст?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:**Пайдо намудани ҷавоби дуруст дар бораи пайдоиши инсон, албатта, хуб аст, вале чӣ гуна ҷавобе, ки набошад, моҳияти инсонро дигаргун намесозад. Аз ин рӯ, роҳҳои саодатманд сохтани инсонро бояд ҷустуҷӯ намуд. Дониши гузаштаро мо бояд барои беҳбудӣ бахшидан ба оянда истифода барем. Имрӯзҳо бошад, дар тамоми сайёра ноором̣ӣ таъсири манфии худро ба фардо мерасонад. Дар чунин маврид шахсониояндабин, дурнигар хеле заруранд. Ҳар як фарди бохираду инсондӯст бояд ғами фардои башарро хӯрад. Хайр, умед дорем ба фардои орому осуда дар рӯи Замин.

**Исомиддин Шарифзода:** Устод, дар тӯли таърих, агар бубинем, инсон, аслан аз назари эҳтимолият дар ҷаҳон боқӣ мондааст ба ҳамин намуд. Яъне, манзурам ин аст, ки тағйирпазириҳои иқлиму дигаршавиҳое, ки дар табиат дар кулл вуҷуд дорад, ҳамеша хатарҳое, ҳастанд, ки барои аз байн рафтани ҳамин намуди биологие, ки инсон ном дораду соҳибхирад аст, равона шудаанд. Яъне, танҳо дар тӯли миллион

сол табиат як имконе додааст, ки мо ба ҳамин дараҷаи имрӯзаи тамаддун расем. Ва минбаъд ҳадафи инсоният, магар нигоҳ доштани ҳамин намуд ва ҳифз кардани ҳамин тамаддун нест?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Ин андешаи дуруст аст, дар ҳамин шакле, ки дар охир гуфтед. Ҳадаф, асосан аз ҳамин иборат аст. Лекин давлатҳои абарқудрате, ки намедонам чӣ даъво доранд, барои бештар сарват ҷамъ кардану бештар нуфуз пайдо кардан ба чӣ амалҳо даст мезананд. Ин ҷо ҷанг, он ҷо ҷанг,ҳаминро мебинем. Лекин, агар андешаи солим дошта бошем, бояд як шуури коллективие бошад, ки ин масъалаҳоро якҷоя ҳаллу фасл намояд. Ростӣ, ин масъалаҳое ҳастанд, ки дигар масъалаҳо дар муқоиса бо онҳо масъалаҳои ҷузъӣ менамоянд. Хуб, тасаввур кунед, ҳолати чарх задани даври муқаррарии сайёраи Замин вайрон шавад ё ягон ҳодисаи табиӣ рух диҳад, бовар кунед, ки дар ҳамон вақт ҳама масъалаҳо дар сайёра дуюмдараҷа мешаванду ҳама шуури башарият ба ҳамин нуқта ҷалб хоҳад шуд.

**Комил Бекзода:** Аз ибтидои асри бисту як то имрӯз антропология чӣ корҳоро анҷом додааст ва аз ин илм чӣ интизорӣ бояд дошта бошем? Барои мо антропология дар садсолаи охир чӣ медиҳад?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Дар ибтидои асри XX антропология кӯшиш намудааст, ки барои пайдо намудани ҷойгоҳ ва мақоми худ дар системаи илмҳо мубориза барад. Ин “кофтуков” ҳоло ҳам идома дорад. Хушбахтона, номи ин фан ҳоло вирди забонҳои илмии дунёст ва ихтисосманди соҳаи инсоншиносиро “антрополог” гӯянд. Ин шароит, асосан ба ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дахл дорад.Ба монанди дигар илмҳо антропология аз самтҳои хеле зиёд иборат буда, на ҳама вақт муҳаққиқон дарк мекунанд, ки ба таҳқиқи антропологӣ машғуланд.

Хеле душвор пешбинӣ намудани он ки дар садсолаи охир ин илм чӣ медиҳад. Ҳаминаш аён аст, ки пайдо кардан ва муайян шудани мавқеи ин илм, ба андешаи мо, қадам ба пеш аст.То имрӯз дар ҷумҳурии мо дар макотиби олӣ антропология дар маънои фалсафиаш таълим дода намешуд. Дар зери мафҳуми антропология танҳо масъалаи антропогенез, яъне пайдоиши одам ва морфологияи ӯро меомӯхтанд. Айни ҳол дар ду донишгоҳ антропология таълим дода мешавад.

**Комил Бекзода:** Оё Шумо ҳамчун ҷузъи фаъоли ҷомеа дар бораи зарурати омӯзиши илми антропология бо таълифи мақола, гузориш ё мактуби расмӣ "бонги хатар" задед?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Дар ин масъала мо як қатор кӯшишҳоро ба анҷом расонидем. Аввал рисолаи доктории банда ба муайян намудани предмет, масоил ва мавқеи антропология дар системаи илмҳо бахшида шуда буд. Дувум бо пешниҳоди банда солҳои навадуми садаи бист дар ин институти фалсафа "Маркази антропология" таъсис дода шуд, ки ман роҳбарии Марказро ба уҳда доштам. Сеюм, бо пешниҳоди банда соли 2009 ин Марказ бо қарори Раёсати Академияи илмҳо ба Маркази антропология АИ ҶТ табдил дода шуд, ки ҳоло дар ҳайати ҳафт ходими илмӣ фаъолият дорад.

Бо пешниҳоди мо дар Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон кафедраи фалсафаи тиб ва антропологияи тиббӣ таъсис дода шуд. Бо пешниҳоди банда фанни антропология дар нақшаи таълимии факултаи фалсафаи ДМТ ва кафедраи физиологияи нормалии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ворид карда шуд.

**Комил Бекзода:** Хуб, ман кӯшиш карда истодаам дар ҳамин баҳси имрӯза, таваҷҷуҳи шуморо ба мақоми инсон бикашонам, ки инсон чӣ мақоме дорад? Ва илми антропология дар байни илмҳое, ки дар гузашта илмҳои бисёр бузурге буданд, масалан, худошиносӣ (теология), ки дар он инсон ҳеҷ мақоме надошт, аз

чӣ ҷойгоҳе бархӯрдор буд? Хуб, дар дунёи қадим илм табиатро меомӯхт. Дар асрҳои миёна ҳама таваҷҷуҳ ба Худо доштанд. Ва аз рӯйи тақсимот гуфтанд, ки дар ҷаҳони нав акнун мақом мақоми инсон аст. Ман пурсиданӣ ҳастам, ки аз ибтидои асри XXI шурӯъ шуда, то охири ҳамин аср илми антропология чӣ мақоме бояд дошта бошад? Мо чӣ интизорӣ бояд дошта бошем? Ман мехоҳам сари ин мавзӯъ баҳс шавад.

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Аввал ин ки антропология инсонро ҳам дар маънои ботинӣ ва ҳам зоҳирӣ ба пуррагӣ меомӯзад.

Моҳияти замони эҳё низ дар ин буд, ки намояндагони илму фарҳанг рӯ ба омӯзиши инсон оварданд. Инсон ба ҳама чиз, амиқтараш, ба омӯзиши ҳама чиз таваҷҷуҳ дорад, ба ғайр аз худаш. Инсони соҳибхирад бояд дарк намояд, ки ҳеҷ мавҷуд ва ҳеҷ махлуке аҷибтар ва мураккабтар аз одам нест.

Мутаассифона, кашфиётҳо дар доираи самтҳои илмие баррасӣ мешаванд, ки мардум аз ин дастовардҳо дар канор мемонанд. Дувум ин ки чунин кашфиётҳо бо забони фаҳмо дастрас намегарданд. Дар забони хосса илмӣ дастрас шудани иттилоот барои аҳли ҷомеа нофаҳмо мемонад.

Аз ин ба назар мерасад, ки дар фаҳмиши табиати инсон дар илм ҳеҷ як пешравие дида намешавад. Аз тарафи дигар, масъалаи табиати инсон дар фарҳанги Машриқзамин хеле нозукбинона омӯхта шудааст. Вале афсус, ки надонистани забонҳои қадим садди роҳи чунин омӯзиш гаштааст. Агар илмҳои антропологӣ вазифаи мутамарказ намудани иттилооти таҳқиқотиро ба худи антропология гузоранд, кори омӯзиш ранги дигар мегирад.

**Дидавар Бекзода:** Аз оғози таърих то имрӯз як мушкилии асосие вуҷуд дорад, ки донишмандон барои пешгирии он бисёр талош ва кӯшиш доранд ва ин худкушии инсон мебошад. Аз назари илми антропология, сабаби даст ба худкушӣ задани инсон дар чист?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Худкушӣ, пеш аз ҳама, падидаи ҷаҳонбиниест, ки механизми вай дар равони инсон ҷой дорад.

Агар инсон ҷаҳонбинии мукаммал надошта бошад, ҳамеша гирифтори "ҳамлаҳои" равонист. Худкушӣ ин масъалаи ҷиддист. Барои ба ин кор даст задан инсон бояд кадом як марҳилаҳои равонию ахлоқиро паси сар карда бошад.

Дар ҳар сурат, мушкилоти "ҳалнашаванда" шояд ҷавононро маҷбур созад, ки даст ба ин ҳодисаи нангин зананд. Сабабаш, ҳар чи ки набошад, бояд мо кӯшиш намоем, ки пеши роҳи чунин ҳодисаҳоро бигирем.

**Меҳр Собириён:** Таносуб байни миллат ва фарҳангро дар чӣ мебинед?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Вақте ки сухан дар бораи миллат меравад, бояд бифаҳмем, ки худи миллат зодаи фарҳанг аст. Яъне, дар дараҷаи фарҳанг миллат ташаккул меёбад.

Ба ибораи дигар, фарҳанг муттаҳидкунандаи миллат мебошад. Бе мавҷудияти фарҳанг миллат ҳам вуҷуд дошта наметавонад ва дар дараҷаи мардум ё халқ одамон зиндагӣ ба сар мебаран. Беҳуда намегӯянд, ки фарҳанг ҳастии миллат аст. Бинобар ин, ифтихори мо аз фарҳанги мост.

Мо ҳамарӯза сухане дар бораи менталитети ин ва ё он миллат мешунавем. Менталитет дар асоси фарҳанг ташаккул меёбад. Бинобар ин, минталитет баланд ё паст бошад, муаррификунандаи фарҳанг аст.

Менталитети миллат дар ду дараҷа зоҳир мегардад: дар дараҷаи статикӣ ва динамикӣ. Дараҷаи статикии менталитет ҳамеша ифодагари хусусиятҳои фарҳангист. Дараҷаи динамикӣ бошад, шакли тағйирёбандагии менталитетро шаҳодат медиҳад.

Албатта, менталитет ҳам як ҳолати хирадии шухшуда ҳисобида намешавад. Агар хиради мардум таҳкурсии менталитети онҳоро ташкил кунад, пас, худи хирад низ дар ду

дараҷа ошкор мегардад: дар дараҷаи фардӣ ва дар дараҷаи умумӣ:

Аз ин рӯ, хирад ва пас он менталитет ҳам ба монанди шуури ҷамъиятӣ шакли фардӣ ва ҷамъиятӣ дорад.

Масъалаи менталитети ин ва ё он миллат, мутаассифона, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар адабиёти этнологӣ (мардумшиносӣ) бештар ба масъалаи муайян намудани хислати миллат, худшиносии миллат таваҷҷуҳ мешавад. Ҳол он ки хислати миллат ҳам дар асоси хиради он сурат мегирад.

Асосан, масъалаҳои менталитет хислати халқ, мардум, миллат, хиради мардумӣ, фардӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра ин ҳама масъалаҳое мебошанд, ки бояд дар чорчӯбаи илми этнология ҳаллу фасл шаванд. Мутаассифона, илми этнология низ ба монанди антропология дар ҷумҳурӣ дар вазъияти дилхоҳ қарор надорад.

Муайян намудани менталитети миллатро то як андоза дар синфхонаи донишҷӯёни макотиби олӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба тафовути дониши ҳар як донишҷӯ нигоҳ накарда, ба хулосае омадан мумкин, ки сатҳи хиради донишҷӯён як умумиятеро соҳиб аст. Ин сатҳ нишондиҳандаи менталитети гурӯҳи хурди одамон, яъне наврасон аст. Ё, ҳангоме ки дар ҷаласае зиёда аз 100-200 нафар иштирок доранд, пурсиш гузаронида ба хулоса омадан мумкин аст, ки дараҷа ва сифати менталитети мардум чӣ гуна аст. Бо кадом восита ва роҳҳо дараҷа ва сифати менталитети мардумро дигаргун намудан мумкин аст?

Танҳо ба воситаи таълим ва тарбия. Дар ин ҷода мавқеи Вазорати маориф беназир, беҳамтост. Аз ин рӯ, ман сифати фаъолияти маорифро дар соҳаи таълиму тарбия аввалиндараҷа ва ҳалкунанда мебинам. Маориф институти иҷтимоиест, ки ба монанди завод ва ё фабрика ба истеҳсоли одам машғул аст. Аз ин рӯ, мақоми Вазорати маориф дар байни институтҳои дигари

ҷомеа беназир аст. Дагаргун кардани ҷомеа, рушду нумӯи ҷомеа пеш аз ҳама, ба фаъолияти маориф вобастааст.

Аз тарафи дигар, мақоми соҳаи афзалиятнокро мо бояд дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ баланд бардорем. Масалан, имрӯзҳо дар сатҳи шуури омма андешае устувор гардидааст, ки касби муаллимӣ начандон касби баландмақом ҳисобида мешавад.

Агар ошкор баён созем, падару модар кӯшиш мекунанд, ки фарзанди онҳо иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос ва ё корманди тиб бошад. Дар шуури ҷамъиятӣ ин се соҳаи фаъолият хуб пазируфта шудаанд ва мақоми хосеро соҳибанд.

Муаллими мактаби таҳсилоти умумӣ будан чӣ? На то он дараҷа! Ҳангоме ки падару модар орзуи муаллим шудани писарашонро надоранд, чунин фаъолият обурӯву эътибори тарбиятгарро боло рафтан нахоҳад монд. Аз ин ҷо тарғибу ташвиқи касби омӯзгорӣ натиҷаи дилхоҳро намедиҳад.

Масалан, дар вақти пурсиш аз донишҷӯён ба саволи он ки: “Кӣ мехоҳад дар оянда омӯзгор бошад?” Ягон нафаре ба ин касб таваҷҷуҳ надорад.Ин далели чист? Паст будани мақоми касби омӯзгорӣ дар ҷомеа. Дар баъзе маврид донишҷӯён изҳор мекунанд, ки дониш ба кӣ даркор? Ҳеҷ кас дар зиндагиат аз донишат намепурсад. Меъёри эҳтиром пул, хона, мошин ва мансаб шудаанд, мегӯянд онҳо. Ин фикри як ё ду нафар донишҷӯ не, балки фикри аксарияти онҳост. Бинобар ин, роҳҳои баланд гардидани мақом ва обрӯи омӯзгорро ҷустуҷӯ бояд кард.

**Меҳр Собириён:** Дар оғози суҳбат шумо дар мавриди теология сухан гуфтед ва онро ба теологияи фалсафӣ ва теологияи динӣ тақсимбандӣ кардед. Маълум аст, ки дар ҷомеаи мо, махсусан миёни ҷавонон, асосан теологияи динӣ паҳн гаштааст. Теологияи фалсафӣ, қариб ки омӯхта намешавад ва ин як мушкилист. Мардум барои шунидан ва баррасии масъалаҳои илмии оламу одам омода нест ва ҳар кӣ як фарзия ё воқеияти илмиеро матраҳ кард ва агар бо эътиқоди онҳо рост наояд,

ҳатман ба ӯ дармеафтанд. Инро мо бисёртар дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебинем. Ба фикри Шумо, роҳи ҳалли ин мушкилӣ чист?

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ:** Пеш аз ҳама, бояд қабул намуд, ки ҷаҳонбинии беш аз 95%-и мардум ҷаҳонбинии динист. Ин далелест, ки баҳсу мунозираро наметалабад. Агар ба тариқи иҷборӣ дар мактабҳои олӣ теологияи фалсафиро ҳам ҷорӣ намоем, дар гумон аст, ки дар шуури мардум дигаргуние ба вуҷуд ояд. Чунки хиради мардуми форсзабон дар ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ дар муддати якуним ҳазор сол заҳмати зиёде кашидааст, то ки чунин дарки олам дар тасаввури ӯ нақш бандад. Аз тарафи дигар, шакли ҷаҳонбинии дигаре лозим, ки ҷойгоҳи ҷаҳонбинии диниро бигирад. Маълум аст, ки шахси бакамолрасида ба ягон ҷаҳонбинӣ эҳтиёҷ дорад. Бе суратгирии ҷаҳонбинӣ, хоҳ динӣ бошад, хоҳ илмӣ ва хоҳ муқаррарӣ инсон наметавонад умр ба сар барад.

Бояд донист миллате, ки аз фарҳанги бунёдӣ, яъне аслии худ канда шуд, то андозае ҳамчун "роҳгумкарда" ҳар андеша ва ҳар намуди боварии қавми бегонаро ба зудӣ қабул мекунад. Мардуми ориёитабор дар муқоиса бо дигар миллату қавмҳо соҳиби тамаддун ва андешаҳои баланди фалсафию динӣ (дар симои Ведҳо ва Авасто) буданд. Вале бегонапарастӣ дар ақвоми форсзабон ба сифати этникӣ табдил шудааст. Ин хусусият зиёда аз ҳазор сол аст, ки ташаккул ва устувор гардидааст. Андешаи асотирӣ ва динии бегона миллатро бегонапараст мегардонад. Барои ин бунёди ҷаҳонбиниро мутобиқи расму русум ва андешаҳои ниёгони худ бояд сохт.

**Нозим Нурзода:** Чаро ҳамин хел шудааст? Миллате, ки имрӯз шиорҳои бузург мепароканад, чаро дар вартаи бегонашавӣ қарор дорад? Аз гузаштаи худ ифтихор намудан кам аст. Чаро идеологияи бегона шуури ҷамъиятиро мусаххар кардани? Як навъ табиати ғуломӣ дар таркиби равониву иҷтимоиву физиологии миллат дохил шуд. Аз ҳамон замон ин хислат ба

менталитети мо ворид шуд ва дар замони ислом ба нуқтаи баландтарин расид. Хизмате, ки Муҳаммад Ғаззолӣ, Фахри Розӣ ва дигарон барои рушди ислом карданд, беназир аст. Агар ин нафарон китобҳои фундаменталӣ наменавиштанд, шояд дастгоҳи хушку холии арабӣ ба дастгоҳи сахти назариёти фикрӣ, ба як ҷараёни мустаҳкам табдил намеёфт.

**Назрӣ Асадзода:** Ба он саволе, ки ҳоло Нозим Нурзода матраҳ намуданд, мо хеле солҳост посух меҷӯем, ки бо ҳама он рӯҳияи барозандаи таърихиву давлатҳои ҷаҳонӣ доштанамон ва доштани бузургони илму адаб, барои чӣ имрӯз дар ин сатҳи худбохтагӣ қарор дорем? Омили заъфи рӯҳияи миллии мо, ба назараи ман, низоми махсуси миллии тарбиявӣ аст. Моро зарур аст, ки низоми махсуси миллии тарбиявиро дар асоси илм созем. Интизор нанишинем, ки масъули Вазорати маориф аз хориҷиҳо чизе тарҷума карда, рӯйи мизи кории худ гузораду онро ҳамчун дастурамал истифода кунад? Аз ҳамин ниҳоди илмӣ мо пурсонем, ки чӣ гуна мо бояд, бо назардошти таҳияи заминаи илмии инсоншиносӣ, заминаҳои сохтани як барнома ё низоми махсуси тарбиятиро ба вуҷуд биёрем? Чи бояд кард, то ҳамон рӯҳияи заифу шикастаи миллиямонро барқарор карда тақвият диҳем?

**Комил Бекзода:** Ман ба ҳамин назаре, ки хиради ноб, хиради азалӣ ё архетип меноманд билкул розӣ нестам. Ҳамин терминҳоро ҳам худашонро ва ҳам мазмунашонро қабул надорам. Ин як. Дигар ин ки чаро миллати мо ба ҳамин роҳ расидааст? Назари ман ин аст, ки мо дар таърих ҳеҷ иштибоҳе накардаем. Мо дар ибтидо устураҳои Ҷамшедӣ доштем, ин дар хотираи таърихии мардуми мо сабт буд. Ин ҳамон архетип аст, ҳамон устураҳои Ҷамшедӣ. Ҷамшед худ тарафдори биҳишти заминӣ буд. Ин дар менталитету тафаккури шифоҳии халқи мо сабт шудааст. Диданд, ки бо роҳи шифоҳӣ намешавад, тақрибан 300-400 сол баъд аз Ҷамшед онро Зардушт бо роҳи динӣ дар

Авесто сабт кард. Авесто ҳам ҳамин назарро дорад, лекин дар шакли динӣ. Ҳадаф ҳамон ҳадаф-биҳишт мебошад. Аз Ҷамшед биҳишти заминӣ, аз Зардушт биҳишти осмонӣ аст. Аз Ҷамшед абадияти умри инсон дар Замин, аз Зардушт абадияти умри инсон дар биҳишти осмонӣ. Яъне, бо гузашти айём ҳамин ҳадафҳо дақиқ мешаванд. Аз Ҷамшед арзишҳо устуравӣ буданд. Дар Зардушт он арзишҳо шакли конкретии динӣ гирифтанд. Дар Мониву Маздак ба ҳақиқат наздиктар шуданд, яъне ҳамин ду андеша таҳаввул ёфтанд. Лекин баъди онҳо мо шикаст хӯрдем. Барои он шикаст хӯрдем, ки ҳар қавме, ки ба дараҷаи маданият мерасад вай дигар одамкушӣ карда наметавонад. Қавмҳое, ки бо корвони фарҳанг омаданд ва дар менталитети онҳо фарҳангу донишу хираду инсоният ташаккул ёфтааст, минбаъд қобилияти куштани одамро аз даст медиҳанд. Мо чаро натавонистем, ки менталитети худро нигаҳ дорем? Менталитет аз байн нарафтааст. Ҳамон менталитети Ҷамшедӣ - Зардуштӣ то ҳозир боқист. Мо тан надодем, мо таслим нашудем, вале барои он ки бо Искандар, бо араб, бо турк зӯрамон нарасид, коре кардем, ки ақаллан зиндагии шахсии худамонро нигаҳ дорем. Лекин дар зери хокистар ҳамон менталитети қадимаи миллии мо вуҷуд дошт ва ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Вақте мебинем, ки он ваҳшиҳо камтар ба олами тамаддун ворид шуданд ва шуда истодаанд, кам-кам гиребони моро сар дода истодаанд. Мо акнун дида истодаем, ки ақидаҳои мову назароти пешинаи мо дар сохтани давлати миллӣ истифода мешаванд. Ман дар ин масъала пессимист нестам. Ман оптимистам, ки ҳамин назароти мо дар оянда боз намуна мешаванд, чаро ки дар гузаштаҳои дур Ҷамшеду Зардушт намунаи тамоми дунё буданд. Динҳои яҳудиву масеҳиву исломӣ нусхаҳои дини Зардуштанд. Ҳамин намунаи биҳиштсозии коммунистӣ нусхаи биҳишти заминии Ҷамшед буд. Инҳо дар назар афсонавӣ менамоянд, лекин аз назари равоншиносии мардумии Густав Лебон гирем, воқеиятҳоеанд, ки ҳазорҳо мисолаш дар замини мо вуҷуд дорад. Дар ибтидо мо ҳам

монанди дигарон зӯровар ва золим будем, мо ҳам ҷанганда будем. Ҷамшеди мо ҳам ҷанганда буд, сохтани биҳишти рӯйи Замин осон набуд ва онро худ месохт ва дигаронро низ маҷбур мекард. Ё ки дини Зардуштӣ ҳам он қадар озода набуд, ки менависанд. Масалан, дар замони Сосониён чунон бо зулм мардумро гирифтор карданд, ки мегуфтанд, ин идеологияи давлатӣ аст ва шумо бояд ҳамин хел рафтор кунед, на тарзи дигар. Худи мардум безор шуда буданд. Барои ҳамин таърихро идеологизатсия кардан даркор нест, танҳо ба хотири он ки маҳз таърихи мост. Муҳаққиқ бояд бо чашми равшан ба ҳама дунё назар кунад, чунки, агар иштибоҳе шавад, ҳамон иштибоҳ боз ба гардани худамон бармегардад. Ана барои ҳамин шумо пешниҳод кардед, ки аз низоми тарбиятӣ оғоз кунем. Онро дар асоси ҳамин решаҳо шурӯъ кардан даркор аст. Барномаҳои нави ҳозиразамон сохтан зарур аст. На пайравӣ аз Аврупо. Аврупо ҳам аз мазҳаб наҷот наёфтааст. Мо вақте Аврупо мегӯем, хаёл мекунем, ки бо мо Генрих Гейне, Гёте, Гегел, Шопенгауер, Ничше гуфта истодаанд. Аммо Аврупои имрӯза Аврупои Рокфеллер ва Дюпон аст. Аврупои Гёте ва Ничше вуҷуд надорад. Ин Аврупои пулдорҳост, ки ҳамаи дунёро оташ зада истодаанд. Барои ҳамин аз онҳо идеал сохтан даркор нест. Мо барои сохтани давлати миллӣ захира дорем ва боварӣ ҳам дорем, ки мардуми пешқадами ҷаҳон бо мо ҳамкорӣ мекунанд. Чаро ки мо имрӯз ҳам метавонем дар сохтани як ҷомеаи дунявӣ ва давлати демократӣ саҳм дошта бошем. Ҳамин давлати дунявии мо монанд ба ҳамон давлати Ҷамшедӣ аст, ки дар вақташ Ҷамшед сохта буд. Шумо хондаед қиссаи Ҷамшедро, ки 17 кашфиётро, шахсан худаш кардааст. Шахсан, худаш кишоварзиву парваришу обёриву сохтани аслиҳаву ғайраро кард. Ана, ҳамон давлати дунявии Ҷамшед то ҳол дар менталитети мо вуҷуд дорад. Ҳарчанд дар шакли устуравӣ аст, лекин агар хоҳем, ки дар ҳамон хатти сайри қавмиву миллии худ бошем, бояд аз ҳамин давлат пуштибонӣ кунем, аз решаҳои таърихии худ пуштибонӣ кунем.

Ин ҷо гап дар бузургманишӣ нест, ки мо махсусан, чизи худро ситоиш кунем. На, ҳамин ду нафар Ҷамшед ва Зардушт муаллимҳои инсониятанд. Вақте китобҳои хориҷиро мехонед, дар бораи онҳо ҳамин гапро мегӯянд. Аввалин муаллимони инсониятанд. Чунки аввалин бор донишро онҳо оварданд, динро ҳам онҳо оварданд. Минбаъд фақат донишу дини қавми моро дигар миллатҳо нусхабардорӣ карданд. Ин барои худбузургбинӣ нест, ин воқеияти таърихист. Хонеду муқоиса кунед? Хуб, ман ба ҳамин назарам, ки мо аввалин қавми фарҳангӣ будем. Мо баъдҳо дар пеши одамкушҳо таслим шудем, акнун раванди имрӯза ба он расидааст, ки одамкушҳо ҳам фарҳангӣ шуда истодаанд. Мунтазир мешавем, ки ҳамин одамкушҳо ҳам фарҳангӣ шаванду якҷоя дар ҳамин ҷаҳон биҳишти заминӣ ташкил кунем. Идеяи Ҷамшеду Зардуштро дар амал татбиқ кунем. Ин аст роҳе, ки дар заминаи таъриху фарҳанги худамон рафта метавонем. Ин ҷо як агар аст. Агар ягон идеяи аз ин беҳтар, аз идеяи ҷамшедӣ ва идеяи зардуштӣ дар ҷаҳон мавҷуд бошад, хоҳ дар қавмҳои африқоӣ, хоҳ амрикоӣ ман, бе ягон таассуб қабулаш мекунам. Агар маро аз нигоҳи ақлу мантиқ қонеъ кунад, ҳамонро қабул мекунам. Андешаҳое, ки дар қавми ман аст, ба ақл, ба таърих, ба мантиқ наздиканд, барои ҳамин ман онҳоро қабул кардам, на барои он ки аз миллати ман асту азиз аст.

**Нозим Нурзода:**

Ташаккур, устоди арҷманд ва дӯстонигиромӣ, барои як суҳбати ҷолиб. Ин навъ суҳбатҳо, махсусан доир ба масоили онтологӣ – ҳастишиносӣ ва инсоншиносӣ хонандаро ба умқи мушкилоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ мутаваҷҷеҳ сохта, ҷараёни биниши илмиро таҳкиму тақвият мебахшад.

Итминон дорем, ки минбаъд ҳам ҳамкориҳои мо бо Марказӣ инсоншиносӣ идома меёбанд ва суҳбату гузоришоти фалсафии Шумо саҳифаҳои шумораҳои навбатии маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”-ро пурмуҳтаво месозанд.

**Шарифов И.У.,**
*номзади илмҳои фалсафа*

**Гулаҳмадов Ш.,**
*саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

## КОНФОРМИЗМ ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ АХЛОҚИ КОНФОРМИСТӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ ТОЧИК

Ҷавонони муосир яке аз категориҳои муҳофизатнашудаи аҳолӣ ба шумор рафта, онҳое, ки донишу малакаи кофӣ надоранд ва ҳоло ба сарвату давлат ниёз доранд, дар аксари маврид, объекти манипулятсияҳо ва инчунин аппробатсияҳои сиёсӣ, технолгияҳои иҷтимоӣ- равонӣ ва айни замон таҷрибаҳо қарор мегиранд. Мисолҳои барҷастаи татбиқи чунин таҷрибаҳо ва технологияи муҳандисони равонӣ «эътирози ҷавонон», «тарафдории ҳамҷинсгароён», «инқлобҳои ранга», пайдоиши падидаҳои гуногуни фарҳанги ҷавонон, аз қабили субкултура контркултура ва ғайраҳо дар гӯшаҳои гуногуни дунё мебошад.

Қисме аз ин "таҷоруб" ва "амалиёт", агар ошкоро гузаронида шаванд, аксари дигари онҳо пинҳонӣ ва махфӣ амалӣ мегарданд ва натоиҷи онҳо аз тарафи "озмоишгарон" эълон намешаванд ва инчунин гузаронидани "амалиётҳои рӯпӯш" маълумоти ночизеро фароҳам меоварад, ки пешкаши ҳамагон намегарданд ва муҳақиқон имкони пурра омӯхтани он падидаҳоеро, ки ҷавонон мубтало гаштаанд, надоранд. Ғайр аз он, баъзе аз муҳаққиқоне, ки ҷасурона ба омӯзиши ин падидаҳо машғул мешаванд, тарс аз он доранд, ки натиҷаи таҳқиқи онҳо ба ҳокимияти сиёсӣ мақбул нагардида ва ҳамчун тарғибагари

ақоиди иртиҷоӣ ва ё пайравони “назарияи дасиса”-ҳои навбатӣ гунаҳгор карда мешаванд.

Элитаи ҳукмрони Ғарб барои зери султаи хеш қарор додани ҷавонон ва истифодаи неруи онҳо барои маромҳои хеш як зумра пажӯҳишгоҳҳои тадқиқотӣ ва марказҳоро созмон додаанд, ки ин гуфтаҳоро китоби афсари баландрутбаи ниҳоди истихборотии Бртанияи Кабир Колеман собит месозад[1]. Чунин пажӯҳишгоҳҳо аз тарафи сарватмандон ва давлатҳои ғарбӣ маблағгузорӣ мешаванд. Мақсаду мароми ин пажӯҳандагон бозёфтҳои илмӣ набуда, омӯзиши рафтору ахлоқи гурӯҳҳои калону хурди ҷомеаҳо ва коркарди технологияҳои идоракунии ҷомеа ва манипулятсияи фард, гурӯҳ ва умуман, шуури омма аст.

Бояд тазаккур дод, аз маълумоти дастрасгардида бармеояд, ки ниҳодҳои истихборотии давлатҳои абрқудрат дар раванди табаддулоти давлатӣ тавассути муҳандисони сиёсӣ бо роҳи таблиғи “идеол”-ҳои муайян ба тафаккури ҷавонон чангол зада, онҳоро ба “инқилобҳои ранга”, “баҳори инқилобҳо” мекашонанд. Ин раванд саволеро дар зеҳнҳо ба вуҷуд меорад, ки оё он ҷомеаи шаҳрвандие, ки ғарибиён онро ҳамчун идеол парастиш намуда, дар пайи бунёди он дар ҷаҳон кӯшида истодаанд, дарвоқеъ вуҷуд дорад? Омӯзиши ин падидаҳо имкон медиҳад, ки ҷомеаи муосири тоҷик аз гирдоби ин ҳаводис раҳонида шавад. Аз ҳамин лиҳоз, мақсад гузоштаем, ки каме ҳам бошад, баъзе аз равандҳои яке аз ин омилҳои тағйирдиҳандаи ахлоқи ҷомеа -- падидаи конформизмро то андозае равшан намоем.

Замони муосир як зумара падидаҳои навро дар ахлоқ ва рафтори ҷавонон ба бор оварда аст, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳлука оварда ва баъзан онҳо хешро мансуби ақаллиятҳои ҷомеаи номбурда ҳисобида, аз созмонҳои ҳуқуқии башар барои

---

[1] Колеман Д. Комитет 300: Тайны мирового правительства. 5-е изд. М.: Витязь, 2011. С. 320.

ҳимояи хеш мадад ҷӯста, то андозае муваффақ ҳам мегарданд. Рафтори ҷавонони муосир нишон медиҳад, ки аксари ҷавонон зуд тағйири ақида намуда, ақида ва мақсаду мароми ақаллиятҳои нав пайдошударо бе ягон таҳлили ақлонӣ қабул намуда, ҳатто аз решаҳои таърихии хеш рӯй мегардонад ва зери ақидаҳои ифротгароии онҳо мемонанд. Яке аз навъҳои чунин рафтор конформизм ба шумор меравад. Ҳанӯз аз даврахои қадим файласуфони атиқа (Арасту ва дигарон) ба хулосае омада буданд, ки инсон дар ҷомеа зиндагӣ намуда, хоҳ-нохоҳ аз он вобаста аст ва берун аз он вуҷуд дошта наметавонад. Дар тӯли фаъолияташ фард алоқаи бевосита ва ё бавосита бо аъзои ҷомеаро дошта, дар ҳамгироӣ амал менамояд ва ё зери амали иҷтимоӣ қарор мегирад. Рафтори инсон зери таъсири ҷомеа тағйир ёфта, ба афкори дигарон розӣ мегардад. Чун рафтор муталлиқи конформизм аст.

Падидаи конформизм аввалин маротиба аз тарафи психологи амрикоӣ Салмон Аш соли 1951 дар илм истифода гардидааст. Як зумра олимон, аз қабили С. Милгрэм, К. Левин, М. Дойч, Р. Мертон, А.П. Сопиков, С. Московичи, М. Кордуэлл, А. Петровский ва дигарон ба падидаи конформизм таваҷҷуҳ намудаанд. Дар асри XX сотсиологияи назриявӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ падидаи конформизмро дар ду самт мавриди омӯзиш қарор доданд. Яке аз ин консепсияҳо аз назарияи ҳамраъйии иҷтимоӣ ва ризоияти иҷтимоии Э. Дюркгейм сарчашма мегирад. Ин андеша минбаъд дар назарияҳои сохтори функсионалии Т. Парсонс, ки "падидаи конформизмро на танҳо чун шарти истеҳсол ва такрористеҳсоли муътадилӣ"[2] медонад, балки "маҳаки асосии ахлоқи ҷомеа"[3] мешуморад. Самти дигари тавзеҳи конформизм аз танқиди васеъи фарҳангии Ф. Нитсше ва аз тарзи гуфтори зидди- меъёрӣ, ки нисбат ба "омма" муносибати манфӣ дошт, бармехезад. Рушди минбаъдаи конформизм ва нонконформизм ба мактаби франкфуртӣ вобастагӣ дорад. Намояндагони назарияи тақидии ҷомеаи

[2] Парсонс Т. О социальных системах. М.: Академическая проект , 2002. С. 189
[3] Парсонс Т. О социальных системах. М.: Академическая проект , 2002. С. 189

муосири баъдазсаноатӣ, аз қабили Т. Адорно, М. Хоркхаймер, Г. Маркузе, Э. Фромм, Ю. Хабермас, А. Грамши ва дигар назариётчиёни иҷтимоӣ диққаташонро ба унсурҳои таъқиботи низомҳои ҷомеаҳои баъдисаноатии оммавӣ равона карда, "конформизмро чун натиҷаи модели рафтори таҳмилӣ ва муборизаи фарҳангҳо"[4] маънидод намудаанд. Чунин дидгоҳ асоси идеологии нонконформистии ҳаракатҳои оммавии солҳои 60-70-уми асри бистумро ташкил медод. Фарҳанги муосири оммавӣ аз назари пайгирони аксулфарҳанг, ки бар хилофи озодиҳои воқеии инсонист, раванди офариниши конформизмро чун таҳмили "моделҳои тоталитарӣ»-и тафаккур ва рафтор тавзеҳ медиҳанд. Ғайр аз ин, намояндагони аксулфарҳанг ба консюмер (consumer, анг. истеъмолкунанда, муштарӣ) диққати хосса медиҳанду аз дидгоҳи онҳо ин "падида натиҷаи манипулятсия ба шуури омма аст"[5]. Агарчи тарафдорони ин дидгоҳ ба як қатор комёбиҳои сиёсӣ ноил гардида бошанд ҳам, аммо натавонистанд, ки ба инқилоби фитрии тамаддуни фарди ғарбӣ оварда расонанд. Аз ҳамин лиҳоз, то ба имрӯз омӯзиши конформизм ва нонконформизм диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Тадқиқотҳои муосир конформизмро объекти омӯзиши се илм: психологияи шахс, психологияи иҷтимоӣ ва сотсиология медонанд, аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, конформизмро ҳамчун рӯйдоди ичтимоӣ баррасӣ карда, рафтори конформистро чун хусусияти хоси психологии инсон дида бароем.

Ҳамаи шаклҳои шуури коллективӣ конформизми иҷтимоӣ ба шумор рафта, талқин менмоянд, ки фард рафторашро ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва талаботи аксарият мутобиқ созад ва итоат намояд.

**Конформизм** ( аз забони лот. conformis – монанд, муносиб, лоиқ, маъқул), -вожаи ахлоқӣ-иҷтимоӣ буда, маънои замонасозӣ

---

[4] Грамши А. Искусство и политика http://mobooka.ru

[5] Новейший психологический словарь. Шапарь, 2005.

намуданро ба афкори ҳукмрон ва тартиботи ҷойдоштаи ашё ва воқеаҳо ифода менамояд. Конформизм - ин надоштани мавқеи хосса, беринсипӣ ва кӯркӯрона пайравӣ намудан ба ҳама гуна чеҳрае, ки каму беш қудрат дорад, мебошад. Олими амрикоӣ Роберт Мертон дар китоби "Рафтори девиантӣ ва назорати иҷтимоӣ" доир ба ин рафтор маълумот дода, менигорад, ки «конформизм (итоат кардан) ин рафторест, ки умумияти иҷтимоӣ аз ақидаву андешаи худ рӯй гардонида, мақсад ва мароми умумияти ҷойдоштаро қабул менамояд».[6]

**Конформистҳои иҷтимоӣ. Сабабҳои рафтори конформистӣ**

Конформистҳои иҷтимоӣ - ин фард, аъзои ҷомеа, ки новобаста ба дидгоҳ, пиндор, дониш, зери таъсири афкори аксари аъзои гурӯҳ монда, ақидаи онҳоро дуруст ҳисобида, онҳоро эътироф менамояд. [7] Ба маънии дигар, конформист –ин инсонест, ки аз рӯйи одат, беэътироз ба ҳама итоат менамояд. Чунин нафарон мулоҳизаи шахсӣ, эътиқодӣ, инфиродӣ ва «Ман»-и худро надоранд. Агар вай рафиқ дошта бошад, ба ӯ ва аъзои гурӯҳи ба он муталлиқбуда итоат менамояд. Конформист – ин навъи мутобиқгаштаи иҷтимоист.

Конформизм нақши муҳимеро дар фаъолияти аъзои созмон иҷро менамояд. Асоси конформизмро афкори гурӯҳӣ, ки ба фардияти одам фишор оварда, онро водор менамоянд, ки афкори умумро дастгирӣ намояд, ташкил медиҳад. Рафтори конформист зери таъсири меъёрҳои ахлоқии ( нонигошта, ки тарзи чӣ гуна рафтор карданро дар бар мегирад) ҷойдоштаи аъзои коллектив қарор гирифта, ҳангоми паймоншиканӣ ва беқавлӣ сахт муҷозот хоҳад шуд.

Дар ҳар як коллектив низоми назоратӣ вуҷуд дорад, ки дар умум, конформистро дар дараҷаи муайян нигоҳ медорад.

**Шароитҳои пайдоиши рафтори конформистӣ**

---

[6] Роберт Мертон. Девиантное повидение и социальный контроль http://sociology-blog.ru/deviantnoe_povedenie_i_socialjnyj_kontrolj

[7] Смелзер Н. Социология. - М., 1994. С.290

Сифатҳои гурӯҳҳо ва хусусиятҳои фардии инсон ба рушди конформизми шахсият ва талаботи гурӯҳ таъсир мерасонад. Пайдоиши ин падидаро шароити зайл фароҳам меоранд:

- Худбаҳодии ниҳоят пасти фард;
- Эҳсосоти бесалоҳиятии инсон, дар ҳал намудани масъалаи муҳим;
- **Муттаҳидии** гурӯҳҳо – агар пиндори яке аз аъзои гурӯҳ нисбат ба дигарон фарқ намояд, таъсири фишор паст гардида, инсон метавонад ба осонӣ эътироз намояд ва розӣ нашавад;
- Зиёд будани гурӯҳҳо – таъсиррасонӣ замоне амалӣ мегардад, ки агар гурӯҳ на камтар аз 5 нафар бошад;
- Мартабаи баланд ва ё нуфузи экспертҳо ва ё одамони боэътибори гурӯҳ метавонад ба аъзои дигар таъсир расонад;
- Ошкоро одамон дараҷаи баланди рафтори конформистиро пайгирӣ менамоянд, агар афкору ақидаи гурӯҳ ошкор бошад.

Ҳамчунин рафтори фард аз таваҷҷуҳ ва бетаваҷҷуҳии байни аъзои гурӯҳ вобаста аст. Ҳар қадаре ки онҳо хуб бошанд, ҳамон қадар дараҷаи конформизм болост. Майл ба конформизм ҳамчунин ба синну сол (бо баркамолшавӣ паст мегардад), ҷинс (аксаран, занон бештар конформистанд) вобастагӣ дорад. Омӯзиши рафтори конформистӣ дар гурӯҳҳо нишон медиҳад, ки тахминан ҳар як севум дорои чунин рафтор будааст, яъне майли тобеъшавии андешаи онҳо ба гурӯҳҳо дида мешавад. Таъсири гурӯҳ ба фард аз чунин омилҳо вобаста аст: андозаи гурӯҳ (хурдтарин гурӯҳ аз 5 нафар иборат аст), розигии гурӯҳӣ (агар як нафари онҳо "дигарандеш" бошад, таъсир паст аст).

### Тарафҳои мусбат ва манфии конформизм

Тарафҳои мусбати конформизми шахс аз инҳо иборат аст:

- Дар ҳолатҳои бухронӣ муттаҳидии баланд ба коллектив имкон фароҳам меорад, ки ба осони бухрони ҷойдоштаро дар ҷомеа бартараф намоянд;
- Фаъолияти коллективӣ, гурӯҳиро сода менамояд;

- Равнади мутобиқшавии фардро дар коллектив метезонад.

Тарафҳои манфии падидаи конформизм:

- Аз даст додани маҳорати мустақилона тасмимгирӣ ва дарёфти самти лозима дар шароити ғайримуқаррарӣ;
- Барпонамоии шароит ва замина барои рушди мазҳабҳои тоталитарӣ, сектаҳо, давлатҳои авторитарӣ ва давлатҳои тоталитарӣ, ки қатли ом ва генотсидро роҳандозӣ менамоянд;
- Ташаккули ҳар гуна таассуб ва мунҷамид кардани афкори ақаллият;
- Лаёқати шахсро дар саҳмгузории фарҳангу илм кам менамояд, чунки конформизм несткунандаи афкори эҷодии асил аст.

Дар фаъолияти гурӯҳ падидаи конформизм нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро яке аз воситаҳои аслии қабули раъйи гурӯҳ маҳсуб меёбад. Ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ дар навбати худ нисбати рафтори аъзояш то андозае сабру таҳаммул дорад ва аъзо имкон доранд меъёрҳои қабулгардидаро риоя нанамоянд, то ҳадде, ки мавқеашонро ҳамчун аъзои гурӯҳ аз даст надиҳанду ба ягонагии гурӯҳ зарар нарасонанд. Агар аъзо ба гурӯҳ зарар расонанд, гурӯҳ онро муҷозот менамояд.

**Навъҳои конформистҳои иҷтимоӣ**

Гурӯҳи аввали конфористҳои иҷтимоиро конформистҳои вазъӣ ташкил медиҳад. Ҳолати хоси чунин конформистро вобастаи аъзои дигар намудааст. Дар ҷомеаи муосири мо чунин навъи конформистҳо ба назар мерасад, ки эшонро танқисиҳои рӯзгор ва мушкилотҳои зиндагӣ ба чунин раҳ бурда, онҳо тағйири ақида намуда, пайрави динҳои дигар ва мазҳабҳои динӣ гардиданд. Ин раванд аз солҳои 1992 оғоз гардида, то ба ҳол идома дорад.

Ғайр аз ин, гурӯҳи дигари конформистони тоҷик нафароне мебошанд, ки вобаста ба нуфузи этникии ин ё он миллат тоҷикияти худро инкор карда, худро намояндаи миллати дигар дар назари умум вонамуд менамоянд, яъне дорои худшиносии тағйирёбандаанд. Ибораи “худшиносии тағйирёбанда”-ро бори аввал олими норвегӣ Арнӣ Ҳоуген дар китоби “ The

Establishment of National Republics in Soviet Central Asia” истифода бурдааст.

“Худшиносии тағйирёбанда”-и мардуми тоҷик решаҳои таърихӣ дошта, ҳанӯз аз замони зуҳури ислом ин падида хусусияти оммавиро касб менамояд.Ҳанӯз дар бомдоди Ислом космополитизми исломӣ, ки зоҳиран аз номи Худои ягона, баробарии умати исломӣ, муҳимияти дину эътиқоди динӣ дар нисбати унсурҳои қавмӣ ва амсоли ин боиси шикасти ҳувияти қавмиву мардумии аксари қавмҳои исломро пазируфта гардид. Дар заминаи он боло гирифтани шовинизми арабӣ сабаби рушди худшиносии тағирёбанда, махсусан бо ҳар рорҳ худро мансуб донистан ба авлоди арабу қурайш дар шакли мафҳумҳои саидзодаву эшонзода ташаккул ёфт. Имрӯз низ дар ҷомеаи муосири тоҷик нафароне гоҳу ногоҳ чунин ақидаро ба миён мегузоранд, ки “онҳо аввал хешро мусалмон медонанд, баъд тоҷик”. Ҳамчунин нафаронеро низ дучор шудан мумкин аст, ки миллати хешро мусулмон медонанд. Барои возеҳ намудани ин раванд истифодаи мафҳуми миллатро дар китоби динии мусулмонон дида мебароем ва мафҳуми миллат дар Қуръон 15 маротиба дар 9 оят ба маънои “роҳ ва самт” (пайгирӣ кардан) кор фармуда шудааст. Вале бояд зикр намуд, ки маънои ин калима дар забони форсӣ-тоҷикии имрӯза аз вожаи миллате, ки дар Қуръон омадааст, тафовут дорад. Ин мафҳум дар Қуръон ифодакунадаи «роҳи дуруст» буда ва соликони роҳи ҳақиқат халқро ба ин роҳ бояд ҳидоят намоянд. Аз ҷумла, дар Қуръон омада: «Ба роҳи (имон) бобокалонатон Иброҳим пайравӣ намоед». Аз назари Қуръон, миллат — ин маҷмӯи қоидаҳои маънавӣ, дастур ва навъҳои ахлоқест, ки одамон бояд риоя намоянд. Муҳаққиқон бар ин андешаанд, ки вожаҳои миллат ва дин як маъноро ифода менамоянд. Аксари фиқҳшиносон ақида доранд, ки тафовути калимаи миллат ва динро ҳангоми истифода намудан эҳсос кардан мумкин аст. Яъне, иборае, ки дар он номи Худованд меояд, калимаи дин истифода мегардад. «Дини Худовандӣ» ва ё бо номи нафароне, ки ин динро пайгирӣ мекунанд, «Дини Исавӣ». Ҳоло он ки калимаи миллатро танҳо

метавон бо номи паямбарони он илова намуда истифода бурд. Масалан, «Миллати Иброҳим» «Миллати Муҳаммадӣ» ва ғайраҳо. Агар ин нуктаро пайгирӣ намоем, пас вожаи миллат ифодакунандаи пешвои рӯҳонист. Дар асрҳои миёна ҳанӯз миллатҳо ба маъное, ки имрӯз истифода бурда мешаванд, ташаккул наёфта буданд. Таърих гувоҳ аст, ки аксари халқҳои Халиҷи Форс дар пайравӣ ба миллати Иброҳими Халилуллоҳ ҳастии этникии хешро комилан фаромӯш карда, баромади этникии худро аз араб медонанд, амсоли мардуми Мисри қадим, Сурия, Фаластин, Алҷазоир, Тунис ва ғайраҳо. Ин раванд то замони аморати Бухоро барои аҳли мусулмони сарзамини Осиёи Марказӣ низ амал мекард ва дар фарқ ба арабҳо халқиятҳои ин сарзамин танҳо ибораи «миллати Иброҳими Халилуллоҳ»-ро истифода мекарданд ва ё мегуфтанд: «миллати мо мусулмон аст».[8] Ин омил ба ҷавонон ва фардҳои ҷомеаи тоҷик, ки ҳоло ҷаҳонбинии илмию дунявиашон пурра ташаккул наёфтааст, таъсири амиқ расонида, дар натиҷаи таъсироти манфӣ онҳо аз ҳувияти хеш даст кашида, пойбанди фаҳмиши асримиёнагии мафҳуми миллат дар ҷаҳони ислом мегарданд.

"Ҷомеаи ахборӣ, яъне баъдазсаноатӣ", ки бо суръати ниҳоят баланд дар рушд ва таккомул аст, имрӯзҳо "ҳувияти тағйирёбанда» ҷавонони тоҷикро ба доми хеш фурӯ бурда, онҳо решаву бунёди худро радду инкор мекунанд. Исломи тундрави ҷаҳонӣ, ки ба назари мо, яке аз барномаҳои тарҳрезӣ гардидаи абадқудратҳои ҷаҳонист (ДИИШ, Ҷабҳат-ун-нусра, Толибон ва амсоли инҳо) онҳоро села-села фурӯ мебарад. Тарзи тафаккурри онҳо ба гунаест, ки мусулмон ва тоҷик будан ҳамзамон гӯё номумкин аст ва бояд ё ин бошад, ё он. Гӯё яке дигареро рад мекунад.

Гурӯҳи дувуми конформистҳои иҷтимоиро конформистҳои дохилӣ ташкил медиҳанд. Инҳо одамонеанд, ки дар ҳолати низои фикрӣ ба ақидаи дигарон, ботинан фикри дигаронро пазируфта, аъзои ин ҷомеа ва гурӯҳ мегарданд.

---

[8] Акрам А. Тоҷики асил кист? http://didgoh.com

Ба андеши профессор И.М. Илинский, «танҳо 10% аҳолӣ лаёқати мантиқан фикр рондан ва дарки масъаларо доранд”.[9] Вобаста ба дараҷаи рушди зеҳнӣ баъзеҳо мефаҳманд ва баъзеҳо ба масъалҳо сарфам намераванд. Аммо афроде низ ҳастанд он чизеро дарк ва фаҳм менамоянд, ки набояд дигарон донанду фаҳм намоянд. Нафароне, ки лаёқати фаҳмро надоранд, зери таъсири “марказҳои мағзшӯӣ” “пажӯҳишгоҳҳои мағзшӯи”, ки аз тарафи корпоратсияҳои Рокфеллер ва дигар сарватмандону абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар гӯшаҳои гуногуни дунё созмон ёфтаанд, мемонанд. Масалан, пажӯҳишгоҳи Тавистон (Англия, Tabernacle Street, London EC 2A 4DD) ба омӯзиши ҳаматарафаи инсон машғул буда, масъалаи мантиқиеро, ки чаро одамони фарҳангҳои гуногун ва дараҷаи гуногуни маълумот пайгири як ақида ва андешаи якхелаанд, ҷустуҷӯ доранд. Ин мавзӯъро кӯтоҳ карда, “тоқатпазирии муҳандисӣ” ва ё ин ки имрӯзҳо мафҳуми дар рӯзномаву маҷаллаҳо забонзада шуда “таҳаммулпазирӣ”, “таҳаммулпазирии муҳандисӣ” ном мебаранд. Тавассути чунин марказҳои мағзшӯӣ ҷавонони зиёд тағйири ақида намудаанд.

Пажӯҳишгоҳҳои мағзшӯӣ як зумра барномаҳои таълимию фарҳнгиро рӯйи кор оварданд, ки ниҳоят диққатҷалбкунанда ва шавқовару марғуб буда, аксари ҷавонон онҳоро хуш қабул намуда, тахти таъсири идеологияи онҳо мемонанд.

Теодор Адорно, яке аз поягузорони назарияи иҷтимоии “рок-н-ролл” ва фарҳанги мусиқии оммавӣ аз соли 1939 лоиҳаи Принстонии омӯзиши радиоро роҳбарӣ карда ва худ дар китоби “Муқаддимаи сотсиологияи мусиқӣ” (“Introduction to the Sociology of Music”) мақсади лоиҳаи мазкурро чунин менигорад: “барномаи мусиқӣ чунон тарҳрезӣ гардида буд, ки фарҳанги оммавӣ ҳамчун шакли глобалии назорати иҷтимоӣ тавассути

[9] Ильинский И.М. Образование в целях оглупления // Знание. Понимание. Умение. 2009. № 1. С. 21–22.

марҳила ба марҳила дурнамоии истифодабарандагони он бояд хизмат намояд”.[10] Мақсад ва мароми ба ном марказҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ то ба ҳадди “гарангии ҳатмӣ” оварда расонидани шунавандагон ва таълимгирандагон тавассути мусиқии рок-н ролл, эстрадӣ, реп мебошад. Чуноне ки Адорно тасдиқ менамояд: “шунавадагони чунин навъи мусиқӣ пойбанданд”.[11] Адорно низом ё системаи оҳангзои бемаром ва ба ибораи дигар, мусиқии 12-парда, ки аз тарафи композитори австриягӣ -- маъмури ниҳоди ҷосусии Британияи Кабир Арнолд Шёнберг эҷод гардида буд, истифода бурда, “як яроқи пурқуввати мусиқӣ”[12]- и муосирро рӯйи кор овард, ки аз усулҳои он, аз қабили садои баланд, садоҳои таъсирбахш, басомадҳои пасту баланд, афзоиши суръат истифода бурда, вай тавонист то андозае ба шуури фард таъсир расонад. Ҷавонон ҳамеша майли тақлид намуданро дошта, моҳияту мароми конформизмро дарк накарда, онро чун воқеият қабул намуда, ба ҷавонони монанди хеш тақлид ва ҳама ба мисли рамма бо ҷинсҳои дарида, пардози мӯйҳои тоҷи хурӯс, тоссар дар кӯчаҳои шаҳр села-села гашта, ёғи буданашонро намоишкорона дар назди омма нишон медиҳанду ба гуфтаи адиби машҳури гурҷӣ Шота Руставелӣ, “ҳар яке аз хеш қаҳрамон метарошад”.

Имрӯзҳо сатҳи дониш ва малакаи аксари ҷавонони мо паст буда, онҳо дар чорроҳаи интихоб, ботинан танқисӣ кашида, дар итихоби роҳи дурусти зиндагӣ ботинан мушкилӣ доранд ва дар як ҳолати низои дохилӣ қарор доранд, бо каме такон додан бо чунин методҳои дар боло зикршуда ақоиди дигаронро пазируфта, аъзои чунин гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо мегарданд. Бахусус, наврасон ва ҷавонони синни мактабӣ, ки дар масири зидагӣ

---

[10] Теодор В. Адорно. Избранное: Социология музыки. Москва - Санкт-Петербург, 1999. С. 12.

[11] Ҳамон ҷо. С. 379.

[12] Колеман Д. Комитет 300: Тайны мирового правительства. 5-е изд. М.: Витязь, 2011. С.40.

акнун қадам мениҳанд, ба ин падида гирифтор мегарданд. Аз ин лиҳоз, зарурат пеш меояд, ки тарғиб ва ташвиқи рӯҳшиносон ва ҷомеашиносонро дар ин самт ҷоннок намуда, ҷавононро мебояд аз ин ҳолати бухронӣ раҳонид.

Ғайр аз ин, чун конформистҳо зери идеологияҳои мазҳабҳои тоталитарӣ, сектаҳо ва бозиҳои компютерӣ афтида, аз нигоҳи равонӣ пурра мутеи онҳо гашта, зоҳиран арзишҳои иҷтимоиро иҷро менамоянду ба ибораи дигар, «чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд». Имрӯзҳо як бозии шабакавӣ, мистикӣ ва сектагӣ дар интернет бо номи Sini cit амал намуда истодааст, ки наврасон ва ҷавононро ба доми тазвири хеш кашида, барои расидан то ҳадафи охирини бозӣ наврас ва ё ҷавон бояд амал намояд ва дар зинаи охир талаб ба худкӯшист. Моро лозим меояд, ки садди роҳи чунин бозиҳои мавҳкунандаи ақлу равониро дар сатҳи давлатӣ баррасӣ намуда, раванди тағйири ақида намудани ҷавонону наврасонро пешгирӣ кунем.

Гурӯҳи севуми конформистҳои иҷтимоиро конформистҳое дар бар мегиранд, ки зоҳиран ба фикри дигарон розӣ буда, вале дарвоқеъ, муқовимати фикриашонро идома медиҳанд. Чунин навъи конформистҳо бештар дар режимҳои тоталитарӣ, авторитарии давлатдорӣ ба назар мерасанд. Онҳо дигар имкони эътирозро дар чунин ҷомеаҳо надоранд. Ба ибораи тоҷикӣ, «дар шаҳри як чашмаҳо дидаашро нобино воменамоянд», агар зоҳиран фикри умумро пазиранд, ботинан дар ақидаи худ устувор мемонанд.

Гурӯҳи чоруми конфористҳои иҷтимоиро негативистҳо ташкил медиҳад. Намоянди ин гурӯҳ дар ҳама ҳолатҳо арзишҳои ҷамъиятиро намепазиранд ва бо ҷомеа дар низои **кушод** буда, ҳатто, дар ҳолате ки медонанд мавқеашон ғалат аст, онро идома медиҳанд.

Негативистҳо –ин гурӯҳ дар ҷомеаи муосири тоҷикон рӯ ба афзоиш дошта, ба- хусус наврасону ҷавонон ба он шомил гардида, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеаро қабул надоранд ва баъзан кушоду равшан аз худ дарк дода меистанд. Бештари ин намуди конформистҳо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ,

коллеҷҳо, донишгоҳҳо таҳсил менамоянд ва дар фазои ҳамон муассиса худнамоӣ менамоянд. Агар рафтори онҳоро васеътар омӯзем, маълум мегардад, ки ин маншаъ мегирад аз хонавода ва мавқеи иҷтимоии хонавода. Аксари онҳо аз хонаводаҳои бонуфуз буда, дидаву дониста меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеаро поймол менамоянд. Ба назари негативистҳои ҷавон, омӯзгорон табақаи пасти ҷамъият ба шумор мераванд, аз ин рӯ, халалдор намудани раванди таълим барои онҳо гуноҳ нест. Ҳарчанд ки аз Қонунҳои маориф ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд огоҳанд, вале дидаву дониста қонунро пушти по мезананд. Шояд ин аз беэътинонии сохтори сеюми ҷомеа сарчашма гирад. Яъне, агар қонун вайронкунандагонро дар муассисаҳои таълимӣ муҳокима намуда, ҷазоҳои маъмурӣ ва молӣ диҳад, чунин тадбир чашми дигаронро ба воқеият мекушояд.

Ҳами навъҳои номбаршудаи конформистҳо муқобили нонконформистҳо буда, нонконформистҳо, ҳар қадаре ки фишори аксар ба онҳо зиёд бошад, онҳо ҳамон қадар ба фикри хеш устувор буда, барои нигоҳ доштани мавқеашон чора меандешанд. Чунин афрод мустақил ва новобастаанд. Ҷомеаи суннатии Тоҷикистон имрӯзҳо ба чунин афрод ниёз дорад. Агар чунин одамон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ таълим ва тарбия гирифта бошанд, пас дар оянда ба дигарон таъсир расонида ва онҳоро аз дунболи хеш мебаранд.

Ҳамин тариқ, конформистҳоро метавон барои расидан ба ваҳдат ва ягонагӣ, муттаҳидсозии коллективҳо, таълимгоҳҳо ва муассисаҳои олӣ ва умуман, наврасону ҷавонон истифода намуд. Аммо аз он конформистҳое, ки тағйири ақида ба самти дигар намудаанд, эҳтиёт бояд шуд, зеро аксари онҳо зери таъсири ақидаҳои бегона мондаанд.



**Фирдавс МИРЗОЁРОВ,**
*номзади илмҳои филология*

# МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Чунонки маълум аст, низоми анъанавии таълим аз назарияи таълимии Я.А. Коменский, сарчашма мегирад. Ин низоми аз ҷиҳати ташкили ҷараёни таълим синфӣ-дарсӣ буда, мазмуну мундариҷа тавассути методологияи шарҳӣ-аёнӣ пешниҳод карда мешавад. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст. Хусусиятҳои хоси низоми мазкур инҳоянд:

– синф аз хонандагони синну сол ва омодагии якхеладошта ташкил шуда, дар ҷараёни таҳсилоти мактабӣ дар ҳамин ҳайат боқӣ мемонанд;

– ба ҳайати синф дар асоси як нақшаи солона ва барномаи таълим мувофиқи ҷадвали дарсҳо таълим дода мешавад. Хонандагон бояд дар як вақти муайян, фасли муайян ба мактаб ҳозир шаванд;

– дарс воҳиди асосии таълим ба шумор меравад;

– дарс ба як фан, мавзӯъ бахшидашуда, ҳамаи хонандагон аз рӯйи як мавод кор мекунанд;

– фаъолияти хонандагонро дар раванди дарс омӯзгор идора мекунад.

–омӯзгор натиҷаҳои таълими фанни худро арзёбӣ карда, дараҷаи азхудкунии ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ санҷида, дар охири соли таҳсил дар хусуси ба синфи оянда гузаронидан ё нагузаронидани хонанда қарор қабул мекунад;

– китобҳои дарсӣ асосан барои вазифаи хонагӣ истифода мешаванд;

– соли таҳсил, рӯзи дарсӣ , ҷадвали дарсҳо, таътил, танаффуси байни дарсҳо нишондиҳандаҳои низоми синфӣ-дарсӣ мебошанд (22).

Чунонки дар боло қайд шуд, дар низоми синфӣ-дарсӣ асосан методологияи шарҳӣ-аёнӣ истифода мешавад. Чунин тарзи таълим имконият медиҳад, ки дар вақти кӯтоҳ миқдори зиёди ахбор интиқол дода шавад.

Омӯзгор дар таълими шарҳӣ-аёнӣ дониш (маълумот)-ро дар шакли коркардшуда (тайёр) пешниҳод карда, хонандагон онро қабул ва бозгӯйӣ мекунанд. Мундариҷаи таълим дар ин навъи таълим ботартиб ва алоқаманд пешниҳод карда мешавад. Фаъолияти омӯзгор асосан ба таври шифоҳӣ фаҳмонда додани мавзӯъ ва истифода бурдани аёниятҳо равона мегардад. Ин навъи таълим ба анъана ва одат табдил ёфтааст, зеро диққати асосӣ ба хотира равона шуда, хусусияти тазаккурӣ дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидани (ё хондани) маълумот онро бояд дар хотир гирад, дертар ба хотир орад ва бозгӯйӣ карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: нақл, бозгӯйӣ , нақли хаттӣ , иншо, корҳои санҷишӣ ва монанди он.Барномаҳои таълим дар низоми мазкур маводи таълимро бо тартиби мушаххас, пайиҳам пешниҳод карда, барои аз худ кардани мавзӯъҳо миқдори муайяни вақтро пешбинӣ менамояд. Барои ҳар як фан барномаи таълимии алоҳида таҳия карда мешавад ва онро дар муҳлати аз 4 то 10 сол истифода мебаранд. Дар асоси барномаҳои таълим китоби дарсӣ таҳия карда мешавад. Омӯзгор дар асоси барнома ва китоби дарсӣ нақшаи тақвимӣ -мавзӯӣ таҳия карда, дар асоси он раванди таълими фанро ба роҳ мемонад.

Диққати асосӣ дар низоми мазкур ба фаъолияти омӯзгор дода мешавад. Ҳангоми арзёбии фаъолияти омӯзгорон, санҷишгарон ба саволҳои зерин посух менависанд:

– Чӣ тавр омӯзгор дарсро ташкил намуд?

– Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ чӣ қадар вақт сарф кард?

– Чанд хонандаро пурсид?

– Мавзӯи навро чӣ тавр баён кард?

– Мустаҳкамкуниро гузаронд ё не?

– Бо кадом роҳҳо дониши нав мустаҳкам гашт?

– Баҳоро эълон кард ё не?

Инчунин ҳангоми санҷишҳо мувофиқати нақшаи тақвимӣ бо дафтар (журнал)-и синф, мавзӯи китоби дарсӣ ва нақшаи дарс назорат карда мешавад. Барномаро аз худ накардани хонанда мавзӯъҳои пешниҳодшударо надонистани ӯро ифода мекунад. Дарсҳо дар таълими шарҳӣ -аёнӣ мувофиқи қолабҳои мушаххас банақша гирифта мешаванд. Дарс марҳалаҳои гуногунро фаро гирифта, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он дарҷ мешаванд.

Вазифаҳои асосии таълими анъанавӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон хусусияти тазаккурӣ доштани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне, хонандагон шунидан, хондан ва бозгӯйӣ , ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.Натиҷаҳои омӯзиш чунин мешавад:

– моҳияти таълими анъанавиро шарҳ медиҳад;

– дар бораи бартарӣ ва норасоии таълими анъанавӣ мулоҳизаҳояшро мегӯяд;

– омилиҳои устуворкунандаи низоми таълими анъанавиро номбар мекунад.

## Муносибати сохторӣ ва функсионалӣ дар таълими забони тоҷикӣ

Дар таълими забони тоҷикӣ такя кардан ба таълими назарияи забон бо умеди тавассути омӯзонидани назария ёд додани забон муносибати сохториро мефаҳмонад. Яъне, мо дар таълим асосан ба хонандагон қоидаҳоро таълим медиҳем, то ки ба онҳо такя карда хонандагон воҳидҳои забониро дуруст истифода баранд. Китобҳои дарсии мо маъмулан аз рӯйи ҳамин усул навишта мешаванд. Қоида оварда мешавад, сипас, силсилаи машқҳо аз рӯйи мавзӯъ пешниҳод мешаванд. Омӯзгор мавзӯи навро оғоз мекунад. Қоидаро ба хонандагон мегӯяд, онро шарҳ медиҳад, сипас, аз онҳо талаб мекунад, ки силсилаи машқҳоеро, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, иҷро намоянд.

Албатта, одилона нест, агар бигӯем, ки таълими сохторӣ, танҳо ба назария такя кардан дар таълим аст. Омӯзгорон қоидаро гуфта, онро бо мисолҳо мустаҳкам мекунанд ва шарҳ медиҳанд, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ба тариқи аналогия машқҳои нав созанд. Ин хуб аст, аммо гап сари он меравад, ки ҳама фаъолияти хонанда аз қоидаи пешакӣ овардашуда ба роҳ монда мешавад, ё дар атрофи қоидаҳое ташкил карда мешавад, ки аллакай тайёранд.

Таълими функсионалӣ бошад, ба таҷрибаи хонанда такя мекунад. Омӯзгор фаъолияти хонандаро дар такя ба мисолҳои ҳаётӣ, ки хонандагон аллакай дар он таҷриба доранд, оғоз менамояд. Ҳамчунин дар таърихи назарияҳои педагогӣ омӯзиши проблемавӣ низ мавқеи махсус дорад. Дар омӯзиши проблемавӣ, ки таълими салоҳиятнокӣ низ ба он такя мекунад, мавзӯъ аз проблема оғоз карда мешавад. Хонандагон бо вазъияти проблемавӣ рӯ ба рӯ карда мешаванд. Ин ҳолат онҳоро барои мақсаднок гардидани омӯзиш водор менамояд. Хонанда роҳҳои гуногуни ҳалли проблемаро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзӯи пешниҳодшударо дарк кунад ва барои омӯзиш дар наздаш мақсад пайдо шавад.Натиҷаҳои омӯзиш чунин мешавад:

– муносибати сохторӣ ва функсионалиро дар таълими забони тоҷикӣ фарқ мекунад;

– моҳияти таълими функсионалиро шарҳ медиҳад;

– ба таълими функсионалӣ мисол меорад.

## Мафҳумҳои асосӣ. Таснифоти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои “компетенция” ва “компетентность”, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ” –мафҳуми салоҳият *лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ,* сазоворӣ шарҳ дода шудааст.Чун дар ин мақола мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият” ба мақсади ифодаи истилоҳи соҳаи маориф истифода мешавад, тасмим гирифтем, танҳо маъно ва тафсири ба ҳамин соҳа дахлдори ин мафҳумҳоро баррасӣ кунем. Аз ин лиҳоз, тафсири мафҳумҳои мазкурро аз якчанд сарчашмаҳои илмӣ меорем.Дар Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст:

*1.Қобилияти ягон кор (амал)-ро хуб ва самаранок иҷро кардан.*

*2.Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ ) мутобиқ будан.*

*3.Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.* Дар стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми “салоҳият” чунин тафсир шудааст:

*Салоҳият – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ , иқтисодӣ , сиёсӣ ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.*

Бояд қайд намуд, ки дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат муштарак истифода мешаванд. Дар такя ба тафсири мазкур ба хулосае омадан

мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилиятнок ва боэътимодона иҷро карда метавонад. Диққати асосӣ дар таълими босалоҳият ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими босалоҳият ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими босалоҳият ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ваислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад. Салоҳиятро таълим намедиҳанд, балки салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад”. Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

Салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннӣ дар таълим

Вазифаи аслии мактаб тарбия ва таълим аст ва аз ин рӯ дар таърихи инкишофи педагогика тарбияро дар ҷойи аввал гузоштаанд, зеро хонандаро мебояд ба зиндагии мустақилона омода намоем. Гоҳо намояндагони ақидаҳои ба ном демократӣ чунин андеша баён мекунанд, ки мо ба сари омӯзгор масъулиятҳои зиёдеро бор мекунем, ӯ ба ҷойи таълим бо корҳои дигар машғул мешавад. Дар ин маврид ҳаминро бояд таъкид намуд, ки ҷавҳари таълими салоҳиятнокиро тарбия ташкил медиҳад. Мактаб ва омӯзгор бояд инсони ташаккулёфтаро аз дари мактаб ба зиндагӣ равона созанд. Дар ҷаласаи ЮНЕСКО соли 1996 Жак Делор ба чор ҷанбаи салоҳиятҳои хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд, аз ҷумла таъкид кард, ки мактаб бояд ба хонанда маърифат кардан, иҷро кардан, якҷоя зиста тавонистан, зиста тавонистанро омӯзад.Моҳи марти соли1996 дар Шӯрои Аврупо масъалаи ислоҳоти маориф баррасӣ гардида, ба салоҳиятҳои калидӣ (асосӣ ) таваҷҷуҳ карда шуд. Бо назардошти ҳамин талабот яке аз муҳаққиқони асосии таълими салоҳиятнокӣ Г. Халаж (G. Halasz) махсусияти демократӣ, бисёрзабонӣ, бисёрфарҳангӣ, талаботи бозори меҳнат,

дигаргуниҳои иқтисодии кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро ба назар гирифта, силсилаи салоҳиятҳоро пешниҳод намуда буд. Дар асоси ҳамин гуна пешниҳодҳо Шӯрои Аврупо барои аврупоиёни ҷавон доштани салоҳиятҳои асосии зеринро муҳим шумор буд:

– «салоҳиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ба мисли қобилияти қабул кардани масъулият дар қабули якҷояи қарорҳо, ҳалли муноқишаҳо бе истифодаи зӯроварӣ, иштирок дар инкишофи институтҳои демократӣ;

– салоҳиятҳои бо зиндагӣ ва ҷомеаи бисёрфарҳангӣ алоқаманд. Дар шароите, ки таҳаммулнопазирӣ, расизм, ксенофобия авҷ мегирад, маориф бояд "наврасону ҷавононро бо салоҳиятҳои байнифарҳангӣ, ба мисли эҳтироми тарзи зисти дигарон, қобилияти ҳамзистӣбо намояндагони фарҳангҳо, забонҳо, динҳои дигар" мусаллаҳ гардонад;

– салоҳияти бо муоширати хаттӣ ва шифоҳӣ алоқаманд буда, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ хеле муҳиманд. Дар ин гуна маврид тарбияи ҳар чӣ бештар забонҳои дунё талаб карда мешавад;

– салоҳиятҳое, ки бо афзоиши пуриттилоъгардии ҷомеа алоқамандӣ доранд. Маҳорати истифодаи дуруст аз технология, аз иттилоот, рекламаҳои тариқи ВАО паҳншаванда, муҳокимаи интиқодии онҳо;

– қобилиятҳои идома додани омӯзиш дар давоми зиндагӣ дар заминаи ҳаёти шахсӣ ва касбӣ (тахассусӣ)».Моҳияти салоҳиятҳои асосиро иҷтимоишавии шахс ташкил медиҳад. Инҳо маҷмӯи қобилиятҳое мебошанд, дар тамоми фанҳо ташаккул дода мешаванд ва нақши тарбиятгарии омӯзгор дар ин маврид муҳим аст, агар омӯзгор салоҳиятнок набошад, ҳоҷати сухан дар бораи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ нест!

Омӯзгор фаъолияти дар шаклҳои гуногун – инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ ташкил намуда, фазои ягонагӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ба вуҷуд меорад, қобилияти

эҳтироми фикри ҳамдигар, дар доираи мавзӯъ сухан гуфтанро ташаккул медиҳад, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки андешаҳои худро баён кунанд, мавқеи худ, нуқтаи назари худро дар мавриди зарурӣ иброз кунанд. Аз муносибати худкомагӣ омӯзгор даст мекашад.Ин гуна муносибатро дар хонандагон низ ташаккул медиҳад. Омӯзгори имрӯзаро зарур аст, ки хонандагонро ба зиндагӣ дар кураи Замин омода намояд.На танҳо ба шароити Тоҷикистони имрӯзаву оянда, зеро дар асри XXI кӯчиши одамон хеле доман паҳн кардааст. Шароити аз як кишвар ба кишвари дигар барои таҳсил, кор рафтани ҷавонон, шахсони баркамол авҷ гирифтааст. Ин боиси омезиш ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо мегардад. Дар чунин шароит танҳо шахси салоҳиятнок метавонад муваффақ гардад. Вазъияти баамаломада на танҳо дигаргуниро дар барнома, инчунин дар китоби дарсӣ ва пеш аз ҳама дар муносибати омӯзгор талаб мекунад. Матнҳо ва маводе, ки хонанда бо онҳо кор мекунад, бояд инъикоскунандаи ҳаёти берун аз мактаб бошад.

Адабиёт


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. -Душанбе, 2016.-65с.
2. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании // Высшее образование в России. – 2004. – № 11. – С. 3-13.
3. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо (Дастур барои омӯзгор). Модули 2. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-73с.
4. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
5. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище. UNESCO,1996.

6. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.:Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
7. Лутфулоев М. Педагогикаи милии халқи тоҷик(осори педагогӣ , ҷилди 6).–Душанбе. –2015, 704 саҳ.
8. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
9. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева м., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-141с.
10. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
11. Низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-36с.
12. Петровская Л.А. Компетентность в общении.- М., 1989.
13. Равен Дж. Компетентность в современном обществе.Выявление, развитие и реализация. -М., 2002. (англ. 1984).
14. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ . - Душанбе, 2007.- 376 с.
15. Стратегия модернизации содержания общего образования. Материалы для разработки документов по обновлению общего образования. -М., 2001.
16. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки.Издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 с.

17. Хуторской А. В. Современная дидактика: учеб.пособие.– М.: Высшая школа, 2007
18. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос". - 2005. - 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.
19. Чернилова Н.Г. Система проектного обучения как инструмент развития самостоятельности старшеклассников. -Саратов, 1997.
20. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.(барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон). Нашри 2, бо таҳрир ва иловаҳо.–Душанбе: Сабрина,–2012, 458 с.
21. Шогунбек Б, Имомназаров Б. Усули муосири таълим ва истифодаи он дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.–Душанбе. –2017, 111 с.
22. http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html. Педагогическая психология. Тема 8. Психологические основы типов обучения. 8.1. Традиционное обучение: сущность, достоинство и недостатки

**Дидавар БЕКЗОДА,**
*научный сотрудник отдела социологии Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова АН РТ*






**Холик Мирзозода**
**(1911–1992)**

## ХОЛИК МИРЗОЗОДА И ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АХМАДА ДОНИША

Холик Мирзозода (1911-1992) входит в число таджикских интеллектуалов и исследователей, который благодаря своим научным статьям «Язык поэзии и недостатки наших молодых поэтов» [6], «Зеркало подражания» и творчество Аджзи» [7], «Ахмад Махдуми Дониш по прозвищу «Ахмад – Калла» [8] во второй половине тридцатых годов XX века вступил в арену литературоведения. В последующем его монографии, учебники и наставления внесли достойный вклад в воспитание нескольких поколений таджикского народа.

Ахмад Дониш и его творчество привлекли внимание Мирзозоды еще в студенческие годы. Из чего нам становится понятным, что его знакомство с произведениями А. Дониша и

его поездка в Санкт-Петербург (Ленинград) послужили причиной написания им одной из первых статей под названием «Ахмад Махдуми Дониш по прозвищу Ахмад-калла». [8.с,29-31]. Х. Мирзозода в указанной статье в очень простой манере описывает Ахмада Дониша, особенности его творчества, а также излагает свои соображения по поводу получения им такого прозвища. Х. Мирзозода указывает, что Ахмад Дониш предлагал правителю модели государственной реформы, методы правления, создать министерства, отстранить невежественных и глупых лиц от власти и назначить на их места умных министров, а также провести религиозную реформу, обеспечить правильное отношение к народу, привести в порядок чиновничий аппарат и назначить им зарплату, развить ремесла, культуру, язык, литературу и изучить порядок государственного управления России и т.д. Но, по словам самого Ахмада Дониша: «К большому сожалению, в наше время меня не хотят услышать и понять. Мне остается только одно: записывать все, что становится известным, а затем самому читать и плакать над этим» [4.с,97].

Серьезные исследования Х. Мирзозода об Ахмаде Донише и аспектах его творчества, начавшиеся в 1960 годы XX века со статьи «Ахмад Донищ и его последователи» [9.с,58-135], в дальнейшем получили еще большее развитие. Если Мирзозода в своих статьях, написанных до этого времени, бросает поверхностный взгляд на жизнь и творчество литератора, то в последующем точка зрения ученого на взгляды Ахмада Дониша, на его отношение к государству и управлению, на вопросы языка, литературы, поэзии и т.д. изменилась, расширилась и стала более развитой.

Х. Мирзозода при изучении творчества Ахмада Дониша и его последователей, сконцентрировав внимание на второй половине XIX века, делит период литературы после присоединения Средней Азии к России на два этапа: первый – таджикская литература со второй половины XIX века до 1905 года, и второй – это литература 1905-1917 годов. И согласно этому делению упоминает о двух тенденциях или двух путях: народное течение (Ахмад Дониш, Савдо, Шохин, Возех, Мирзо Азими Соми, Садри Зиё; С. Айни, Зухури, Музтариб, Дилкаш, Зуфнун, Хайрат и др.) и феодально-

религиозная тенденция (Афзал Махдуми Пирмасти, Кози Курбонхон Фитрат, Амлах, Анбар, Афсах, Сипанди, Масехо, Сират, Тамкин, Офарин и другие). Х. Мирзозода, указывая на этот момент, говорит: «в результате в литературе появилась группа просветителей, критикующих недостатки феодального общества, вообще, в жизни начался рост социальных и промышленных отношений, а в духовной сфере отмечался рост антагонизма и борьбы». Данная статья Х. Мирзозода об Ахмаде Донише считается продолжением статей: «Ахмад Махдуми Дониш по прозвищу "Ахмад-Калла"» и «Ахмади Дониш» из книги «Материалы по таджикской литературы ( XVI-XIX и начала XX вв)».

Х. Мирзозода на основе конкретных примеров из «Редкие происшествия» (Наводир-ул-вакоеъ) Ахмада Дониша показывает откровенную точку зрения литератора на бескультурье, отдаленность от соответствующих дипломатических отношений главы посольства и ее сотрудников, вообще, аристократии бухарского эмирата того времени, сравнивая ее с этикетом русской аристократии и ее приемом. Уважение Ахмада Дониша русской знатью, аристократией и представителями культуры вызвало гнев и враждебное отношение эмира Музаффара, бывшего религиозным фанатиком и невежественным эгоистом.

Поскольку, по его мнению Ахмад Дониш как скромный и простой человек, был не достоин оказанной ему высокой чести и уважения аристократии и знати двора русского царя, то по этой причине он стал относиться к нему с недоверием. Ахмад Дониш предоставил эмиру результаты своей поездки в виде монографии под названием «Трактат о культуре и взаимопомощи», повествуя об искусстве, культуре и государственном управлении России, и заявил, что в случае непринятия он подаст в отставку. Из содержания данного исследования и выводов Х. Мирзозода выходит, что «это смелое предложение Ахмада Дониша не понравилось эгоистичному и горделивому эмиру, считающего себя самым умным человеком в мире» [9.с,81]. Таким образом становится понятным, что Ахмад Дониш в одиночку не мог преодолеть препятствия и преграды эмира и его чиновников, и поэтому

не мог воплотить свои реформаторские и просветительские идеи и воззрения в «темной» Бухаре тех дней.

Х. Мирзозода в подразделе просветительских идей Ахмада Дониша большее внимание уделяет идее произведений литератора, направленной, с одной стороны, на критику недостатков Бухарского эмирата, особенно самого эмира, чиновников и духовенства и их поведения, с другой на развитие культуры и образования, проведение реформы школ, государственных и религиозных учреждений, обеспечение процветания страны и мирной жизни народа. Исследователь в связи с мировоззрением Ахмада Дониша убежден, что он, также как и все последователи дехканской идеи, не мог выйти за пределы представления, что страна не может существовать без падишаха, и «по его мнению, во главе государства должен стоять всесторонне развитый, грамотный и просвещенный падишах». Но в результате продолжительных размышлений в «Трактат» («Рисола») мыслитель приходит к такому выводу, что со страной и государственными делами один человек не может справиться, поэтому для правильного управления страной и постоянного контроля необходимо внедрить систему министерского управления.

Х. Мирзозода на основе конкретного предложения Ахмада Дониша по этим вопросам пришел к заключению, что такой взгляд Ахмада Дониша требует некоторой демократизации способа управления, и эти размышления говорят о знакомстве мыслителя с парламентским управлением европейских стран. Пропаганда русской жизни и русской культуры считается еще одной особенностью просветительства, и занимает отдельное место в творчестве Ахмада Дониша. Мыслитель после трех поездок в Россию «смог увидеть высокое развитие России, по сравнению с Бухарой; и призвал брать с нее пример, и внедрить в своей стране считающиеся прогрессивными аспекты Ахмада Дониша»[ 9.с,81]. Изображение с особой любовью красивых площадей, скверов, красоты и убранства городов, музеев, театра и цирка, вузов и училищ, свободы женщин и мужчин, поведения русского народа и т.д. пленит каждого читателя. Исследователь на основе таких наблюдений и размышлений Ахмада Дониша пришел к заключению, что «необходимо

путем соединения местной и европейской передовой культуры написать произведение в виде наставления, чтобы в дальнейшем действовать на его основе». К сожалению, знать и министры не только не смогли понять предложений, идей и мечтаний писателя, но и не захотели этого сделать. Поэтому такое отношение эмира и министров положило конец терпению Ахмада Дониша, и он возмущенный невежеством и растлением чиновников, самоуправством и гнетом правящего класса и религиозной безграмотностью народа написал, что «ему ничего не остается, как самому писать, самому читать и самому плакать» [9.с,89].

Позднее мысли и размышления Х. Мирзозода об Ахмаде Донише и его позициям были расширены, и получили свое развитие в статьях: «Таджикская литература второй половины XIX – начала XX веков» [5.с,271-292], «Некоторые размышления об основных идеях дореволюционной таджикской литературы» [10.с,5-29], «Вопросы школы, образования, нравственности и воспитания и их отражение в художественной литературе начала XX века» («Советская школа», 1968, №12; С. 22-28), «Новая демократическая литература» [11.с,101-124], «Ахмади Дониш и просветители начала XX века» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.), «Отношение к некоторым убеждениям Ахмада Дониша и просветителям начала XX века» [1.с,5-35; 12.с,197-228], «Таджикские просветители об изучении русского языка» [13.с,4-9] и т.д. Вопросы места и значения Ахмада Дониша в литературе конца XIX века, его связи с просветителями начала XX века, а также его мнение об изучении русского языка очень хорошо отражены в трех последних статьях. Х. Мирзозода наравне со статьей «Ахмад Дониш и просветители начала XX века» поставил ряд вопросов о незавершенности исследования наследия Ахмада Дониша, предложив следующие темы для исследования: «Ахмад Дониш и предшественники», «Ахмад Дониш и его современники», «Ахмад Дониш и просветители начала XX века». Чуть позже в связи с третьей темой исследования вышла его статья под названием «Отношение к некоторым убеждениям Ахмада Дониша и просветители начала XX века» [1]. Х. Мирзозода в исследуемой статье, обращая внимание на очень важный вопрос, указывает на наличие в

литературоведении трех точек зрения в отношении просветительских идей Ахмада Дониша. Первая – эта точка зрения профессора Е.Э. Бертельса [2.с,7] о том, что идеи Ахмада Дониша служат началом просветительских идей начала XX века, вторая – это несогласие Зарифа Раджабова [14] с этим утверждением и третья – это мнение профессора И.С. Брагинского [3.с,44] о том, что просветители начала XX века отстают на один шаг от Ахмада Дониша. Данная статья, опубликованная в канун празднования 150-летия мыслителя, сыграла видную роль в определении отношения Ахмада Дониша к просветителям начала XX века. Х. Мирзозода считал, что просветители начала XX века появились под влиянием русской революции 1905 года. Поэтому «ни Дониш идейно связан с просветителями начала XX века, а они имеют идейную связь с ним» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Согласно приведенным размышлениям и словам Айни об «идейном влиянии Дониша на пробуждение сознания просветителей начала XX века». Х. Мирзозода пришел к интересному заключению, что «если произведения Дониша являются одним из источников пробуждения сознания просветителей начала XX века, в то время называемых "джадидами", следовательно, движение джадидизма имело идейную связь с Ахмадом Донишем» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Х. Мирзозода после таких размышлений одновременно указывает на условия появления джадидов и их полное различие с тем, что было во время Ахмада Дониша, а также указывает на различие идей на этой основе. Следовательно, становится понятным, что, с одной стороны, воззрения Ахмада Дониша, пробудили сознание и надежды последующих просветителей, а с другой до 1905 года эти идеи и убеждения не были никому известны. Но наряду с этим: «как Дониш не был отрезан от просветителей прошлого, так и просветители начала XX века имели идейную связь с Донишем» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Х. Мирзозода, сравнивая на основе таких рассуждений идеи Ахмада Дониша с последователями и представителями литературы XX века, определил следующие факторы. Первый фактор: прежде всего, мыслитель как детище своего времени в вопросах экономического и социального развития и

обновления государственного порядка верил «в столетнее обновление».

Просветители начала XX века не верили в это воззрение, так как в результате многих наблюдений они пришли к заключению, что эмир и эмират не могут защитить свой народ и свою страну по всем аспектам, поэтому они не имеют будущего. Так как согласно словам Махмудходжа Бехбуди: «Правительство эмира Бухары видит только свои интересы, может думать только о своем желудке и предвидеть на пять дней вперед. Ни население, ни нация, ни человек, ни религия, что бы ни было «...светлый путь...», не проявят заботу о них или не желают ее проявлять. Нет никакой надежды» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Второй фактор, по мнению исследователя, состоит в том, что Ахмад Дониш связывал благосостояние страны с Богом. В представлении мыслителя существовали все тот же справедливый и заботливый падишах, сведущий в науках и любящий литературу, и деспотичный, невежественный, развратный и безграмотный правитель, что нашло отражение в упомянутых произведениях.

Согласно наблюдениям исследователя, последователи Ахмада Дониша связывали причины упадка и беспорядка в стране не с Богом, а с ее эмиром, и считали, что беспросветная жизнь, нищета и разорение народа происходит не от неба и звезд, а от бездеятельности и лени людей того времени. Об этом также пишут Аджзи и Фитрат, Хамди и другие в своих произведениях. Х. Мирзозода о третьем факторе воззрений Ахмада Дониша говорил, что бесперспективность государственного управления династии мангитов, и по этой причине, по мнению Ахмада Дониша, гибель исламского государства Мавераннахра не обязательно связаны с неповиновением населения таким правителям и визирям. По данным вопросам в статье Махмудхаджы Бехбуди "Бухарский эмират, будущее Бухары является темным" (ж. "Зеркало", 1914), повести Абдуррауфа Фитрата "Изложение индийского путешественника" и путевых заметках Мирзы Сироджа Хакима "Дары Бухарцев" «народ эмирата в срочном порядке призвался на борьбу против духовенства, эмиров и правителей. Этот призыв является развитием убеждений Дониша»

(«Образование и культура», 11 декабря 1976 г). Четвертый и очень важный фактор во взглядах Ахмада Дониша и его последователей, имеющий противоположные полюса, связан с отношением к России. Положительный момент, по мнению исследователя, состоит в необходимости брать пример с государственного управления и науки, изучении ее технического развития, сотрудничестве и дружбе с ней, а отрицательный состоит в том, что Дониш негативно относится к вхождению Средней Азии в состав России и рассматривает его как оккупацию.

Х. Мирзозода мнение Ахмада Дониша относительно того, «после победы России в Самарканде и ее окрестностях кусок пищи больше не проходил через горло народа Бухары», справедливо считает борьбой за независимость, осуждением оккупации, стремлением к самоуправлению и самоопределению, что есть одна из особенностей просветительства, а вот сепаратизм и идея отделения Средней Азии от России ведет к отставанию, застою и пребыванию в состоянии религиозного оцепенения, что является одной из серьезных отличительных особенностей. На основе конкретных примеров исследователь показывает, что «просветители Туркестана начала XX века стоят на шаг впереди Дониша и его бухарских последователей, что определено историческими условиями каждой из двух стран» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Пятый фактор Х. Мирзозода связывает с отношением Ахмада Дониша и его последователей к русскому народу. Воспоминания Дониша и его последователей в этом вопросе несут положительный характер, они указывают на доброе отношение и любознательность русских людей, с которыми можно познакомиться в сочинениях Ахмада Дониша, Фитрата, Мирзо Сироджа и Аджзи. Исследователь шестой фактор связывает с Россией и культурой русского народа, с которым А. Дониш близко познакомился за время трех своих поездок в Россию, описывая и восхваляя Москву и Петербург, величие и гостеприимство русского народа и т.д. Такое позитивное отношение можно увидеть в творчестве его последователей Мирзо Сироджe, Аджзи и других. Седьмой фактор сравнения идей А. Дониша с его последователями связан с обучением русскому языку. Исследователь указывает на такой момент,

что Дониш ощущал потребность в изучении русского языка, но открыто не призывал к этому. Его последователи, такие как Аджзи, Бехбуди и другие, продвинулись в этом вопросе дальше него. Они, лично изучая русский язык и обучая ему своих детей, приложили определенные усилия для его распространения. Х. Мирзозода восьмой фактор связывает с проблемой воды и орошения как с одним из самых важных вопросов конца XIX начала XX века, на который обратили внимание Ахмад Дониш и его последователи. А. Дониш и его последователи в данном вопросе выразили единомыслие, и выступили за строительство водных каналов и обеспечение водоснабжения. По мнению Х. Мирзозода, девятый фактор указанного вопроса, занимающего особое место в просветительстве, связан с ненавистью к господствующему классу и его разоблачением. Хотя исследователь и знаком с точкой зрения Дониша и его последователей, однако считает, что в его произведениях сила разоблачения в силу вооруженности необходимыми фактами и данными выше. Десятым фактором считается критика высшего мусульманского духовенства в произведениях Ахмада Дониша. «Антиклерикальное поведение его последователей является открытым и очень смелым, так как в начале XX века большую, чем правители, сдерживающую роль стали играть духовенство и религиозные ученые, поэтому борьба с ними стала носить более серьезный характер» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г ). А. Дониш не смог увидеть путь борьбы, и по этой причине указал только на незаконные действия по изданию улемами фетвы с их собственных слов. А его последователи, продвинувшись в этом вопросе гораздо дальше, видели путь борьбы в их физическом уничтожении. Вопрос семьи и отношения к женщине, считаясь одним из важных факторов в мышлении и мировоззрении Ахмада Дониша, получив только общее отражение, не отвечал требованиям нового времени. Х. Мирзозода упоминает, что «хотя он на примере парижской Патти, дочери короля и других знатных русских женщин изображает их относительно свободных женщин, тем не менее данный принцип он не применил к местным женщинам» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г.). Его последователи в этом вопросе пошли гораздо дальше, они стали выступать за обучение женщин в

новых школах, и даже написали произведения на тему семьи (ссылка на «Семью» Фитрата). Мирзозода считал, что проблема школы и медресе является важным фактором в творчестве Ахмада Дониша и его последователей [15.с,136]. В этой главе он на конкретных примерах показывает, что его последователи в этом вопросе пошли гораздо дальше него. Хотя А. Дониш в данном вопросе и указывает на трудности методов обучения в религиозных школах и медресе, однако не говорит ни слова об их реформе и открытии новых школ. В вопросе пропаганды и агитации европейской культуры, в том числе России, что входит в особенности просветительства, Дониш и его последователи стоят на одной позиции. Но «Дониш показывает больше изумления, удивления и внимания к этой культуре, - пишет Х. Мирзозода, а его последователи стоят на позиции активной пропаганды» («Образование и культура», 11 декабря 1976 г). Из этого сравнения, мыслей и соображений автора данной статьи выходит, что такой метод исследования творчества Ахмада Дониша и его последователей является новым, он раскрывает читателю многие (белые пятна) и мѐртвые узлы литературы конца XIX века начала XX века.

В заключение своей статьи Х. Мирзозода подчеркивает, что уже в начале сравнения понятно, что между воззрениями Дониша и его последователей начала XX века нет противоречий.

## Литература


1. Аз таърихи афкори адабии халқи тоҷик (Из истории литературной мысли таджикского народа). Маҷмӯаи илмӣ, ҷилдӣ 107.- Душанбе, 1977-204 с. (на тадж.языке).
2. Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ / Е.Э. Бертельс-Труды Таджикской базы АН СССР, т. Ш.-М.Л., 1936.-с.7.
3. Брагинский И. С. Из истории таджикской и персидской литератур. Избранные работы / И. С. Брагинский- Москва: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1972.- 524 с.
4. Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития (Краткая история мангитских эмиров Бухары). Таҳияи Далер./ А. Дониш– Душанбе: Сарват, 1992-96 с. (на тадж.языке).

5. История таджикского народа.- М.:Наука, 1962, т.П.
6. Мирзозода Х. Забони шеърӣ ва камбудиҳои шоирони ҷавон (Язык поэзии и недостатки наших молодых поэтов) / Ҳақиқати Ӯзбекистон, 1934, 8 август. (на тадж.языке).
7. Мирзозода Х. «Миръоти ибрат» ва эҷодиёти Аҷзӣ («Зеркало подражания» и творчество Аджзи) / А. Мирзозода // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1936, №2, 3, 4. (на тадж.языке).
8. Мирзозода Х. Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб ба «Аҳмади Калла» (Ахмад Махдум Дониш по прозвищу Ахмад-Калла) / Х. Мирзозода // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1936, №5, саҳ. 29-31. (на тадж.языке).
9. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (Материалы из истории таджикской литературы) / Х. Мирзозода- Душанбе: Нашрдавтаълпедтоҷик, 1962 -137 с. (на тадж.языке).
10. Мирзозода Х. Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт (Размышления о литературе) / Х. Мирзозода-Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963-194 с. (на тадж.языке).
11. Мирзозода Х. Адабиёти ҷадидаи демократӣ (Демократическая литература джадидизма) / Х. Мирзозода // Садои шарқ, 1969, №9 (на тадж.языке).
12. Мирзозода Х. Афкори рангин (Крылатие мысли). Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Мирзозода- Душанбе: Ирфон, 1982 - 325 с. (на тадж.языке).
13. Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия (Литература, обучение и воспитание) / Х. Мирзозода- Душанбе: Маориф, 1983- 144 с. (на тадж.языке).
14. Раджабов З. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине Х1Х и в начале ХХ вв. / З. Раджабов- Сталинабад, 1957- 430 с.
15. Худойдодов Аъзам Овлододович. Холик Мирзозода и таджикское литературоведение ХХ века. Диссертация на соискание учёной степени доктора филологических наук А.О. Худойдодов- Душанбе, 2014.-345с.

## БОЗЁФТ ВА КАШФИЁТ

**Юсуфшо Яъқубов,**
*доктори илми таърих, бостоншинос*

### КАРОН КАШФИ АСРИ 21, ДАР ТАЪРИХИ ТОҶИК АСТ.

Аз кашфи шаҳри Карон шаш сол сипарӣ шуд. Соли 2013, Пешвои миллат, Президенти Кишвар бо харобаҳои Карон ва биноҳои ҳафриёт шудаи он шинос шуда, *“Шаҳри Каронро дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ёдгории беназир номида, омӯзиши онро зарур ва саҳифаи нав дар таърихамон номид”(Эмомалӣ Раҳмон. 8.10.2013*).



Расми 1. Амсилаи шаҳри Карон

Дар ин муддат садҳо туристони хориҷӣ, Каронро зиёрат намуда, онро аз ёдгории машҳури Перу Мачу Пикчу боло донистаанд. Шоирону журналистони шинохтаи тоҷик, аз Карон дидан карданд, шеъру мақолаҳои беҳтарин навиштаанд.

*Қадри ҳар санг чу фарҳанг гарон аст ин ҷо,*
*Чашми ҳар хишт чу модар нигарон аст ин ҷо.*
*Чӣ азиму чӣ қадиму чӣ чавон аст ин ҷо,*
*Ва қадамгоҳи баланди падарон аст ин ҷо,*
*Осмоншаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо.*
*Асрҳо буд башар маҳди Авесто меҷуст,*
*Асари қиблаи Зардушт ба ҳар ҷо меҷуст,*
*Ба дили хоки сияҳ ҳалли муаммо меҷуст,*
*Ҳама асрори куҳан фошу айён аст ин ҷо,*
*Осмон шаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо.*
*Хасм мехост, ки таърихи ту кӯҳтоҳ кунад,*
*Ҷойгоҳи ту ба худ нисбату ҳамроҳ кунад,*
*Ва башарро ба чунин васваса гумроҳ кунад,*
*Радди ҳар фитнаи ин фитнагарон аст ин ҷо,*
*Осминшаҳри биҳиштии Карон аст ин ҷо. .. (*
*Абдуллои Ҳамкор)*

Соли 2015, бо супориши Ҳукумати Тоҷикистон, Академияи илмҳо аз бостоншиносони Ҷумҳурӣ гурӯҳи босалоҳияте ташкил намуд ва онҳо аз харобаҳои Карон дидан намуданд ва мавуҷудияти онро тасдиқ намуданд.

Соли 2015 маълумоти мухтасар дар бораи Карон дар маҷмааи "Археологические работы в Таджикистане," маҷалаи "Ахбори Академияи илмҳо"ва "Муаррих" мақолаҳо чоп шуданд ва аҳли илм метавонанд бо ин ёдгории нодири таърихамон шинос шаванд. Соли 2016 бо ташабуси президенти АИ академик Ф. Раҳимӣ, Иниститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ

як миқдор маблағ ҷудо шуд ва корҳои омӯзишӣ дар Карон идома пайдо карданд .

Акнун мехоҳам ин осори беназир ва моҳияти бузурги таърихӣ доштани Каронро ба хонандагони сершумор ва аҳли илму фарҳанг шинос намоям ва гӯям, ки он кашфи бузург дар асри XX1, дар таърихи халқи тоҷик аст. Бозмондаи ин ёдгорӣ дар масофаи як километрии деҳаи зебои Рӯзвай, дар баландии 1700м, дар болои кӯҳи Зоғик воқеъ аст. Ин кӯҳро аз шарқ, ҷануб ва ғарб рӯди Панҷ давр мезанад ва касногузар месозад, бовуҷуди ин ,ки калъа аз сатҳи дарё аз 300 то 400м баландӣ ҷой гир аст. Қалъа дар байни мардум бо номи Қалъаи Кӯҳна ва Қалъаи Шаҳша ва дигар номҳо маълум буда, танҳо аз ҷониби деҳаи Рӯзвай роҳи рафту омади корвонгард дорад ва он бо девори ҳимоявӣ ҳифз мешуд. Роҳи корвонгарди Абрешим аз назди дарвозаи шаҳр ва боҷхона мегузашт, ки аз Балху Хатлон ба сӯи Бадахшону Ҳинду Чин мерафт. Саёҳони руси асрҳои 19 ва аввали 20 аз ин қалъа ёдоварӣ мекунанд, аммо аз сабаби он, ки баъди солҳои 40-ум роҳи мошингард, лаблаби дарёи Панҷ сохта шуд, Қалъа дур аз роҳ монд ва ҳеҷ босоншиносе то соли 2007, то рафтани ман аз он дидан накарда буд.

Калъа аз лиҳози мавқеяти муҳими ҷуғрофӣ, стратежӣ бархӯрдор буда, ба монанди қалъи Аламути Эрон фатҳнопазир буд. Аз ин лиҳоз ин дижро асрҳо касе натавонист фатҳ кунад. Бо ин сабаб Дарвоз мулке буд, ки истиқлолияти худро аз дигар шоҳигариҳо тулонитар нигоҳ доштааст (то соли 1876).

Ҳафриёт нишон дод, ки ин шаҳраки шоҳӣ аст, яъне дар он шоҳ, наздиконаш, сипоҳ, девон ва хизматгорон мезистанд. Харобаи он аз чаҳор бахш иборат мебошад: Дар бахши ҳамворӣ майдони чавгонбозӣ, бурҷи оташ, маъбади об ва расадхона-хонаи ситорашиносӣ, яъне биноҳои ҷамъиятӣ ҷой доштанд. Дар бахши дувум, дар шимол, дар мавзеи Верчи (вар)-и поён фарвартикҳои оилавӣ (устухондонҳо), дар Верчи боло дахма,

ҷои мурдагонро барои лошахӯрон гузоштан мавҷуданд. Дар инҷо осори се тахт аз сангҳои бузург барои гузоштани ҷасади мардон, занҳо ва тифлон боқӣ мондаанд.

Дар бахши миёна, яъне сеюм дар баландии 300м аз сатҳи маъбади об, дижи шоҳӣ ҷойгир аст. Бахши чаҳорум Дашти манора номдошта, дар қисмати ҷануби диж, 300м пастар қарор дорад. Дар инҷо ҳафриёт нашудааст, аммо ободониҳои зиёд мавҷуданд ва шояд шаҳристон бошад, аммо то ҳафриёт нашавад, чизе гуфтан мушкил аст. Арз мекунам, ки ободониҳо дар ин ёдгорӣ яклухт ба ҳам пайваст нестанд, онҳо пароканда аз якдигар, дар мавзеҳои муносиб барои зист, дар мсоҳати беш аз 100га ҷой доранд.

Меоем сари натиҷаи ҳафриёти чорсолаи дар Карон анҷом дода: 1) Бурҷи бузургдошти оташ. Бурҷи оташ кашфи нодир, дар таърихамон дар соли 2012 ба шумор меравад. То ҳафриёт як теппаи аз хоку санг иборат буд ва мардум онро Калъаи кӯҳна ном мебурданд, ки 10м баландӣ ва 23м қутраш буд.



Расми 2. Бурҷи оташ, дид аз шарқ

Ҳафриёт дар ин бурҷ аз соли 2012 то соли 2014 давом дошт ва бахши ҷанубии он комилан кушода нашудааст, аммо нақшаи он равшан ва таъйиноти он возеҳ мебошад. Бурҷ аз манораи марказии мураббаи 6,5м ба 6,5м ва чаҳор бурҷи 1,60м қутр дошта иборат аст ва мо онро Панҷманор ном гузоштем . Бурҷҳо бо манораи марказӣ пайваст буда, дар як вақт эъмор шудаанд. Бурҷ яклухт аз сангу лой ва ғулачӯбҳои гуногун андоза бунёд шудааст. Байни бурҷҳои намои шарқу ғарб ва ҷанубро аркбандиҳо оро медод. Дар ибтидо аркҳо аз тахтасангҳои тарошида сохта шуда буданд ва баъдан шояд, дар асри миёна аз хишти пухта бозсозӣ кардаанд. Барои муайн кардани бунёди Панҷманор, дар девори бурҷи шимолу ғарбӣ гумона зада шуд ва маълум гардид, ки панҷманорро аз сатҳи кунунӣ, дар жарфии 2м дар болои сангҳои чида эъмор шудаст. Баъд гирдашрро хоку шағалрезӣ намуда, дар чор тарафи он суфаҳои бисёрзини салибро ифода менамудагӣ сохтаанд.

Дар девори шимолӣ сутуни бузурге сохта аз дутарафи он зинаи ба болои манора баромадро эъмор кардаанд. Дар болои суфаи шарқӣ як сиккаи шоҳ Канишкаи 3 ва пораҳои зарфҳои ба замони Кушониён нисбат дошта ба даст омадаанд, ки метавонем гуем, Панҷманор дар ҳамин замон обод буд. Як сиккаи мисини миёнсурохи ба асрҳои 5-7 милод, дар девори ҷанубии бурҷи марказӣ ёфт шуд, ки он ҳам бинои пеш аз исломӣ будани Паҷманорро нишон медиҳад.

Аз сабаби он, ки манора дар болои суфаи салибшакл истодааст ва салиб рамзи офтобу оташ шуморида мешавад, ҳамзамон мансубияти онро бо оташи муқаддас ифода менамояд. Замони пайдо шудани чунин бурҷҳо хеле қадим буда, то маъбадҳои болопӯши оташ тааллуқ доранд. Панҷманор бинои замони ислом нест ва ба ин сиккаҳои дар девори он пайдо шуда гувоҳӣ медиҳанд, шояд дар замони ислом он нақши манораи

азондоданро иҷро мекард, аммо замони пойдоиши он дур аз ислом буда, бурҷи оташи оини зардуштӣ мебошад.

Мувофиқи ривояти боби XV11 "Бундаҳишн," Ҷамшед аввалин оташро дар болои кӯҳи Фароманди Хоразм барафрӯхт. Дар замони подшоҳии Виштасп ғайр аз Хоразм, боз оташи Фарабакро дар кӯҳи Равшани Кобулистон барнишонданд ва то кунун он ҷост . Вақте ки Кай Хусрав бутхонаи дар дарёи Чичаст бударо хароб кард, он оташи Виштаспро дар ёли аспи худ барафшон кард ва он оламро аз торикӣ ва зуламот нигоҳ медошт. Вақте ки Заруштти бо руҳи абади зинда, барои паҳн ва пойдории дин даъват шуд. Виштасп ва авлодонаш бо дини худоён боварӣ ҳосил намуданд. Виштасп оташро дар кӯҳи Реванд фурӯзон кард ва он қатор кӯҳи Виштасп ном гирифт". Аз овардаҳо маълум аст, ки меҳробҳо, яъне бурҷҳое, ки оташро меафрӯхтанд, ҳама дар болои кӯҳҳо буданд. Бинобар ин бурҷи оташи Карон нақши кӯҳро иҷро менамуд ва оташ дар ҳавои кушод месӯхт ва қадимтарин намунаи гуфтаҳои Бундаҳишн дар Осиёи Миёна мебошад.

Тарҳу сабки меъмории Панҷманор ба манораҳои аз санги яклухт тарошидаи замони ҳахоманишии Пасаргард шабоҳат дорад. Манораҳои Пасаргард дар чор гуша, чор нимсутун дошта, фосилаи байни онҳоро аркҳо оро медиҳанд, яъне шабеҳи панҷманори ҳафриёт намудаи мо мебошанд. Оташ дар манораҳои Пасаргард дар марказ, яъне дар бурҷи марказӣ, дар ҳавои кушод дар болои кӯҳ месӯхт. Панҷманори Карон ҳоло ба баландии 9,5м боқи мондааст, аммо дар ибтидо на кам аз 15-20м баландӣ дошт ва нақши маъбади оташро иҷро менамуд.( расми 3)




Расми 3 Нақши Бурҷи оташ (Панҷманор), нақшаи дасти чап, давраи аввал аз дасти рост давраи дувум бо бозсозӣ

Шояд дар Панҷманор низ оташ дар бурҷи марказӣ месӯхт ва манораҳои гуша нақши сутунҳои болопӯши аз барфу борон эмин доштаи меҳроби марказиро иҷро менамуданд.

Бурҷ дар меъмории Осиёи Марказӣ амсол надорад ва дорои аҳмияти бузурги таърихӣ мебошад. Бурҷи оташ бори аввал дар Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон кашф шудааст.

2).**Маъбади об**. Кашфи муҳими соли 2013 дар Карон маъбади рӯди Дойтиаи нек аст. Дар масофаи 65м аз Панҷманор дар бахши ҷанубии он пастхамие ба дарозии 85м ва паҳноии 47м ҷой дошт. Ҳафриёт нишон дод, ки деворҳои ғарбӣ, шарқӣ ва ҷаубии он дар замони ободониаш 5м баландӣ ва 2м паҳноӣ дошта, аз сангҳои шикастаи вулконӣ бо чӯбу гил эъмор шудаанд. Шояд давродаври деворҳоро суфаву пешайвони сутундор оро медод. Ин бинои Маъбади об буда, бо шукӯҳии худ беназир аст. Дар бахши ғарбии он меҳробе ба бузургдошти рӯди муқаддаси

аваестоӣ Ванагуҳ Дотиаи нек, бо лавҳи сангин ҷой дорад. Меҳроб дар фарш, дар се тахтасанг ба шакли секунҷа, се сурохи обгузар, ҷӯбор ва дар пушту пешаш ду ҳавз дорад . Дохили маъбад ба се суфаи гуногун тақсим мешавад. Зинаи якум 14м, дувум 24м ва севум 10м паҳноӣ доранд ва дар онҳо одамон мувофиқ ба мартабҳои иҷтимоӣ менишастанд.(расми 4)



Расми 4 Дар бахши пеш бурҷҳои даромадҳоҳ, дар дасти чап бурҷи оташ ва дар самти қафо маъбади об

Мо ин бинои боҳашаматро ба дарёфти михроби 3м дарозӣ, 1м паҳноӣ ва 1м баландӣ ,ҷӯбори об ва ҳавзӣ 24 ба 24м андоза дошта, маъбади рӯди Даитйаи нек номидем ва ҳақиқат аст. Рӯди Панҷи кунуниро забоншиносон, ки аз Вахон сарҷашма мегирад, вахш, ваҳӣ маънидод менамоянд. Вожаи Ванагуҳ Доитйа, дар Авесто- Даитйа ба маънои беҳ, веҳ ва нек аст. Даитйа дар устураи ориёиҳо мақоми вижа дорад. Мувофиқи устураи авестоӣ дар соҳили рости он Худованд аввалин инсон Каёмард ва дар чап аввалин ҳайвон Говмардро офарида аст. Дар

канори Доитйа Аҳура Маздо бо Ҷам машварат карда, ӯро ба сохтани Вари Ҷамкард ҳидоят менамояд, аввалин ободониҳо барои наҷоти олами ҳайвонот ва наботот пеш аз туфон мебошанд.

Дар Обон яшт Худоаванд дар канори рӯди Даитйа аз фариштаи об Аредвисура хоҳиш менамояд, ки ба Зардушт писари Прушасп ҳидоят кунад,” то ӯ ҳамвора динӣ биандешад, динӣ сухан гӯяд ва динӣ рафтор кунад”

Дар китоби офариниш “Бундаҳишн” фасли 20, банди13 омадааст: “Оби Дайтик аз Иронвиҷ ояд ва ба кӯҳи Куфистон шавад”. Мувофиқи матн Куфистон ҳамин Куфаи кунунии Дарвози Афғонистон  аст. Дар боби рӯдҳо гуфта мешавад, ки “рӯди Дайтӣ ба воситаи Иронвиҷ аз кӯҳҳои Панҷистон ояд” Дар инҷо ҳам  вожаи панҷистон ба Панҷ алоқамандӣ дошта, кӯҳҳои Панҷистон ҳамин кӯҳҳои ҳавзаи дарёи Панҷ дар назар аст.

Дар илми таърих,  дар мавриди дар куҷо будани рӯди Даитйа ақидаҳо гуногунанд: яке ӯро афсона, дигаре бо рӯди Зарафшон ва севум ба Ому нисбан медиҳанд. Дар маҷмуъ фикри Даитйаро бо Ому  яке донистан то андозае наздик аст, лекин рӯд ин номро дар ҷое мегирад, ки Панҷу Вахш як мешаванд ва номи Вахш, Охшоро мегирад. Номи Охшо , Вахшо дар сиккаҳои кушонӣ низ ёд мешавад. Бо назардошти он, ки забони готҳоро забоншинсон ба гӯйши Бохтари Шарқӣ, яъне ба Дарвозу Бадахшон нисбат медиҳанд ва зодгоҳи падари Зардушт Дуроҷ ном дошт ва чунин деҳа бо ин ном дар Куфаи волусволи Бадахшони Афғонистон  то имрӯз побарҷост ва рӯди Даитйа  аз ҳудуди он мегузарад, мо тахмин мекунем, ки рӯди Панҷ ҳамон Даитйаи авестоист, яъне ибораи Даитйа ба бахши Панҷ тааллуқ  дорад  ва инҷо яке аз марказҳои динии Ориёнвиҷ буд. Маъбади рӯди Даитйа бори аввал дар Осиёи Марказӣ, дар Тоҷикистон кашф шуда, дорои аҳмияти бузургӣ илмӣ мебошад.

Яке аз бозёфтҳои нодир ин лавҳи сангини болои миҳроб мебошад, ки 3м дарозӣ, 1м паҳноӣ ва 60см борагӣ дорад. Ин қадимтарин лавҳ дар дунё мебошад, ки ба бузургдошти Авесто аз шишасанг тарошида шуда аст. Лавҳ пора шуда, дар назди миҳроб мехобид, мо онро тамир карда болои миҳроб гузоштем. Лавҳ сумбули китобдӯстии миллати мо, рағбат ба илму фарҳанг доштаи онро ифода мекунад. (расми 5).



Расми 5. Миҳроби рӯди Доитйа бо лавҳи китоб



Расми 6. Нақшаи маъбади рӯди Доитйё.

3. **Майдони чавгонбозӣ** ин кашфи дигари дар шаҳри Карон аст. Ин майдон дар бахши шарқии Панҷманор ҷой дошта, 300м дарозӣ ва 70м паҳноӣ дорад. Одатан майдони чавгонбозӣ 270м дарозӣ ва 50м паҳноӣ, ду дарвозаи 4м паҳноӣ ва 2м баландӣ доштаро доро мебошанд. Майдони чавгонбозии Карон ба тамоми меорҳои ин бозии миллӣ ҷавобгӯ аст. Дар бахши ҷанубӣ ва ғарбӣ ҷойҳои нишасти мардум, шоҳ ба монанди амфитеатр пойбарҷо мебошанд Умуман девори шарқӣ, ғарбӣ бо бурҷҳояш, амфитеатр бо нишатгоҳояш як иншооти бузурги меъморӣ буда, амсол надоранд.(расми 7)



Расми 7. Мадони чавгонбозӣ

Таҳқиқот дар ин бахш нишон медиҳад, ки дар гузаштаи начандон дур чавгонбозӣ яке аз бозиҳои маъмулӣ ва миллии тоҷикон, аз ҷумла мардуми ин диёр будааст ва аз таърихи бисёрҳазорсолаи он гувоҳӣ медиҳад. Олимон бар ин назаранд, ки ромкунандаи асп орииёиҳо буданд ва онро офаридаи илоҳӣ ва муқаддас медонистанд. Дар Авесто достони Драваспа ба фариштаи асп бахшида шудааст. Бозии чавгон бо асп яке аз ихтироҳои ориёиҳои қадим аст. Чи тавре аз"Шоҳнома" бар меояд чавгонбозӣ дар замони Каёниён яке аз бозиҳои маъмултарини дорои назария ва амалияи ҷангӣ буд. Масалан бозии Сиёвуш бо Гарсеваз, Сиёвуш бо Афросиёб далели ин иддио мебошад. Майдони чавгонбозии Карон ягона майдоне, ки ба шакли азалии худ боқӣ монда аст.

4). **Расадхона** (хонаи ситорашиносӣ). Кашфи муҳими соли 2014, ин пайдо шудани расадхонаи ситорашиносии Карон дар бахши шимолу ғарбии маъбади рӯди Доитйа мебошад.

Расадхона аз чордар ҳуҷраи 8х7м; 8,3х 8,2м; 8х5м; 9х4м андоза дошта иборат аст. Бинои асосӣ бо мизи устурлоб мебошад, ки давродаври деворҳои онро суфа оро медиҳад. Суфаҳо дар кунҷҳои расадхона дуқабата буда, давродаврашон тахтабандӣ шудаанд. Дар маркази девори шимолӣ тоқи боҳашамати гулкоришуда вуҷуд дорад, қисми болои он боқӣ намондааст. Дар домани тоқ, аз кунҷи суфаи шимолу ғарбӣ то суфаи шимоли шарқӣ болои ду нимсутун ва як сутуни ҳаштаркаи аз санг тарошида, миз (рафи) сангини 55см паҳноӣ ва 4,5м дарозӣ дошта вуҷуд дошт. Дар бахши ҷанубии раф, моил ба сутуни марказӣ боз як сутунчаи ҳаштаркаи аз сагнтарошида вуҷуд дорад. Дар болои сутун сӯрохии бо қутри 5см ва жарфии 3см ҳаст, ки дар он асбобе пайваст мешуд. Дар маркази расадхона мизи устурлоб, ки аз чаҳор бахш тахтасангҳои секунҷаи зебо тарошидаи рӯ ба иртифо бо ҳам васл болои чаҳор лубнапояи аз санг таррошида қарор доранд. Дар маркази миз сурохии шашкунҷаи изодақутб, дар он шоқул ва тири асбоби ситорасанҷ устувор буд боқист. Аз чаҳор гушаи миз, чаҳор новаи ба сӯи изодақудб канда шудаанд ва дар онҳо асбобе ҳаракат мекард. Дар гирду атрофи мизи устулоб асбобҳои аз санг тарошида, секуҷаҳои гуногунҳаҷм, тахтачаҳои шашкунҷа, ромба,новаҳо ва ғайра омилҳо ёфт шуданд. Дар болои 9 секунҷа аломатҳо кашида шудаанд, ки таъиноти нуҷумиеро иҷро менамуданд. (Расми 8)



Расми 8. Расадхона баъди ҳафриёт, дар марказ устуроб.

Бори аввал дар таърихи диёрамон расадхона пайдо шудааст ва бешубҳа аҳамияти бузурги илмӣ дорад ва омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Корҳои ҳафриётӣ дар расадхона ва маъбади об ба охир нарасидаанд ва тахмин меравад, ки маъбади об нқши расадхонаро низ иҷро менамуд.(расми 9)



Расми 9. Хонаи ситорашиносӣ бо мизи устурлоб

Мо аз таърих огоҳӣ дорем, ки ориёиҳо яке аз кашофони сайёраву коинот буданд ва дар ин бахш асарҳои зиёд доштанд. Масалан ҷуғрофидони замони Сомониён, Истахрӣ менависад,ки дар дарвозаҳои шаҳри Самарқанд масофаи байни замину сайёраҳо навишта шуда буданд ва дар хазинаи шаҳр 200 китоб марбут ба ситорашиносӣ вуҷуд дошт. Сарчашмаҳои чинӣ менависанд, суғдиён ва бохтариён донандагони моҳу сол ва сайёраҳо мебошанд ва онҳо барои сайёраҳо маъбадҳо доранд. Аз ин лиҳоз дини зардуштиро ба собиён нисбт медиҳанд ва Масъудӣ дар асараш "Маруҷ аз-заҳаб" менависад, ки "маъбадҳои сайёрагони собиён нақшаҳои гуногун доштанд. Масалан маъбади Зуҳал нақши шашкунҷа, Муштарӣ секунҷа, Миррих чаҳоркунҷаи рост кунҷа, Аторуд секунҷа, Хуршед мудаввар, Зуҳра секунҷаи дар дохили чоркунҷа, моҳ ҳашткунҷа доштанд. Ҳар маъбад рамуз ва асрори худро дорад"



Расми 10. Секунҷаҳо аз ороиши устурлоб.



Расми 10а. Секунҷа бо ишораи аломати ситорашиносӣ.

5). **Дижи шоҳ.** Ҳафриёт дар бахши чаҳорум воқеъ дар шимолу шарқӣ дар диж нишон дод, ки дар ин ҷо биноҳои истиқоматӣ ҷойгир мебошанд ва давродаври онҳоро девори бо се-чор метр паҳно дошта, бо бурҷҳои тирандозӣ муҷаҳҳаз ва се тарафи онро пешайвони сутундор иҳота менамуд (ниг. ба амсила). Дар ин ҷо як хонаи калони истиқоматӣ, ки масоҳаташ 7,5х6,6м мебошад кашф шуд. Дар бахши ҷанубии он ҳуҷраҳои рақами 3 ва 4 вуҷуд доранд, ки чандон калон нестанд ва ҷои хобанд. Ҳуҷраҳои зикр шуда дорои дукони г-монанд буда, дар деворҳои ғарбии худ тоқ доранд. Дар девори шимолии утоқи рақами 1, дегдон ва суфаву суфачаҳо барои гузоштани дегу коса ва дигар аҷноси лозим барои ошхона, вуҷуд доранд. Дар давродаври деворҳои ғарб,ҷануб ва шарқ дукони васеъ барои нишаст ва хӯрду хоб бунёд шудаанд. Ин хона ба шакли хонаҳои бадахшониҳои имрӯза монанд мебошад, яъне дар гузаштаи начандон дур хонасозӣ дар Дарвоз ба тарзи хонасозии Бадахшон будааст ва ин анъана аз инҷо рафтааст. Расми 11



Расми 11. Бахши шарқии ҳафриёт шудаи дижи Карон

Дар бахши шарқии хонаи рақами як, толори калони бисёрсуфа ва ё ҳавлии рақами 2 вуҷуд дорад, ки барои баргузории маҷлис таъйн шуда буд. Суфаҳо гуногунҳаҷм ва гуногунсатҳ буда, барои нишасти табақаҳои мухталифи мансабдорон таъйн шуда буданд. Дар бахши ҷанубии толор ҳуҷраҳои 5,6 ҳафриёт шуданд, ки дар сатҳи баландтар ҷойгир буданд. Ҳуҷраҳои ин бахш дуқабата буданд. Мутаассифона ҳуҷраҳои қабати дувум, ки ҷойи зисти шоҳ буданд, боқӣ намондаанд. Аммо аз қабати боло андоваи гачӣ бо нақшу нигори рангини олами наботот афтида, дар хуҷраҳои поён ёфт шуданд , ки аз шукӯҳу шаҳомати ҳуҷраҳои зистӣ шоҳ гувоҳӣ медиҳанд.



Расми 12. Қандил аз диж.

Дар баъзе андоваҳо расми парандагони гуногун аз ҷумла парасту, бум ва ғайра тасвир шуда буданд. Хиштҳои пухтаи 30х30х6 ҳаҷм дошта, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар қабати дуввум ҳуҷраву толорҳо бо пӯшиши гумбазӣ, равоқӣ ва пур нақшу нигор зиёд буданд, аммо аз онҳо ғайр аз пораҳои гачи бо ранг накш кардаи аз деворҳо афтида, чизе боқӣ намондааст. Дар қабати якум ҳафт ҳуҷраи гуногунҳаҷм ҳафриёт шуданд, ки онҳо

нақши хазинаро иҷро менамуданд. Масалан, дар ҳуҷраи рақами 10 ҳафт кулин-хамба сохтаанд, ки дар онҳо миқдори зиёди ғалла нигоҳ дошта мешуд. Дар хамбаи рақами 1 ва 2 даҳҳо облулаҳои гуногун ҳаҷм як сар борику як сар ғафси дарун сурох ёфт шуданд, ки дарозиашон 47см ва андозаи сурохаш аз як тараф аз 12 то 8см ва аз тарафи дигар аз 6 то 3см мебошад.Облулахо дар чархи кулолӣ аз гилхоки аълосифат бо санъати баланди кулолгарӣ сохта шудаанд. Ин лӯлаҳо барои обёрӣ истифода мешуданд. Ғайр аз ин, қубурҳои обгузар бо сурохиҳои калонтар низ зиёданд. Дар хуҷраҳои дигар бошад андозаи зиёди пораҳои андоваҳои гач ёфт шуданд. (Расми13)



Расми 13. Лулаҳои об аз хазинаи диж.

Дар бахши шарқии ҳавлӣ ҳуҷраҳои 7, 16 ва 17 ҳафриёт шудаанд, ки дар болои деворҳои онҳо осори қабати дувум мушоҳида мешавад. Дар болои девори бахши ғарбии қасрро аз шарқ ҷудо намудан осори манорае боқист, ки дар он парчами шоҳ ҷилва менамуд.

Диж масоҳати беш аз 1гаро дар бар дорад ва аз даҳ яки онро кушодем ва қайд менамоем, он ягона ёдгориест, ки мо дар асоси омӯзиши мукаммали он нақши сиёсӣ, маъмурӣ, истиқоматӣ ва хоҷагии онро муайян намоем.

Як чанд калима дар бораи номи аслии Қалъи кӯҳна-Карон. Нахустин бор номи Карон дар асари ибн Хурдодбеҳ “Китоб ал-

Масолик ва л- мамолик» асри 1Х-и милод ёд мешавад, ки ба хазинаи Тоҳириён 4 ҳазор дирҳам андоз медод. Ҷуғрофидонӣ асри Х ал- Истахрӣ дар асараш « Масолик ал- мамолик» Карон, Шуғнон ва Вахонро мамлакати габракон номидааст, яъне то асри Х милод мардумони ин диёр ба дини Зардуштӣ боварӣ доштанд. Номҳои Карон ва Курон дар асари маъданшиносии Абурайҳон Берунӣ низ ёд мешаванд. Муҳаққиқи узбек С. Камолиддинов навиштаҳои Беруниро дар бораи Карон ва Курон таҳлил намуда менависад, ки Карон дар асри миёна вилояте буд дар бахши шарқии Хатлон,қадқади дарёи Панҷ. Берунӣ онро ба давлвти Хатлон нисбат додааст. Ғайр аз ин Берунӣ аз Кароне ёдовар мешавад,ки аз он беҳтарин лоҷвардро истеҳсол менамуданд ва он дар байни Кобул ва Бадахшон ҷой дошт. Дар инҷо аз кӯҳи Карон, ки 6 ҳазор метр баландӣ дорад ва дар Мунҷон дар наздик ба Паҷшир ҷойгир аст, сухан меравад. Аз ин кӯҳ лоҷварди хубу аълосифат истеҳсол менамуданд. Бояд арз кунам, ки дар ҳавзаи рӯди Панҷ ва Кӯҳча (Кокча) се мавзеъ бо номҳои Карон, ки ба Дарвоз рост меояд. Курон, Ғорон маркази Андироби байни Шуғнону Ишкошим ва кӯҳи Карони Мунҷон ҷойгир буданд. Соли гузашта Ғ. Ғоибов дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" мақолае навишта, маркази Дарвозро Карон не Курон номида буд, ки ноогоҳии худро дар ин масъла нишон дод.

Шарқшиноси шинохта И. Маркварт Каронро дар ҷанубии Бадахшон, В.В. Бартолд ба Дарвозу Рушон нисбат додаанд. Ақидаи В.В, Бартолд дар бораи он ки Дарвозу Рӯшон ба Карон дохил буданд, дуруст аст.

Устод Б. Ғафуров бехато Қалъаи кӯҳнаро боқимондаи Карон номидааст, масалан ӯ менависад, ки " Дарвоз бо пойтахташ Карон, болотар аз Қалъаи Хуми имрӯза ҷой дорад. Номи Карон дар дараҳои, дар бахши шимолу шарқии ёдгорӣ, дар роҳи аз Кеврон ба сӯи қалъа меомадагӣ боқӣ мондааст. Ҳамин тавар Қалъаи кӯҳна бешубҳа харобаи Карон маркази Дарвози қадим мебошад."

Вожаи "карон" дар луғатҳо ба маънои бузург, неру, тавоноӣ, баланд зикр шудааст. Шояд вожаи "коронаи"русӣ- "тоҷ"ва каронаи тоҷикӣ аз як реша бошанд. Дар забони мардуми тоҷик

ба ҳамин маъно вожаи “кару фар”, “карсанг” санги бузург, “каргас” парандаи бузург, “карнай” найи бузург ва ғайра мавҷуданд.

Дар ҳафриёти Карон солҳои 2013,2014 ду бостоншинос аз осорхонаи миллии  Россия Эрмитаж, А. Никитин ва Л. Смирнова,  бостоншинос аз Осорхонаи санъату таърихи шоҳигарии Белгия О. Бруно ва соли 2014 ду бостоншинос  аз Эрон О. Мумини  ва  Пило Катоюн иштирок дошта, ҳиссагузорӣ кардаанд. Умедворем дар оянда дар омӯзиши Карон экспедитсияҳое  аз хориҷи Тоҷикистон ширкат хоҳанд намуд.

Ҳамин тавр Карон кашфи бузург дар асри 21, дар таърихи халқи тоҷик буда,аҳмияти умумибашарӣ дорад. Карон маҷмааи нодир дар Бохтари Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, амсол надорад. Кашфи бурҷи оташи муқаддас, маъбади рӯди Доитйа бо миҳробу лавҳи китобаш , майдони чавгонбозӣ бо амфитеатрашт, расадхона, дахма, дижи шоҳ ва ғайра ба он далолат мекунанд, ки дар инҷо ва Бадахшон то омадани ислом дини сунатии зардуштӣ роиҷ будааст. Яъне  ин бахши замини тоҷик хеле қадим буда,як бахши тавлидкунандаи устураҳои Авесто ва фарҳанги он мебошад. Озмоиши  сафолҳои дахмаи Карон  дар ҳазори дувуми пеш аз милод мавҷудияти онро тасдиқ мекунанд.  Бинобар ин Карон маҳсули шоҳони кӯчаки Дарвози баъдина нест, балки он як бахши тамаддуни бузурги замони Каёниён, Авесто, Зардушт ва ҷаҳонишавии ориёиҳо дар ҳазораи дувуми пеш аз милод  мебошад. Карон ягона ёдгориест, дар Осиёи Марказӣ, ки дар асоси маводҳои он мо дар бораи ташаккулёфтани шаҳр, сохтор, хусусияти он дар шароити кӯҳистон маълумот пайдо намоем. Карон калид дар кушоиши дину оини пеш аз исломӣ ва кай пазируфтани ислом ва боз даҳҳомасълаҳои дигари таърихамон мебошад.  Ҳоло Карон муҳтоҷи маблағгузории мунтазам мебошад.

Таҳқиқоти солҳои охир аз он далолат мекунанд, ки аз бар намудани Бадахшон аз ҷониби Дарвоз оғоз шудааст ва азхудкунандагон мардумони кишоварз буданд, на кӯч ва чорводор чунонки дар бархе аз адабиёти таърихӣ зикр мешавад. Ин ҷо ба маврид аст, ки як ривояти мардумиро ёдовар шавем. Карон дар байни мардум бо номи қалъаи Шаҳшаҳ ва дар

Ишкошим бо Қаҳқаҳ то ҳануз ёд мешаванд. Мувофиқи ин ривоят онҳо бародаранд, ки яке Дарвоз ва дигаре он ҷойро обод намудаанд. Бинобар ин ҳамаҷониба омӯхтану нигоҳ доштани ёдгориҳои Дарвозу Бадахшон амри таърихамон аст, зеро онҳо равшангари бисёр саҳифаҳои фаромуш шудаи таърихамон мебошанд.

Адабиёт


1. Яъқубов Ю. Раҳнамои шаҳри Карон. Душанбе, 2014.
2. Юсуфшо Якубов. Башня огня развалина Карона. Известие общественных наук АН РТ,№3, 2016, с. 11-24.
3. Якубов Ю. Результаты работ Дарвазского археологического отряда на городища Калаи Куха в 2012г.- АРТ, вып. 38, Душанбе, С.145-181.



**Номвар Қурбонов**
*табиатшинос*

# ПАЙДОИШИ НАЗАРИЯИ ДУАЛИЗМИ РӮШНОӢ

Оид ба рӯшноӣ ва табиати он ҳанӯз дар асри XVIII ду назария ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтанд. Ин назарияҳоро таносубан назарияҳои корпускулавӣ ва мавҷии рӯшноӣ ном ниҳодаанд. Назарияҳои мазкур хосиятҳои гуногуни рӯшноиро дар муҳитҳои мухталиф тавсиф медиҳанд. Асосгузори назарияи корпускулавии рӯшноӣ олими англис Исаак Нютон (1643-1727) ва поягузори назарияи мавҷии рӯшноӣ физики нидерландӣ Христиан Гюгенс (1857-1894) мебошад. Мувофиқи тадқиқоти олими англис Ҷ.К. Максвелл (1830-1879) бошад, рӯшноӣ мавҷи электромагнитӣ аст.

Мувофиқи назарияи корпускулӣ рӯшноӣ сели зарраҳоест, ки аз манбаъ ба ҳама тараф паҳн мешавад. Мувофиқи назарияи мавҷӣ рӯшноӣ ҳангоми паҳн гаштан чун мавҷ рафтор мекунад. Бояд қайд намуд, ки ҳодисаҳои тасдиққунандаи хосияти дуалистии рӯшноӣ баъд аз пайдоиши ин фарзияҳо кашф гардиданд. Ба ин ҳодисаҳо дифраксия, дисперсия, интерферансия, поляризатсия, фотоэффект, комптонэффект, пароканиши афканишоти ренгенӣ ва ғайра тааллуқ доранд. Омӯзиши ҳаводиси интерферансия, дифраксия, поляризатсия ва дисперсия ғалабаи назарияи мавҷии рӯшноиро таъмин намуданд. Дар натиҷаи омӯзиши таркиби дастаи рӯшноӣ ва таъсири он ба муҳитҳои мухталиф ҳодисаҳои фотоэффект, комптонэффект ва пароканиши афканишоти ренгенӣ кашф гардиданд. Маънидоди чунин ҳодисаҳо ба воситаи муодилаҳои электромагнитии Максвелл имконнопазир буда, дар фаҳмиши умумӣ онҳо ба ҳодисоти тасдиққунандаи хосияти мавҷии рӯшноӣ зид мебошанд.

Ин зиддиятро дар соли 1900 фарзияи пешниҳодкардаи физик - назариётчии олмонӣ Макс Планк (1885-1947) бартараф кард. Мувофиқи фарзияи Планк рӯшноӣ аз модда бефосила не, балки ба таври фосиланок ё дискретӣ (бо порсия (квант) - ҳои алоҳида) афканда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки истилоҳи квант аз калимаи лотинии «*quantum*» гирифта шуда, маънояш порсия, ҳисса мебошад. Баъдтар квантҳои рӯшноиро фотонҳо номиданд. Фотон зарраи махсусест, ки ҳамеша дар ҳаракат мебошад. Энергияи кванти рӯшноӣ ё фотон (Е) бо басомади лаппиш (ν) мутаносиб аст:

$$E = h \cdot \nu,$$

дар ин ҷо h = 6,626 · $10^{-34}$ Ҷ·с - доимии Планк мебошад. Импулси фотон (Р) бошад, аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$P = \frac{h}{\lambda} = \frac{hc}{\nu},$$

дар ин ифода $\lambda$ - дарозии мавҷ ва $c$ - суръати паҳншавии рӯшноӣ.

Фарзияи Планкро физики номвари асри XX Алберт Эйнштейн инкишоф дода, соли 1905 назарияеро пешниҳод намуд, ки мувофиқи он рӯшноӣ на танҳо бо квантҳо афканда мешавад, балки бо квантҳо фурӯ бурда мешавад ва инчунин, ба ҳамон гуна квантҳо низ густариш меёбад. Соли 1909 Эйнштейн раванди афканишотро тадқиқ карда, дар як вақт ҳам ба хосияти корпускулавӣ ва ҳам ба хосияти мавҷӣ соҳиб будани рӯшноиро (хосияти дуалистии рӯшноӣ) маънидод намуд. Баъдтар маълум гардид, ки тавсифдиҳандагони хосияти корпускулавии рӯшноӣ энергияву импулс ва параметрҳои хосияти мавҷии рӯшноӣ басомаду дарозии мавҷ мебошанд.

Қадами навбатӣ ва устуворро дар инкишофи консепсияи дуализми корпускулӣ - мавҷии рӯшноӣ соли 1924 физики фаронсавӣ Луи де Бройл (1892-1987) гузошт. Де Бройл фарзияеро пешниҳод кард, ки мувофиқи он на танҳо фотон, балки электрон, протон, нейтрон ва дигар зарраҳои бунёдӣ низ дорои хосиятҳои корпускулавию мавҷӣ мебошанд. Мувофиқи фарзияи де Бройл

ба ҳар як микрообъект ҳам тавсифдиҳандаҳои корпускулӣ (Е ва Р) ва ҳам параметрҳои хосияти мавҷӣ (ν ва λ) хосанд. Айнан ҳамин тавр, ҳамаи зарраҳои бунёдӣ, ки соҳиби массаи доимӣ ва ҳаракат ҳастанд, дарозии мавҷиҳои мувофиқро доро мебошанд. Дарозии мавҷи ҳамаи зарраҳои бунёдӣ аз рӯи формулаи де Бройл муайян карда мешавад:

$$\lambda = \frac{h}{P} = \frac{h}{m\vartheta},$$

дар ин ҷо $m$ - массаи зарраи дилхоҳи элементарӣ.

Соли 1927 физикдонҳои амрикоӣ Клинтон Дэвиссон (1881-1958) ва Лестер Ҷермер (1896-1971) инъикоси электронҳоро аз монокристаллҳои гуногун тадқиқ карда, дурустии фарзияи де Бройлро дар асоси таҷриба исбот намуданд. Ин физикдонҳо манзараи дифраксионии электронҳои инъикосшударо ба қайд гирифта, мушоҳида карданд, ки электронҳои инъикосгардида хосияти мавҷиро зоҳир менамоянд. Баъди ин ҳодиса дар таҷрибаҳои мухталиф хосиятҳои мавҷии атом ва молекулаҳо ба қайд гирифта шуданд.

Яке аз саволҳои бисёр ҳам муҳим ва табиӣ барои фалсафа ва табиатшиносӣ проблемаи материя ба шумор меравад. Зеро тасаввуротҳо оид ба материя ифодаи худро дар зиддиятҳои ду консепсия меёбад: консепсия дискретӣ (фосилавӣ), яъне консепсияи корпускулавӣ ва бефосилагӣ, яъне консепсияи континуалӣ меёбанд. Бо ин проблемаи ҳамтаъсироти объектҳои материалӣ, ки ҳамчун консепсияи дуртаъсир (интиқоли таъсир бе муҳити физикӣ) ва консепсияи наздиктаъсир (интиқоли таъсир аз нуқта ба нуқта) зоҳир мегардад, бевосита алоқаманд аст. Тавре болотар қайд карем, консепсияи корпускулавӣ (дискретӣ) аз тарафи И. Нютон сохта шудааст. Нуқтаи назари Нютон ҳолати ибтидоии атомизмро, ки ба эътирофи қувваҳои дуртаъсир асосёфтааст, муайян кард. Дар натурфалсафа равияи материалистии олимони қадим ҷудо карда мешавад. Атомизм асосест, ки проблемаи материяро ифода мекунад. Саъю кӯшишҳои умумии атомистӣ дар майлкунии пешбарии ҳамаи хосиятҳои гуногуни объектҳои материалӣ бо маҳдудсозии адади хосиятҳои ибтидоии объективӣ ва қонуниятҳои материалии зарраҳои элементарӣ ифода меёбад.

Нишонаҳои асосии атомистӣ инҳоянд:

- тағйирнопазирии атом (яъне табдилёбандагӣ ва ноустувории материя);
- муқобилиятгузории атомҳо ба холигӣ ва фазо (эътирофи объективии фазо ва ҳаракат).

Механикаи классикии асрҳои XVII ва XVIII инкишофи минбаъдаи атомистӣ ба ҳисоб меравад. Нютон солҳои 1672-1676 атомизмро дар ходисаҳои рӯшноӣ татбиқ намуд ва назарияи корпускулавии рӯшноиро сохт. Ӯ рӯшноиро сели корпускулаҳо (заррахо) ҳисоб мекард, аммо дар зинаҳои гуногун имконияти мавҷудияти хосияти мавҷии рӯшноӣ дида мешуд. Хусусан, соли 1675 Нютон чунин кушишҳои сохтани назарияи корпускулавӣ-мавҷии рӯшноиро кардааст. Вай бо ҷаҳонбиниҳои васеъи худ оид ба материализми механикӣ дар асҳои XVII-XVIII баъд аз Рене Декарт дар ҷои дуюм меистад. Декарт яке аз намояндаи машҳури материализми механикӣ дар табиатшиносӣ буда, кӯшиш кардааст, манзараи умумии табиатро, ки дар он ҳамаи ҳодисаҳои табиат натиҷаи ҳаракати зарраҳои калон ва хурд мебошад ва материяи ягона аз онҳо ташкил ёфтааст, созад.

Хосиятҳои асосии мавҷҳо:

1. Ҳамаи мавҷҳо дорои суръати интиҳоӣ буда, суръати паҳншавии онҳо аз муҳит вобаста аст:
   - *Суръати рӯшноӣ дар вакуум 300000 км/с аст.*
   - *Суръати садо дар ҳаво (дар 0℃ ва фишори 1 атм.) 330 м/с аст.*
2. Ҳамаи намуди мавҷҳо дорои импулс мебошанд.
3. Ҳаракати мавҷҳо принсипи суперпазитсия (замшуд)-ро итоат мекунанд.
4. Ҳамаи мавҷҳо энергияро бо худ мебаранд.

Принсипи Ҳюйгенс: Ҳар як нуқтаи майдон, ки ба он мавҷ омада мерасад, дар навбати худ маркази яке аз мавҷҳои дуюминдараҷа ба ҳисоб меравад.



Ҳюйгенс исбот кард, ки дифраксия ҳамон вақт ба амал меояд, ки агар дарози (диаметри) монеа кам ё баробари дарозии мавҷ бошад.

Ақидаи Ҳюйгенсро Френел дида баромада, ҳодисаи интерференсияро кашф кардааст. Интерференсия - ин болои ҳамхобии ду мавҷ, ки дар натиҷа якдигарро пурзӯр ё хомӯш менамоянд. Дар натиҷа масимумҳо ё минимумҳо пайдо мегардад. Шарти асосии ба вуҷудоии интерференсия когерентии мавҷҳо (фарқи фазаҳои муайян ва басомад) мебошад. Ҳодисаи интерференсия барои ҳама гуна мавҷҳои арзӣ ва тулӣ мушоҳида мешавад.



Мушкилоти дар ибтидои асри XIX оид ба сохтори материя ба вуҷуд омада, яктарафа буд ва имконияти фаҳмондани як қатор далелҳои таҷрибавиро надошт. Соли 1873 Максвелл нахустин рисолаи худро чоп кардааст, ки дар он аввалин бор ҳамаи қонунҳои бунёдии электрик ва магнетизмро ба тартиб оварда шуда буданд. Аммо ӯ танҳо назариячӣ буд ва ҳеҷ гоҳ дар таҷрибаҳо иштирок накардааст. Максвелл дар корҳои худ қонуни электростатикаи Кулон, теоремаи Гаусс, қонуни

индуксияи электромагнитии Фарадей ва муодилаи Лапласро умумӣ гардонидааст.

Хулосаҳои назарияи Максвелл:

1. Манбаи майдони электрикӣ - ин зарядҳои электрикӣ ва майдони магнитии тағирёбанда аст.
2. Манбаи майдони магнитӣ зарядҳои электрикии ҳаракаткунанда ва майдонӣ электрикии тағйирёбанда ба ҳисоб меравад.
3. Майдони магнитии тағйирёбанда майдони электрикиро ба вуҷуд меорад ва баръакс.

Тағйирёбии майдони электрикӣ ва магнитӣ - ин бавуҷудоварандаи майдони ягонаи электромагнитӣ аст, ки онро бояд яке аз намудҳои материя ҳисоб кард. Майдони электромагнитӣ дорои импус ва энергия аст ва бояд масса низ дошта бошад. Ин хуласаҳоро Максвелл баён карда буд, ки баъдтар исбот карда шуд.

Хулосаҳои Максвеллро физики олмонӣ Ҳ.Ҳертс соли 1887 дар таҷриба исбот кард. Аз муодилаҳои Максвелл чунин бар меояд, ки мавҷҳои электромагнитӣ дар ҳама гуна муҳит (моеъҳо, газҳо, ҷисмҳои сахт, вакуум) паҳн шуда метавонанд.

$$\frac{c}{\vartheta} = \sqrt{\varepsilon\mu}\,.$$

Дар ифодаи мазкур $c$- суръати рӯшноӣ, $\vartheta$ - суръати паҳншавандаи муҳит, $\varepsilon$- нуфузпазирии диэлектрикии муҳит буда, нишон медиҳад, ки шаддидияти электрикии майдон дар вакуум аз шаддидияти электрикии майдон дар муҳит чанд маротиба зиёд аст:

$$\varepsilon = \frac{E_0}{E}\,.$$

дар ин ҷо $\mu$ - нуфузпазирии магнитии муҳит буда, нишон медиҳад, ки индуксияи магнитӣ дар вакуум аз индуксияи магнитӣ дар муҳит кам аст:

$$\mu = \frac{H}{H_0}.$$

$n = \frac{c}{v}$ - нишондоди шикасти муҳит.

Формулаи $n = \sqrt{\varepsilon\mu}$ муодилае мебошад, ки электрик, магнетизм ва оптикаро алоқаманд мекунад.

Рӯшноӣ мавҷи арзии ҳамвори элекиромагнитӣ мебошад:

$$n = \frac{\nu\lambda}{\vartheta} \text{ ва } \nu = \frac{c}{\lambda}.$$

Хосияти корпускулвии рӯшноӣ дорои масса будани он аст. Максвелл ҳисоб мекард, ки агар рӯшноӣ импулс дошта бошад, пас масса низ бояд дошта бошад. Тахмини Максвелл соли 1902 бо роҳи таҷрибавӣ аз тарафи олими рус Лебедев П.Д. исбот карда шуд.

Назарияи электромагнитии М.Фарадей ва Ҷ.Максвелл нишон дод, ки консепсияи қабулшуда барои фаҳмондани сохтори материя ягона буда наметавонад. Максвелл ва Фарадей дар корҳои худ нишон доданд, ки майдон - ин ҳақиқати физикии алоҳида (озод) аст. Дар асоси ин хулоса бароварда шуд, ки рӯшноӣ мавҷи электромагнитӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар илм муайянкунии аз нав баҳодиҳии равандҳои асосӣ ба амал омад, ки дар натиҷа назарияи дуртаъсири пешниҳодкардаи Нютонро назарияи наздиктаъсир иваз намуд ва ба ҷои ақидаҳо оид ба дискретӣ, ақидаҳо дар бораи беосилагӣ ба амал омад, ки тасдиқи худро дар назарияи муайяни электромагнитӣ ёфт. Ҳамаи ин вазъият дар илм, дар ибтидои асри XIX чунин шакл гирифт, ки назарияҳо оид ба дискретӣ ва бефосилагии материя ҳалли аниқи худро дар ду намуди материя: модда ва майдон, ки фарқияти байни онҳо дар сатҳи ҳодисаҳои олам дида мешуд, ёфт. Аммо тараққиёти минбаъдаи илм дар солҳои 20-ум нишон дод, ки ин байни ҳам муқобилиятгузорӣ асосан шартӣ мебошад.

Дар соли 1887 исбот кард Ҳертс, ки рӯшноӣ дорои фишор мебошад ва дар асоси ҳодисаи фотоэффект кашф карда шуд.

Назарияи Планк низ оид ба дискретӣ будани табиати рӯшноӣ, дар соҳаи фотоэффект исботи худро ҳосил намуд:

$$E=mc^2 \text{ ва } E=h\nu.$$

$mc^2 = h\nu \rightarrow m = \frac{h\nu}{c^2}$ - массаи фотоне, ки бо суръати рӯшноӣ ҳаракат мекунад. $P = mc$ - импулси фотон.

Фотон ҳам зарра ва ҳам мавҷ мебошад, яъне дуализми мавҷӣ-корпускулавиро доро буда, дар баъзе ҳолатҳо худро мавҷ ва дар баъзе ҳолатҳо худро ҳамчун зарра зоҳир менамояд. Фотон дар як вақт ду хосияти материяро доро буда, ҳоло исбот шудааст, ки ин хосият хоси ҳамаи зарраҳо аст. Соли 1923 году Луи де Бройл доштани хосияти дуализми мавҷӣ-корпускулавии электронро тахмин кард.

Барои фотон: $\lambda = \frac{h}{mc}$. Барои электрон: $\lambda = \frac{h}{mv}$.

Томсон массаи электронро муайян кард: $m_e = 9{,}11 \cdot 10^{-31}$ кг. Дэвис ва Ҷермер дар соли 1927 исбот карданд, ки электрон хосияти мавҷӣ аст, яъне ба дифраксия ва интерференсия дучор мешавад. Соли 1932 Ҷеймс Чедвик муайян кард, ки протон низ чунин хосиятро доро аст.

Ҳамин тариқ зарраҳо аз майдони ҳосил намудаи худ ҷудонашавандаанд ва ҳар як майдон манбаи худро дар сохтори зарра дорад, ки хосияти онро қайд менамоед. Дар ин алоқаи ҷудонашавандаи зара ва майдон яке аз зоҳиршавии бисёрҳам зарурӣ ягонагии бефосилагӣ ва дискретиро дар сохтори материя дидан мумкин аст. Барои тавсиф додани бефосилагӣ ва дискретӣ дар сохтори материя, инчунин ягонагии корпускулавӣ ва мавҷии хосиятҳои ҳамаи зараҳо ва фотонҳоро мебояд хотирасон кард. Ягонагии корпускулярӣ ва мавҷии хосияти объектҳои материягӣ дар худ яке аз муқобилиятҳои фундаменталии физикаи муосирро доро мебошад ва дар протсесҳои оянда микрозараҳо аниқ карда мешавад. Омӯзиши протсесҳои макроолам нишон доданд, ки бефосилагӣ ва дискретӣ дар шакли протсеси ягонаи байниҳам алоқамандӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми шароитҳои муайяни макроолам микрообъектҳо метавонанд дар зарра ё ки майдон нақл ёбанд ва хосияти ба худ хосро зоҳир кунанд.

Ҳамин тариқ, доираи объектҳои омӯзиши микроолам васеъ гардида, дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои зиёди физикӣ тасдиқ шудааст, ки ҳамаи микрозарраҳо ҳам хосияти корпускулӣ ва ҳам хосияти мавҷӣ дошта, вобаста ба шароитҳои беруна метавонанд ҳам зарра ва ҳам мавҷ бошанд.



**Аброров ҲУСЕЙН,**
*ходимони илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АИЧТ*

## КӮЛОБ- МУЗОФОТИ ТАБОБАТ, ФАРОҒАТ ВА САЙЁҲАТ

Музофоти Кӯлоб ноҳияҳои маъмурии Балҷувон, Восеъ, Данғара, Кӯлоб, Мӯъминобод, Фархор, Ховалинг, Ҳамадонӣ, Шӯробод ва Темурмалик- хосса собиқ вилояти Кӯлобро дарбар мегирад, 12,0 ҳазор километри мураббаъ масоҳат дорад ва беш аз 1086 ҳазор нафар (с.2014) сокинон ҳаёт ба сар мебаранд.

Музофоти Кӯлоб аз ҷиҳати табиат басо гуногунранг буда, аз ҳамвориҳо, теппакӯҳҳо ва аз кӯҳҳои баландиашон миёна (3500м) иборат аст. Боришот асосан зимистону баҳор- дар ҳамвориҳо 300мм дар доманакӯҳҳо 800мм вале, дар кӯҳҳо то 1200мм мешавад. Ин миқдори бориш барои зироаткории лалмӣ то андозае мусоид мебошад. Дар музофот набототи алафӣ, буттагӣ ва дарахтӣ фаровон аст, дар маҳалҳои алоҳида хосиятҳои бикри табиии худро нигоҳ доштаанд. Олами ҳайвонот низ гуногун буда, як қатор ҳайвонҳои нодир аз қабили бузи пармашох (морхур) дар собиқ ИҶШС танҳо дар ҳамин музофот дучор мешавад. Гуногунии табиати хоси ин ҷойро ба инобат гирифта мамнӯъгоҳи «Даштиҷум», парваришгоҳи «Даштиҷум», парваришгоҳи «Чилдухтарон», парваришгоҳи Норак, «Қаротов», «Боғи табиии Сарихосор»-ташкил карда шудааст.

Музофоти Кӯлоб дар байни дигар музофотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сарватҳои рекреатсионӣ (таҷдиди саломатӣ) ҷои намоёнро ишғол менамояд. Ба сарватҳои рекреатсионӣ мавҷудияти манзараҳои дилписанд: - ҷангалзорҳои сӯзанбаргу паҳнбарг, ёдгориҳои табиӣ, осори таърихию фарҳангӣ, мадрасаю масҷидҳо, зиёратгоҳҳо, мамнӯъгоҳу парваришгоҳҳо, чашмаҳои шириноб, чашмаю пармачоҳҳои обашон маъданӣ, кӯлҳои лойқаашон шифобахш, кӯлҳои дорои зуллукҳои тиббию табобатӣ, ғору мағораҳо, шаршараҳо, обанборҳо ва ғайра дохил мешаванд. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ

захираҳои нодири рекреатсионӣ ва сайёҳиро ташкил медиҳанд. Дар байни ин сарватҳо обҳои маъданӣ ва лойқаҳо (гилҳо)- и табобатии кӯлҳо мақоми хос доранд. Мутаассифона чашмаҳои шифобахш ва алалхусус кӯлҳои лойқаашон давоӣ ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд, ташвиқу тарғиби ин сарватҳо дар байни сокинони маҳал нокифоя ба роҳ монда шудааст, аз ин сарватҳо ба таври васеъ истифода намебаранд, инфрасохтори таҷдиди саломатӣ ташаккул наёфтааст, ки онҳо сабабҳои объективӣ (воқеъӣ) ва субъективӣ (шахсӣ) доранд.

Бино ба маълумоти лимонологҳо (кӯлшиносҳо) дар марзи Тоҷикистон беш аз 1300 кӯл бо масоҳати умумии 709 $км^2$ мавҷуд мебошад. Дар байни ин кӯлҳо 20 кӯле мавҷуд аст, ки обу лойқаи шифобахш доранд. То ба имрӯз доир ба кӯлҳои кишвар аз ҷумла доир ба кӯлҳои шифобахш таълифоти ҷамъбасткунанда арзи вуҷуд накардааст. Аз ин лиҳоз мо тасмим гирифтем, ки доир ба чанде аз кӯлҳо, чашмаҳои шифобахш, мушкилоти истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо андешаронӣ намуда, бо ҳамин васила диққати роҳбарон, коршиносон, сармоягузорон, ҷамоатчиён ва дигарҳоро ба ҳалли ин масъалаҳои доманадор ҷалб намоем. Сабаби ба ин масъала рӯ овардани мо аз он манша мегирад, ки солҳои охир бо роҳу воситаҳои гуногун аз хориҷа доруҳои қалбакӣ, вақти истифодаашон сипарӣ шуда дохил гашта, на ба манфиати беморон, балки барзарари онҳо равон мегардад, нархашон хеле боло рафтаанд. Барои ҳамин ҳам қисме аз беморон аз дорухонаҳо дору намехаранд, ба табибони халқӣ, гиёҳшиносон муроҷиат мекунанд, ба курорту санаторияҳои обтабобату гилдаво рӯ меоваранд.

Вазъияти пешомада масъулонро водор менамояд, ки ба ин масъала ҷиддӣ баҳо диҳанд, барои васеъ намудани муассисаҳои обдавою гилдаво саҳми бештар гузоранд, талаботи рӯзафзунро хубтар қонеъ гардонанд. Барои ба ҳалли ин масъала хубтар ноил шудан лозим аст, ки захираҳои табиию табобатӣ (обҳои маъданӣ ва кӯлҳои шифобахш)-ро ба таври маҷмӯъ (комплексӣ) омӯхта, баҳои дурусти тиббию табобатӣ диҳанд.

Лойқаҳои шифобахш аз ҷиҳати пайдоиш **вулқонӣ** (дар назди конҳои нафт), **гили сулфидӣ** (сулфиди гидроген, гази карбонат, метан ва ғайра доранд – Оқсукон, Танобчӣ), **лойқаҳои сапропилӣ** (дар зери кӯлҳои норавон ва халиҷҳои баҳрӣ дар кӯлҳои мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон», кӯлҳои поёнҷараёни дарёи Панҷ,

Помири Шарқӣ пайдо шудаанд), **лойқаҳои торфӣ** (дар маҳалҳои ботлоқзамин) мешаванд.

Лойқаҳои шифобахш тавассути аломату хосиятҳои химиявӣ, физикӣ, механикӣ ва биологӣ (моддаҳои фаъоли биологӣ-витаминҳо, ферментҳо, ҳормонҳо) ба пӯсти бадани инсон ва системаи асаб таъсир расонида барангезишро ба амал меоранд, кори узвҳо ва системаҳои алоҳидаи баданро метезонад, мубодилаи моддаҳо авҷ мегирад, бо ғизо таъмин шуданро беҳтар мекунад, омосу варамҳоро бартараф, дардро таскин мебахшад ва ба сиҳатшавии узвҳо таъсири мусбат мерасонанд.

Гилтабобатро ба беморони аъзоҳои такяву ҳаракат (аз ҷумла сутунмӯҳра, буғумдард, мушакҳо), ҷароҳату осебҳои дершифоёбанда, бемории аз зарбу лат хӯрдани маркази системаи асаб пайдошуда, асабҳои канорӣ, бемориҳои хоси занонаю мардона, иллати меъдаю рӯда, баъзе вайрониҳои рагҳои хунгард тавсия дода мешавад.

Гилдаворо барои бемориҳои илтиҳоби шадид, бемории харчанг(рак), силкасал, бемориҳои дилу рагҳои хунгард, лоғаршавии умумии бадан ва ғайра тавсия дода намешавад.

Ҳамагуна навъу намудҳои бемориро на воситаҳои нави ташхис, доруворӣ, обу лойқаҳои шифобахш, балки **табиби ҳозиқ** табобат мекунад, мутаассифона, «духтур ҳама ҷо, вале табиби ҳозиқ ҷо-ҷо».

Бояд гуфт, ки илми **пеллоидшиносӣ** (гилдавошиносӣ) ин илми комплексӣ мебошад. Дар таҳқиқи ин соҳаи илм бояд табибон, гидрогеологҳо, гидрохимикҳо, гидробиологҳо, гидрофизикҳо ва географҳо ҳамкории зич дошта бошанд. Мутаассифона, ҳанӯз чунин ҳамкорӣ дар Тоҷикистон ташаккул наёфтааст, вагарна кӯлҳои шифобахшро барвақттар ва саҳеҳ омӯхта, истифодаи самараноки онҳоро васеъ ба роҳ монда мешуд. Ҳоло кори зиёд, мушкил, заҳматталаб, вале боифтихор дар пеш аст.

Кӯлҳои шифобахши Тоҷикистон аз ҷиҳати пайдоиши гудолашон (котловинаашон) **тектонӣ, дарёкӯлӣ, карстӣ** ва **пиряхӣ** мешаванд. Ин кӯлҳо дар марзи Тоҷикистон нобаробар ва дар минтақаҳои биёбонию нимбиёбонии субтропикӣ ва баландкӯҳи Помир воқеъ гардидаанд. Дар ҳарду ҳолат ҳам шароити табиию географӣ барои зиндагӣ ва қабули гилдаво чандон созгор нестанд, вале ҳангоми фароҳам овардани шароити

мӯътадил ин носозиро бартараф ва барои табобати ғайри гилдаво (бемории гурда) низ муваффақ шудан мумкин аст.

Дар музофоти **Кӯлоб** аз кӯлҳои карстии **Афғонделӣ, Дилоро, Пӯшион ва Танобчӣ** маълуманд. **Кӯлҳои Танобчӣ** дар ноҳияи Темурмалик воқеъ гаштаанд, ки ба гурӯҳи Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷудо мешаванд. Намакоби табобатии кӯлҳои Шарқӣ ба типии сулфатию натригӣ мансуб буда, маъданнокиашон баҳорон 35 мг/л ва тобистон 320 г/л-ро ташкил медиҳанд. Намакоби муоличавии кӯлҳои Ғарбӣ ба типии хлору магнигӣ мансуб буда, маъданнокиашон то ба 330 г/л мерасанд. Захираи лойи кӯлҳои Танобчӣ аз рӯи дараҷаи А+В ба 19,3 ҳазор тонна баробар буда, ба талаботи гилдаво ҷавобгӯй мебошад. Бошандагони маҳаллӣ дар моҳҳои июлу август аз лойқаи шифоии ин кӯлҳо баҳрабардорӣ мекунанд. Мутаассифона, ин маводи табобатӣ истифодаи босамари худро наёфтааст.

Дар наздикии деҳаи **Шахраки** ҷамоати Кӯлчашмаи ноҳияи Мӯъминобод дар баландии мутлақи 1670 м кӯли хурде бо номи **Ғӯзачок (Ғӯзачоғ)** (мавзеи Чилдухтарон) ҷойгир шуда, 4,5 га масоҳат дорад, бо мавҷудияти зуллук (шуллук)-и табобатиаш шӯҳрати хос дорад. Дардмандон баҳри табобат аз ин офаридаи табиат истифода мебаранд.

Зуллукҳо аз 0,2 то 15 см дарозӣ доранд, ранги баданашон сиёҳ, хокистарранг ва сиёҳтоб мешаванд. Онҳо хун ва ширaи бадани ҳайвонотҳоро мемаканд. Ғадудҳои оби даҳони зуллукҳои шифобахши хунмак **гирудин** ном модда ҷудо мекунад, ки он басташавии хунро нигоҳ медорад. Ҳангоми газидани зуллукҳо аз оби даҳони онҳо ба организми инсон моддаҳои фаъоли биологӣ (витаминҳо, ферментҳо, ҳормонҳо) ворид мешаванд. Ғадуди оби даҳони зуллукҳои шифобахш таъсири бисёрҷабҳа- моддӣ, энергетикӣ ва рӯҳӣ бахшида, ба сиҳатёбии бемориҳои дилу рагҳои хунгард, аъзои нафаскашӣ, ҳазми хӯрок, гинекологӣ, урологӣ, неврологӣ, ҳаракату такягоҳ, пӯст, шамолхӯрӣ, чашм, бинӣ ва ғайра кӯмак мерасонад. Тавсия ва табобат бо зуллукҳо бояд зери назорати табибон гузарад, вагарна ба бемор зиён расонида метавонад. Худмуолиҷакунӣ манъ аст. Хуб мешуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷумҳурӣ, баҳри истифодаи оқилонаи ин кӯл ва зуллукҳои тиббии он тадбиру чораҳои мушаххас меандешид.

**Дарёкӯлҳои** канори гумбази намаки **Хоҷамӯъмин** дар самти ғарб ва ҷанубуғарбии ин гумбаз, ки аз гаҷу намаки давраи юраи болои геологӣ иборанад, воқеъ гардидаанд, ба дарёи **Чубак** наздиканд, барои ҳамин ҳам ин кӯлҳоро боқимондаи дарёи Чубак ҳам меноманд. Болои қабати гаҷу намакро қабати тунуки лиёссмонанди реггилхоки миёнаи давраи чорӯми геологӣ фаро гирифтааст.

Қитъаҳое, ки дар он ҷо кӯлҳо ҷойгир шудаанд аз таҳшониҳои реггилхок ва шағалии давраи чоруми болоии геологӣ иборат мебошад. Аз байни ин такшониҳо чашмаҳои сершумор берун меоянд, ки масрафашон аз 0,02 то ба 1,5 л/сония ва аз ин ҳам зиёдтар мебошанд.

Оби ин чашмаҳо аз ҷиҳати таркиби химиявӣ хлоридию натригӣ ва хлоридию сулфатию натригӣ буда, маъданнокиашон ба 255-263 г/дм$^3$ мерасанд. Масраф ва маъданнокии оби ин чашмахо ба миқдори бориши меборида алоқаманд мебошанд. Ташаккули оби ин чашмаҳо ба даварон (давргашт) ва полидашудани оби аз байни қабатҳои такшониҳои гаҷу намак гузаранда вобаста мебошанд.

Яке аз таркиботҳои хоси оби ин чашмаҳо аз он иборат мебошад, ки кислотаи борат (19,5 мг/л) ва бром доранд. Таҳлили спектралӣ ошкор намуд, ки дар таркиби оби чашмаҳо бо миқдори ниҳоят кам алюминий, стронси, манган, титан, мис, нуқра, ванадий ва ғайра дигар унсурҳо мавҷуданд.

Ҳамаи ин кӯлҳо боқимондаи маҷро ва печутоби қадимаи оби дарёи Чубак мебошанд.

Дарёкӯлҳои маҷрои қадимаи дарёи Чубекро аз ҷиҳати мавқеи географиашон ба Шарқӣ, Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ ҷудо мекунанд, аз ин гурӯҳҳо кӯлҳои Шарқӣ ва Шимолӣ қиммати хуби шифоӣ доранд.

**Кӯлҳои Шарқӣ** 170-180 м дарозӣ, 3-17 м паҳнӣ ва 0,25-1,0 м умқ доранд.

Қаъри ин кӯлҳо бо лойқаи сиёҳи часпак ва ҳароратașон гарм (25-50$^0$С) пӯшидашуда аст. Ғафсии лойқа аз 0,1-0,2 ва то ба 3 метр мерасад. Захираи умумии лойқа қариб ба 110-120 м$^3$ мерасад, инчунин дар канори кӯлҳо лойқаи хушк шуда 5-10 см ғафсӣ дорад. Ҳар қадар ғафсии лойқа зиёд бошад, ҳарораташ ҳамон қадар баландтар мешавад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди геохимиявӣ бо шиддат мегузаштааст.

Ғизогирии кӯлҳо аз ҳисоби полоиши (филтратсияи) оби намакдори дарёи Чубек рух медиҳад, зеро оби дарё аз сатҳи кӯлҳо баландтар воқеъ гаштааст. Ба дарёкӯлҳои Шарқӣ инчунин оби чашмаҳои шӯри аз гумбази намакии Хоҷамӯъмин сарчашмагиранда омада дохил мешаванд.

Маъданнокии шӯробаи дарёкӯлҳои Шарқӣ аз 57,82 г/дм$^3$ (қисми шимол) то ба 110-134 г/дм$^3$ мерасад. Таркиби химиявии чашмаҳои кӯлҳои Шарқӣ хлоридию натригӣ мебошанд.

**Кӯлҳои Шимолӣ** шимолтар аз кӯлҳои Шарқӣ ҷойгир шуда 230-250 м дарозӣ, 15-40 м паҳнӣ, 0,1-1,0 м умқ доранд. Захираи лойқаи дар ин кӯлҳо ҷой гирифта тақрибан ба 160-170 м$^3$ мерасад. Ғафсии лойқа аз 0,1 то ба 0,5 м ва ҳарорати он аз 25 то ба 45$^0$С мерасад. Дар қисми марказии кӯл ғафсии лойқа ба 50 см баробар аст.

Маъданнокии шӯробаи кӯлҳои Шимолӣ 36-51 г/дм$^3$, яъне чандон баланд нест, зеро оби каммаъдани (10 г/дм$^3$) рӯди Чубек ба кӯл дохил мешавад ва маъданнокии оби кӯлҳоро паст мекунад. Дар оби дарёкӯлҳои Шимолӣ кислотаи борат (58,8 мг/л дар қисми шимолу ғарб) мавҷуд аст. Лойқаи давоии кӯлҳои атрофи гумбази намаки Хоҷамӯъмин то ба имрӯз ҳамчун маводи табобатӣ истифода намешаванд.

Захираҳои маъдании намаки гумбази Хоҷамӯъмин ва дарёкӯлҳои атрофи он се самти муҳими истифодашаванда доранд:

- барои гирифтани намаки оши захираи ниҳоят калон (30 миллиард тонна) мавҷуд мебошад. Ҳоло истихроҷ, коркард ва бастабандӣ тавассути завод, ки солҳои охир ба кор даромад, иҷро карда мешавад;

- самти дуюм истифодаи балнеологии (обугилдаво) лойқаи баландҳарорат барои табобати бемориҳо мебошад. Дар ин самт кори муфид анҷом дода нашудааст. Баъзан дар шӯробаи аз дохилии ғорҳо бароянда ва дарёкӯлҳо дербоз одамон ба худмуоличакунӣ машғул мешаванд, ки ба талаботи замон мувофиқ нест;

- дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон нафақат лойқаю шӯробаи кону кӯлҳои намакиро барои муоличаи маризон истифода мебаранд, балки ғорҳои намакиро ҷиҳозонида барои табобати бемориҳои диққи нафас (тангнафасӣ) истифода мебаранд;

- барои босамар истифода бурдани намак, шӯробаи рӯдҳо, ғорҳои намакӣ ва дарёкӯлҳои давоӣ месазад, ки дар ин мавзеъ **маҷмааи серсоҳаи истеҳсоли намак ва муассисаҳои тиббию табобати созмон дода шавад.**

Дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон мавзеъҳои фишори баланди атмосферӣ доштаро ҳамчун воситаи шифобахш дар амалияи тиб истифода мебаранд. Хеле барвақт мутахассион дарк намуда буданд, ки ғорҳо ва нақбҳое, ки нишебона чуқур мераванд, дар он ҷо фишори атмосферӣ баланд аст. Махсусан ғорҳо ва нақбҳое, ки нисбат ба сатҳи баҳр паст ҷойгир шудаанд, фишори атмосферӣ баланд аст. Дар чунин ҷойҳо нафасгири барои беморони диққи нафас осонтар мебошад. Яке аз чунин ғорҳо дар доманаи қаторкӯҳи Копетдоғ (аз калимаҳои туркии «Куп» - бисёр ва «тоғ» (даг) - кӯҳ баромада маънои кӯҳи бисёр ва ё бузургро дорад)-и Ҷумҳурии Туркманистон воқеъ буда, **Бахарден** ном дорад. Дар қаъри ин ғор, ки 60 м умқ дорад, кӯли начандон калони оби гарм дошта воқеъ гаштааст, 75 м дарозӣ, ба ҳисоби миёна 14 м паҳнӣ ва 12 м умқ дорад. ҳаҷми оби ин кӯли зеризаминӣ 6500 $м^3$ аст. Оби кӯл 35-38$^0$С гармӣ дорад. Таркиби об калсию натригӣ ва хлоридию сулфатӣ буда, маъданнокии умумиаш ба 2780 мг/л баробар, гидрогенсулфур (10,5 мг/л) ва бор (3,5 мг/л) дорад. Ғор бо нерӯи барқ чароғон буда, барои ба умқи ғор фаромаду баромад кардан нардбон сохта шудааст. Ғорро бо мақсади табобат ва тамошо истифода мебаранд.

Дар марзи Ҷумҳурии Федеративии **Германия дар ноҳияи Шёнбек** барои табобати беморон нақби намакиро (аз он намак истихроҷ шудааст) истифода мебаранд. Беморонро ба ин нақб то ба умқи 400 метр мефароранд, ва шабро он ҷо мегузаронанд, инчунин ғор-нақбҳои **Солотвинои Украина, Чон-Тузии Қирғизистон** аз ҳамин қабиланд. Шабона дар чунин нақб хоб рафтан имконият медиҳад, ки ҳавои аз намак ғанӣ ва фишори баланд доштаро нафас кашад. Чунин маҷмӯи шароити табиии нақб имконият медиҳад, ки бемориҳои диққи нафаси бронхиалӣ ва касалиҳои пӯстро табобат намоянд. Баъзе аз ғорҳои гумбази намаки Хоҷамӯъминро ба ин мақсад мувофиқ (таҷҳизонида) намуда истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст:

- бояд гуфт, ки дар як қатор мамолики ҷаҳон ғорҳои гуногунро муҷаҳҳаз намуда, онҳоро бахри саёҳат ва табобат истифода мебаранд. Дар ин самт ҳам гумбази намаки Хоҷамӯъмин ва Хоҷасартез имкониятҳои хуб доранд;

- дар ин кори хайр маблағгузории давлатӣ, инфиродӣ (хайрҳоҳон) ва саҳмиягузорони хориҷиро истифода бурдан, қиммати хӯби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва фарҳангӣ пайдо менамояд.

*Дар музофоти Кӯлоб бо баробари обҳои ширин ва шӯру талхмазза* ***обҳои маъдании шифобахш*** *низ дучор мешаванд, дар шакли табиӣ ва ё чашмачоҳҳои сунъӣ кофта шуда ба сатҳи замин баромадаанд, аз ҷиҳати масраф, таркиби химиявӣ, гилзат (консентратсия) ва ҳарорат аз якдигар тафовут доранд. Масрафи оби чашмаҳо аз 0,01 то 25,0 л/сон ва чашмаҳое ҳастанд, ки масрафашон ба 92,0 л/сон (Олимтой) ва 231 л/сон (Танобчӣ) мерасанд. Маъданнокии оби чашмаҳои шифобахш дар доираи аз 20-30 г/дм$^3$ то 257,0 г/дм$^3$ тағйир меёбанд.*

*Обҳои маъдании музофоти Кӯлоб хусусиятҳои муқаррарӣ дошта, ба гурӯҳҳои гидрогенсулфидӣ, йоду-бромӣ ва оксигенӣ-нитрогении оҳандор марбутанд.*

*Чашмаҳои маъдании Сурхоб-Танобчӣ, Пӯшион ба гурӯҳи гидрогенсулфидӣ мансуб буда, аз гидрогенсулфур, гази карбонат, йод, бром, кислотаи силикат, фтор, стронсий, рубидий, сезий ва радон бой мебошанд. Ин навъ обҳо барои табобати бемориҳои дилу рагҳои хунгард, асабҳои канорӣ (аз сутунмӯҳра бароянда) ва аъзоҳои такяву ҳаракат истифода бурдан муфид аст, вале то ҳол ин обҳо ба таври оқилонаю самаранок истифода намешаванд.*

*Дар майдони Гулдара ва Хамида аз пармачоҳҳо оби маъданӣ ҷорӣ мешаванд, қиммати шифоӣ доранд.*

*Дар майдони Бештентоғ оби маъдании аз йоду бром ганӣ буда мавҷуд аст, 12,7-24,0 мг/л йод ва 22,4-26,6 мг/л бром дорад. Чунин обҳо на танҳо қиммати табобатӣ, балки аҳамияти саноатӣ низ доранд. Дар ҳолати созмони иншоотҳои махсус аз чунин обҳо йоду бром ҷудо карда гирифтан мумкин аст.*

*Дар майдони Деги Маҳмуди Чубак оби хлориду натрий ва оҳандор ошкор карда шудааст, ҳарорати об ба 56$^0$С (66,4$^0$С) мерасад. Дар ноҳияи Фархор чашмаи обаш гарми Сайёд (Сайят) мавҷуд мебошанд. Ин обҳои гармро барои гарм кардани хонаҳои истиқоматӣ, муассисаю идораҳои корӣ ва гармхонаҳо истифода*

*бурдан салоҳ аст, харҷи сӯзишворӣ ва энергетикиро коҳиш медиҳад.*

*Дар музофоти Кӯлоб ғайр аз чашмаҳои маъдании шифобахш инчунин чашмаҳои оддии шириноби нушоӣ дар ноҳияи Дангара, Балҷувон, Мӯъминобод, Сарихосор, Ховалинг ва ғайра чашмаҳои Зулфиқор, Сикандар, Хушобак, Қуруш, Чилчанор, Шифо, Шӯрак, Калот, Толеъ, Чашмаи Ҷӯшон, Бедаво, Шокиён, Мунк, Хунукак ва ғайра бисёранд, нӯшидани онҳо ба кас ҳаловат мебахшанд.*

*Айни замон дар заминаи обҳои маъдании шифобахш, гилҳои давоӣ ва манзараҳои зебои музофоти Кӯлоб санаторияҳои «Тосқалъа», «Мӯъминобод» ва истироҳатгоҳи «Чилдухтарон» баҳри табобату фароғати мардум хизмат мерасонанд. Бояд гуфт, ки чунин миқдори муассисаҳои рекреатсионӣ барои ин музофоти калон ва дорои захираҳои беҳамтои таҷдиди саломатӣ басо нокифоя ва аз ҷиҳати дараҷаи хизматрасонӣ ба талабот мувофиқ нестанд. Агар дараҷаи ташкили табобату фароғат дар муассисаҳои рекреатсионии музофоти Кӯлоб хуб ба роҳ монда мешуд, ҳоҷатмандонро зарурияти ба «Баҳористон»-и соҳили обанбори Қайроққум ва ё «Зумрад»-и Исфара рафтан намемонд. Биноан лозим аст, ки минбаъд шумораи муассисаҳои таҷдиди саломатиро афзун ва дараҷаи хизматрасониро ба талаботи замон баланд бардошта шавад.*

Ҳамин тариқ маълум мешавад, ки гумбази намаки Хоҷамӯъмину Хоҷасартез, рӯду ғорҳои канори онҳо, дарёкӯлҳои канори рӯди Чубак, обҳои маъданӣ захираю имкониятҳои ҳанӯз ба таври кофӣ истифода нашудаи рекреатсионӣ-сайёҳӣ доранд. Аз ин лиҳоз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, муассисаҳои дахлдорро лозим аст, ки бо истифодаи мутахассисон, коршиносон лоиҳаи истифодаи комплексии ин мавзеъро ҳаматарафа коркард намуда, барои дастгири ва амалигаштани лоиҳа ба Ҳукумати Ҷумхури пешниҳод намоянд, чунонки дар урфият мегӯянд - «кори имрӯзро ба фардо магузор».

Табиати афсункори музофоти Кӯлоб баҳри табобат, истироҳат ва сайёҳат сарватҳои нодир офаридааст. Месазад, ки дар заминаи кӯлҳои лойқаашон табобатии Танобчӣ, оби маъдании Сурхоб (Қизилсӯ), лойқаи давоии Хоҷамӯъмин-Чубак ва чашмаҳои маъдании атрофи онҳо, инчунин ғорҳои намакии гумбази Хоҷамӯъмин ва кӯли Ғӯзачоғи ноҳияи Мӯъминобод, **се маҷмааи (комплекси)** тиббию табобатӣ бунёд карда шавад. Ин

амал имкон медод, ки ҳаракати табобатгирандагону истироҳаткунандагон ба Оқсукон, «Баҳористон» ва «Зумрад»-и шимоли Тоҷикистон коҳиш дода шавад. Хуб мешуд, ки дар ин кори хайр соҳибкорон, бозоргонҳо, коршиносон, хайрхоҳон ва ғайра саҳмгузорӣ мекарданд.

Чанд сол қабл Вазорати тандурустии Тоҷикистон масъалаи истифодаи босамари захираю имкониятҳои гунбази намаки Хоҷамӯъмин ва атрофи онро ба миён гузошта буд, вале ин масъалаи ҳаётан муҳим ҳалли худро то ба ҳол наёфтааст. Тавре мегӯянд: «Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем»! Ташкили экотуризми дохилӣ ва байналхалқӣ дар гумбази намаки Хоҷамӯъмин, мамнӯъгоҳи «Даштиҷум», парваришгоҳи «Чилдухтарон», боғи табиии «Сарихосор», обанбори Мӯъминободу Селбур ва дарёкӯлҳои Чубак ва дигар соҳаҳои дар боло номбаршуда самараи зиёдеро ба бор оварда метавонад. Қайд менамоем, ки ин амали хайр ва фоидаовар дар ибтидо каме харҷи маблағ ва ташаббускориро металабаду бас. Бояд гуфт, ки сознони корхонаи бузурги коркарди намак ва истифодаи комплексии захираҳои атроф аҳамияти бисёртарафа дорад. Маълумотҳои мавҷуда ба он далолат мекунанд, ки соле ба воситаи оби чашмаҳои зери ғорҳои намаки Хоҷамӯъмин 4,6 млн. тонна намаки оши шӯста шуда, манбаи шӯршавии обҳои атроф мегарданд. Агар корхонаи серсоҳаи намак бунёд мегардид, пеш аз ҳама масрафи беҳудаи ин неъмати худодо гирифта мешуд, эрозияи замин, шӯршавии замину оби дарёҳо то андозае коҳиш меёфт. Дуюм, мардуми қисман бекори музофоти Кӯлоб, аз ҷумла занону модарон ба ҷои кори доимӣ таъмин ва муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон бо хориҷи кишвар коҳиш меёфт. Билохир аз содироти намак, гилтабобат ва сайёҳӣ буҷети ҷумҳуриявӣ боз ҳам ғанитар гардида, некуаҳволии мардуми музофоти Кӯлоб боз ҳам хубтар мегардид.

**Хулоса** аз тавсифи мухтасари андешаҳои дар боло овардашуда бар- меояд, ки дар музофоти Кӯлоб захираи лойқаҳои шифобахш дар дохили кӯлҳо, обҳои маъдании шифобахш фаровонанд, вале онҳо ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Чунин вазъият боиси он гардидааст, ки ин захираҳо ба таври оқилонаю самарабахш истифода намешаванд. Доир ба истифодаи оқилона ва ҳифзи ин неъматҳои нодири табиат тадбиру чораҳои судманд андешида нашудаанд. Дар ҳолати

фароҳам овардани шароити хуби табобат ва истироҳат давоҷуён ба хориҷи мамлакат ва ноҳияҳои дурдаст камтар меравaнд, асъори миллӣ камтар талаф меёбад, дар дохили мамлакат табобат мегиранд, муассисаҳои тиббӣ-табобатӣ афзун мегарданд, одамон бо кор бештар таъмин мешаванд, шароити зиндагиашон беҳбудӣ меёбад.



**Меҳрдод ҚУРБОНИЁН,**
*табиатшинос*

# ОЛАМИ ЗАРРОТ ВА ҚИЁСИ ОНҲО БО ЧИЗҲОИ ОДДӢ

Дар ҳар соҳаи эҷодиёти адам, хоҳ илм бошад, хоҳ санъат, хоҳ иқтисод, бисёр мавзӯъҳо ва муаммоҳое ҳастанд, ки аз қадимулайём одамиятро ба ҳаяҷон меоварданд. Асрори Олами Сағиру Кабир , сирри вақту фазо ва ҳодисаҳои дар он ҷараёнгиранда- аз нумӯи гул то чаҳчаҳи булбул, аз ҳаракати сайёра то таркиши ситора ба назари аввал чунин менамояд, ки ҳамаи ин чизҳо соддаанд ва ҳоҷат ба фикркунӣ ҳам нест, вале дар асл ин хел нест, амиқтар нигарем саросар муаммост ва то ин вақт барои инсоният фисади каме аз ин муаммоҳо ҷавоби худро ёфтааст. Бояд инро ҳам гуфт, ки ин ҷавобҳо мусбату қатъӣ нестанд. Ҳамин аст, ки ҳадаф ва мазмуни идрок- фаҳмидани равандҳои ниҳоӣ ва асроромези табиат ва ҷойгоҳи мо дар Коинот аст, ки дар ҳар замону макон инсони солимақлро ба ҳаяҷон меорад ва боз ақли солимро ба омӯзишаш ҷалб менамояд.

Чизҳои моро иҳотанамуда шакл ва андозаи муаянеро соҳибанд. Ҷисмҳои сахт шакли муайнеро доранд ва ҳангоми набудани таъсироти берунаин шаклашонро нигоҳ медооранд. Моеъҳо ва газҳо шакли зарферо мегиранд, ки дар он ҷойгиранд. Дар ҷисмҳои сахт, дар ҳамагуна деформатсияҳои чандирӣ қувваҳое чандирие пайдо мешаванд, ки онҳо сабабгори нигоҳдории онҳо мегардад. Дар моеъҳо ва газҳо бошад, хусусияти чандирӣ танҳо дар деформатсияи фишориш зоҳир мешаваду бас. Моеъ метавонанд ҷорӣ шавад, шаклашро тағир диҳад ҳам ҳаҷми худро нигоҳ медорад. Дар шакли кушод газҳо тамоми фазоро ишғол менамоянд.

Агар ҷисмеро ба қисмҳо тақсим намудангирем, чашми инсони солим кадом андозаи хурдтарини ин кисмҳоро дар алоҳидагӣ ва масофаи хуби биниш нағз дида метавонад? Ин ҷо

ду роҳи биниш ҳаст, яке бевосита ва дигаре бавоситаи асбобҳои ёрирасони оптикӣ. Чашми инсон бевосита аз андозаи понздаҳяки миллиметр (0,067 мм) калонро хуб дида метавонад. Оянда барои равшани андохтан ба ин андозаҳои хурд аз методи муқосакунӣ, ки роҳи тадқиқро осон менамояд, истифода мебарем. Мӯйи сари одам, ки диаметрашба ҳисоби миёна 0,08 милиметр аст, агар 12-тои онро пайи ҳам гузорем баъд тақрибан як миллиметр мешавад.Чашми инсон бавоситаи асбобҳои оптикӣ, масалан микроскоп, бошад аз андозои ду дарозии мавҷи бунафш(дарози мавҷи бунафш 0,000042см, ду дарозии ин мавҷ 0,000084 см) калонро дида метавонад. Чаро аз ин андоза хурдро чашм дида наметавонад? Муфасалтар.Рӯшноӣ мавҷи электромагнитист, бо мури вақт дар фазо паҳн мегардад, аз 0,00004 то 0,00008 см дарозии мавҷ дорад ва танҳо ин соҳаи мавҷои элетромагнитӣ, ки соҳаи биниш меноманд, ба чашми инсон эҳсоси бинишро бавуҷуд меорду халос. Дигар намуди мавҷҳои электромагнитӣ ба чашм ҳис намешаванд. Масалан, фазои атрофи иҳотанамудаи пур аз мавҷҳои радиову телевизион аст, ки мо онҳоро дида наметавонем. Рӯшноии сафед ба сатҳи ҷисм афтида аз он инъикос мешавад ва ин нури инъикосшуда ба чашми мо афтида эҳсоси бинишро ба вуҷуд меоварад.Рӯшноӣ аз фотонҳо иборат аст, ки падидаи мавҷтабиатро дороанд ва фотони дарзии мавҷаш хурдарин дар он фотони мавҷи бунафш аст. Агар андозаи зарачча ё ҳиссача аз андозаи ду дарозии мавҷи бунафш хурд шавадмавҷи ба он афтида инъикос намешавд ва ба таври умумӣ аз канори он давр зада мегузарад. Агар қисмҳои алоҳидаи андозаашон ба андозаи хурдтарини ба чашм (бо ёрии асбобҳои оптикӣ) эҳсоси биниш ба вуҷуд меовардаро аз рӯи як хат ба дарозии 1 см пайи ҳам гузорем 12500 ҷой мегиранд.

Назарияи дискретии сохти модда дар таълимоти мутафаккирони Юнони қадим Левкипп, Демокрит ва Эпикур бадараҷаи баландтарин мерасад. Онҳо олами сағиру кабирро аз атомҳо (аз юнонии atomos- тақсимнопазир) ва фазои холӣ иборат мепиндоштанд. Андозаи атом, ки аз андозаи хурдтарини чашми инсон медида хурд аст, мо онро дида наметавонем. Атом-аз назари илми муосир зарраи хурдтарини модда ё хурдтарин ҳиссаи унсури кимиёӣ, ки ҳомили ҳама хосиятҳои он мебошад, сохти хело мураккаб дорад. Дар илми муосир имрӯз 118 элементи кимиёӣ кашф шудааст ва вобаста ба комбинатсияи

элементҳои системаи даврӣ олами моддӣ  ташкил ёфтааст. Атомҳо ҳангоми даромехтани дукарата ё чандкарата ҳанӯз ҷисми аён ҳосил намекунанд, лек онҳо ба қадри кофӣ зиёд буда метавонанд ва дар натиҷаи ба ҳам пайвастшудан ба ҷисми эҳсосшаванда табдил меёбанд.

Андозаи атомчӣ қадар аст? Андозаи атом аз андозаи хурдариниба чашм бавоситаи асбобҳои оптикӣ эҳсос мешуда, тақрибан 1500- 2500 маротиба хурд аст, ки диданашон ғайри имкон аст. Агар чашми инсон дигар соҳаҳои мавҷи электромагнитӣ, хусусан мавҷҳои дарозии мавҷашон кӯтоҳ аз дарозии мавҷҳои соҳаи бинишро ҳис менамуд, мо аз андозаи хурдтарини бо чашм ҳис менамудаамон  боз ҳам  хурдтарро ба воситаи асбобҳои оптикӣ дида метавонистем.

Атомҳо, ки дар табиат гуногунанд, андозахояшон низ гуногун аст.  Бояд қайд кард, ки барои атоми додашуд ин бузургӣ- андозаи атом ё диаметри атом- ҳудуди возеҳ надорад ва ҳар боре, ки ин мафҳум истифода мешавад масофаеро дар назар медоранд, ки дар он эҳтимолиятиёфтани электрон зиёдтарин аст аз тарафи дигарбояд инро пай бурд, ки дар ҳолати истифодабарии эҳтимолият, носаҳеҳӣ  пайдо мешавад. Диаметри атоми гази симоб Hg ба 0,000000042 см баробар аст. Атомҳои ин газро ҳамчун сақочҳо тасаввур намоем, 2380000000 (2 миллиарду сесаду ҳаштод миллион)–тоашон ба дарозии 1 метр ҷой мегиранд. Курраи  ҳаҷмаш 1 см3- ро ба ҳаҷми курраи Замин барабар тасаввур намоем, атоми гази симоб дар назди ин курраи баробари Замин тасаввур намудаамон  ба монанди себ ё норанг (мандарин)  аст. Атом ва курааи ҳаҷмаш 1 см3 мувофиқан ба себ ва курраи Замин баробар аст.

Адади молекулаҳои   1 см3- и гази гидроген дар шароити нормалӣ 26700000000000000000 то аст.  Агар ин миқдор малекулаҳоро ба ҳар инсонҳои ҷомеа ҷаҳонӣ тақсимнамоем ба ҳар яки онҳо 3465000000 (се миллиарду чорсаду шасту панҷ миллион)- донагӣ мерасад. Агар барои омӯзиши алоҳидаи ҳар яки ин молекулаҳо тамоми инсонҳоро сафарбар намоем ҳам, омӯзиш ғайри имкон аст ва танҳо як ҳолати ғайри имконбудани инро мебинем: ин молекулаҳо ҳамеша дар ҳаракатанд ва ба ҳамдигар бармехуранд, суръати миёнаи ҳаракаташон тақрибан 2700 метр дар сония, хамеша самт, суръат ва треекторияи худро тағир медиҳанд, боз мудавомияти ин ҳодисаҳо хело хурд аст.

Танҳо барои бузургиҳои механикиашонро дар ягон лаҳзаи муайяни вақт қайд намудан миллиардҳо варақ лозим аст, ки аз имкон берун аст. Омӯзиши ин системаимҳо, ки аз адади зиёди заррахо (атому малекулаҳо ё сохторҳои воҳидии система) бо роҳи оморӣ ба роҳ монда шудааст, ки албатта кам ҳам бошад, носаҳеҳӣ ҷой дорад.

Гарчанде модда аз адади зиёди атому малекулаҳо ташкил ёфта бошад, байни онҳо фазои озод бисёр аст ва ин фазои ишғолнашударо вакуум меноманд. Ҳаҷми хусусии молекулаҳои см3- и гази гидроген, ки ададашон дар боло нишон дода шудааст, нисбат ба ҳаҷми 1см3,ки газ ишғол намудааст,8700000000000000000000 маротиба хурд аст.

Имрӯзба мо маълум аст, ки атомҳо чун сохторҳои хурдтарин бо хосиятҳои муаяни кимиёвиашон, зарраҳои муракабанд ва ҳисаҳои охири материя нестанд, яъне онҳо низ дар навбати худ тақсимпазиранд. Аз назари илми муосир: дар дохили атом майдони электрикии шадид (пурқувват) мавҷуд аст. Дар маркази он протонҳо ва нейтронҳо дар ҳаҷми бағоят хурд ҷамъ омадаанд, ки ҳаста(ядро) меноманд. Дар масофаҳои хурд аз ҳаста электронҳо давр мезананд (инҷо дар бораи чанд атом истисно низ ҷой дорад, масалан атоми гидроген дар марказаш танҳо як протону дар атрофи ин танҳо як нейтрон дорад). Атом чи гуна андозаи хурд доштанашро дарболо бо роҳи муқосавӣ нишон додаем, дар навбати худ ҳастаи атом, ки қариб 99,97 %-имассаи атомро ташкил медиҳад, андозааш нисбат ба атом тақрибан 10000воҳид хурд аст. Обанбори НБО-и Роғун иқтидори ғунҷоиши 13 млрд метри мукааб обро дорад. Агар атоми натрийро ҳамчун курраи ҳаҷмаш ба ғунҷоиши обанбори Роғун буда баробар пиндорем, ҳастаи он андозааш ба себ ё норанг (мандарин) баробар аст.

Электрон дар қатори нейтрону протон зарраи таркибии атом буда массааш аз массаи онҳо онҳо тақрибан 1836 маротиба камтар аст. Аввалин зарраи бунёдии аз тарафи физикдонҳо кашф шуда мебошад. Ҳомили материалии масса ва заряди электрикии хурдтарин дар табиат аст. Андозаи электронро 10000 маротиб хурдтар аз андозаи протон ё нейтрон қабул кардаанд. Чи гуна сохти дохилӣ, доштанаш маълум нест.

Ҳастаи атомҳо андозаҳои гуногун дорад, чунки аз миқдори протонҳову нейтронҳои таркибаш вобаст мебошадва миқдори

онҳо дар атомҳо гуногунанд. Бинобар ҳамин барои андозаи ҳастаро тақрибӣ нишон додем.Оё протон ва ё нейтрон системаҳои яклухту якҷинсаанд? Ё монанди атому молекулаҳо дорои сохтори дохилӣ, яъне аз ҷузъҳои алоҳида иборатанд?

Физикдонҳо дар нимаи дуюми асри XX зинаи наверо дар сохтори модда кашф карданд. Онҳо зарраеро кашф карданд, ки ба ақидаи кашофони илми табиийт нисбат ба ҳамаи заррахои то ҳол кашф шуда бунёдитар ё асоси асосҳои материя мебошад. Инҷо кваркҳо, антикваркҳо ва глюонҳо дар назар дошта мешавад. Онҳо дар дохили зарраҳои бунёди ҷой гирифтаанд. Протон ва нейтрон аз ҷузъҳои таркибӣ, яъне кваркҳо ибратанд.

Қайд мекунем, ки ба дохили зарраҳои бунёдӣ бо роҳи андӯхтани ахбороти таҷрибавӣ назар андохтан каму беш бо тахминҳои боварибахш оиди масофаҳои камтар аз 0,000000000000000001 см воқеъӣ мегардад. Назарияе, ки хосиятҳои материяро дар чунин масофаҳои хурд шарҳ дода метавониста бошад ҳанӯз вуҷуд надорад. Илми физика воқеан ба сарҳади соҳаи даркшавандаи фазову вақт расидааст, пас аз он воқеияти номаълум оғоз меёбад.

# АДАБ ВА ҲУНАР



**Хоҷамуродов ОЛИМҶОН**,
*доктори илмҳои филология, профессор*

## ХАЙЁМ АЗ ЗОВИЯИ ДИДИ СОДИҚИ ҲИДОЯТ

Содиқи Ҳидоят (1903-1951) яке аз чеҳраҳои мондагори адабу фарҳанги Эрони қарни XX аз миёни шуарои классикии форсии тоҷикӣ беш аз ҳама ба Ҳаким Умари Хайём дилбастагии беандозае дошт.

Бо итминон метавон гуфт, ки дар тӯли зиндагии кӯтоҳи хеш ӯ шефта ва таҳти таъсири афкору андешаҳои фалсафӣ ва шоирии Хайём будааст. Ҷолиб он аст, ки Содиқи Ҳидоят аз овони ҷавонӣ шефтаи таронаҳои Умари Хайём гардида ва дар синни 20-солагӣ, ки ҳоло ба нависандагӣ гом набардошта буд, маҷмӯаи рубоиёти Хайёмро бо пешгуфторе зери унвони “Шарҳи ҳоли Ҳаким Умари Хайём” (соли 1923) ба чоп мерасонад [1,241] .

Афкору андешаи Хайём то вопасин рӯзҳои зиндагии нависанда барояш арзишманд будааст. Зеро ёздаҳ сол баъд аз чопи рубоёти шоир Содиқи Ҳидоят бори дигар бо иҳота ва дониши андӯхтаву диди амиқ ва ба равиши илмии таҳлилӣ ба рубоёти Умари Хайём нигариста, онро бо муқаддимаи муфассале таҳти унвони “Таронаҳои Хайём” соли 1934 таҷдиди чоп мекунад. Ногуфта намонад, ки дар ин нашри маҷмӯаи рубоиёти шоир шаш лавҳаи минётурӣ дар асоси мазмуни бархе аз рубоиёти Хайём ҷой дода шудааст. Ин минётурҳо кори Дарвеши Наққош аст, ки тахаллуси рассоми руситабори Эрон Серёгин буда, аз дӯстони Содиқи Ҳидоят ба шумор мерафтааст. Дар

поёни муқаддимаи хеш Содиқ Ҳидоят ба ин нуқта ишора кардааст:

"Бино ба хоҳиши дӯсти ҳунармандам оқои Дарвеши Наққош ин муқаддимаро иҷмолан ба "Таронаҳои Хайём" навиштам, то роҳнамои тоблуҳои эшон бишавад [2,62]. Як ҷо чоп кардани минётурҳо ба рубоиёти Хайём дар Эрон маҳз бо ҳамин "Таронаҳои Хайём"- и Содиқи Ҳидоят оғоз мегардад.

Ҷойи тазаккур аст, ки ин таҳқиқоти Содиқи Ҳидоят дар омӯзиши афкору андешаи фалсафӣ ва ҳунари шоирии Умари Хайём то ба имрӯз яке аз пажӯҳишҳои бунёдӣ ба шумор меравад. Зеро, ба қавли эроншиноси маъруфи ҷаҳон, шодравон Камиссаров Д.С. "Хидмати Содиқи Ҳидоят дар он аст, ки дар пешгуфтори хеш бори нахуст дар адабиётшиносии Эрон равиши пажӯҳиши таҳлилиро истифода карда ва дар баррасии рубоиёти Хайём таваҷҷуҳи аслиро ба вижагиҳои ҳунарӣ бо зикри мазомини фалсафии онҳо маътуф доштааст. Маҳз Ҳидоят аст, ки ҷуръат карда Хайёмро файласуф номидааст" [3,114].

Воқеан, Содиқи Ҳидоят дар ин пешгуфтори муфассали хеш, ки 63 саҳифаро дар бар мегираду онро метавон як рисолаи илмӣ ҳисобид, ба се масъалаи зерини эҷодиёти Умари Хайём таваққуф кардааст: Нахуст, саъй кардааст, он ҳама рубоиёте, ки ба Хайём нисбат дода мешавад, тафкик намуда, рубоиёти фалсафии ӯро ҷудо намонд. Сипас, ба баррасии афкори фалсафии Хаём пардохта, унвони ин бобро "Хайёми файласуф " номгузорӣ кардааст. Дар боби ниҳоии муқаддима рубоёти шоирро аз нигоҳи ҳунари шоирӣ ва маҳорати образофаринӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, онро "Хайёми шоир" унвон кардааст.

Дар ибтидо, муҳаққиқ талош кардааст, то миёни анбӯҳи рубоиёте, ки ба Хайём нисбат медиҳанд, ҳатталимкон он рубоиёти андакеро ҷудо кунад, ки ба итминони яқини Содиқи Ҳидоят, онҳоро Хайёми шоиру файласуф гуфтааст. Зеро ба пиндори Содиқи Ҳидоят, маҷмӯаҳои рубоиёте, ки ба Умари Хайём нисбат дода мешавад, ҳар яке ҳовии ҳаштод то ҳазору дусад рубоӣ мебошанд. Ва ҳар кадом дорои афкори мухталифи мутаззод ва мазмунҳои гуногунанд. Бад-ин лиҳоз, муаллиф дуруст тазаккур медиҳад, ки "...агар як нафар сад сол умр карда бошаду рӯзе ду мартаба кешу маслаку ақидаи худро иваз карда

бошад, қодир ба гуфтани чунин афкоре нахоҳад буд” [2,5]. Зеро, ба қавли Ҳидоят, мазмуни рубоиёти ба Хайём нисбат додашуда хеле зидду нақизанд. “Аз қабили илоҳӣ, табиъӣ, даҳрӣ, сӯфӣ, хушбинӣ, бадбинӣ, таносухӣ, афюнӣ, бангӣ, шаҳватпарастӣ, моддӣ, муртозӣ, ломазҳабӣ, риндиву қаллошӣ, худоӣ ва вофурӣ...” [2,67]. Сипас Содиқи Ҳидоят ба худ суол медиҳад, ки оё як нафар метавонад ин ҳама мароҳилу ҳолати мухталифро тай кунад ва дар айни замон файласуфу риёзидону мунаҷҷим бимонад?

Аз ин рӯ, тавре ки ёдрас шудем, муҳаққиқ дар ин пажӯҳиш ба шарҳи ҳолу зиндагиномаи шоир напардохта, танҳо перомуни рубоиёти фалсафии Умари Хайём ва маҳорати шоирии ӯ андешаронӣ кардааст. Ба таъбири дигар, дар бораи он рубоиёте, ки ба номи “ҳамон мунаҷҷиму риёзидони бузург машҳур аст ва ё бо хато ба ӯ нисбат медиҳанд” таҳқиқе анҷом додааст. Инҷо як нукта имконпазир аст, ки ин рубоиёти аҷиби фалсафӣ ба забони соддаи форсӣ дар ҳудуди асрҳои 5 ва 6 ҳиҷрӣ гуфта шудааст, таъкид мекунад муаллифи пешгуфтор.

Содиқи Ҳидоят ба санади муҳимми таърихие, ки Хайёми шоирро таҳти мутолиа қарор дода, ӯро як файласуфи даҳрӣ номидааст, такя карда, ба интихоби танҳо рубоиёти даҳрӣ ва фалсафии Хайём пардохтааст. Ин санад китоби Наҷмиддини Розӣ “Мирсод ул ибод” мебошад, ки дар санаи 620-621ҳ. (1223-1224 м.) таълиф шудааст. Аз назари Содиқи Ҳидоят, ин асар “васиқае бузургест”, чунки муаллифи он як сӯфии мутаассиб ба шумор рафта ва ба ақидаи Хайём ба назари бутлон нигариста, ӯро файласуфи даҳриву табиъӣ номидааст.

Барои тақвияти андешаи хеш аз китоби номбурдаи Наҷмиддини Розӣ нақли қавли зайлро меорад:

“... самараи назар имон асту самараи қадам ирфон. Фалсафӣ ва даҳрӣ ва табойъӣ аз ин ду мақом маҳруманд ва саргаштаву гумгаштаанд. Яке аз фузало, ба назари нобиноён ба фазлу ҳикмату киёат (зиракӣ – О.Х.) маъруфу машҳур аст он Умари Хайём аст. Аз ғояти ҳайрату залолат ин байтро мегуяд. Рубоӣ:

*Дар доирае, к-омадану рафтани мост,*
*Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.*
*Кас меназанад, даме дар ин олам рост,*

*К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост?*

*Доранда чӣ таркиби табоеъ орост,*
*Боз аз чӣ сабаб фикандаш андар каму кост?*
*Гар зишт омад ин сувар, айб кирост?*
*В – ар нек омад, харобӣ аз баҳри чӣ хост? [2,9-10]*

Аз назари Содиқи Ҳидоят, қазовати Наҷмиддини Розӣ перомуни афкору ақоиди фалсафии Умари Хайёми шоир аз ду ҷиҳат ҳоизи аҳамият аст. Аввалан, Наҷмиддини Розӣ ҳамчун як шахси аҳли тасаввуф аз неши забон задану фуҳш нисбат ба Хайём худдорӣ накардааст. Сонияи, аз он ҷо, ки замони зиндагиаш ба замони зиндагии Хайём наздик аст, бо зиндагиву афкору осори шоир бештар ошноӣ доштааст. Аз ин рӯ, дар китобаш доир ба рубоиёти Хайём ақидаашро рӯшантар иброз намудааст. Бад-ин лиҳоз, Содиқи Ҳидоят бо итминон иброз медорад, ки ҳамин далел кофист, ки ба хулосае биёем, ки “Хайём на танҳо суфӣ ва мазҳабӣ набуда, балки бараъкс, яке аз душманони тарсноки ин фирқа ба шумор меомада” [2,10] аст. Шояд аз ҳамин сабаб, ашъори шоир дар замонаш маъруфият надошта ё танҳо барои маҷлисҳои унс хонда мешуда, ки шогирдону муосиронаш, мисли Низомии Арӯзӣ ва Абулҳасани Байҳақӣ аз Хайём ҳамчун мунаҷҷиму дастуру ҳуҷҷатулҳақ ном мебаранд, аммо аз ашъораш ҳарфе намезананд.

Содиқи Ҳидоят бар он ақида аст, ки чун дар “Мӯънис -ул-аҳрор” (таърихи таълифаш 741 ҳ. (1340-1341 м.) сездаҳ рубоии даҳриву фалсафии Хайём ҷой дода шудааст ва бо он ду рубоии дар “Мирсодулибод” иқтибос шуда, дар мансубияти рубоиёти Хайём калиду маҳаки шиносоӣ бояд қарор гиранд. Аз ин рӯ, гӯяндаи ин қабил рубоиҳо “як файласуфе мутлақ” бо “тарзи фикру услуби муайян дошта” метавонад бошад, на оне, ки ҳар рӯз ақидаву кешашро иваз мекунад.

Рубоиёте, ки Содиқи Ҳидоят дар ин маҷмӯа ҷой додааст, ҷамъан 143 таронаро дар бар гирифта маҳз аз ҳамин милок баргузида шудаанд. Мураттиб онҳоро на бар асоси ҳуруфи таҳаҷҷии охири ҳар байт, балки бар асоси мазмуни рубоиҳо ба таври зайл дастабандӣ кардааст: “Рози офариниш”, “Дарди

зиндагӣ”, “Аз азал навишта”, “Гардиши даврон”, “Зарроти гарданда”, “Ҳар чӣ бодо бод”, “Ҳеҷ аст” ва “Дамро дарёбем”.

Ин равиш дар замони ба чоп расидани “Таронаҳои Хайём” навҷӯие маҳсуб мешуд, ки бори нахуст дар чопи осори классикон аз тарафи Содиқи Ҳидоят ироа шуда буд.

Содиқи Ҳидоят дар ни пешгуфтор ишора мекунад, ки то замоне ки як нухсаи хаттии ба даврони шоир наздик ва санадияташ мисли рубоиёти сенздаҳгонаи китоби “Мӯъинс ул аҳрор” пайдо нашавад, як ҳукми қатъӣ баровардан дар бораи “таронаҳои аслии Хайём душвор аст”.

Аз ин рӯ, барои он ки итминон ҳосил кунем, ки ин ашъор ба ҳамон Хайёми мунаҷҷиму олим тааллуқ дорад, -таъкид медорад Ҳидоят, -дар қадами аввал афкору андешаи фалсафии ӯ бояд баррасӣ гардад. Бад ин малҳуз, Содиқи Ҳидоят дар ин муқаддима боберо бо номи “Хайёми файласуф” ихтисос медиҳад ва дар заминаи рубоиёти шоир ба таҷзияву таҳлили афкору андешаи ҷаҳоншиносиву фалсафии Хайём мепардозад.

Аз диди Содиқи Ҳидоят, Умари Хайём як шоиру файласуфест, ки метавон ӯро дар радифи Лукретсий, Эпикур, Шекспир, Гуте ва Шопенҳауэр қарор дод. Ин эътиқоду дилбастагии Ҳидоят ба Хайём аз он ҷо нашъат мегирад, ки шоир ба мақулаи (мафҳумҳои) зиндагиву марг на бо меъёри эътиқодоти диниву мазҳабӣ, балки ҳамчун донишманд бар пояи мантиқ нигоҳ мекунад. Ва Содиқи Ҳидоят муътақид бар он буд, ки “дин иборат аст аз маҷмӯи аҳкоми ҷабрӣ” ва дорои вазифаҳое аст, ки итоати он бе чунучаро бар ҳама воҷиб аст. Хайём ҳамаи ин масоили воҷибулриояи мазҳабиро ба лаҳни тамасхуромезу беэътиқодона талаққӣ кардааст. Аз ин ҷост, ки Ҳидоят ёдрас мешавад: “Хайём мехоҳад мунфаридан аз рӯйи амалу илал пай ба маълул бибарад. Ва масоили муҳими маргу зиндагиро ба тарзи мусбат аз рӯи мантиқу маҳсусот ва мушоҳидоту ҷараёни моддии зиндагӣ ҳал намояд. Аз ин рӯ, тамошочии бетарафи ҳаводиси даҳр мешавад [2.35].

Аз ин сабаб Содиқи Ҳидоят бар он бовар аст, ки Умари Хайём маҳз дар рубоиёташ побанди усулу қавоиди замонаш нагардида, афкорашро озодона иброз дошта, ки дар онҳо захми рӯҳии ӯ таборуз намудааст. Чунки дар рисолаҳои илмиву

фалсафиаш, ки ағлаб бо дастуру хоҳиши сардамдорони замонаш таълиф кардааст, "равияи китмону тақия (пинҳону эҳтиёт- О.Х)-ро аз даст надода" [2.36].

Ҳидоят таъкид мекунад, ки ҷанги Хайём бо хурофоту мавҳумоти муҳиту замонаш дар сар то сари рубоиёташ ошкор аст. Зеро тамоми заҳрхандаҳои шоир шомили ҳоли зоҳидону илоҳиюн аст ва аз рӯйи мантиқи солим масхара будани афкори эшонро бармало месозад. Барои тақвияти андешаҳои хеш Содиқи Ҳидоят ба рубоиёти шоир истинод карда, иброз медорад:

*Гӯянд: "биҳишту ҳури айн хоҳад буд"...*
*Гӯянд маро: "биҳишт бо ҳур хуш аст"...*
*Гӯянд маро ки: "дӯзахӣ бошад маст"... [2.36-37].*

Содиқ Ҳидоят муътақид аст, ки маҳз чунин ашъори бепардаи шоир боис шудааст, ки дар китоби "Ахбор ул уламо би ахбор ул ҳукамо"-и Ибни Қифтӣ, ки дар соли 646 ҳ. (1248-1249) таълиф гардида, дар бораи ашъори Хайём чунин гуфта шавад: "...ботини он ашъор барои шариат морҳои газанда ва силсила занҷирҳои залол (гумроҳӣ-О.Х.) бувад. Ва вақте ки мардум...макнуни хотири ӯро зоҳир сохтанд, аз кушта шудан тарсид ва инону забону қалами худро боз кашид ва ба зиёрати ҳаҷ рафт... Ва ӯро ашъори машҳурест, ки хафоёи қалби ӯ дар зери пардаҳои он зоҳир мегардад ва кудурати ботини ӯ ҷавҳари қасдашро тирагӣ медиҳад" [2.23].

Воқеан, Хайёми шоир дар рубоиёташ ба тамоми масоили динӣ бо тамасхур нигариста, ба уламову фуқаҳои замонаш, ки аз он чӣ худашон намедонанд, дам мезананд, сахт ҳамла кардааст. Ин амали Хайёмро Содиқи Ҳидоят "шӯриши рӯҳи ориёӣ бар зидди эътиқоди сомӣ" мешуморад. Аз назари ӯ, файласуфе мисли Хайём, ки дорои фикри озоду вижае буда, наметавонистааст "кӯр-кӯрона зери бори аҳкоми таъаббудӣ, ҷаълӣ, ҷабриву бемантиқи фуқаҳои замони худаш биравад" [2.23].

Тавре ки маълум аст, дар исломy тасаввуф инсон "оинаи ҷамоли илоҳӣ" ва "мақсуди офариниш" шинохта шуда, ситораҳои осмон барои нишон додани сарнавишти ӯ халқ шуда, замину замон ва биҳишту дӯзах барои хотири инсон барпо шудааст.

Аммо Содиқи Ҳидоят зимни арзёбии рубоиёти Хайём нишон медиҳад, ки "Хайём бо мантиқи моддиву илмии худаш инсонро "Ҷоми Ҷам" намедонад", зеро аз назари ӯ пайдоишу марги инсон дар ин ҷаҳон ба андозаи "вуҷуди марги магас" арзише надорад:

*Омад шудани ту андар ин олам чист?*
*Омад магасе падиду нопайдо шуд! [2.29]*

Оё Умари Хайём дар муқобили инкору ба масхара гирифтани ақоиди уламои дин роҳи ҳалли масъаларо пешниҳод кардааст? Аз назари Содиқи Ҳидоят, "дар натиҷаи мушоҳидоту таҳқиқоти худаш Хайём бо ин матлаб бармехӯрад, ки фаҳми башар маҳдуд аст. Аз куҷо меоем ва ба куҷо меравем, касе намедонад...." [ 2,28]. Ҳеҷ кас асрори азалро пай набурдаасту нахоҳад бурд ва ё аслан, асроре нест ва агар бошад ҳам, дар зиндагии мо таъсире надорад.

Масалан, агар ҷаҳон, чи муҳдас ва чи қадим бошад, оё чӣ дарди моро даво мекунад?:

*Чун нест мақоми мо дар ин даҳр муқим,*
*Пас бе маю маъшуқ хатоест азим.*
*То кай зи қадиму муҳдас умедаму бим?*
*Чун ман рафтам, ҷаҳон чӣ муҳдас, чӣ қадим [2,28].*

Содиқи Ҳидоят мегӯяд, Хайём дар асари таҳқиқ ба ин натиҷа омада, ки "муаммои Коинот на ба василаи илм ва на ба дастёрии дин ҳаргиз ҳал нахоҳад шуд... Дар варои ин замине, ки рӯяш зиндагӣ мекунем, на саодате ҳаст ва на уқубате..."[2,31].

Бад-ин малҳуз, дуруст арзёбӣ мекунад, ки Умари Хайём мисли дигар шоирон аз надоштани пул ё қаҳр кардани маъшуқааш наменолад. Дарди ӯ як дарди фалсафиест, ки ба нақша ва бунёди офариниш мешӯрад. "ин шӯриш,- таъкид медорад С.Ҳидоят,- дар натиҷаи мушоҳидоту фалсафаи дардноки ӯ пайдо шуда. Бадбинии ӯ билохира, мунҷар ба фаласафаи даҳрӣ шуда, ирода, фикр, ҳаракат ва ҳама чиз ба назараш беҳуда омада:

*Эй бехаборон ҷисми муҷассам, ҳеҷ аст,*

*В-ин торами нӯҳ, сипери арқам, ҳеҷ аст" [2,33-34].*

Ба иртиботи ин мавзӯъ Содиқи Ҳидоят ба ин натиҷа мерасад, ки маншаи фалсафаи бадбинии Шопенҳауэр ҳамон андешаи рубоиёти фавқи Хайём аст. Ва барои қиёс андешаи зерини Шопенҳауэрро нақли қавл мекунад: "Барои касе, ки ба дараҷае бирасад, ки иродаи худро нафӣ бикунад, дунёе, ки ба назари мо он қадр ҳақиқӣ меояд, бо тамоми хуршедҳо ва каҳкашонҳояш чист? Ҳеҷ!" [2,34]

Муҳимтарин масъалае, ки дар эҷодиёти Хайёми шоиру файласуф мақоми хосса доштаву бо андешаву консепсияи ҳунарии Содиқи Ҳидоят созгор аст, тавре ки қаблан ёдрас шудем, масъалаи маргу мир аст. Аз назари Содиқи Ҳидоят, Умари Хайём ба ин мақула аз "рӯи ҷараёну истиҳолаи зарроти аҷсом ва таҷзияи модда наздик шуда тағйироти онро" бо тасвирҳои қолиби шоиронаву ғамнок таҷассум мекунад.

Бар ин иртибот, ба андешаи Содиқи Ҳидоят, Хайём муътақид аст, ки "моварои модда чизе нест. Зеро дунё дар асари иҷтимои заррот ба вуҷуд омада, ки бар ҳасби иттифоқ тасодуф кор мекунад" [2,42].

Ин ҷараён доимӣ ва абадӣ буда, заррахо пай дар пай дар шаклҳо ва навъҳо дохил шуда, дигаргун мешаванд. Аз ин рӯ, инсон ҳеҷ тарсе бояд аз марг надошта бошад, зеро зиндагии пас аз марг (биҳишту дӯзах) вуҷуд надорад. Ва рӯҳ низ чун қолаби моддӣ буда, пас аз марг намемонад ва барои тақвияти андешааш рубоиёти зайли шоирро ба шоҳидӣ мекашад:

*"Боз омаданат нест, чу рафтӣ, рафтӣ"...*
*"Чун оқибати кори ҷаҳон "нестӣ" аст"...*
*"Ҳар лолаи пажмурда нахоҳад бишкуфт".*

Ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки чунин андеша аз тарафи Умари Хайём як ҷуръати бузурге ба шумор мерафт. Зеро дар канори "мағоки адам" ғори нестӣ истодану наҳаросидан, аз "дунёи гузарон" безор набудану ҳар лаҳзаи умрро ғанимат шумурдан ва ба хушӣ онро сипарӣ кардан, баёнгари рӯшании ботину сафои

сухани шоир аст, ки назирашро дар адабиёти классикиамон камтар суроғ дорем. Аз ҷумла, шоир таъкид мекунад:

*Ҷомеву маеву соқие бар лаби кишт,*
*Ин ҷумла маро нақду туро нася биҳишт.*
*Машнав сухани биҳишту дӯзах аз кас,*
*Кӣ рафт ба дӯзаху кӣ омад зи биҳишт?*

Тавре ки мулоҳиза шуд, Хайём маргу мири инсонро як амри табиӣ, раванди муайяни гардиши заррот (атомҳо) ё модда ва табиат меҳисобад, агарчи ин ҳама бо хоҳиши "табъӣ вуҷуд" (сиришти олами ҳастӣ) сурат мегирад.

Мақула ва категорияи марг ҳам дар хатти машйи эҷодиёти Содиқи Ҳидоят мақоми марказӣ дорад. Ва аз овони ҷавонӣ дилбастагии нависанда ба рубоиёту андешаҳои фалсафии Умари Хайём бесабаб набуда. Аввалин навиштаи бадеии Содиқи Ҳидоят, баъд аз "Муқаддима бар рубоиёти Умари Хайём" лавҳаи мухтасар ва нотамоми "Марг" аст. Андешаҳои хешро Содиқи Ҳидоят дар бораи марг дар ин навиштааш тақрибан бар асоси ҳамон назари фалсафии Хайём доир ба марг иброз доштааст.

Дар фаъолияти нависандагии Содиқи Ҳидоят мақулаи марг то лаҳзаҳои охирини зиндагиаш чун хатти сурх идома доштааст. Зеро барои Содиқи Ҳидоят чун устодаш Умари Хайём ранҷи инсон, ранҷи беҳуда ва абас аст.

Бад-ин робита, ба як нукта бояд ишора кард, ки Содиқи Ҳидоят чанд сол пештар аз Алберт Камю (нависанда ва файласуфи экзистенсиалисти асри XX фаронсавӣ), дар шоҳкораш "Буфи кӯр" (соли чоп 1937), ки бевосита таҳти таъсири андешаҳои фалсафии Умари Хайём эҷод шудааст, ранҷи беҳудаи инсон дар дарки ҷаҳону охиратро хело шоирона дар қолаби як асари сюрреалистии аврупоӣ баён доштааст. Алберт Камю эссеи фалсафии худ "Устураи Сизиф" ("Миф о Сизифе")-ро, ки ба ҳамин мавзӯъ ихтисос дода шудааст, соли 1942 ба нашр мерасонад. Бинобар қавли Эҳсони Табарӣ, хондани онро Содиқи Ҳидоят ҳамон сол ба ӯ тавсия карда будааст [4, 79].

Ин ҷо бояд ҳаминро хотирнишон сохт, ки андешаҳои Алберт Камю дар бораи пучии зиндагии инсон ва матлуб будани

худкушӣ барои Содиқи Ҳидоят тозагие надошт. Зеро ин андешаро ӯ дар достонҳои (новеллаҳои) “Зинда ба гӯр”, “Се қатра хун” ва дар қиссаи (романи кӯтоҳи) “Буфи кӯр” кайҳо гуфта буд. Гузашта аз ин, истидлоли Камю дар бораи он, ки инсон дар ин “сарои вуруд” як “меҳмони нохонда” аст, барои Содиқи Ҳидоят, ки аз навҷавонӣ бо фалсафаи Умари Хайём хӯ гирифта, дамсоз шудааст ва муддатҳо “Буфи кӯр”-ро таълиф карда, сухани тозае набуд.

Дар боби “Хайёми шоир” Содиқи Ҳидоят бештар ба ҷанбаҳои сохторӣ ва ҳунарии рубоиёти шоир ва маҳорати образофарии Хайём таваҷҷуҳ намуда, таъсири образҳо ва рубоиёти шоирро дар эҷодиёти шоирони баъдӣ, бавижа Саъдиву Ҳофиз нишон додааст.

Содиқи Ҳидоят, дуруст мушоҳида мекунад, ки таронаҳои Хайём ба қадре содда, табиӣ ва ба забони адабӣ ва маъмулӣ гуфта шуда, ки ҳар касеро “шефтаи оҳангу ташбеҳоти қашанги он менамояд. Ва аз беҳтарин намунаҳои шеъри форсӣ ба шумор меояд” [2,50]. Аз ин рӯ, Хайём дар рубоиёташ қудрати адои матлабро ба он сатҳи гирандагиву муассирият расонида инсонро ба ҳайрат меоварад, ки чӣ тавр як ақидаи фалсафии муҳимро метавон дар қолаби як рубоӣ ҷой дод? Содиқи Ҳидоят бо камоли шигифтӣ иброз медорад, ки чӣ гуна метавон чандин рубоие гуфт, ки ҳар кадомаш дар алоҳидагӣ як “фикру фалсафаи мустақил”-ро баён дорад ва дар “айни ҳол бо ҳам ҳамоҳанг бошад” [2,50]. Дар натиҷа, муҳаққиқ ба чунин хулосаи дуруст меояд: “Ин кашишу дилрабоии фикри Хайём аст, ки таронаҳои ӯро дар дунё машҳур карда ва вазни соддаву мухтасари шеърии Хайём хонандаро хаста намекунад ва ба ӯ фурсати фикр медиҳад” [2,51].

Содиқи Ҳидоят муътақид аст, ки Умари Хайём дар шеър аз ҳеҷ кас пайравӣ накардааст. Забони соддаи ӯ “ба ҳамаи асрори санъати худаш комилан огоҳ аст ва ба камоли эҷоз ба беҳтарин тарзе онро шарҳ медиҳад”. Ва аксари мутафаккирону шоирони баъдӣ, ки ӯро пайравӣ карданд, ба пояи ӯ нарасидаанд. “Зеро баёни зарифу бемонанди ӯ бо оҳанги салиси маҷозии киноядор”-аш махсус ба худи Хайём аст [2,52].

Аз ин рӯ, тарзи баён, маслаку фалсафаи Хайём дар адабиёти форсии тоҷикӣ таъсири амиқе расонида , майдони густурдаеро

барои ҷавлони фикри дигарон фароҳам овардааст. Сипас, Содиқи Ҳидоят бо мисолҳои фаровон илҳомпазирии Саъдиву Ҳофизро аз афкору андеша ва ташбеҳу истиороти рубоиёти Умари Хайём нишон додааст. Аз ҷумла, Содиқи Ҳидоят муқоисае байни образи шароби Хайём ва Ҳофиз мекунад ва собит месозад, ки агарчи шароби Ҳофиз дар бисёре аз ҷоҳо ҳамон шароби ангурист, аммо дар зери истилоҳҳои сӯфиёна пӯшида шуда ва эҳтиёҷ ба таъбир дорад. Хайём бошад, афкорашро бепарво ва софу пӯстканда баён мекунад.

Ҳамин тавр, Ҳидоят Умари Хайёмро дар заминаи андешаву шеър бартар аз Мавлавию Саъдиву Ҳофиз медонад ва барои тасдиқ ва исботи назари хеш аз таъсири Хайём дар адабиёти Ғарб ёдрас мешавад ва бад-ин ҷиҳат, андешаи Хайёмро ҷаҳонгиртар медонад. Ин ҷо ба иртиботи ин матлаб як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки нуфузи чашмгир пайдо кардани рубоиёту афкори Хайём, то ҳадде марҳун ва вобастаи тарҷумаҳои озоду шоиронаи Фитҷералди англис аст. Мавлавию Ҳофиз низ мақоми вижаи худро дар адабиёти форсӣ ва ҷаҳон доранд, ки ин баҳс аз маҷоли ин мухтасар берун мебошад.

Содиқи Ҳидоят бо маҳорати олимона ҳунари шоирии Умари Хайёмро дар корбурди вожаҳо, тасвирсозиҳо, сохтани ташбеҳоти бикр нишон додааст. Масалан, Содиқи Ҳидоят маҳорати Хайёмро дар тавсифи табиат чунин баён кардааст: “Хайём бо латофату зарофати махсусе, ки дар назди шуарои дигар камёб аст, табиатро ҳис мекарда ва бо як дунё устодӣ васфи онро мекунад”:

*“Рӯзиест хушу ҳаво на гарм асту на сард...”*
*“Бингар зи сабо домани гул чок шуда...”*
*“Абр омаду зор бар сари сабза гирист...”*
*“Чун абр ба Наврӯз рухи лола бишуст...”*
*“Маҳтоб ба нур домани шаб бишикофт”.*

Хайём дар васфи табиат, то ҳамон андоза, ки эҳтиёҷ дорад, бо чанд калима муҳиту вазъро муҷассаму маҳсус (эҳсосшаванда) мекунад” [2,56-57].

Содиқи Ҳидоят ёдрас мешавад, ки ин тозакориҳои Хайём дар замоне сурат гирифта, ки зери таъсири тасаллути араб “як навъ

луғатбозӣ ва изҳори фазлу тамаллуқгӯии хушку беъмаънӣ” ривоҷ гирифта буд. Аз ин рӯ, ин соддагии забони Хайём ба бузургии мақоми ӯ меафзояд.

Дар хотимаи ин боб, ки поёни рисола низ мебошад, Содиқи Ҳидоят дар бораи Хайём чунин натиҷагирӣ мекунад, ки он ба назари мо ношӣ аз рӯҳи эронпарастӣ ва зиддиарабии ӯст:

“Хайём намояндаи завқи хафашуда, рӯҳи шиканҷадида ва тарҷумони нолаҳо ва шӯриши як Эрони бузург, бошукӯҳ ва ободи қадим аст, ки дар зери фишори фикри зумухти (тунду дурушти) сомӣ ва истилои араб кам-кам масмуму вайрон мешуда” [2,61-62].

Чун худи Содиқи Ҳидоят, ошиқу шефтаи фарҳангу тамаддуни Эрони бостон, яъне Эрони тоисломӣ буд, дар эҷодиёти Хайём, ба вижа дар рубоиёту “Наврӯзнома”-аш, ҳамин ҳасрати гузаштаро дарёфтааст. Тавре ки худаш бо як итминон таъкид медорад, “як майлу рағбат ё симпотӣ ва таассуфи гузаштаи Эрон дар Хайём боқист”[2,34]. Ин таҳқиқот, агарчи аз рӯзи таълифаш беш аз 83 сол гузаштаасту дар хайёмшиносии Эрон аз нахустин пажӯҳиши бунёдист, мутаассифона, қириб мавриди истифодаи муҳаққиқони адабиёти классикии тоҷик қарор нагирифтааст.

Бо вуҷуди ин, то ба имрӯз масоиле, ки Содиқи Ҳидоят доир ба эҷодиёти Ҳаким Умари Хайём матраҳ кардааст, аҳамияти илмии хешро гум накарда ва барои муҳаққиқони эҷодиёти Умари Хайём матлаби арзишманде буда метавонад.

**Адабиёти иқтибосшуда**


1. Чун ин маҷмӯа соли 1923 ба теъдоди андак бо харҷи худи Содиқи Ҳидоят дар интишороти “Брухим” ба чоп рисида, дигар таҷдиди чоп нашудааст. Соли 1956 яке аз дӯстони наздики Содиқи Ҳидоят, Ҳасан Қоимиён ҳангоми чопи осори парокандаи нависанда ин пешгуфторро бо номи “Муқаддимае бар рубоиёти Умари Хайём” шомил ва таҷдиди чоп мекунад. Ниг: Содиқи Ҳидоят. Навиштаҳои пароканда. Теҳрон. Чопи ҷадид. 1384 ҳ.ш. (2005).
2. Содиқи Ҳидоят. Таронаҳои Хайём / Содиқи Ҳидоят.- Теҳрон, 1313 ҳ.ш. (1934).
3. Комиссаров Д.С. Садек Хедаят. Жизнь после смерти./ Д.С. Комиссаров – М: “Восточная литература”. 2001.
4. Табарӣ Эҳсон. Масоиле аз фарҳангу ҳунар ва забон/ Эҳсони Табарӣ. -Теҳрон, 1359 ҳ.ш. (1980).



**Шодимуҳаммад СӮФИЗОДА,**
*директори Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ТАВОНО БУВАД ҲАР КӢ ДОНО БУВАД

Беш аз ҳазор сол аст, ки сухани пур аз ҳикмати Абулқосим Фирдавсӣ бар ғановат ва пешравии илму адаби башарият афзӯдааст. Дар тӯли таърих дурустӣ ва азамати каломи мондагори ҳакими Тӯсиро аҳли башар дарёфт ва дар заминаи он назарияҳои вобаста ба танзиму идоракунии дониш ва таълимро ба вуҷуд овард. Дар фарҳанги Ғарб тахти маънои каломи абадзиндаи Фирдавсӣ:

«*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад*»

Мафҳуми «доноӣ тавоноист» («Знание – Сила»: Knowledge is Power) аз забони аксари мутафаккирони гузаштаву муосири олам ҳамвора шунида мешавад.

Илм ва технология яке аз пояҳои асосии иқтидори иқтисодию сиёсии ҳар кишвар аст ва бо доштани илму донишҳои пешрафта кишвар ба тавоноиҳо ноил мегардад. Аҳаммияти китобхона дар комёбиҳои кишвар хеле бузург аст. Агар ба ҳодисаҳои гузаштаи таърихи башарият назар андозем хоҳем дид, ки истилогароне мехостанд кишвареро забт намуда, мардумашро ғулом кунанд, нахуст шаҳрҳои онҳоро аз байн мебурданд ва ин амалро бо оташ задани китобхонаҳо шурӯъ мекарданд. Дар мавриди китобсӯзиҳо ва тахриби китобхонаҳову сар буридани андешамандон Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор ул-боқия» навиштааст: «Қутайба ибни Муслим ҳар касеро, ки хатти хоразмӣ медонист, аз дами шамшер гузаронид ва онон, ки аз ахбору иттилоот миёни худ тадрис мекарданд, эшонро низ ба дастаи пешин мулҳақ сохт» (Абӯрайҳони Берунӣ «Осор ул-боқия». Душанбе, 1990, саҳ. 56). Ҳодисаи даҳшатангези тахриб намудани тахти Ҷамшед ва сӯзондани Гундишопур – бузургтарин китобхонаи сосониён ва

китобхонаи Истахр ба фармони Искандари Мақдунӣ, сӯзонидани китобҳои бешумори муғон дар Хоразм ҳангоми футуҳоти арабҳо, ва оташ задани Китобхонаи Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ, ки Абӯалӣ ибни Сино аз хазинаи беназиру ғании он ҳикоят кардааст, далелҳои равшане аз мақоми китобхона дар фарҳанг ва ҳуввияти миллат аст.

Миллате, ки аз неъмати саводу донишҳои муосир истифодаи дуруст намекунад, ҳамеша зердасти кишварҳои пешрафтаву қудратманд аст. Хурофот, тақлидҳои кур-курона, нодорию гуруснагӣ, пайдоиши ақидаҳои ноҳақу ифротӣ, мақсадҳои ноогҳонаву зарарнок бештар дар ҷомеае зуҳур мекунад, ки пешрафти илмию фарҳангии дурусте надорад. Танҳо бо истифодаи фаъол ва ҳамарӯза аз фарҳангу дониш метавонем кишварамонро ба корвони тамаддуни муосир ҳамроҳ намоем, зеро дар дунёи кунунӣ асоси пирӯзӣ ва калиди муваффақияти ҳар гуна фаъолият, илму дониш аст.

Муҳимтарин ниҳоде, ки вазифадор аст ниёзҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии ҳама қишрҳои ҷомеъаро новобаста аз синн, ҷинс, дин, мазҳаб, дараҷаи таҳсилот посух бидиҳад, китобхона аст. Нақши китобхонаҳоро ҳамчун ниҳоди калидии фарҳангӣ дар пешрафти ҷомеа наметавон нодида гирифт. Ҳар китобхона вобаста ба вазифа ва ҳадафҳои хеш дар қонеъ намудани талабот ва ниёзҳои хонандагонаш нақшаву барномаҳои хешро таҳя намуда, фаъолияти худро созмон медиҳад. Нахустин гоми ҷиддӣ дар роҳи донишомӯзӣ аз китобхона оғоз мешавад. Дар асри ҳозир китобхона саҳми бузурге дар боло бурдани сатҳ ва сифати муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа дорад. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ ин ниҳоди муҳимми илмию фарҳангию иттилоотӣ бояд бо технологияҳои пешрафта муҷаҳҳаз бошад, то тавонад вазифаи иттилоърасонӣ ва паҳну дастрас намудани навгониҳои илмию техникии ҷаҳони муосирро бо беҳтарин ва босуръаттарин шева анҷом диҳад.

Ҷаҳони имрӯз дар ҳоли ҳаракат ба сӯи бунёд кардани ҷомеъаи донишмадор аст. Падидаи интернет мисоли равшане аз чунин ҷомеа аст. Созмонҳои донишмеҳваре мисли Академияи илмҳо, Академияи илмҳои тиб, Академияи кишоварзӣ, Академияи

таҳсилот, донишгоҳҳову донишкадаҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тахассусии кишвар истифодакунанда ва тавлидкунандаи дониш ҳастанд. Дар чунин шароит корманди китобхона барои дуруст иҷро намудани вазифаҳояш бояд тавонмандиҳои бештару беҳтар нисбат ба системаи анъанавӣ ва маъмулию соддаи пешин дошта бошад. Роҳи ягонаи китобхонаҳо дар чунин фазо мусаллаҳ шудан бо донишҳои муосири технологӣ аст. Барои сохтани ҷомеъаи донишмеҳвар моро лозим аст барномаҳои пешрафти соҳаҳои мухталифи кишварро бо назардошти аҳаммияти воситаҳои ҷадиди иттилоот таҳия ва танзим кунем.

Фарҳангу маданияти анъанавии мо, ки дар тӯли таърих полоиш ёфта, ҳуввияти миллии моро то андозае сомон бахшидааст маърази таҳдидҳои ҷиддӣ қарор гирифтааст. Олами интернет олами маҷозист ва аз ҷаҳони воқеии перомуни мо фарқ мекунад. Дар олами маҷозӣ инсон дар муҳите бидуни сарҳад қарор мегирад, ки аз фарҳангҳои мухталиф созмон ёфтааст. Бар иловаи ҷанбаҳои хуб ва фоидаовар интернет метавонад зиёну фитнаҳоеро дар ҷомеъа ба вуҷуд оварад. Яке аз андешмандони муосир Жан Бодрийар ба ин бовар аст, ки дар олами иттилооти муосир таҳриф ҷойи ҳақиқатро гирифтааст. Ӯ таъкид мекунад, ки бисёре аз беимониҳову тундравиҳо аз набуди иттилоърасонӣ нест, балки аз теъдоди аз ҳад зиёди иттилоърасонист, ки дар бисёре аз мавридҳо анбошти беш аз ҳадди иттилоот сабаби инҳирофоту каҷравиҳо дар ҷомеъа мешавад, зеро бо афзудани теъдоди иттилоот инсон фурсати таҳлилу арзёбии онҳоро намеёбад ва дар натиҷа наметавонад бо баррасии ҷиддию ҳаматарафаи онҳо ба натиҷаҳои матлуб бирасад ва бар асоси натиҷагириҳои хеш амал кунад. Чунин вазъият дар ҷаҳони иттилоот ба он меоварад, ки дар оянда иттилоот маънои иртиботии худро то андозае аз даст хоҳад дод.

Афзоиши таҳмилҳои бегонаи фарҳангию динӣ дар ҷомеъаи Тоҷикистон, бавежа дар зеҳни ҷавонон аз тариқи фазои маҷозӣ ва интернет сурат гирифта, пайравии кӯр-кӯронаву ноогоҳона аз падидаҳои зоҳирии суннатҳои бегона ба анъанаҳоии миллии мо халал ворид менамояд. Чопи аксҳои даҳшатангезу ғайриахлоқӣ, навиштаҳои ғайриилмии тавҳиномез нисбат ба муқаддасоти миллию фарҳангӣ, маводи мухталифи муғризонаи хушунатангез

ба хотири тафриқаандозӣ дар ҷомеъа аз тарафи нерӯҳои манфиатталаб сабаби осебҳои равонию иҷтимоии ҷомеъа мегардад. Ин навъи иттилоотро наметавон як зуҳуроти зоҳирӣ пиндошт. Дар зери ин «ниқоб» вирусҳое ниҳуфтаанд, ки бар андешаи мардум таъсири амиқе мегузоранд. Гаравидани ҷавонон ба ДОИШ ва дигар гурӯҳҳои тундрави экстремистӣ маъмулан аз тариқи интернет сурат мегирад. Таҳаввули эҷодшуда тавассути технологияҳои иттилоърасонии муосир таъсири шигарфе ба тамоми ҷомеъаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон гузоштааст. Вазифаи китобхонаҳо дар чунин вазъият аз он иборат аст, ки ҳарчи бештар қишрҳои мухталифи ҷомеъаро ба ниҳодҳои хеш ҷалб намуда, аз тариқи роҳнамоиҳои ҳирфаӣ завқу хоҳишҳои ононро ҷиҳати истифода аз саҳифаҳои созанда ва омӯзандаи интернет бедор намоянд. Чунин тарзи ҳадафноки истифода аз интернет боис мешавад сатҳи гуфтугӯи фарҳангу тамаддунҳоро дар миёни миллатҳои мухталиф боло бурда, имкони шинохти беҳтару бештари ҷомеаи башариро нерӯ бахшид.

Дар замони мо иттилоот яке аз унсурҳои муҳимми рушди ҷомеъа аст. Инсони имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ: илмӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба дониш ва огоҳиҳои полишёфта ва созмондодашудаву маънидор, ки дар олами ҳастӣ ҳамвора ба зуҳур мерасанд, ниёз дорад. Ҳар кишваре, ки хостори пешравӣ ва таҳаввулу ташаккули ҷомеъааш ҳаст, ногузир аст аз иттилоот баҳраманд бошад, бахусус дар замони мо, ки суръати густариши фазои иттилоотӣ ҳамвора дар ҳоли афзоиш аст. Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон бо дарки аҳаммияти иттилоот ва таъсири он бар ҷомеъа сармоягузориҳои зиёде дар ин соҳа кардаанд. Масалан Ҷопон, Малайзия, Сингапур ва кишварҳои пешрафтаи олам бар асоси фоидамандии иттилоот ба муваффақият ноил шудаанд. Китобхонаҳое, ки технологияҳои нави фаъол надоранд, наметавонанд нақши фарҳангӣ ифоъ кунанд. Нодида гирифтани пешравию навгониҳо дар технологияҳои иттилоотӣ ва мавриди истифодаи густарда қарор надодани онҳо дар интиқоли падидаҳо ва навгониҳои илмию фарҳангӣ моро дар ҳолати ногувори пайравии кур-курона қарор хоҳад дод ва заминаи ворид гардидани ҳар гуна падидаҳои номатлубу зараровари фарҳанги бегонаро фароҳам хоҳад овард.

Китобхона ба ҷамъоварӣ, захира ва мубодилаи дониш сарукор дорад ва бо омодаву бастабандӣ кардани иттилоот дар шакли осону писандида ба интиқол ва мубодилаи дониш ёрӣ мерасонад. Дар кишваре, ки дониш ва воситаҳои иртиботӣ вазъи нигаронкунанда доранд, китобхона бояд нақши муассиртареро дар ҷомеъа иҷро намояд. Бояд дар таъмини ҳамешагии молию зеҳнии китобхонаҳо ва ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ будани ситемаи таълим дар факултаҳои китобдории донишгоҳҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Мақомоти ваколатдори соҳа дар таҳким бахшидан ба курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзии китобдорон, ки дар Китобхонаи миллӣ фаъолият мекунад, ҷудо намудани квотаҳои махсус барои таҳсил дар донишгоҳҳои пешрафтаи хориҷӣ дар риштаҳои мухталифи китобдорӣ, дастгирии молии китобхонаҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ, ноҳиявию ҷамоатҳои деҳот бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Дар барномарезиҳои ҳукумат китобхонаҳо бояд ҷойгоҳи муносибе дошта бошанд, то битавонанд дар таҳким бахшидани пояҳои давлати мустақили Тоҷикистон ва густариши ҳарчи бештари идеологияи миллӣ гомҳои муассиртаре бардоранд. Бар илова, бояд гуфт, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёти Тоҷикистон дастовардҳои боарзише мавҷуд аст, ки метавон бо ифтихор дар дастраси ҷомеаи башарӣ гузоштани онҳо ҷаҳониёнро аз муҳтавои онҳо огоҳ сохт ва рушду таҳаввулоти кишварро ба маънои воқеъияш ба исбот расонд. Омода намудани замина барои дастёбӣ ба иттилооти дурусту фоидаовар фарҳанги миллатро тавсеъа бахшида, ниёзҳои моддию маънавии онро баровардa карда, сатҳ ва сифати зиндагии моддию маънавии шаҳрвандонро ба суръати бештар пеш мебарад. Дар замони муосир пешрафти ҳар кишвар дар заминаи илму дониш фароҳам хоҳад шуд. Дар кишваре, ки шароити рушди китобхонаҳо фароҳам карда шудааст, ҷомеъаи он давраҳои тараққиро яке паси дигар ба осонӣ тай намудааст ва он ҷое, ки китобхонаҳо дар кунҷи фаромӯшӣ ва камтаваҷҷуҳӣ қарор гирифтаанд, ҷомеъа дар ҳоли таназзул қарор дорад. Бовар дорам, ки бе аз бар кардани илмҳои муосир ба пешравӣ ноил нахоҳем гашт ва роҳи расидан ба ормонҳои миллию башарӣ бо боло бурдани фарҳанги китоб, китобхонӣ ва китобдорӣ муяссар хоҳад шуд.

**Ғиёсиддин ҚОДИРОВ,**
*шарқшинос*

## ҲАҚИҚАТ ВА РИВОЁТ ДАР БОРАИ АФҒОНҲО

Хондаем ва медонем, ки пажӯҳиш дар таърихи қавму қабилаҳои бостонӣ ва ҷустуҷӯи далелу аснод дар бораи макону замони пайдоиш, забон, шарҳи ному насаб ва ё шинохти сирату сурати онҳо кори бисёр душвор аст. Зеро таърихи умри башар, бешак, хеле қадимтар аз таърихи мактуби он аст. Аз ин таърихи чандинҳазорсолаи зиндагии одамизодагон шояд як садуми он навишта ва маҳфуз боқӣ монда бошад ва дар бораи бахши азими гузаштаи он, ки тавъам ба муҳоҷиратҳо, ҷангҳо, омезиши нажодҳо, забонҳо, фарҳангҳо ва ҳатто тағйири симои инсонҳо будааст, иттилооти муҳиме дар даст нест. Агар ин ҳақиқатро қабул кунем, пас дархоҳем ёфт, ки хулоса баровардан ва ё назария сохтан дар бораи саргузашти ин миллату қавмҳо бар пояи ривоёту ҳикоётҳои ноустувори таърихӣ ва маводу асноди мухтасари давраҳои баъдӣ то чӣ ҳад ба ҳақиқат наздик ва то ба кадом андоза метавонад шартиву эҳтимолӣ бошад. Ба ин далел, бо ҳама кӯшишу талошҳои арзишманди муҳаққиқон ҳанӯз ҳам бисёр масъалаҳо оғози таърихи мардумони аҳди қадим, аз ҷумла афғонҳо маҷҳул монда ва боиси эҷоди қиссаву ҳикояҳои гуногун гардидааст.

Ҳоло, агар аз ин халои умумии таърихи бостон ба давраи мактуби он по пеш гузошта, ба садоҳо ва ғулғулаҳои бархоста аз таърихи куҳансоли афғонҳо гӯш диҳем, чунин гапро мешунавем: Баъзеҳо мегӯянд, ки афғонҳо авлоди сарбозони Искандари Макдунӣ мебошанд, ки пас аз ишғоли ин минтақа дар ин сарзаминҳо мондаанд. Гурӯҳе бар ин боваранд, ки онҳо юнониҳое мебошанд, ки дар давраҳои ҳокимони баъди Искандар ба ин минтақа омада ва ё оварда шудаанд. Геродот (а. V пеш аз милод) бошад, паштунҳоро, ки имрӯз бо номи умумии афғон машҳуранд, «пактин» номида, маҳалли сукунати онҳоро кӯҳистони шарқи Форс (Эрон) дар сарҳади Ҳинд навиштааст. Иддае ақида доранд, ки қибтиҳои мисрӣ, калдонӣ ва ҳатто арманиҳо ниёкони онҳоянд. Чанде аз шарқшиносони аврупоӣ

менависанд, ки маншаъи афғонҳо аз албаниҳои Осиёист, ки дар асари шӯру ошӯбҳои гуногун онҳоро аз як минтақаи Форс (Эрон) ба минтақаи дигари он – Хуросон интиқол додаанд. Ба андешаи дигар, шоҳони Форс (Эрон) як қатор мардумеро, ки ноорромӣ эҷод мекарданд, аз соҳили Мадитрона ё Баҳри Сиёҳ кӯчонда буданд. Юнониҳо хабар медиҳанд, ки Форсҳо як гурӯҳ мардумеро, ки дар лашкари онҳо хуб хидмат карда буданд, иҷозат медоданд, ки дар қаламрави онҳо зиндагӣ кунанд. Таърихнигори англис П. Сайкс менависад, ки афғонҳо «махлуте аз нажоди эронӣ ва турк ҳастанд, ки дар навоҳии сарҳадии Ҳиндустон бо ҳиндуҳо махлут шудаанд». Ба назари муаллифи китоби «Афғонистони нав» профессор Вилсон, «то қабл аз ҳамлаи юнониҳо сокинони Афғонистон фақат ҳиндуҳои ориёӣ ё ориёиҳои муҳоҷири Ҳиндустон буданд» (1-31, 32) яъне дар бораи афғонҳо ҳанӯз хабаре нест. Аҳолии маҳаллии Ҳинд дар тӯли асрҳо афғонҳоро бо номи «патон» ва «руҳила» (кӯҳӣ) мешиносанд ва аз рӯи забон онҳоро «паштун» меноманд.

Ақидае низ ҳаст, ки гӯё Темурланг аз ғорат ва тороҷи мардуми Мозандарон ба дасти афғонон хашмгин шуда, онҳоро аз ҷануби Баҳри Каспий ба кӯҳҳои байни Ҳинду Форс (Эрон) кӯчондааст. Аз рӯи гуфтаҳои дигар, афғонон бошандагони кӯҳҳои баланд ва водиҳои ҳаммарзи Баҳри Каспий – сарзаминҳои Доғистон ва Шервони имрӯз мебошанд, ки қабл аз мусулмон шудан, дар асрҳои миёна исавӣ буданд ва озодии худро то аҳди Маликшоҳи Салчуқӣ ҳифз карданд. Муаллифони аҳди муғул афғонҳоро бошандагони кӯҳҳои Сулаймон номбар кардаанд, ки машғули тороҷу яғмогарӣ буданд. Як шаҷараномаи ривоятгунаи дигареро дар бораи афғонон таърихнигори маъруфи асрҳои миёна Мирхонд дар китоби худ оварда ва соҳиби «Таърихи Фаришта» низ онро таъйид ва нақл кардааст. Бино бар ин ривоят афғонҳо дар рӯзгори дарози пешин дар кӯҳҳои Ғур ва Сулаймон мезистанд ва баъзе қабилаҳои онон шоҳоне доштаанд, ки насабашон ба Заҳҳок – яке аз шоҳони Эрони бостон, мерасидааст. Дар давраи Ғазнавиён бахши муҳими лашкари онҳоро афғонон ташкил медодаанд. Вале қабилаҳои кӯҳнишини онҳо озодии худро ҳифз карда ва зоҳиран Ғур, Фирӯзкӯҳ ва Бомиён шаҳрҳои калони онҳо будаанд. Дар ин миён ақидаи афсонаомезе низ дар осори таърихнигорон машҳур аст, ки ба фикри бисёр муҳаққиқон, афғонҳо зоҳиран худ дар

мавриди хеш сохта ва ё бофтаанд. Мувофиқи ин ривоят, афғонҳо маншаъи яҳудӣ дошта, авлоди яке аз даҳ қабилаи исроилианд, ки ниёкони онҳо ба Осиёи Марказӣ омадаанд ва Афғона, ки номи худро ба ин қавм дода аст, ба таври мустақим аз авлоди Иброҳим ва Ҳоҷар, аз тариқи Исмоил мебошад. Баъзе муаллифони дигар, Афғонаро писари Холид бини Валид мешуморанд, вале иддае ақида доранд, ки ӯ муосири Сулаймон ва яке аз саркардагони қушӯни вай будааст. Як санади дигаре низ нависандагон дар мавриди маншаъи яҳудияти ин қавм овардаанд, ки он чунин аст: Замоне, ки Нодиршоҳи Афшор (асри XVIII) ба қасди фатҳи Ҳинд ба Пешовар мерасад, сарони қабилаи Юсуфзай як китоби Инҷили ба забони ибрӣ навишташуда ва баъзе ашёи лозима барои баргузории маросимҳои динӣ ба ӯ тухфа медиҳанд, ки онҳо ҳангоми ибодат ба расми қадимии хеш онҳоро ба кор бурда ва то омадани Нодир ҳифз карда будаанд. Вале мукаммалтарин ривоят дар бораи чи гуна ба сарзамини Афғонистони кунунӣ омадан ва ё оварда шудани афғонҳоро генерали фаронсавӣ Жозеф Феррйе (а. XIX) дар Ҳирот аз забони яке аз шахсони бонуфузи афғон шунидааст, ки мухтасари он чунин аст: Совул – шоҳи яҳудон ду писар ба номҳои Афғон ва Ҷолут дошт. Пас аз салтанати Довуд ва Сулаймон, ки ҷонишини Совул буд, харҷу марҷ сабаби тақсими қабоили яҳуд гардид, то он ки Бахтуннаср пас аз тасхири Ерусалим, қатли 70 ҳазор яҳудӣ ва тахриби шаҳр, бошандагони боқимондаи онро ба сифати асир ба Бобул мебарад. Баъди ин фоҷеа қабилаи Афғон аз тарс аз Ҷидда ба Арабистон фирор мекунад. Пас аз чанд муддат аз камбуди чарогоҳ ва об баъзе қабилаҳои он ба Ҳиндустон муҳоҷират мекунанд. Шохаи абдолии он дар Арабистон мемонад ва дар замони хилофати Абубакр раисони онҳо ба як шайхи қудратманд ба номи Халид ибни Валид (аз қабилаи Қурайш) муттаҳид мешаванд. Бо дастгирии ин шайх мавқеияти абдолиҳо беҳтар мегардад. Вақте ки арабҳо Форс (Эрон)-ро фатҳ мекунанд, ба вилояти Форс ва Кирмон кӯчида, то ҳамлаи Чингиз дар он ҷо мемонанд. Аммо аз бими қатли ому куштори ваҳшиёнаи Чингизиён ба Ҳинд мегурезанд. Вале дар он ҷо ба зудӣ мавриди ҳамлаи ҳамсоягони нави худ қарор гирифта, маҷбур мешаванд ба кӯҳҳои душворгузари Сулаймон паноҳ баранд. Баъди ба кӯҳҳои Сулаймон омадани абдолиҳо қабилаҳои дигари афғон бо ҳам

ҷамъ гардида, 24 қабиларо ташкил медиҳанд. Афғон – писари Совул, ки гӯё падари қавми афғон аст, се писар доштааст бо номҳои Сарбанд, Арғуш ва Кирилин, ки ҳар кадоми онҳо соҳиби 8 писар буданд. Баъдтар ин 24 қабила номи яке аз ин писаронро гирифта, ба он ном машҳур мешаванд (2-19, 21).

Масъалаи дигаре, ки шинохти афғононро печидатар месозад, ин масъалаи ягонагии нажодии онҳост. Бино бар ин ақида, қавму қабилаҳои афғон, ки теъдодашон дар ибтидои садаи XIX дар ҳудуди сесад шоха тахмин шудааст, бо вуҷуди забони умумӣ – пашту шояд аз модари ягона набуда, аз ниёкони мухталиф бархостаанд, ба далели он ки, аввалан афғонҳои Кобул дар оғози қарни XIX худро афғонҳои ҳиндӣ мешумориданд, дар ҳоле ки афғонҳои Ҳирот худро афғонҳои Хуросонӣ медонистанд. Дигар ин ки илова бар нифоқу тафриқаҳои ҳамешагии байнихудӣ, баъзе қабилаҳои афғон барои тасдиқи бартарӣ ё наҷибзодагии хеш қабилаҳои дигарро бо лақабҳои зишт ном мебаранд, монанди абдолиҳо, ки ғилзойиҳоро аз рӯи ном («ғил» – дар пашту ба маънои дуздӣ ва «зойӣ» – писар ё ҳаромзода) таҳқир мекунанд ва назири он. Аммо бо вуҷуди фаровонии суолоти бепосух донишмандон дар ин нукта мувофиқанд, ки афғонон дорои таърихи қадимӣ мебошанд. Муҳаққиқони соҳибназар назарияи исроилӣ ва сомӣ будани онҳоро низ рад карда, далелҳои дигари ҷорӣ дар ин мавридро, аз қабили маҷмӯаи урфу одоти маъруф ба «Паштунволай»-и афғонҳо ва ё «бинии уқобӣ» доштани онҳоро бепоя мешуморанд. Зеро, ба назари онҳо, маҷмӯаи «Паштунволай» махлутест аз кавонин ва одоти қабилавии ибрӣ ва исломӣ ва ё аксҳои рӯи сикаҳои аз давраи Кӯшониён боқимонда низ ҳама бинии уқобӣ доранд. Дар маҷмӯъ, афғоншиносони муосир онҳоро «эрониёни бумӣ»-и ин кишвар ва аз қабилаҳои ориёӣ мешуморанд. Донишманди шаҳир В.В.Бартолд дар бораи мансубияти нажодии ин қавм чунин менависад: «Дар ноҳияи кӯҳистони ҷиболи Сулаймон дар замони қабл аз таърих миллати афғон, ки аз нажоди ориёӣ ҳастанд, сукунат гузид…» (1-30).

Дертар муаллифи «Афғонистон дар масири таърих» Ғубор низ тақрибан ҳамин ақидаро такрор карда, чунин менависанд: «Инон, (афғонҳо) аз вақте ки таърих ба ёд медиҳад, дар шарқи Афғонистон ва ҷиболи Сулаймон иқомат доштанд ва батадриҷ дар чаҳор ҷониб мунташир гардида ва билохира сарзамини

«Паштунхвой»-и кунуниро ташкил кардаанд» (2-307). Зимнан, бояд гуфт, ки луғати «Паштунхвой»-ро М.Елфистон аз доктор Лийданн шунида, вале чунонки менависад, худи ӯ «корбурди онро дар ҷое надидааст» (5-158). Бинобар ин, манзури устод Ғубор аз сарзамини «Паштунхвой», зоҳиран Паштунистони имрӯзӣ аст. Дар охир бояд гуфт, ки паштузабонон (афғонон) мисли дусад соли пеш, дар замони М.Елфинстон ва пеш аз он ҳам сарфи назар аз садҳо номи қабилавӣ худро ба номи умумии «паштун» ва «паштона» ё «пухтӯн» ва «пахтона» мехонанд.

Аз мутолиаи ин ривоятҳои сахт ихтисоршуда ва эҳтимолоти ҳақиқатгуна ва ё ҳақиқатҳои афсонагашта, ки бунёди қавии исбот надоранд, мебинем, ки судури шаҳодатномаи таваллуди беайб ва иншон шарҳи ҳоли воқеии ин мардум ҳанӯз ба поён нарасидааст.

Илова бар маълумоти боло, дар бораи ном, маншаъ ва хостгоҳи афғонҳо муаллифони асрҳои миёнаи Шарқ ва муҳаққиқони аврупоии асрҳои баъдӣ дар бораи ин мардум иттилооти муфассали мардумшиносӣ додаанд. Аз ҷумла Мининӣ (а. XII), таърихнигор ва муфассири асари Абдуҷаббори Утбӣ (а. XI) «Таърихи Яминӣ» дар шарҳи сурат ва сирати афғонҳо чунин навиштааст: «Афғонҳо аз ӯ (амир-Ғ.Қ.) итоат карданд ва сарзамини эшон кӯҳистонист. Аз назари сурат ба туркҳо наздиканд ва ағлаб гандумгун. Кӯҳҳои эшон ба Бомиён аст ва маъруф ба ғорат ва шаторатанд ва қаблан аз амире итоат накардаанд ба ҷиҳати кӯҳҳои ҳасин (устувор) ва қалъаҳову қуллаҳои манеъ (маҳкам)» (6-23).

Зимнан, бояд хотирнишон кард ки, руҷӯи муҳаққиқони аврупоӣ ба ин мавзӯъ ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ дошт. Тавре медонем, аз асрҳои XVIII ба баъд шиддати рақобати давлатҳои пурзӯри Аврупо-Англия, Фаронса ва Россия барои густариши нуфуз дар Шарқ, аз ҷумла Афғонистон ба нуқтаи инфиҷор расида буд ва рафтуомади ҳайатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва низомии онҳо ба кишварҳои ин минтақа афзоиш ёфт. Барои амалӣ кардани сиёсати истеъмории худ ин давлатҳо ниёз ба шинохти амиқтар ва иттилооти бештар дар мавриди ин кишварҳо доштанд. Ба ин манзур, ба сафи ингуна ҳайатҳо донандагони хуби забон ва таъриху фарҳанги мардумони ин сарзаминҳо сафарбар мешуд ва онҳо дар рутбаҳои баланди сиёсӣ ва низомӣ дар ин кишварҳо фаъолият мекарданд.

Бино ба тақозои вазифа, ин "афғонистоншиносон"дар бораи иқтидори иқтисодиву низомии Афғонистони замони хеш, захираҳои инсонӣ ва ҷанбаҳои зӯру заъифи хислату характери мардумони он маълумот ҷамъ намуда, хулоса ва тавсияҳои барои ҳукуматҳои хеш лозимро пешниҳод мекарданд. Дертар баъзе аз ин сиёсатмадорон ва муҳаққиқони пурҳавсала гузоришот ва хотираҳои худро дар бораи афғонон ва Афғонистон ба шакли китоб таҳия ва нашр намуданд, ки имрӯз на танҳо аз нигоҳи таърихӣ, балки аз ҷиҳати мардумшиносӣ низ аз манобеи муҳим ба шумор меравад.

Баъди тақрибан 700 сол аз замони таълиф ва тафсири «Таърихи Яминӣ», ки болотар иқтибос шуд, М.Елфинстон – муовини намояндагии сиёсии Англия, генерал-губернатори калонтарин шаҳри Ҳиндустон Бомбей ва сарпарасти нахустин ҳайати сафорати Англия ба дарбори Шоҳ Шуҷоъи Дурронӣ (1809) афғонҳоро чунин дидааст. «Аврупоие, ки бори нахуст вориди Афғонистон мешавад, ӯ нахуст аз қоматҳои баланд, қиёфаҳои хашан, суратҳои офтобсӯхта, ришҳои дароз, пероҳанҳои гушад ва пӯстинҳои онон (афғонҳо) тааҷҷуб мекунад» (5-156).

Бо мурури пешрафт дар қаламрави Дурронихо ва ошноии бештар бо афғонҳо муаллиф акси кашидаи худро чунин такмил мекунад: «Занони афғон дар муқоиса бо занони Ҳинд бисёр зебо ва сапеданд. Мардони афғон тануманд, умуман дорои андоми кашида ва бориканд, вале устухонбандӣ ва азулоти қавӣ доранд. Биниҳои баланд, устухони гунаҳо барҷаста ва суратҳои кашида ва дароз, мӯи сар ва ришашон, умуман сиёҳ, гоҳе қаҳваӣ ва ба нудрат хурмоӣ (сурх) аст. Мӯҳояшон, умуман зебру дурушт аст. Миёни сарро метарошанд ва бақияи мӯҳоро мегузоранд. Қабоили наздики шаҳрҳо мӯҳои кӯтоҳ, вале дигарон зулфҳои баланд ва ҳалқаҳои бузург дар ду сӯи сар овехта доранд. Ришҳояшон пурпушт ва баланд аст. Симояшон омехта аз мардонагӣ ва андешамандӣ, беолоиш, вале натавон»… (5-13).

Он чи ки дар вуҷуди ин мардум «таҳсинангез» ва мавриди писанди муҳаққиқи аврупоӣ қарор мегирад, ин «озодагӣ, неру, таҳаррук, симои хуш ва қиёфаи шабеҳ ба аврупоиён, кор ва санъат, меҳмоннавозӣ, матонат ва беэътиноӣ ба лаззот, ки дар ҳамаи онон машҳуд аст» (5-156). «Бисёре аз онон, бегумон,

мардумони озод, саховатманд ва бурдбору богузаштанд» (5-204), – меафзояд дар ҷои дигар М.Елфинстон.

Каме дертар, дар ибтидои ҳамон садаи XIX дипломати баландпояи дигари аврупоӣ намояндаи сиёсии Фаронса ва сипас генерал-адъютанти артиши Порсиён (Эрони Қоҷорӣ) Ж.Феррйе, ки борҳо ба Афғонистон сафар карда, бо мардуми оддӣ ва баъзе хону раисони онҳо ҳамнишину ҳамсуҳбат будааст, симои афғононро чунин тасвир мекунад: «Афғонҳо баланд, тануманд, фаъол ва хушқавороанд. Чеҳраи зайтунӣ, баъзан хокистарӣ ба симои онҳо як қиёфаи ваҳшиёна медиҳад. Даричаи чашмони сиёҳи онҳо пур аз оташ буда ва бо сурма ранг мешавад, чун ба назари онҳо ин амр ба онҳо қувват дода ва зебоиву дурахшиши хиракунанда ба онҳо мебахшад. Риши сиёҳи онҳо кӯтоҳ буда ва мӯйҳояшон, ки дорои айни ранг аст, аз пеши рӯ то болои сар тарошида мешавад. Ба мӯйҳои ҷониби сар иҷозат медиҳанд, то дар ҳалқаҳои бузург болои шонаҳояшон биафтанд. Гомҳояшон мусамам ва рафторашон ғуруромез ва хашан аст». Аз ҷиҳати рӯҳия ва табиат афғонҳо, ба ақидаи ӯ, мардуми «диловари бебок буда, бо кӯчактарин масъала таҳрик гардида, мутаҳаввири беэҳтиёт ва пуртакопӯ буда ва барои ҷанг зода шудаанд…» (2-14, 20)

Ба назари мо, касони ошно бо сурату симои афғонон камтар эъроде ба суратгару сураткашони боло дар камҳунарӣ ва симошиносӣ хоҳанд тавонист. Ҳамзамон бояд гуфт, ки нигориши хислатномаи ин қавм нисбат ба бозофаринии сурати онон мушкилтар аст. Аввалан, ба он сабаб, ки қабилаҳои сершумори афғон аз ҷиҳати рафтору кирдор, хулқу хӯ, расму ривоҷ ва амсоли он аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз сӯи дигар, ин қабилаҳо бино ба урфи маъмули ҳамсоягарӣ, баъзе расму одот ва одобро аз қавму миллатҳои ҳамсоя, ки бо онҳо тамос ва робитаи бештар доштанд, гирифтаанд. Масалан, бисёр расму одатро қабилаҳои шарқӣ аз ҳиндуҳо, қабилаҳои ғарбӣ аз эрониҳо ва афғонҳои ҳамсоя бо тоҷикон аз тоҷикҳо гирифтаанд. Бинобар ин, таҳияи модели ягонаи сохтори шахсият ва хислати умумии барҷаста, ки ин қавмро аз миллатҳои дигари ҳамсоя мушаххас намояд, кори муҳаққиқонро душвор гардонидааст. Вале бо вуҷуди ин пажӯҳишгарон баъзе сифатҳои хосеро мушоҳида ва номбар кардаанд, ки ба назари онҳо ҷузъи хислатҳои ин қавм мебошанд. Аз ҷумлаи сифатҳои писандидаи ин мардум, ба таври

хулоса ин хислатҳоро номбар кардаанд: шуҷоат ва диловарӣ, ишқ ба озодӣ ва рӯҳияи истиқлолхоҳӣ, вафодорӣ ба дӯстон, меҳрубонӣ ба хешовандон, меҳмоннавозӣ, эҳтиром ба калонсолон, содагӣ, сахткушӣ, эҳтиёт ва монанди ин. Барои исботи ин сифот дар таърихи афғонон гувоҳу шоҳиди фаровон дида мешавад.

Хислатҳои announcing нописанди ононро мухтасар ба ин калимаҳо хулоса кардаанд: ёғигарӣ, ҳирсу тамаъ, судҷӯӣ, интиқом, тароҷгарӣ, бартариҷӯӣ, беқонунӣ, ҷаҳолату хурофот ва ғайра.

Ба андешаи М.Елфинстон, афғонон мисли ҳама Хуросониён мардуми сода мебошанд. Онҳо дар ростгӯӣ мисли аврупоиён нестанд ва гоҳе барои ҳифзи манофеи худ «одамро ба сухан ва ваъда мефиребанд. Туҳфа ва бахшишро дӯст медоранд. Агар ҳадяе ба онон дода шавад, ҳар талабу тақозоро ҷавоби мусбат медиҳанд, вале агар дар ҳадя таъхир шуд, умед бастан ба он ки ҳадяро пас аз анҷоми коре хоҳед дод, натиҷа манфӣ хоҳад буд. Ҳама афғонон бо насаби худ фахр мекунанд. Афғоне, ки агар 7-8 пушт номи ниёконашро надонад, ӯро афғон намешуморанд. Агар нисбати онҳо таҳқир ва ё амали баде раво дида нашавад, дар дӯстӣ мардуми устуворанд ва некиро фаромӯш намекунанд. Сарватандӯзиро пулдоронашон бисёр дӯст медоранд, вале он сарват бештар пинҳон монда, аз он баҳра ва суд кам мебаранд» (2-354).

Аз падидаҳои манфие, ки муҳаққиқон дар муҳити зиндагӣ ва тарбияи афғонон дидаанд, ин ҳирс ва ишқи беандоза ба сарват аст. «Онон, ки афғононро хуб мешиносанд, ҳама бар ин боваранд, ки нуфузи пул бар ин миллат ҳадде надорад. Онон худ низ ин ҳақиқатро инкор намекунанд» – менависад М.Елфинстон. Муҳаққиқи фаронсавӣ Ж.Феррйе, низ бо М.Елфинстон дар ин мавзӯъ ҳамфикр аст. Ба андешаи ӯ, тилло дар Афғонистон «худои нажоди инсон аст» ва афғонҳо ба хотири расидан ба сарват «ҳеҷ аҳде вуҷуд надорад, ки онро нашкананд ва ҳеҷ вазифае, ки тарк накунанд» (2-357). Албатта, набояд пиндошт, ки ин суханон ба умуми мардуми афғон дахл дорад ва чуноне ки худи муаллиф менависад, «Ин мулоҳизаҳо, асосан ба сарону раисони қавму қабилаҳои онон ва ашхоси пулдор қобили татбиқ аст, то умуми мардум». Бекорагӣ ва гурез аз корро донишмандони аврупоӣ айби дигари ин мардум мешуморанд ва амсоли он.

Имрӯз дар шарҳи назариёти боло, бешак, баҳс бисёр метавон кард ва дар иқрори ҳақиқатҳо ва инкори баъзе қиссаҳои бофтаву сохта дар тӯли асрҳо далелу бурҳон зиёд метавон овард. Вале аз он ҷо, ки чаҳорчӯбаи мақола тангу ғунҷоиши матолиб дар он маҳдуд аст, бинобар ин, бо зикри мухтасари чанд нукта иктифо мекунем. Пеш аз ҳама, ҳангоми доварӣ дар мавриди гуфтаҳои боло бояд дар назар дошт, ки дар бунёди ривоятҳо ва ё кирдорҳои ношоистаи гурӯҳе ё тоифае, ки шаклҳои «мудернтар» ва «мутамаддинтар»-и ин гуна разолатҳо дар байни миллатҳои муосир ҳам кам нест, сохтани назарияи «хислати миллӣ» барои як халқ дар ҳеҷ ҷо ба ҳайси омили асосии сифатсоз шинохта ва эътироф нашудааст.

Дигар он ки бисёр сифату хислатҳои номбурда ҷанбаи зотӣ ва табиӣ надошта ва бешак, таҳти таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ ва шароити ногувори зиндагӣ дар табиати ин мардум тарбия ва пайдо шудааст. Масалан, донишмандони муосир яке аз сабабҳои беалоқагии афғонҳоро ба кор натиҷаи расидан ба пулу мол аз роҳи ҷанг мешуморанд ва дуввум, ба назари мо, дар имтиёзоти иҷтимоӣ ва иқтисодиест, ки аз тарафи шоҳону амирони афғон ба хону раисони баъзе қабилаҳои «баргузида» дода мешуд. Дар ин маврид Мирмуҳаммад Сиддиқи Фарҳанг чунин менависад: «Лашкаркашиҳои Аҳмадшоҳ ба Ҳинд ва ғаноиме, ки ӯ ва сарону лашкариёнаш ба даст оварданд, дар поёни кор ба зиёни афғонон анҷомид, зеро ба ҷои завқи кору заҳмат рӯҳияи ниҳеб (ҳамла), тороҷу танбалиро дар эшон тақвият кард, ки наметавонад пешрафт ва таъолии (бартарӣ) миллату давлатро таъмин намояд» (7-171).

Дар охир бояд гуфт, ки агар аз ин нуқтаи назар ба таърихи як-ду қарни ахири ин мардуми наҷиб нигарем, бисёр мисолҳои барҷаста аз шуҷоату қаҳрамонӣ, ҳимояи ватану шарафи миллӣ ва агар дар байни ҷангҳои дохилӣ ва таҷовузоти хориҷӣ танаффусе муяссар гардида, пешрафтҳое дар арсаи иҷтимоиёту иқтисодиёт, фарҳанг ва илму донишҳои муосир пайдо карда метавонем, ки зикри ҳамаи онҳо, албатта, мавзӯи дигар ва баҳси дигар аст.

Китобнома


1. Таваккулӣ Аҳмад. Равобити сиёсии Эрон ва Афғонистон, Теҳрон, 1327.-С. 31-32.
2. Феррйе Ж.П. Таърихи афғонҳо (аз англисӣ баргардони д-р Лаълзод). Кобул, 1391. - С. 19-20.
3. Мирғуломмуҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих, Кобул, 1346. -С. 307.
4. Елфинстон М. Афғонон: ҷой, фарҳанг, нажод (тарҷумаи Муҳаммад Осафи Фикрат), Машҳад, 1376.-С. 158.
5. Ҷовид Абдулаҳмад. Афғон ва Афғонистон, Маҷ. Лемар, №12, Кобул, 1349. -С. 23.
6. Фарҳанг Мир Муҳаммади Сиддиқ. Афғонистон дар панҷ қарни ахир, Теҳрон, 1385. -С. 171.

## ТАҲИЯ ВА ТАДВИН

### ҶАЛИЛ КАМОЛИДДИН (*адиби араб*)

### САДРИДДИН АЙНӢ

### (1878-1954)

Мо дар ин мақолаи хоксоронаи худ усули тадқиқӣ (муқоясавӣ)-и адабиётшиносиро пеш гирифтаем.

Ҳангоме ки нависандаи араб дар бораи шоири намоёни тоҷик, муборизи роҳи бахту озодӣ устод Садриддин Айнӣ сухан ронданӣ мешавад, надида наметавонад, ки роҳи ин шоир, ҷодаи шеъру зиндагие, ки ӯ тай намудааст, қатъи назар аз тафсилоте, ки ба муҳити маҳал ва шароити ба худ хос вобаста аст, дар ҷавхари худ таҷассуми орзуву омоли шоирони Шарқ ва инъикоси намунаи ифодаи ҳақиқии беҳтарин ва зеботарин умедҳоест, ки шоирони муосири Шарқ аз интиҳои асри XIX то нимаи асри XX дар дили худ мепарвариданд. Робитаи ин шоир бо ҳаёт, пайвастагии зич бо халқи худ, муборизаи ӯ барои навию таҷдид дар шеъру санъат, зиндагӣ ва ҷамъият, ҳамчунин иштироки бевоситаи фаъолаш дар мубориза барои навию таҷдид - ҳамаи ин хусусиятҳое мебошанд, ки ба аксари шоирони Шарқӣ, хусусан Шарқи Араб хосанд. Чизе, ки шоиронеро, амсоли Садриддин Айнӣ, ба шоирони олами муосири араб мепайвандад, ин, хулоса карда гӯем- рӯҳи муштараки инсондӯстӣ, рӯҳи Шарқи нав, анъанаҳои мероси муштарак, мубориза барои озодӣ, вале на дар хаёл, балки бо иштироки фаъолонаи амалӣ дар он ва баҳри озодӣ ба фидокориҳо, ҳар қадар ки душвор набошад, омода будан ва ҳатто, агар лозим шавад, ҷону ҳаёти худро ҳам қурбон кардани онҳост.

Садриддин Айнӣ аз зумраи мухадрамин, яъне шоиронест, ки пеш аз Октябр ба воя расида, пас аз он даҳҳо соли дигар умр ба сар бурдаанд. Аз рӯи баъзе ҷанбаҳои мероси адабӣ ва нававариаш, ӯ ба шоирони араб, амсоли Халил Мутрон, Ахмад Сидкӣ аз-Заҳовӣ, Маъруф ар-Русофӣ, Ҳофиз Иброҳим ва Аҳмад Шавқӣ монандӣ дорад, лекин бо баъзе хусусиятҳои дигари

навовариаш ба тамоми шоирони муҷаддид ё худ шоироне, ки солҳои сиюм ва чилум дар Миср, Сурия, Лубнон ва Ироқ ба арсаи адаб қадам ниҳода, озодӣ ва пешравиҳои прогрессивӣ ва сохти навро васфу тараннум мекарданд, шабоҳат дорад. Лекин, пеш аз ҳама, Садриддин Айнӣ аз он шоирони барҷастааст, ки тамоми марҳалаҳои наву азнавсозиро якҷоя бо халқ ва миллати худ, бо ватани хурду бузургаш аз сар гузаронидааст. Ин навию таҷдид ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун, ҳам дар санъат ва ҳам дар ҷамъият ба амал бароварда мешуд.

Навӣ ҳамроҳи мубориза баҳри озодии мардуми тоҷик аз асорати қайсарӣ ва юғи подшоҳӣ шурӯъ шуда, бо мубориза барои бунёд намудани сохти нав ва мустаҳкам намудани он идома ёфт. Дар ин айем Айнӣ Маяковскийро мемонд ва чунонки баъдтар мебинем, байни онҳо робита ва таъсири мутақобила барқарор буд. Садриддин Айнӣ зиндагӣ ва халқ, озодӣ ва баҳорро тараннум карда, муборизаро дар ҳамаи марҳалаҳо ва бо тамоми воситаҳо пайваста идома медод ва байни тахайюлу зиндагӣ, байни шеъру халқ, байни дилу ақл ҷудоӣ намепазируфт. Ӯ аз мероси мадании гузашта баҳра бардошта, онро эҷодкорона инкишоф дод. Ҳарчанд ӯ фарзанди халқи тоҷик аст, вале бо ду забон - тоҷикиву ӯзбекӣ шеър менавишт ва орзуву омоли халқҳои Осиёи Миёна, махсусан тоҷикону ӯзбеконро ифода менамуд. Аз ин рӯ, ҳар дуи ин халқ ҳақ доранд бо ӯ ифтихор намоянд.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ танҳо шоир нест, балки вай нависанда, мутафаккир, файласуф, ва ходими ҷамъиятӣ мебошад. Ӯ доир ба таърихи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон асарҳо таълиф карда, дар ривоҷи рӯзноманигорӣ ва ҷомеашиносӣ, матбуот ва нашрияҳо саҳми босазое гузошт. Аз даврае, ки ӯ шеъргӯиро қатъ кард, солҳо гузаштанд, вале сарфи назар аз ин, шеър тариқи писандидатарин, агар чунин гуфтан дуруст бошад, тариқи ҳаёти эҷодии ӯ гашта буд. Дар шеърҳояш ӯ пахлуҳои зиндагӣ, ҳусну ҷамол, ишқу муҳаббат, озодӣ, баҳор ва инсонро васф мекард. Ҳатто дар асарҳои мансураш шеър на чизи маҷбуран ва беҳуда дохилкардашуда, балки узви матлуб ва ҷудонашавандаест, ки мавҷудияти наср бе он муҳол мегардад.

Фаъолияти гуногунсоҳа ва пурвусъату бойи Айнӣ, намунаи равшани амали ба халқ, озодӣ ва сотсиализм бахшида шудааст.

Баҳори ғояи ҷомиаи нав ба дили ин шоири бузург ғулғула афканда, дар давоми тамоми фаслҳои умраш меваҳои рангорангеро ба самар расонид, ки онҳо ниҳоят пурқувват гашта, пухта расида, ба меваҳои баҳори тоҷик, меваҳои Шарқи озод мубаддал гаштанд.

Шеъри Айнӣ натанҳо яке аз барҷастатарин ҷанбаҳои эҷодиёти ӯст, балки он симои ҳақиқӣ ва асили шоир мебошад. Ба ин муносибат бояд гуфтаи Юлиус Фучик, нависандаи муборизи чехро. ки ҷон ва қалами худро ба озодии ватани хеш ва озодии башарият аз юғи фашизм бахшидааст, дар барои назми Садриддин Айнӣ ба ёд орем. Аз замоне ки бо Тоҷикистон шинос шудам, ғолибам такрор ба такрор ин шеъри Айниро замзама мекардам:

(С. Айнӣ. Ашъори мунтахаб. Сталинобод, 1958, саҳ. 25).

*Понздаҳ сол пеш аз ин ба ҷаҳон,*
*Тоҷикистон набуду номаш ҳам.*
*Буд, оре, ба ном кӯҳистон,*
*Кӯҳсоре харобу пурмотам.*

Ман онро боз мегӯям, то фаромӯш накунам. Оре, ана сарзамини зебо ва пурганҷе, ки ба сӯи ҳаёти ободу хуррам устуворона қадам мемонад. Ин ҳамон сарзаминест, ки бист сол пеш аз ин, садои ранҷу азоби мудҳишашон то ба Аврупо мерасид. Якчанд сол пеш, ки асрҳо менамоянд, мо дар Аврупои Марказӣ дар бораи ваҳшоният дар Осиёи Миёна шунидаем. Вале ҳоло дар ин ҷо маданият ва болоравии рӯзафзуни он аён аст…Садои ваҳшоният бошад, ҳоло аз Аврупои Марказӣ ба гӯш мерасад».

Хулосаи сухан - ҷавҳари шеъри Айнӣ ва ҳамаи шоирони Осиёи Миёна, ки дар давраи то инқилоби Октябр ва баъди он зистаанд, дар ифодаи ғаму андӯҳ ва орзуву омоли халқ аст. Дар садои азоби мудҳишест, ки санъатвар Садриддин Айнӣ барои мо ҳаққонӣ тасвир ва нақл намудааст. Навои маданият, тараққӣ ва пешравиҳоест, ки тавассути қалам ва танбӯри Садриддин Айнӣ боло рафтааст. Таърихи таҳаввули афкору ашъори Садриддин Айнӣ аз ҳар ҷиҳат таърихи пешрафти Тоҷикистон, гузариши он

аз азобу шиканҷаи феодализму давраи подшоҳӣ ба сотсиализм дар аҳди шӯравӣ мебошад.

Ҳаёти иҷтимоӣ дар сарзамини тоҷикон, ки тобеи аморати Бухоро ва худи амир мутеи подшоҳи рус буд, ҳаёти ғуломонаи феодалӣ буд. Осиёи Миёнаро сармояи рус истисмор мекард, ки дар айни замон аз баъзе ҷиҳатҳо сояи ҳомии манфиатҳои сармояи аҷнабӣ, махсусан сармояи англис ва амрикой дар ин сарзамин буд. Роҳи оҳане, ки аз он сӯи баҳри Хазар ба Ашкобод (ҳоло пойтахти Туркманистон шӯравӣ) расид, ба ибораи В. И. Ленин, «Осиёи Миёнаро барои чанголи сармояи рус кушод» (Уроки кризиса, Қуллиёт, ҷилди 5, саҳ 82). Аморати Бухоро бо сармояи рус алоқаи зич мебандад ва дертар ба низоми подшоҳӣ пурра мутеъ гардида, манфиатҳои онро ҳимоя менамояд. Дар ин ҷо қувваи арзони корӣ ва истеҳсоли патаро, ки бо меҳнати деҳқонони Осиёи Миёна дар шароити истисмори бераҳмона рӯёнидан мумкин буд, ҳирсу тамаъи онҳоро бедор мекард. Танҳо Амир ва ҳошияи ӯ ҳамроҳи феодалон аз сарвату неъматҳое, ки дар аморати паҳновар мавҷуд буд, истифода мекарданд. Мардуми оддӣ бошад, дар зулмоте мезист, ки як зарра аз зулмати асрҳои торикие, ки халқҳои араб аз сар мегузаронианд, кам ва осонтар набуд. Дар ин ҷо истисмор мураккабтар буда, на танҳо аз зулми феодалии аҷдодӣ иборат буд, балки зулми сармояи ҷаҳони байналхалқӣ низ бар он зам шуда буд. Ин ҳолат ба вазъияте, ки Миср пас аз истилои англисҳо, махсусан дар охирҳои асри XIX аз сар мегузаронд, шабоҳат дошт, инчунин ба вазъияти Ироқ, Сурия ва кишварҳои дигари араб баъди ҷанги якуми ҷаҳон, ки дар он на салтанати туркҳои усмонӣ барҳам хӯрда, истилои англисҳо ва фарансавиҳо ба субут расида буд, монандӣ дошт.

Дар чунин шароити торику тоқатфарсо ва зулму зӯрие, ки Бухоро, ин аморати васеъ, ки Тоҷикистон ва аксари ноҳияҳои Узбекистонро фаро мегирифт, ҳукмфармо буд, ногузир сурудҳои халқӣ ва шеърҳои ба онҳо монанд ба вуҷуд меомаданд, ки ғаму андӯҳ аз дилу ҷони ҳам мардуми меҳнаткаш ва ҳам зиёиен мебароварданд. Дар яке аз сурудҳои ғамангези мардуми Бухоро гуфта мешавад, ки амлокдорон ва гумоштагони амир на чун одам, балки чун сагони шикорӣ андозу хироҷи ба гардани мардум боркардаро ваҳшиёна мерӯёнанд ва агар касе андозро якбора адо карда натавонад, хонаашро мусодара мекарданд ва

агар касе барои додани андоз пул ё мол надошта бошад, писарону духтаронашро кашида мегирифтанд. Аз ин ҷо тааҷҷубовар нест, ки деҳқонон деҳотро, ки дар он ҷабру ситам, асорат, бедодгарию бенавоиро аз сар мегузаронданд, тарк намуда, ба ҳар сӯе, ки чашмашон мебурд, мерафтанд ва дар ҷустуҷӯи кор дар дигар шаҳрҳо овораву саргардон мегаштанд. Онҳо захираи бузурги қувваи коргариро ташкил медоданд. Дар миёни онҳо ҳамчун ифодаи меҳру муҳаббат нисбат ба диёру ватани маҷбуран тарккардаашон, шеъру сурудҳое ба вуҷуд омаданд, ки онҳоро дар эҷодиёти шифоҳии халқ шеъру сурудҳои «ғурбат» (дар забони тоҷикӣ-«ғарибӣ») номиданд. Ин гуна шеъру сурудҳо дорои эҳсосоти нозуки инсонӣ буда, ба шеърҳои ғарибии арабҳо монандӣ доранд. Масалан, шеърҳое, ки деҳқонони Ироқ ҳангоми ҳокимияти ба фано рафтаи шоҳӣ аз Ироқ ба Кувайт ё дигар давлатҳо ҳиҷрат карда, дар он ҷойҳо месуруданд. Шоири марҳум ас-Сииёб баъзеи онҳоро дар зимни ашъори худ ҷой додааст. Ин қабил мавзӯъҳо дар тамоми ашъори ғарибии мамлакатҳои араб ва осори гузаштаи халқҳои араб хеле бисёранд. Чунончи, шоири араб гуфтааст:

*Вай монанди шутурест, ки дар биёбон аз ташнагӣ*
*ҳалок мегардад,*
*Ва ҳол он ки об дар машкҳои ба пушташ овезон*
*мавҷуд аст.*

Дар эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик ҳамин маънӣ чунин садо медиҳад:

*Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,*
*Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем.*
(Намунаҳои фолклори тоҷик, саҳ. 19)

Садриддин Айнӣ дар ҳамин гуна шароит ва ҳамин муҳити рӯҳӣ, шуурӣ ва фикрӣ нашъунамо ёфтааст. Чашмонашро кушодан замон ӯ фоҷиаи бенавоӣ, бадбахтӣ ва ғаму андӯҳро дид. Дар ин гуноҳи мардум (халқ) набуда, ҳамаи ин бо айби феодализм, ғуломӣ ва зулму истибдод, истисмори сармоядорон ва империализм сар мезад. Дар ин вазъият бояд ногузир шеъре ё ба ибораи дақиқтар, ҷараёни шеърӣ ва адабии наве пайдо мешуд,

ки садои халқро ба муқобили мазҳабу равияҳое, ки ба золимон мутааллиқ аст, ифода мекард.

Ин ҷараён бо номи «ҷадидизм» пайдо ва машҳур гашт. Дар сафҳои ин ҷараён, ки онро мо, арабҳо «ибтидоия» меномем ва дурусттараш «романтизм» аст, ҷавонбухориён меистоданд. Ҷараёни мазкур мувофиқи хоҳиши буржуазияи озоди маҳаллӣ дар аввал орзуву омоли мардуми Осиёи Миёнаро инъикос мекард. Лекин ин ҷараён ба маънои том тарафдору ҳомии манфиатҳои халқ набуд ва садои баланду пурвусъати онро пурра ифода намекард. Аз ин ҷост, ки чанде нагузашта ин ҷараёни адабӣ ба тақлиди назми сӯфиёнае ғӯтид, ки «бедилизм» ном дорад (аз номи шоир Мирзо Абдулқодир Бедил (1644-1721) гирифта шудааст) ва хусусиятҳои хоси онро оҳангҳои рӯҳафтодагӣ, ғаму ҳузн, ба тақдиру қисмат таслим шудан ва ба гузашта фурӯ рафтан ташкил медод. Вале халқ бори дигар пардаи нодаркори онро гирифта мепартояд ва фарзандони озодфикри халқ боз аз паи ҷустуҷӯи ҳақиқати воқеӣ, ҳақиқати объективӣ мешаванд.

Дар он рӯзгор барои пайдо кардани ҳақиқат зиёиёни тоҷик аз таҷрибаи бародарони забардасти рус ва украин, амсоли Белинский, Чернишевскиӣ, Добролюбов, Некрасов, Шевченко истифода намуда, ҳақиқатро дар равияи демократӣ-револютсионии адабиёт, санъат ва тафаккури онҳо дарёфтанд. Дар байни тоҷикону ӯзбекон аввалин пайрави ин равия Аҳмади Дониш гардид. Ӯ, ки дар ҳайати вакилони амири Бухоро назди подшоҳи рус фиристода шуда буд, баъди бозгашт ба ватан дар бораи наҳзату навовариҳо (ан-нуҳуз ва л-ҷадид)-и Россия менавишту нақл мекард. Россия он гоҳ барои халқҳои Осиёи Миёна чун Аврупо буд. Дониш ба ғазаби амир гирифтор шуд. Вале афкори пешқадами демократӣ аллакай дар саросари Осиёи Миёна ва дигар кишварҳо паҳн гашта, пайравони зиёде пайдо кард, аз ҷумла Мирзо Фатҳалӣ Охундов дар Озарбойҷон, Фурқат дар Узбекистон, Абай дар Қазоқистон, Абдулло Туқай дар Тотористон ва ғайра. Аҳмади Дониш шогирдони зиёде дошт ва яке аз онҳо Сомии Бӯстонӣ буд, ки дертар Садриддин Айнӣ дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Дар он вақте, ки бисёр шахсони соҳибқалам дар мадҳи амир, атрофиёни ӯ ва дарбор қасидаҳо менавиштанд, Сомӣ пучӣ ва пастии онҳоро фош мекард. Ана дар ҳамин аст сирри сеҳри нависандагии ӯ».

Аз шогирдони дигари Дониш, адибон ва мутафаккирони пешқадам, аз ҷумла Музтариб (1844-1897), Таҳсин (1866-1934) ва Садри Зиёро ном бурдан мумкин аст. Махсусан, Садри Зиё ба Садриддин Айнӣ таъсири калон расонидааст. Пас аз вафоти волидонаш Айнӣ ба хонаи вай рафта дастёрӣ мекунад ва дар ин муддат бо доираи васеи адибони озодфикре, ки худи Садри Зиё аз ҷумлаи онҳо буд, ошно мегардад. Онҳо дар хонаи ӯ маҷлисҳо меоростанд ва маҳз дар зери таъсири ҳамин гуна маҷлисҳо, Айнӣ бори аввал, ба шеъргӯӣ пардохт.

Айнӣ дар деҳаи Соктаре-яке аз деҳаҳои атрофи Бухоро дар Узбекистони имрӯза таваллуд ёфта, то даҳсолагӣ байни деҳқонони гуногунмиллат: тоҷикон ва узбекон, арабҳо ва форсҳои аз Машҳад ҳиҷраткарда зиста, забони сокинони он ҷойро аз худ намудааст. Падари ӯ Саидмуродхӯҷа дар таълиму тарбияи Айнӣ саҳми бузурге гузошта, дар дили ӯ ҳисси меҳру муҳаббатро ба шеъру адаб парваридааст. Ӯ саъй мекард, ки писараш матни шеърҳоро аз ёд намояд. Худи ӯ ҳам баъзан шеър эҷод мекард. Боре писараш аз ӯ дар бораи сирри шеъргӯӣ пурсид ва ӯ дар ҷавоб гуфт: «Писарам, маро шоир наном. Одаме, ки ба навиштани як-ду байт муваффақ шудааст, ҳанӯз шоир нест. Калимаи «шоир» аз «шуур» аст. Вале шуур доштан ба шахс барои шоири ҳақиқӣ шудан кофӣ нест, ӯ бояд табиатан шоир бошад ва мисли Исо-махдум, Соиб, Бедил, Ҳофиз ҳаётро донад, то ки бо ашъори зебо ба тамоми суолҳо ва зуҳуроти он ҷавоб гардонад. Ин барои Айнӣ дарси нахустин буд. Айнӣ азм кард, ки ҳаётро омӯзад, Ҳаётомӯзӣ ӯро ба кулфатҳои зиёде гирифтор кард.

Шоири мо, камбағалу ноумед, ҳамроҳи бародараш Муҳиддин соли 1890 ба Бухоро омад. Дар ин ҷо ӯ бо чашми худ тафовут байни сарвати фоҳиш ва бенавоии даҳшатангезро дид. Илҳоми шоир ҷӯш зада ва муддатҳо пас аз қалами ӯ чунин сатрҳо таровиш ёфтанд:

*Фирқае бе сабаб дар ниъам, дар тараб,*
*Фирқае бегунах дар бало, дар азоб.*
*Фирқае рӯзу шаб дар тапиш, дар тааб.*
*Фирқае субҳу шом масти ҷоми шароб.*
*(С. Айнӣ. Ашъори мунтахаб, с.17).*

Ин шарораи эътирози иҷтимоӣ, шарораи нахустин, вале бисёр умедбахш буд. Айнӣ на аз мадрасаи деҳа ва на шаҳр баҳравар нашудааст ва дар ин бобат ӯ бо шоири тотор Абдулло Туқай монанду ҳамтақдир аст. Дарсҳои мадраса аз рӯи усули кӯҳнашудаи золимонае гузашта, фанҳои замонавӣ дар таълим дода намешуд. Дар он ба ҷуз илмҳои оластикие, ки аз тарафи омӯзгорони ҷоҳилу мутаассиб омӯзонда мешуд, чизи дигаре набуд. Айнӣ усули адабиётро бевосита аз ҳаёт омӯхт. Ӯ дорои шуур, лаёқат ва истеъдоди баланд буда, ҳамчунин аз он бахтиёр шуда буд, ки дар ҳавлии Садри Зиё-ҷое, ки шогирдони озодфикри Аҳмади Дониш, амсоли Саҳбо, Сомӣ, Таҳсин, Гулшанӣ ва дигарон ҷамъ меомаданд, дастёрӣ мекард.

Номи Айнӣ ба олами адаб соли 1895 даромад. Номҳои мустаори ӯ он вақт «Муҳтоҷӣ» ва ғайра буданд. Дар ин бобат ӯ Максим Горкийро ба ёд меорад, ки гарчи номи ҳақиқиаш Алексей Пешков буда, ӯ худро бо чунин куният ном мебурд, зеро ҳаёташ пур аз талхиву андӯҳ буд. Ин номҳои мустаор на танҳо худ аз худ дар бораи ҳаёти воқеии халқҳои Тоҷикистон ва Узбекистон, балки халқи рус ва умуми халқҳои мамлакати подшоҳӣ низ дар он рӯзгор дарак медиҳанд. Шеъри Айнӣ ҳазин, вале хеле бурро буда, аз оҳангҳои ғазаб ва ҳаҷв, аз оҳангҳои боварӣ ба ояндаи шукуфон холӣ набуд. Айнӣ ғазалро ба як зебоӣ ва як шакле меофарид, ки ашъори қасидамонанди классикии араб суруда мешуданд. Лекин вай шеърро танҳо дар маҷоли лирикӣ маҳдуд нагардонда, балки ба он оҳанги иҷтимоӣ додааст.

*Ёр мехонад ба сӯи хеш арбоби ғаноро,*
*Айнии бечораро ҳам мушти зар будӣ, чӣ будӣ?*

Қиссаи Айнӣ ва дарбор қиссаест маъруфу машҳур ва андаке хандаовар ҳам аст, ки асос дорад. Амир ба назди ӯ намояндагони худро фиристода, ӯро ба дарбор даъват намудааст. Вале Айнӣ даъвати амирро боисрор рад карда, фиристодагони амирро таҳдид намудааст, ки китобу асарҳояшро хоҳад сӯзонд ва онҳо тарсида шоирро тарк кардаанд. Ин ҳолро дида, амир гуфтааст, ки ин шоир лоиқи дарбори ӯ нест. Оре, Айнӣ ҳаргиз шоири дарбор нашудааст. Ва аз онҳое, ки шоири дарбор мешуданд, ҷалилтару сарболотар буд.

Инқилоби руси соли 1905 ба шеър ва пешрафти шоирони пешқадам ва демократи осиёӣ, амсоли Охундов, Туқай, Собир ва Айнӣ таъсири эҳсосшавандае расонд. Давраи байни солҳои 1905-1917 даврае буд, ки мавқеъ ва мақоми Айниро дар адабиёт ва зиндагӣ муайян кард. Маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» дар интишори афкори демократӣ дар Кавказ ва Осиёи Миёна саҳми босазое дошт. Шоири мо низ аз таъсири он берун намондааст. Роҳи ӯ ба сӯи инқилоб тавассути демократияи равшанфикрӣ ва маорифпарварӣ мегузашт. Вай гумон мекард, ки мардуми бесавод ба қадри озодӣ намерасад ва қимати озодиро ҳеҷ гоҳ қадр карда наметавонад. Бинобар ин, пеш аз ҳама, бояд фикри саводноккунӣ, маданикунонии мардум ва маорифпарвариро кард. Ин фикр дар вай баъди нобарории револютсияи соли 1905 боз ҳам бештар қувват гирифт. Ҳамин тавр, ӯ бо ёронаш «Тарбияи атфол» ном ҷамъияти пинҳониро таъсис дода, ба душвориҳои зиёде мактаби ҳозиразамонеро дар Бухоро кушод, барои талабагони он шеъру қасидаҳо менавишт ва ҳамроҳи рафиқонаш дар ҷараёни таълиму тарбияи кӯдакон иштирок меварзид. Кушодашавии ин мактаб амир ва атрофиёни мутаассибу иртиҷоии ӯро ба ташвиш андохт, зеро мақсади он аз тарбияи одамони озодандешу равшанфикр иборат буд. Дар он ҳеҷ гуна тафриқаи динӣ ё тоифӣ-табақавӣ вуҷуд надошта, ақлу заковат, фикри бедор ва бародарии инсонӣ мақоми аълотаринро ишғол менамуд. Дар мадди аввали назар инсон меистод.

Ин амалиёт ягона набуд. Адиб ба мубориза бевосита шурӯъ кард. Вақте ки фишори сармоя дар Осиёи Миёна шиддат ёфт, деҳқонони камбағал заминҳои худро фурӯхтан гирифтанд, то ки қарзҳои беандоза зиёдшудаи худро адо кунанд. Шоир илоҷи дигаре надид ба ҷуз он ки исён кунад ва бародарони деҳқонони камбағалашро даъват намояд, то ин корро накунанд.

Вале вазъият ранги мудҳише ба худ гирифт: ҳукмронони подшоҳи рус ва гумоштагони амири Бухоро дар байни миллатҳо ва табақаҳои аҳолӣ куштору хунрезиҳо ба амал оварданд. Дар моҳи январи соли 1910 дар Самарқанд қатли ом ташкил карда шуд Айнӣ ва дигар шахсони равшанфикр, моҳияти ин гуна кушторҳоро дарк намуда, муқобилият нишон медоданд ва саъй мекарданд, ки мардумро аз мақсаду мароми иртиҷоиён огоҳ созанд ва ба мубориза бар зидди душмани ягона- ҳукумати подшоҳӣ ва иртиҷоиён бархезонанд. Дар ин асно ҷанги якуми

ҷаҳонӣ аланга гирифта, аз як тараф, ҳамраъйи халқҳои мазлуми Россияи подшоҳиро ба вуҷуд оварда, аз тарафи дигар, ихтилофоти ғайримуҳимми байни шӯришгарони кишварҳои хурду калонро рабуд. Айнӣ худро ба хатти пеши оташ андохт. Дар ин асно ҳатто мактаби кушодаи ӯро баста, худашро таъқиб мекарданд. Бинобар ин барои ӯ барин инқилобие, ки револютсияеро дар ҳаёт бевосита аз сар гузаронида пурра ҳазм кардааст, илоҷи дигаре набуд, магар он ки дар музоҳараву баромадҳои мардум, ки солҳои 1915-1916 Осиёи Миёнаро фаро гирифта буд, иштирок намояд.

Ҳангоме ки револютсияи Октябр дар соли 1917 дар Русия ба вуқӯъ пайваст, Айнӣ дар сафи пеши озодихоҳони Осиёи Миёна истода, мардумро ба мубориза барои озодии комил аз ситами амир ва ба иттиҳод бо озодиталабони Маскав ва Ленинград даъват менамуд. Иртиҷоиён бошанд, ҳамеша ӯро таъқиб мекарданд. Ниҳоят, ӯро аз хонааш дастгир карда, бераҳмона зада ба зиндон партофтанд. Аз зиндон ӯро, ба истилоҳ, аскарони Сурх, ки зери парчамҳои сурх ба Бухоро омада расидаанд, наҷот бахшиданд.

Дар ҳар ҷое ки бошад, хоҳ дар Бухоро, хоҳ дар Самарқанд ва хоҳ ҷои дигар, рӯҳониёни мутаассиб яроқи динӣ ва милатчигиро восита намуда, муқобили Айнӣ баромад мекарданд.

Шеърҳои дар ин давра эҷодкардаи Айнӣ таҳаввулоти қатъии инқилобиро, ки дар тафаккури ӯ ба вуҷуд омада буд, бо роҳу воситаҳои гуногуни баён инъикос менамуданд.

Ана, яке аз шеърҳое, ки дар зоту мавзӯъ ягона аст:

*О, ватани ман! Фироқат мушкил бувад,*
*Агар метавонистам ин ҷони (ҳаёти) наҷибамро*
*бароят фидо мекардам.*
*Бингар, магар маро сабр мумкин аст,*
*Вақте ки зогҳо парҳои булбулонро мешикананд.*

Баъди инқилоби Октябр шоир Садриддин Айнӣ монанди бисёр шоирони озодфикри Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ дар қатори револютсионерон ҳамчун яке аз сарбозони он истод. Дар дили ӯ фараҳ ва хушбахтии том ҷӯш мезад. Шеъри ӯ низ таҳаввул карда, оҳиста-оҳиста ба инъикоси воқеияти сотсиалистӣ рӯ овард, лекин дар айни замон услуби хос, оригиналӣ ва

хусусиятҳои зотии худро нигоҳ дошт. Айнӣ револютсияро, мувофиқи фаҳму тасаввуроти халқ, афсонаи муъҷизавие донист, ки ҷомаи амал пӯшидааст ва Октябр, дар назари ӯ, барҳақ, мурғи саодатбахше, ки ба тоҷикӣ Ҳумо ном дорад, ки пеш омадааст:

*Меҳнаткаши бечора пеш аз дидани сад ҷабр,*
*эй вақъаи Октябр!*
*Аз марҳаматаш ёфт зи андӯҳ раҳоӣ,*
*ту мурғи Ҳумоӣ!*
*Баҳри дили ёрони ситамдидаи мазлум,*
*меҳнаткаши маъсум!*

*Дар даҳр абадуддаҳр кунӣ ҳукмравоӣ,*
*ҳам дер биноӣ!*
*(С. Айнӣ. Ашъор мунтахаб, саҳ. 12)*

Ҳанӯз мубориза бо ҷаҳони кӯҳна тамом нашуда буд, балки акнун оғоз меёфт. Аморати Бухоро озод нагашта буд ва душмани иртиҷоӣ сарбозони озодӣ, аз ҷумла Айниро, дучори таъқибу тазъиқ менамуданд. Шашуми августи соли 1918 иртиҷоиён бародари Садриддин Сироҷиддинро ваҳшиёна куштанд. Қатли бародар Айниро на танҳо ба эҷоди марсияҳои андӯҳгин, балки ба мустаҳкам кардани рӯҳ ва даъват барои зичтар гардонидани сафҳои инқилобиён бо ҳар василаи имконпазир водор кард, то ки онҳо ғалаба кунанд ва ватан аз душман пок гардад. Баъди ба Тошкент омадан ҳам Айнӣ ба ҳар восита чи бо шеъру асарҳои публитсистӣ ва чи бо фаъолияти ҷамъиятии худ мардумро барои озод кардани Бухоро даъват менамуд. Дар ҳамин давра дар назми ӯ оҳангҳои эҷодиёти даҳанакии халқ бештар зоҳир мегарданд. Ҳамчунин маршҳои ӯ ба вуҷуд меояд, ки аз онҳо «Марши ҳуррият» ба забони узбекӣ офарида шуда, дар он мо чунин суханҳоро мешунавем:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид.*

*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*

*Оқибат офтоби адолат,*
*Бар сари бенавоён битофт.*
*Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,*
*Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.*

Айнӣ «Марселеза»- нашиди озодиро ба ду забон- узбекию тоҷикӣ ва мувофиқи савту оҳангҳои халқӣ навишт. Аз ин ҷост, ки он миёни мардум, алалхусус байни коргарону ҷавонон нуфузи калоне пайдо кард.

Уфуқҳои диди Айнӣ вусъат ёфта, ҷаҳонбиниаш тоза гардид ва баҳори наваш фаро расид.

Айнӣ меҳнаткашони араб ва дигар меҳнаткашони Шарқро ба инқилоб таблиғу ташвиқ ва талқин карда, муборизаи шадиду оташини онҳоро, ки солҳои 1919-1925 дар Мисру Ироқ, Сурияву Лубнон, Фаластину Алҷазоир, Туркияву Афғонистон, Эрон ва ғайра оғоз гардида буд, табрику таҳният мегуфт. Вай онҳоро бовар мекунонд, ки субҳи озодиву истиқлол, қатъи назар аз қурбониҳои гарон, ба дамидан наздик аст.

Айнӣ дар ин мавзӯъ шеърҳои бисёре офаридааст ва яке аз онҳо шеъри «Инқилоб» аст, ки дар он хитоб мекунад, ки инқилоб тамоми Шарқ, Шарқи муттаҳидро фаро хоҳад гирифт:

*Оқибат Шарқ мешавад бедор,*
*Гарчи ин фикр хобро монад.*

Пешгӯии пайғамбаронаи ӯ амалӣ гашт. Ҳоло халқҳои Шарқ занҷири зулму истибдодро гусаста, тамаддуни наверо барпо намуда истодаанд, дар шароити озодӣ ва заминаи демократӣ ба сӯи таҳаввулоти иҷтимоӣ рӯ меоранд.

Тамоми ҳаёти Айнӣ баъди Октябр то рӯзи вафоташ (соли 1954) аз боварии амиқ ва қувваи имони шоир ба ҷомиаи нав, ба ягонагӣ, ваҳдат ва манофеъи муштараки халқҳои Шарқ ва тамоми инсоният шаҳодат медиҳад. Айнӣ шеъри худро монанди Маяковский ва дигарон барои барпо намудани ҷомиаи нав назр кардааст. Бар рағми он ки душманони иртиҷоӣ бародари дигари ӯ, Муҳиддинро куштанд, шоир ба қадри як мӯй ҳам бовариашро

ба ҳаёти нав ба ҳадафҳои инқилоб тағйир надод ва дигаргун накард. Назму насри Айнӣ доир ба таърихи Бухоро, Тоҷикистон, Узбекистон, мақолаву хитобҳои зиёди дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон ва Узбекистон нашркардаи вай баёнкунандаи содиқи афкор ва ифодакунандаи боварии бепоёни ӯ ба ҳаёт, ба инсон, ба баҳори нав аст:

*Баҳор омад, бедор шаву бархез!*
*Магар ин овозҳоро намешунавӣ?*
*Мургҳои баҳорӣ месароянду чаҳ-чаҳ мезананд.*
*Мургҳои ҷавон.*
*Ё ин ки:*
*Биё, ту, эй баҳори зебо!*
*Хушбахтӣ ор ба мо! Ба мо нур пош,*
*Аз тӯлии ин зимистон*
*Чашмамон хира гашту моро об кун.*

Ӯ боварӣ дошт, ки дигаргунӣ аз тағйири худи одам сар мезанад ва одамони инқилобӣ дар амал худро месозанд:

*Хоҳӣ, ки рӯи заминро дигаргун созӣ,*
*Аввал аз дигар кардани худ сар кун.*

Маҷмӯаҳои ашъори Айнӣ «Шуълаи инқилоб» ба забони тоҷикӣ ва «Ахгари инқилоб» ба узбекӣ дар соли 1923 чоп шудаанд. Инҳо маҷмӯаҳои нахустини вай буданд. Шеъри Айнӣ аз шеъри классикии тоҷик бо он фарқ мекунад, ки он аз мадҳ ба мақсади талаби чиз ва дигар лавозими анъанаи қадим озод мебошад. Шеъри ӯ мисли шеъри шоири тоинқилобии тотор Абдулло Туқай сабуку равон буда, ба тасвирҳои воқеие, ки Пушкин оғоз намуда, Некрасов ва Маяковский ба авҷ расониданд, шабоҳату қаробат дорад. Дар бораи қаҳрамононаш бошад, худи Айнӣ чунин мегӯяд: «Қаҳрамонони ман онҳое мебошанд, ки ман мешиносам… дар баҳри рӯзгор тӯли солҳои дароз онҳоро дидам». Қаҳрамонони ӯ фарзандони халқ мебошанд ва илҳомбахши тозагии назми ӯ халқ мебошад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки шеърҳои ӯ то охири умраш хусусиятҳои хосе доштанд, зеро ба васфи ватан, ватанпарварии гарму ҷӯшони бошуурона, инсондӯстии самимона бахшида шудаанд.

Айнӣ аз ҳар чизи нав баҳра бардошта, фоида мегирад ва дар шеърҳои вай мо ҳам санъати такрор (баргардиш) ва ҳам тақтеъ, ягонагии ботиниро ба монанди шеърҳои шоирони муосир дида метавонем.

Ба ғайр аз ин, дар эҷодиёти Айнӣ эҷодиёти шифоҳии халқ мақоми махсусеро дошт. Ҳақиқатан, ӯ фолклорро дар шеъри худ маҷбуран ё ба тариқи изофаи сунъӣ дохил накарда, балки шеъри худро дар рӯҳи эҷодиёти халқ, чунон иншо мекунад, ки он ногусастании шеър шуда мемонад. Фолклор ба шеъри ӯ бо ягонагии том ва тамоми шаклу мазмун мечаспад. Дар як шеъри ба ҷанги дуюми ҷаҳон ва задухӯрдҳои дар сарзамини шӯравӣ бахшидаш чунин гуфтааст:

*Гург кард дамдама,*
*Шеър кард ҳамҳама.*
*Дар ҷаҳон кунад ҳама,*
*Ин тарона замзама.*
*Қаҳрамон Ленинград!*
*Қаҳрамон Ленинград!*

Айнӣ дар ривояти таърихии худ Гитлерро ба Чингиз монанд мекунад. Ва фарзандони қаҳрамони халкро ба қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, аз қабили Коваи оҳангар (Кова ҳамчунин қаҳрамони афсонавии курдҳо мебошад, ки бар зидди аждаҳои ҳафтсар бромадааст) монанд мекунед.

Дар баъзе шеърҳои Айнӣ мақолу масалҳои аҷиберо мебинем. Чунончи:

«Ин.... сиёҳ__ гавҳораи бадбахтист».

*Ва дар ин ҷо ба ҷуз сиёҳ ва ... шуҷоъ зиндагӣ намекунад.*

Ё ин ки:

*«Дар ҷое, ки инсон зиндагӣ мекунад, хар набояд зист».*

Ва ё:

*«Кист он касе, ки ба шахсе раҳм мекунад, ки вай сазовори он нест?»*

Ё:

*«Касе ҳаст, ки ба мори афъӣ заҳр мебахшад»?*

***

Айнӣ аз Пушкин ва Маяковский сабақ гирифта бошад ҳам, мактаби хосеро гузаштааст ва роҳи фардиеро паймудааст. Рӯҳи

шарқӣ ва мероси гузаштаро амиқ донистани ӯ, вобастагии вай ба халқу хаёти он, таҷрибаи дуру дарози зиндагӣ ва хусусиятҳои ватанаш Тоҷикистон- ҳамаи ин баҳори шеъри ба худ хосеро ба вуҷуд овардааст. Аз ин ҷост, ки ӯ ба Маяковский муроҷиат карда мегӯяд:

*32 сол пеш аз ин, рӯзе*
*Шеърҳои туро шунидам ман,*
*3-он ба қонуни синаам сӯзе*
*Зад забона, шарора чидам ман.*

Вале бояд гуфт, ки маршҳои инқилобии Айнӣ дар тақлиди маршҳои Маяковский навишта нашуда, балки дар онҳо рӯҳи тоҷиконаи Айнӣ ифода ёфта, ҷилва мекунад. Ин рӯҳи шарқии тоҷикиест, ки ҳама чизи нави зиндагиро дарк намуда, ҳазм кардааст ва ба назму насри шӯравӣ чакидаҳои тоза ва оҳангҳои нав ба наве зам намудааст. Шеър рӯҳи Айниро файзи фаровоне бахшида, ҳатто насри ӯро фаро гирифтааст. Ва ӯ дар ин бобат анъанаи шарқиеро, ки адибони форсу араб, турку ӯзбек ва ғайра пайравӣ мекарданд, риоя намудааст.

Ва шояд беҳтарин тавсиф барои Айнӣ он бошад, ки ӯ баҳори ҳамеша шукуфони шеър ва шогирди абадии ҳаёт аст.

Аз арабӣ тарҷума ва таҳияи
Тоҷиддин МАРДОНӢ

## МУДИРИЯТ ВА ВОҚЕИЯТИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ

*(дар асоси китоби: Ҳарвалд Ҷ. Лювит. Равоншиносии мудирият. Тарҷумаи дуктур Муҳаммадалии Батоҳӣ ва Ризо Шопуриён)*

Ба мушоҳида мерасад, ки дар бештари қишрҳо ва баданаҳои иҷтимоии мо яке аз мушкилоте, ки ба он дар қадами аввал рӯ ба рӯ мешавем, ин мудирияти номуваффақи ниҳодҳои иҷтимоӣ ва корхонаҳову муассисаҳо мебошад.

Мудирият (менеҷмент), гарчанде таърихи муштарак бо илмҳои гуногун дорад. Ҳамчун илм, яке аз илмҳое мебошад, ки ба қонуну қоидаҳои хеш илми муосир ҳисобида мешавад. Баъди интегратсияи илмҳо дар ҳавзаи илмҳои гуманитарӣ, мисли инсоншиносӣ ва равоншиносиву ҷомеашиносӣ ва иқтисод фанни дигаре ба вуҷуд омадааст, ки равоншиносии мудирият ном дорад (ниг. Равоншиносии мудирият. Ҳарвалд Ҷ. Лювит. Тарҷумаи дуктур Муҳаммадалии Батоҳӣ ва Ризо Шопуриён).

Баъди мутолиаи ин асар хостем барои бартараф кардани ин мушкилоти ҷомеа таҷрибаи ин донишмандро ба таври муҷаз ва хулосаҳои ин китобро пешниҳод созем. Бовар дорем, ҳар нафаре, ки аз худ ва хонавода шуруъ карда, то ба мақомотҳои маҳалливу олӣ ҷойгоҳе, дорад метавонад ин таҷрибаҳоро истифода намояд ва барои муваффақ шудан дар ин самтҳо таҷрибаҳои донишмандонро дар худ парвариш диҳад.

Дар қисмати аввали ин китоб аз мутолиаҳои инсонҳо ба таври инфиродӣ, яъне воҳидҳои мудирият шӯруъ мешавад ва дар аввали фасли ин қисмат муҳаққиқ бар ин назар аст, ки инсонҳо бо якдигар монанд ҳастанд. Монандии инсонҳо дар заминаи рафтор мебошад ва дар мавриди рафтори инсон се фарзия мавҷуд аст, ки комилан бо якдигар иртибот доранд:

1) Ҳама гуна рафторҳои инсон тобеи сабабе (иллате) ҳастанд.
2) Рафторҳои инсонҳо тобеи ангезае ҳастанд.
3) Ҳама гуна рафторҳо дар ҷиҳати расидан ба ҳадафе кӯшиш мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба се асли зикршуда фарзияҳои дигаре, ки мумкин аст дар ин замина вучуд дошта бошанд, рад мешаванд. Масалан, мо “идеяи худ ба худии рафтор” ва ҳамчунин

“тасодуфӣ будани” рафторро медонем, яъне рафторҳои зиёди инсон гӯё дорои ҳадафе нестанд ва бе ҳеҷ сабабе иброз мешаванд, ки ин фаҳмишҳо асоси илмӣ надорад.

Ин се фарзия ба шакли як мадор бастаи ҳамдигар мебошанд: аз иллат ба ангезиш ва аз ангезиш ба ҷиҳати расидан ба ҳадаф равона мешавад. Расидан ба ҳадаф омили ғайрифаъол шудани иллат мешавад, бинобар ин ангеза аз байн меравад, яъне рафторе, ки мутаваҷҷеҳи ҳадафе ҳаст, дигар содир нахоҳад шуд. Гарчанде баъзе ҳадафҳо мумкин аст маҳдуд набошанд, ҷиҳатгирии навбатӣ пеш меояд. (Ҳамон китоб.-С.12).

Дар фасли дуюм мавзӯи фарқияти инсонҳо баҳс мешавад. Пеш аз он ки ҳар мудире масъулияти роҳбариро ба дӯши худ мегирад, бояд, пеш аз ҳама, монандиҳо ва фарқиятҳои инсонро шиносад. Монандии инсонҳоро, муҳаққиқон дар **сабаб ва ангезаҳои рафтори онҳо** мебинанд.

Дар фасли дуюми ин қисмат, ки дар он тафовутҳои инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, чунин хулоса карда мешавад: мардум бо ниёзҳои физиологӣ таваллуд мешаванд. Дар тайи даврони рушд дар онон ниёзҳои дигаре бо номи ниёзҳои иҷтимоӣ ва ё ниёзҳои марбут ба худкомагӣ ҷавлона (ҷавлон, зуҳур) мезанад. Ин ниёзҳои равонии ҷадидро метавон ба чунин бахшҳо тақсим кард;

1) Ниёзҳои ҷисмонӣ.
2) Системаи асосии мавҷуд дар бадан,
3) Вобастагӣ ба ҳамаи мардум.

Кӯдак вобаста ба бузургсолон аст. Бузургсолон метавонанд, ин вобастагиро дар ҷиҳати касби ризоияти хотир ва ё ба вуҷуд омадани нокомии хурдсолон тела диҳанд. Ризоияти хотир зербинои амният ва ҳамаи ниёзҳои марбут ба худкомагӣ мегардад.

Шароити вобастагии марбут ба даврони туфулият баъдҳо дар коргоҳ ва муассисаҳое, ки фаъолияти худро идома медиҳад ва ҳар ҷойи дигар дубора такрор мегардад. Ба ибораи дигар, ҳамон формулаи ёдгирии замони кӯдакӣ мумкин аст дар бузургсолӣ такрор шавад.

Аммо ниёзҳои амалии бузургсолон мумкин аст мутафовут бошад. Бар асоси посухҳое, ки ба ниёзҳо медиҳем, метавон гуфт,

ки моил ба ташкили як низоми силсиламаротиб ҳастем, ки ниёзҳои физеологӣ дар сурате, ки ризояти онҳо таҳдид шаванд, дар садри ин низом ҷой хоҳанд дошт. Аммо, агар мо таъмини физиологӣ дошта бошем, ниёзҳои иҷтимоӣ ва ниёзҳои марбут ба худкомагӣ ҷузъи ниёзҳое мешаванд, ки мо барои қоеъ ва сероб сохтани онҳо хоҳем кӯшид. (Ҳамон китоб.-С.29).

Дар фасли сеюм, ба андешаи муҳаққиқ, мардум ашё ва умурро ба тарзҳои гуногун мебинанд ва ҳатто "ҳақиқатҳо" мумкин аст ба василаи афроди мухталиф комилан мутафовит (гуногун) мушоҳида шаванд. Ниёзҳои (талабот) шахсӣ муҳимтарин омилҳое ҳастанд, ки дар қазовати шахс дар бораи падидаҳои муҳитӣ муассиранд. Умуре, ки ба ризояти ниёзҳои шахс кумак мекунанд, хеле зуд дарк мешаванд. Ҳамчун умуре, ки ба сурати "монеъ" дида мешаванд, агар таҳдидкунанда набошанд, даркашон хеле зуд муяссар мегардад. Бо инкори мушоҳидаҳои монеасоз, мардум худро аз таъсироти онҳо ба таври муваққат "дур" нигоҳ медоранд. Аммо, агар онҳо, воқеан, хатарнок шаванд, мардум чашмпӯшиҳоро канор гузошта ва бо монеаҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд, яъне тавофутҳои(фарқият) инсон вобаста ба ниёзҳову талаботи онҳост.

Яке аз чизҳое, ки дар баробари идрокҳои мо қарор мегирад "худ" ва "соири афрод"ё дигарон аст. Барои муҳофизати хеш мо саъй мекунем, ки тасвиреро, ки дигарон аз мо доранд, бо ниқобе чунон бипӯшонем, ки мардум моро он тавре бибинанд, ки мо моил ҳастем. Муваффақияти мо дар иҷрои нақшҳое, ки ба уҳда гирифтаем ва бовар кунонидани дигарон беш аз ҳар чиз ба қудрати мо дар ташхиси саҳеҳи вокунишҳое бастагӣ дорад, ки дигарон дар баробари рафтори мо аз худ нишон медиҳанд. Албатта, ташхиси саҳеҳи вокуниши дигарон кори осоне нест, зеро ки худи онҳо низ саргарми ифои (иҷрои) нақш (бозӣ) ҳастанд. Мавриди ғафлат қарор додани тафовутҳои мавҷуд дар заминаи идрок, мавриди ғафлат қарор додани омили аслӣ ва таъйинкунандаи рафтор аст. Бо ин ҳол ба осонӣ метавон фарз кард, ки ҳар кас дунёро ба унвони як нозир ва аз дидгоҳи ӯ (яъне мудир) тамошо мекунад. Замоне, ки сарфи таҳсили як назари куллӣ ва умумӣ шавад, беҳуда талаф нашудааст ва арзиш хоҳад дошт. (Ҳамон китоб. –С. 45-46).

Дар фасли чорум баҳс дар мавриди нокомист. Барои амалишавии ҳадафҳо мо бештар ба номокӣ дучор мешавем, ки моро дар ҳолати нигароникунанда қарор медиҳад. Ин ҳолат на ба тақдири одам вобастагӣ дорад ва на ба ягон омили берунае, ки монеасози мутлақ дар роҳҳалҳои аз байн бурдани нокомӣ бошад.

Аз назари муҳаққиқон, нокомӣ як ҳақиқат нест, балки як эҳсос аст. Эҳсосе аст, ки бар асари бархӯрд бо монеаҳое, ки махсусан, роҳи расидани ӯро ба ҳадафҳои муайян сад (монеа) гузоштаанд, ба вуҷуд меояд. Ин навъ эҳсос, замоне эҷод мешаванд, ки монеаҳо ва масоил ғайриқобили ҳал ҷилва кунанд ва инчунин замоне, ки шикаст дар муқобили онҳо сурат мегирад, ки кайфияти ҷисмӣ ва равонии онҳо мавриди таҳдид қарор гирад,  яъне мавридҳое, ки лозими расидан ба ҳадаф аз роҳи кӯшиши худ бошад.

Афрод ҳангоми бархӯрд бо чунин монеаҳо ба василаи пархош (ҷангу даъво) аз худ вокуниш нишон медиҳанд. Агар шахс аз тавоноии худ дар ҳалли мушкилот мутмаин ва дар натиҷа хушбин бошад, пархоши ӯ (херхаша, ҷангу ҷидол) монеаҳоро ба вуҷуд меорад ва пархош ҷанбаи берунӣ пайдо мекунад. Аммо, агар дар мавриди истеъдод ва Қобилиятҳои худ шак дошта ва ё аз худ мутмаин набошад, дар ин сурат пархош ҷанбаи дарунӣ пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, шахс ба сарзаниш кардани худ мепардозад ва ин бештар дар сурате иттифоқ меафтад, ки фард дар зиндагии гузаштааш рӯ ба рӯ бо шикастҳои пайдарпай шуда бошад.

Монеаҳо бештар ҷанбаи маҳрумият доранд, то нокомӣ, зеро монеаҳо ҳалношуда ба назар намерасад ва ё ин ки ҳадафҳо ҷанбаи марказӣ ва асосӣ барои "худ" надоранд. Бинобар ин баъзе аз мардум мумкин аст бо нокомиҳои камтаре рӯ ба рӯ шаванд, зеро роҳҳои беҳтаре барои аз байн бурдани монеаҳо доранд ва ё ин ки ба андозаи кофӣ ба худашон итминон ва эътимод ба нафс доранд. Дар натиҷа, дар бархӯрд бо ҳар монеъи тоза зарурате ба исботи эътибори шахсӣ эҳсос намекунанд.

Агар ҳадафҳои шахсӣ бо тавониҳои у ҳамвазну баробар бошад, дигар роҳи тозае ҷиҳати эҷоди нокомӣ пеш намеояд. Аммо, агар омолу орзуҳои фард боло аз тавониҳояш шаванд

мумкин аст дучори шикасти пай дар пай гардад, зеро тобу тавони чунин бори гароне ё тахаюлеро надорад.

Падару модар, ҳамсолон, мудирон ва ба таври кулли ҳамаи мардум бо рафтори худ дар эҷоди тавсеаи эътимод ба нафси фард таъсири қобили таваҷҷуҳе доранд ва дар натиҷа ҳангоми бархӯрди ӯ бо монеа комилан муассиранд, яъне таъсир мепазиранд. Зеро эътимод ба нафс тобеъ аз мувафақият аст ва муваффақият ғолибан он чизе аст, ки дигарон мумкин аст таъйин кунанд.(Ҳамон китоб.-С. 59).

Дар бахши панҷуми ин китоб дар мавриди таорузи (нишонаҳои беморгуна) равонӣ баҳс мешавад, ки хулосаи ин фасл чунин аст:

Рушди шахсият ҳамзистии ниёзҳои мухталифро имконпазир месозад. Мавқеиятҳои таорӯзӣ мавридҳое ҳастанд, ки интихоб байни ниёзҳо ҳамзистӣ ва мухолифатро зарур мешуморад. Ҳангоме ки дар эҷоди таъорӯзҳо ниёзҳои асосӣ ва ҳатмӣ дахолат доранд ва ҳеҷ роҳи гурезе ба назар намерасад, ба ҷуз аз вокунишҳои шадид дигар навъи бархӯрд вуҷуд надорад.

Таорӯзҳое, ки роҳҳалҳои ифротиро зарур мешуморанд, маълуман бо ниёзҳое марбут ба “виҷдони хулқӣ ё (рафторӣ)”, ки заминааш ахлоқ ва риояти муносибатҳои иҷтимоӣ аст робита доранд. Роҳҳалҳои ифротӣ, ғолибан шахсро маҷбур мекунанд, ки яке аз ниёзҳоро ба қисмати нохудогоҳи зеҳн бисупорад ва аз ин тариқ (яъне ба василаи фаромӯшӣ) таорӯзро (мушкилӣ)-ро инкор намояд.

Мумкин аст, ки таорӯзҳои заминадор ва ҷиддӣ дар созмонҳои санъатӣ(истеҳсолӣ) ба вуҷуд биёяд. Таъорузҳои байни ниёзҳои вобастагӣ ва ниёзҳои марбут ба худмухторӣ ва истиқлол аз таорӯзҳое ҳастанд, ки ғолибан мушоҳида мешаванд, зеро дар муҳитҳои санъатӣ таъкид бар рӯи вобастагӣ аст, вале дар айни ҳол ба истиқлоли фардӣ низ аҳамияти зиёде дода мешавад.

**Дар** мавриди тасмимҳои рӯзмарра ҳам таорӯзҳо муҳим ҳастанд, аммо сатҳитар мушоҳида мешаванд. Заминаҳои отифӣ ва механизмҳои мантиқии ин таорӯзҳо, ғолибан бо якдигар омехта мегарданд. Бинобар ин бисёр мушкил аст таъйин кунем, ки чӣ миқдор аз уҳдадории мо дар баробари як тарҳ ё як амал беғаразона ва мантиқӣ буда ва чи миқдор аз фаъолиятҳои мо

марбут ба ҳифзи ҳамоҳангии равонии мо мебошад. Зеро мавҷуди инсонӣ мехоҳад, ки таодулашро ҳифз кунад ва дар зимн, носозгории равоние, ки бар асари бархӯрди ақидаҳо ва идеяҳои зид ба вуҷуд меояд, парҳез намояд. Бинобар ин, ҳангоме ки мо раъйи худро дар гирифтани як тасмими мушкил нишон медиҳем моилем, ки ба ҳар роҳе аз ин шеваи интихоби хеш пуштибонӣ кунем ва дар зимн, дар пайи далелҳои бештаре бошем, то бо пешниҳод намудани онҳо ба худ ҳақ диҳем, ки дар интихоб ва гирифтани тасмим иштибоҳ накардаем. (Ҳамон китоб.- С. 82).

Дар фасли шашум дар мавриди ёдгирӣ, тафаккур ва масъалагушоӣ баҳс матраҳ мешавад, ки хулосаи ин фасл чунин аст.

**Ёдгирӣ ҷараёни фаъол буда, барои аз худ кардани мавзӯъҳо фаъолият ба харҷ медиҳанд. Барои ба даст овардани иттилоот мекӯшанд ва барои гирифтани тасмим иқдом мекунанд ва барои асоси тасмимҳои худ амал мекунанд ва пас аз анҷоми амал саъй мекунанд ба хотир биёваранд, ки чӣ кардаанд ва асароти тасмимҳояшон чӣ будааст ва ба ин тарз дар беҳбудии худ мекӯшанд.** Мардум аз рӯ ба рӯ шудан бо таҷрибаҳои мухталиф чизҳои мухталиф ёд мегиранд. Таҷриба иборат аз куниш ва вокуниши фард дар муҳит ва нисбат ба омилҳои муҳитӣ аст, ки ин ёдгирии фаъол аст.

Агар тобеи назарияи ғайрифаъол бошем, ҳамвора арзиши зиёде барои таҷрибаҳо ва дониши метафизикӣ(абстрактӣ, бетаҷриба) қоил мешавем ва фикр мекунем, ки ин хирад ва таҷрибаро аз роҳи панду андарз ва хондану навиштан дар бораи хираду таҷрибаҳо ба ҷавонон мунтақил мекунонем. Ҳамвора кучактаронро ташвиқ мекунем, ки пояшонро дар ҷойи пойи бузургон бигзоранд, аммо агар аз назарияи ёдгирии фаъол истифода кунем, хирад ва таҷрибаи бузургон фақат дар замоне ба кор хоҳад омад, ки мавриди ниёзи кучактарон бошанд. Мо ҷавононро ташвиқ хоҳем кард, ки ибтидо масоилеро, ки мехоҳанд ҳал кунанд, ёд бигиранд.

Хулоса, дар ёдгирии ғайрифаъол мо ибтидо бояд чизҳои билқувва муфидро ёд бигирем ва баъд саъй кунем, ки онҳоро ба кор бандем. Аммо агар тобеи назарияи ёдгирии фаъол бошем,

бояд ёдгирандаро ташвиқ кунем, ки вориди амал шавад ва сипас аз натиҷаи аъмоли худ истифодаҳои муфидро касб кунад.

Инсонҳо сад дар сад мавҷудоти истидлолию мантиқӣ нестанд, вале ин тавоноиро доранд, ки фикр кунанд ва огоҳона ва бо далеловарӣ ёд бигиранд. Инсонҳо ба тамоми абзорҳое, ки лозим доранд, муҷаҳаз мебошанд. Онҳо дорои ҳавоси дарёфткунанда ва дастгоҳҳои иҷрокунанда ва механизмҳои марбут ба ҳофиза, ангезиш, гирифтани тасмим ва ё интихоб кардан ҳастанд. Фақат дар солҳои ахир аст, ки мо тавонистем мошинҳое бисозем, ки дорои хосиятҳое бошанд, ки битавонанд чанд амали ҳушмандии маҳдудро ба шеваи инсонҳо анҷом диҳанд.

Аз тарафи дигар, ба назар мерасад, ки инсонҳо абзорҳоеро, ки табиат дар ихтиёрашон қарор додааст, ба таври шоиста ба кор намебаранд. Яке аз далелҳои ин мавзӯъ ин аст, ки абзорҳояшон, воқеан, хуб ҳастанд ва бо ба кор гирифтани онҳо, ҳатто ба тариқи маҳдуд ва муайян метавонанд чизҳои зиёде ёд бигиранд. Онҳо, ҳамин тавр, эҳсосот ва назарҳоеро, ки заҳмат барои ёдгириҳо мешаванд, фаро мегиранд.

Тавоноиҳои инсонҳо дар ёдгирӣ аз ҷонибе бисёр маҳдуд аст ва аз назари дигар номаҳдуд. Бо истифода кардан аз табақабандӣ, гурӯҳбандӣ ва дастабандии инсонҳо метавон мавриди бисёр – бисёр мухталиф ва гуногуннавъро таҳти мақулаҳои муносиб даровард ва бо таваҷҷуҳ ба масъала ва ё масоили мавриди назар миқдори нисбатан зиёди иттилоотро ба ҳофизаи худ биспорид.

Агар мардуми боистеъдод таҳти таъсири интизориҳои атрофиён қарор бигиранд ва нахоҳанд, ки тибқи интизороти онон дар рӯ ба рӯ бо масъалаҳо фақат дунболи беҳтарин роҳҳал бошанд ва ба ҷойи он танҳо бо бадаст овардани роҳҳали ризоятбахш иктифо кунанд, метавонанд миқдори зиёд аз вақтро, ки дар ин роҳ мебоист сарф кунанд, сарфаҷӯӣ намоянд, зеро ба даст овардани як нақшаи тавлидии хуб ва хеле арзонтар (аз назари сарфи вақт, пул ва энергия) тамом мешавад, то ин ки шахс бихоҳад беҳтарин тарҳи тавлидиро ба даст биёварад.

Албатта, мавзӯи зикршуда ба ин маъно нест, ки ҳеҷ василае абзор ва равиши таҳқиқии беҳтар аз равиш ва абзори дигар нест. Балки, баръакс василаҳо ва шеваҳои ҷадиди таҷзия ва таҳлили

масоил ҳар рӯз беҳтар аз рӯзи пеш ба вуҷуд меоянд ва ба назар мерасад, ки шеваҳои ҷадид бо шеваҳои маъмул ва мутадовил, ки имрӯз кӯдакони мо ҳам ҳатто аз вуҷуди онҳо бехабаранд, тафовути зиёде доранд.

Бефоида нахоҳад буд, ки ба тафаккур ва ёдгирӣ ҳамчун ҷараёни фаъол, ки аз норизоиятиҳо сарчашма мегиранд, бинингарем. Агар мардум эҳсоси норизоиятӣ кунанд, тамоми фаъолиятҳои марбут ба ҷустуҷӯ дар муҳит ва дар ҳофиза, ки марбут ба интихобҳо ва озмоиши рафторҳои ҷадид мебошанд, ҳар як ба тартиби хос, аммо фаъолона анҷом хоҳанд гирифт. (С.113-114).

Арзёбии мардум унвони фасли ҳафтум мебошад. Хулоса, дар ин фасл (7) се тариқи умумӣ барои арзёбии расмии мардум пешниҳод шудааст: 1) тестҳои санҷишӣ - навиштанӣ (бо қалам ва қоғаз); 2) тестҳои фароафканӣ ва 3) равишҳои сотсиометрӣ. Ҳар як аз инҳо дорои бартарият ва хубиҳое ҳастанд ва масрафоти пулӣ низ доранд.

Тестҳои санҷишӣ нисбатан арзонқимат ҳастанд ва то ҳудуде ҳам стандарт шуданд, аммо мавориди истеъмолии онҳо фақат маҳдуд ба мавқеиятҳое ҳастанд, ки мехоҳем гуруҳеро аз миёни як иддае нисбатан зиёд баргузинем.

Тестҳои фароафканӣ дар асоси бардоштҳо аз тасвирҳое сурат мегиранд, ки шахсияти инсон муайян мешавад ва ба қисматҳои амиқтарини шахсияти инсон роҳ меёбанд ва иттилооти бештар ва ҷолибтаре ба даст медиҳанд. Аммо, маъмулан ҷанбаи назарӣ ва фардӣ доранд. Ба илова, гаронқимат ҳастанд ва аз ҳамаи инҳо гузашта, наметавон ба натиҷаҳои бадастомада аз онҳо итминон кард.

Равиши сотсиометрӣ осон ва нисбатан қобили эътимод ҳаст. Аммо аз назари эҷоди қудрат дар сатҳҳои мухталифи созмони муассиса ғолибан хатарҳое ҳамроҳ доранд.

Арзёбии рӯзонаии афрод масъалаест душвор ва мавридҳое, ки метавонанд дар ин замина кумаки шоёне арза намоянд, иборат аз баҳсҳои созмонёфта дар заминаи шахсият ба кор бурдани техникаҳои ҷадиди мусоҳиба ва афзоиши бештари шиносоии фард дар бораи худаш.

Қисмати азим ва муҳими мавзӯи арзёбӣ ин нест, ки "чӣ гуна" онро анҷом диҳем, балки принсипҳои муҳим дар ин маврид

иборатанд аз “чаро” арзёбӣ кунем ва “то чӣ андоза” бояд дар анҷоми он бикӯшем. (С.142).

Дар фасли баъдӣ (фасли 8) равобити байни инсонҳо матраҳ аст. Барои он ки робитаи байни афрод аз тарафи як мудир дуруст ба роҳ монда шавад, “дар муҳити кор ва фаъолият ҳамвора бояд тарафдори танаввуъ ва тағйир буд, на хостори сукун (доимӣ, исто) ва субот. Бояд пӯё ва ҷӯё буд, на роҳатталаб ва исто. Ба таври куллӣ, дар тӯли ҳаёти як муассиса набояд танҳо хоҳони якнавохти дурахшиш ва ризоияти хотир собит буд, балки бояд дар ҷустуҷӯи ислоҳ ва беҳбуд ва интиқоди созанда буд, то кинаҳо ва ғаразҳо ногуфта намонанд ва рӯи якдигар анбошта (болои ҳам гузошта) нагарданд, ки хатари таркиш дар пай доранд”. (-С.148).

Хулоса, “робитаҳо иборатанд аз кӯшишҳои афрод дар заминаи қонеъ кардани ниёзҳояшон ба кумаки якдигар. Бинобар ин, аъзо дар робитаҳо бо якдигар вобастаанд ва метавон интизор дошт, ки ин вобастагиҳо эҳсосоти зиддиятнокеро (мутазодеро) нисбат ба якдигар ба вуҷуд меоварад. Бо вуҷуди ин, наметавон аз созмонҳои муассисоте, ки бар асоси робитаҳо бино шудаанд, интизор дошт, ки таодули равонии комиле дошта бошанд. Танаввуи (гуногунии) робитаҳоро метавон аз чанд ҷанба баррасӣ кард. Ин ҷанбаҳо иборатанд аз: -тӯли муддати робита, тавзеъи (вазъи) қудрат, муқарраротва қонунҳои рафтор, ки тобеъи омилҳои муҳитӣ аст ва нақшҳои инфиродӣ ва иҷтимоии аъзои робита. Ҳар яке аз ин ҷанбаҳо якчанд пурсишҳои мухталиферо дар заминаи аъмоли нуфузи як узв нисбат ба узви дигар, ки ҳамзамон натиҷаи бадастомада ба ирзои (қонеияти) ниёзҳои ҳар узв ба василаи дигаре мешавад, матраҳ менамояд. Иртибот василаи асосӣ дар барқарор сохтани робита аст. Ин васила дар бештари робитаҳо ҳам барои ҷамъоварии иттилоот ба кор меравад ва ҳам барои нуфузи аъзои робита дар якдигар мавриди истифода қарор мегирад (С.154).

Дар фасли минбаъда перомуни **аҳамияти гуфтушунид** дар заминаи ҳалли мушкилот сухан рафта, ҳамчун як навъи иртибот даниста мешавад. Иртибот дар хулосаи ин фасл ҳамчун муқаддимотитарин васила ҷиҳати тағйир додани рафтор аст. Мо ба соддагӣ метавонем ҷаҳор ҷанбаи (буъди) мустақилро дар

ҷараёни ҳар иртибот ташхис диҳем: 1) муҳтавои иртибот; 2) сарусадо; 3) шабакаи иртибот; 4) ҷиҳати иртибот.

Иртиботи яктарафа аз назари сурат бар иртиботи дутарафа бартарӣ дорад. Иртиботи яктарафа ҳамчунин ин имтиёзро дорад, ки фардро аз ташхиси иштибоҳоти худ ва масоили печидаи дигари мудирият маҳфуз медорад. Имтиёзи иртиботи дутарафа дар ин аст, ки дурустии бештареро соҳиб аст ва дар зимн, дар шунаванда эҳсоси итминон ва эътимоди зиёдтаре ба вуҷуд меоварад. Аммо иртиботи дутарафа як навъ риски равониро ҳам барои гӯянда (ё фиристандаи паём) дар худ дорад. Иртиботи дутарафа эҳтиёҷ ба омодагӣ ва тарҳрезии камтаре аз тарафи гӯянда дорад. Аммо, аз назари мудирият мушкилоти зиёде дар заминаи ҳифз ва тавсеаи иртиботи дутарафа мавҷуд аст. (С.171).

Дар фасли даҳуми ин китоб дар мавриди рафтори муассир ва нофиз (муҳим) баҳс мешавад.

Мардум рафтори худро дар сурате тағйир медиҳанд, ки барояшон маълум шавад, ки рафтори қаблии онҳо муносиб ва зарурӣ набуданд, зеро бо нокомӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Тағйир ин ёдгорист. Дар ин фасл тамаркузи баҳс бар рӯи чанд ҷанбаи умумии мавқеиятҳои “тағйир”- и рафтор аст.

Омили тағйир, ки ӯро А меномем, дар шиносоии корие, ки мехоҳад анҷом диҳад, бо мушкил рӯ ба рӯ мешавад. Ғолибан А-ҳо намедонанд чӣ аъмоле анҷом медиҳанд ва ҳамин тавр огоҳ нестанд, ки чаро чунин кореро анҷом медиҳанд. Ангезаҳои онҳо мумкин аст бештар нахудогоҳона ва даркнашуда бошад ва ҳачунин онон дар шиносоии ҳадафҳои хеш басирати (нигоҳ) кофӣ надошта бошанд. Тафаккури амиқ дар заминаи ҳадафҳо мумкин аст, натиҷааш бо таҷдиди назар дар интихоби онҳо бишавад ва ё ин ки шахсро дар раҳо кардани амри “тағйир” -и рафтор ташвиқ намояд.

Тасмими ниҳоӣ дар мавриди қабули тағйир бо касоне аст, ки бояд тағйир кунанд. Онҳо ё қабул мекунанд, ки “тағйир”-ро бипазиранд ва ё баръакс, хоҳанд кӯшид, ки тағйир дар вуҷудашон сурат нагирад (касеро, ки бояд тағйир бипазирад, В номидаем). А- фақат метаваонад дар гирифтани тасмим нуфуз дошта бошад, вале наметаваонад тасмим бигирад, таъсирпазир

аз омилҳои бешуморе хоҳад буд, ки танҳо яке аз онҳо нерӯи нуфузи А мебошад.

Баъзе аз А-ҳо саъй мекунанд, ки пеш аз кӯшиш дар роҳи тағйир додани В-ҳо сабабҳои рафторҳои кунунии онҳоро пайдо кунанд. А-ҳои дигар ба чунин коре иқдом намекунанд. Инҳо бештар ба ҷанбаҳои муштараки инсонҳо такя менамоянд. Дар ташхиси сифатҳои В қоидаҳое тасвир шудааст, аммо, ба ҳар ҳол, агар гирифтани тасмими ниҳоӣ дар заминаи қабули "тағйир" бо В бошад, беҳтар аст, ки А ба В кумак кунад, ки у хусусиятҳои худро беҳтар бишиносад.

Ба илова, ин ташхиси сифатҳо ё хусусиятҳо метавонад ҳам ба сурати дарёфти ҳақиқатҳо бошад ва ҳам ба сурати шиносоии эҳсосот. Ақидаи муҳаққиқ ин аст, ки шиносоии эҳсосот, агар аз маърифат ба ҳақиқатҳо муҳимтар набошад, камарзиштар аз онҳо нест. Масъулияти ниҳоӣ барои эҷоди тағйир ҳам мумкин аст ба танҳоӣ бар уҳдаи А бошад ва ҳам мумкин аст, ки В онро қабул намояд. Вале қабули ин масъулият метавонад бар уҳдаи ҳар ду нафар бошад. Омилҳои тағйир (А-ҳо), махсусан мавқеъе, ки мақоми волотаре дошта бошанд моиланд, ки масъулияти тағйирро марбут ба худ бидонанд. Аммо агар битавон В-ро водор ба қабули қисмате аз масъулиятҳои марбута намуд, тағйироти ҳосила мумкин аст пойдортар ва умумитар бошанд (-С.185-186).

Дар фасли 11 баҳс дар мавриди қудрат ва истифодаи он матраҳ аст. Қудрат дар матни мудирият ба маънои нуфуз ва механизми амалишавии қудрат фаҳмида мешавад.

Қудрат дар ҳар системаи иҷтимоии печида як василаи эҷоди назм аст ва онро ба унвони механизме, ки муҷиби эҷоди назму тартиб дар фаъолиятҳо мегардад, истифода менамоем. Қабули масъулият ниёз ба қудрат дорад.

Вале, ҳар гоҳ шахс дастур медиҳад, бояд бидонад, ки ӯ худ масъули натиҷаҳои он дастур аст. Пас, масъулият амри такмилшуда, вале мақбул ва писандида аст, ки шахс онро дар ивази ҳаққи дастур додан ба ҷанг меорад.

Дар хулосаи ин фасл муҳаққиқ мегӯяд, ки доштани ихтиёрот як навъ қудрати қобили вогузорӣ аст.

Қудрати нуфуз кардан дар рафтори дигарон мумкин аст аз манобеи мухталиф сарчашма бигирад. Аз ҷумла метавон аз маҳоратҳо, шахсият ва қудрати молӣ ном бурд.

Ба назари мудирон (идоракунандагон), истифода аз қудрати таҳдидӣ василае барои эҷоди назму тартиб ва контроли фаъолиятҳо мебошад. Ба унвони натиҷаҳои бадастомада, аз ин равиш шояд битавон аз ризоияти хотире ном бурд, ки ба суҳулат ва сурат барои омили муқтадире, ки ба худ итминон ва эътимоди чандоне надорад, фароҳам мешавад. Ҳамчунин ба кумаки ин равиш метавон то ҳадде байни назароти зердастон стандартҳои мудирон ҳамнавоӣ падид овард.

Яке аз камбудиҳое (ишколоте), ки дар истифода аз қудрати таҳдидӣ вуҷуд дорад, ин аст, ки мумкин аст ба ҷои тағйире, ки фарди соҳибқудрат моил аст ба вуҷуд оварад, як навъ тағйири дигаре дар нигариши афрод ва ҳамзамон дар рафтори онон падид ояд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ, қабули назар набошад. Маҳдудият мумкин аст муҷиби нокомӣ ва дар натиҷа сабаби эҷоди пархошгарӣ нисбат ба омили тағйир гардад. Бинобар ин маҳдудият метавонад ба мизони ночизе рафторро тағйир диҳад, дар ҳоле, ки мизони хусуматро афзоиш ва огоҳӣ аз натиҷаҳоро коҳиш диҳад. Пас, маҳдудият дар айни ҳол мумкин аст муҷиби гусехтагии равобит шавад.

Ба назар мерасад, ки истифода аз қудрат ба сурати як механизми таҳдидӣ дар замони кӯтоҳ, дар мавқеиятҳои махсус, дар мавридҳое, ки тавоноии интиқомҷӯии B дар ҳадди ақал аст, истифода мешавад ва инчунин, ҳангоме ки тағйироти мавриди назар тағйироте ҳастанд, ки дар заминаи аъмол ва рафтори воқеии махсус бояд сурат гиранд ва билохира дар мавридҳое, ки маҳдудиятҳо ҷанбаи маҳрумият дорад ва на нокомӣ, то ҳадди қобили мулоҳизае муфид бошад.

Ҳамчунин ба назар мерасад, ки истифода аз қудрат барои нуфуз кардан дар дигарон, то ҳадди зиёде таҳти таъсири ангезаҳои ниёз ба назму тартиб, кифоят ва контрол мебошад. Дар моделҳои марбут ба истифода кардан аз қудрат, тасаввур мешавад, ки ё B нолоиқтар аз A аст ва ё ин ки нақши A ба ӯ иҷозат медиҳад, ки бо қудрат бо B рафтор намояд. Ҳамин тавр, гумон меравад, ки B-ҳое вуҷуд доранд, ки ба муқаррароти

ғайришахсӣ ва тааҳҳудоти (аҳдҳои, шартномаҳо) иҷтимоӣ эҳтиром гузошта ва онҳоро риоят менамоянд (-С.204-205).

Фасли 12-ум дар мавриди водоштан ва даст андохтан баҳс матраҳ мекунад. Яке аз мушкилоте, ки дар мудирият мебошад, ин чӣ тавр кормандонро мо ба кор водор созем, то онҳо ихтиёран масъулияти худро анҷом диҳанд. Мавҷудоти инсонӣ дорои системаҳои печида бо ниёзҳое аз қабили эҳтиёҷ ба муҳаббат, истиқлол, ҳимоят, мавриди писанд будан ва мавриди қабули дигарон қарор гирифтан ва ғайра ҳастанд.

Истифода аз намунаҳои водорсозӣ барои эҷоди тағйироти муассир дар мавридҳое сурат гирифтааст, ки истифода аз қудрат ва ихтиёр имкон надоштааст. Дар намунаҳои иқтидорӣ В ҳамқатор ва ё зердасти А мебошад. Намунаҳои водорсозӣ дорои ҷанбаҳои муштараке мебошанд. Аз он ҷумла метавон ба нукоти зер ишора кард: А- ҳои водоркунанда баъзе аз ангезаҳои худро аз назари умум махфӣ нигоҳ медоранд. А-ҳои водоркунанда саъй мекунанд, ки бо В равобити наздик барқарор созанд. Ин равобит ғолибан ҷанбаи вобастагӣ пайдо мекунад, вале батадриҷ аз худ вобастагиҳо ба унвони як василаи муассир баҳрагирӣ мешавад: яке марҳилаи барқарории иртибот ва дигаре марҳилаи нуфуз А-ҳои водоркунанда, дар муқобили ниёзҳо ва авотифи инсонӣ ҳассос ҳастанд ва саъй мекунанд, ки нуфузи худро батадриҷ ва ғайримустақим эъмол (таҳмил) намоянд (-С.214-215).

Фасли 13-ум идомаи баҳси қудрат буда, дар мавзӯи нуфуз кардан дар дигарон бе тавассул (пайвастан) ба қудрат баҳс мекунад. Дар ин фасл, ки равиш ва модели А,А ном дорад, аз қудрат ва ихтиёр ва ҳамчунин ҳиллаҳое, ки ба кумаки онҳо битавон мардумро водор ба анҷоми амре намуд, истифода намешавад.

Мардум бояд бештарин миқдори масъулиятро ҷиҳати тағйир додани рафтори худ қабул намоянд. Ва инчунин касоне, ки хостори тағйир додан ҳастанд, бояд ба унвони омили водорсозанда худ тасмим гиранд. Дар чунин шароите қудрат ба сурате ҷилва хоҳад кард, ки зердастон ба он васила ба ризоияти ниёзҳои хеш даст ёбанд, на ба шакли андозае, ки муҷиби тарсу ваҳшати онҳо гардад (-С.239).

Фасли 14-ум таъсири пул дар мавриди мудирияти бештари мардум баррасӣ мешавад. Пул василаи ирзои ҳар навъ ниёзе дар ҷомеаи имрӯзӣ аст. Ба илова, пул омилест, ба осонӣ контрол мешавад ва миқдори он низ қобили андозагирӣ аст. Пул як “воқеият” аст ва аз он метавон ба унвони як омили иртиботӣ низ истифода кард. Пул дар маънои дигар омилест, ки ба василаи он шахс ниёзҳои мутанаввеи худро берун аз муҳити кор қонеъ менамояд.

Дар хулосаи ин фасл омадааст, ки пул ҳанӯз яке аз омилҳои муҳим ва ангезиши қавӣ барои анҷоми кор дар ҷомеа мебошад. Вале, албатта, омили мунҳасир ба фард нест. Пул ба унвони як омили ангезишӣ ва низ тарҳҳои подоши инфиродие, ки бар ҳамин асос ба вуҷуд омаданд дар назари коргарон ва коркунон муносибтарин ва муҳимтарин муҳаррикҳо аст ва зарурат бар ин ки афрод битавонанд комилан мустақил анҷоми вазифа намоянд ва вазифаашонро ҳам ба хубӣ тартиб дода шаванд, ки битавонанд чунин истиқлолеро ҳис кунанд. Агар бихоҳем аз ин системаи инфиродӣ дар мавридҳое, ки афрод ба якдигар вобаста ҳастанд ва вазифаҳои онҳо низ мутақобиланд, ба якдигар иртибот доранд, истифода кунем, ба мушкилоти зиёде бархӯрд хоҳем кард. Яке аз ин мушкилот ин хоҳад буд, ки кори тавлидшуда ба василаи ҳар фард дар заминаи вазифаи махсусе, ки ба ӯ вогузор шудааст, ба ҳадде, ки мавриди интизор аст, нарасанд ва низ маҷмӯи корҳои ин афрод баробар бо тавлиди куллие, ки аз муассиса ба сурати як воҳид (маҷмаа) интизор меравад, набошад.

Тарҳҳои гурӯҳие, ки ҳамаи сатҳҳои компанияро дар бар мегиранд, аз назари равоншиносӣ, ба тарҳҳои инфиродӣ мутафовит (фақият) ҳастанд. Дар системаҳои фардӣ (шахсӣ, инфиродӣ) саъй бар ин аст, ки фард ва кораш аз воҳиди кулли созмон ҷудо шавад. Аммо дар тарҳи гуруҳӣ назар аст, ки як ҳадафи умумӣ ҳадафи ҳамаи афрод бошад. Ин таваҷҷуҳи умумӣ ба ҳадафи муассиса боиси эҷоди тағйироте дар равобити байни мудир – коргар мешавад ва ҳамин амр муҷиби афзоиши доманаи ризоияти хотир барои афроде мегардад, ки дар муассиса машғул ҳастанд. Ҳамчунин масоили мушкили марбут ба таъсир ва

пазириши таъсирро низ аз ҳамин роҳ беҳтар метавон баррасӣ кард.

Аз назари механизм нуфуз кардан дар дигарон, системаи подоши инфиродии бештар ба рӯи рафтори зоҳирии афрод таъсир мегузорад, то нигариши асосии онҳо. Аммо тарқи гурӯҳие, ки шабоҳати бисёр наздикӣ ба модели А дорад, мумкин аст дорои таъсири амиқтар ва дар сатҳ васеътар бошад.

Дар қисмати сеюми ин китоб доир ба мудирияти инсонҳо дар гурӯҳҳои аз се то бистнафарӣ матраҳ аст, ки онҳо чӣ тавр ба кор ҷалб шаванд ва бо кадом қудрат метавон ба онҳо нуфуз кард.

Суолҳое, ки мо метавонем ҷавобашро аз ин китоб дарёбем, ин аст, ки "чӣ гуна" бояд аз гурӯҳ истифода кард? Яъне чӣ гуна гурӯҳҳоро ба кор водорем ва чӣ гуна гурӯҳҳоро дар силсиламаротиби созмонҳо ҷой диҳем?

Дар қисмати аввал фасли понздаҳум ҷойгир аст, ки мавзӯи шабакаи иртибот дар гурӯҳҳо унвон дорад.

Шабакаҳои иртибот ҷанбаи сохтории як гурӯҳро ташкил медиҳад. Ин шабакаҳо барои мо мушаххас мекунанд, ки афроди гурӯҳ ба чӣ сурат ба якдигар марбут мебошанд. Бинобар ин таҷзия ва таҳлили дақиқи авзои шабакаҳои иртиботӣ василаи бисёр муносибе барои марбут кардани масоили рафтори фардӣ бо масоили рафтори созмонӣ ва ташкилотӣ мебошад.

Дар хулосаи ин фасл омадааст, ки сохтмони содаи шабакаи иртиботӣ дар як гурӯҳ ва истиқлоли афрод дар гурӯҳ маҳдудиятҳое дар тарзи амали гурӯҳ ба вуҷуд хоҳад овард.

Дар гуруҳҳое, ки ҳалли мушкилоташон зарурат ба ҷамъоварии иттилоот аз ҳамаи афроди гуруҳ аст, суръати амал дар сурате вуҷуд хоҳад дошт, ки як фард дар марказ қарор гирифта ва дигар афрод монанди бозиҳои як ситора дар даври ӯ пароканда шаванд. Аммо, агар доштани рӯҳияи олӣ, тасҳеҳи иштибоҳот ба василаи худи шахс ва ҳамин тавр халлоқияти ӯ мавриди таваҷҷуҳ бошад, он навъ шабакаи иртиботие, ки дар он ба ҳар фард имкони дастрасӣ ба чандин канали иртиботӣ мавҷуд бошад ва ҳамаи афрод дар як сатҳ қарор бигиранд, муносибтар хоҳад буд.

Гурӯҳҳое, ки ба ҳадди мумкин мутамарказ ҳастанд, ғолибан аз назари субот ва татбиқ бо тарҳҳои умумии созмонӣ, суръати

амал ва қобилияти контрол дар анвои дигар бартарӣ доранд, аммо ҳамин тарҳҳо ба унвони василаи дифоии равонӣ ва ҳазфи (бартараф кардани) "нуқоти заъф"-и болотарҳо дар муқобили зердастҳо ва ба акс ба кор гирифта мешавад. (-С.275-276).

Дар фасли баъдӣ (16) муҳтавои иртибот дар гурӯҳҳо матраҳ аст. Дар хулосаи ин фасл муаллиф мегӯяд, ки шояд иштибоҳ бошад, ки дар корҳои гурӯҳӣ короиеро бо муназзам ва мураттаб будан муодил (ҷойгузин, баробар) қарор дод. Мумкин аст сару садоҳои музоҳим (заҳматдиҳанда) ва номарбуте, ки ба василаи афрод дар гурӯҳҳо эҷод мешаванд, намояндаи кӯшишҳои онҳо барои ризоияти ниёзҳои шахсии онҳо бошад. Агар баёни чунин сару садое манъ гардад, ин навъ падида, ки сарчашма аз омили дарунӣ аст, махфӣ мешавад, вале он омили аслӣ мумкин аст дар амали корҳо гурухро аз роҳи аслӣ мунҳариф созад. Баръакс, мумкин аст дар як гурӯҳ ҳеҷ ва ё хеле кам сару садо вуҷуд дошта бошад. Ба ин маъно, ки чун дар системаи иртиботи монеаҳо вуҷуд дорад, иттилооти марбут ва лозим аз тарафи аъзо пешниҳод намешавад. Баъзе аз ин монеаҳо механикӣ ҳастанд. Дар ҳоле, ки баъзеи дигар ҷанбаи равонӣ доранд. Монеаҳо марбут ба ихтилофи сатҳи мақомҳо ва ҳасодатҳо ва назароти хасмонаи шахсӣ аз навъи монеаҳои дастаи ахир ҳастанд.

Дар ҳар ҳол, чи садоҳои музоҳим зиёд бошанд ва чи мизони онҳо ба ҳадди ақал бирасад, беҳтар он аст, ки ҳамвора дар беҳтар кардани вазъи иртибот ва на маҳдуд сохтани он кӯшиш шавад. Маънои ин ҷумла он аст, ки бояд саъй шавад мавқеияте фароҳам ояд, то эҳсосоти шахсии афрод ва ҳамчунин ниёзҳои фардии онҳо маълум ва мушаххас шаванд ва дар айни ҳол, иттилоот ва ҳақиқатҳои марбут ба масъалаи мавриди назар ҳам пешниҳод гарданд. Барои гурӯҳҳои муваққат ҳалли масъалаи мавҷуд бар ҳар амри дигар тақаддум дорад. Аммо барои гуруҳҳои муддати дарозтар, беҳтар он аст, ки барномаҳо ва ҷараёнҳои мутаносиб бо ҳалли масъалаҳои мутаадид (зиёд) ва ҳатто гурӯҳҳои мухталифвазъ дар назар гирифта шавад.(-С.289-290).

Дар фасли ҳабдаҳум бошад, масоили амалии гурӯҳҳо матраҳ аст.

Дар хулосаи ин фасл омадааст, гарчи ҳадафҳои аъзои гурӯҳ ба таври ҷудогона дорои аҳамият аст, бо вуҷуди ин, ошноӣ бо хусусияти гурӯҳ дар вақти амал низ метавонад бисёр муфид бошад.

Масоили марбут ба мушаххас кардани ҳадафҳо аз бузургтарин мақулаҳои марбут ба масоили кори гурухӣ аст. Ҳадафҳо, ғолибан дар зоҳир возеҳтар аз он ба назар мерасад, ки дар ботин ҳастанд. Ин масоилро метавон аз тариқи ғунҷонидани онҳо дар дастури ҷаласаҳо ва таҳсили мувофиқати афрод дар бораи мафҳумҳое, ки бояд мавриди назар дошт ва ба озмоиш гузаронидани муҷаддади ҳадафҳо мавриди баррасӣ қарор дод.

Аз маҷмӯи масоили мухталиф метавон масоили марбут ба персоналро аз назари аҳамият дар радифи дуюм қарор дод. Ин мушкилот шомили масоили марбут ба шахсиятҳо, ҳолатҳо, ниёзҳои фаврӣ ва соири умуре аз ин қабил мебошад. Ҳатто ба назар мерасад, ки як муҳити дӯстона беҳтар ба афрод иҷоза медиҳад, то назароти худро бетарс, дар маърази афкори дигарон қарор диҳанд ва шак нест, ки ин мавзӯъ дар ҷиҳати пешбурди кори гурӯҳ муассиртар ва беҳтар хоҳад буд.

Масоили марбут ба ҳидояти гурӯҳ низ дар радифи мушкилоти ҷиддӣ қарор дорад. Гурӯҳҳо метавонанд ончунон дар бораи матолиби мавриди музокира ба баҳс бипардозанд, ки дучори ҳайрониву саргаштагӣ шаванд. Таваққуфҳо гоҳ ба бегоҳ, дар он ҳолат пеш меояд, ки тағйир додани вазъияти гурӯҳ, аз баҳс дар бораи матолиби гурӯҳ ва баҳс дар бораи равиш ва умури дигаре аз ин қабил метавонанд дар рафъи мшкилоти фавқ (боло) кумаки муассире ба ҳисоб оянд.

Яке аз мушкилоте, ки бештар дар гурӯҳҳо мушоҳида мешавад, масоили марбут ба гирифтани тасмим аст. Агар ҳадафи гурӯҳ риояти тасмимоти пешгирифта ва амалӣ намудан бар тариқи онҳо бошад, ба даст овардани таворуқи ҳамагонӣ олитарин равиш барои анҷоми ин манзур аст.

**Роҳбари гурӯҳ ба унвони як кори тахассусӣ дар назар гирифта шудааст, на ба сурати маҷмӯае аз сифот ва мушаххасоти шахс. Агар ҳадафи ниҳоӣ ҳалли масъала аст, пас раҳбарӣ ҷанбаи амалӣ пайдо мекунад, на шахсӣ. Яке аз корҳои раҳбари гурӯҳ ин аст, ки роҳи иртиботро бикушояд ва дар ҳифзи он бикӯшад. Ва нақши**

**дигари раҳбар ин аст, ки дар афрод алоқамандӣ ва пуштикор ба вуҷуд оварад ва онҳоро ба анҷоми вазифаҳои дарпешдошта (маҳмула) ташвиқ кунад (-С. 309-310).**

Фасли 18-ум, ки истиқлол ва ҳамнавоӣ ном дорад, масъалаи ҳақиқат дар баробари фишори гурӯҳ, мароҳили фишори гурӯҳ, оё гурӯҳ ситамкор ва дамдамимизоҷ шудааст?, оё интихоби роҳе ба ҷуз масири куллии гурӯҳ мутазаммини фавоиде (фоидаҳо) хоҳад буд?, оё фарди якрав ҳеҷ гоҳ пирӯз мешавад? Фарди якрав таҳти чӣ шароите метавонад мавқеияти худро ҳифз кунад? Корфармоии танҳо ва хулоса матраҳ аст.

Дар мавзӯи мароҳили фишори гурӯҳ чанд нуктаи муҳим дар роҳбарӣ барои фишор овардан ба шахсони якрав истифода мешавад, ки аз чунин марҳилаҳо иборат аст:

1) Ибтидо бояд бо ӯ аз роҳи ақлу мантиқ суҳбат кард;

2) Агар ин равиш коргар набуд, ӯро бо калимоти дӯстона ва истифода аз ангезаҳои отифӣ ҷалб кунем ва кӯшиш кунем, ки сар ба роҳаш созем.

3) Дар сурате, ки боз ҳам лаҷоҷат ба харҷ диҳад, он қадар таъну лаънаташ хоҳем кард, то ин ки саранҷом даст аз сарсахтӣ бикашад.

4) Вале, агар боз ҳам муқовимат кард, он вақт бояд аз ҷанбаи иҷтимоӣ фалаҷаш созам ва ба вуҷуди ӯ, ба ҳеҷ ваҷҳ, аҳамият надиҳем. Гарчи аз назари зоҳир ӯро дар ҷаласаи худ мепазирем, вале аз назари равонӣ ба ӯ таваҷҷуҳе намекунем ва чунон вонамуд мекунем, ки аслан чунин шахсе дар ҷаласаҳо ҳузур надорад (-С.318.).

Муҳтавои хулосаи ин мавзӯоти зикршуда ин аст, ки гурӯҳ бар фарде, ки якрав бошад фишор ворид меоварад. Эъмоли фишор чанд марҳила дорад, ки иборат аз баҳсу истидлол, ба кор бурдани калимоти тахдирӣ, ҳамлаи лафзӣ ва билохира тарз ва нафй (бекор кардан)и узви такрав (якрав). Аммо бояд донист, ки ин эъмоли фишор марбут ба ҳолати садистӣ ва ё танаввуи (гуногунии) мизоҷи гурӯҳ нест. Аз нуқтаи назари гурӯҳ, ҳадаф аз ворид кардани фишор ба хотири ин аст, ки гурӯҳ битавонад ба ҳастии худ идома диҳад ва дар зимн, қодир шавад вазифаеро, ки ба он маҳмул шудааст, ба хубӣ анҷом диҳад. Фишорҳои гурӯҳӣ дар мавқеъҳое хеле эҳсос мешавад, ки шахси якрав беҳомӣ ва

комилан танҳо бошад. Дар сурате, ки битавонад ба тариқе пуштибонии фарди дигареро, ҳарчанд андак бошад, ҷалб намояд, муқовиматаш бамаротиб бештар мешавад ва камтар фишори воридшударо эҳсос хоҳад кард.

Гарчи як шахси якрав ва муқтадир дар натиҷаи доштани қудрати беҳтар аз як фарди якрави заъиф метавонад бо аъмолаш нуфуз кунад, вале рӯиҳамрафта ҳеҷ якраве наметавонад назароти худро бар як гуруҳи муташаккил, ки афроди он ваҳдати назар дошта бошанд, биқабулонад. Агарчи афроди якрав натавонанд назорати гурӯҳҳоро ба фикри бештар водор созад.

Дар ҳар сурат лозим аст, ки таваҷҷуҳи худро ба ду нукта равона созем: аввал ин ки ҳамнавоӣ накардан, то андозае беҳтар аз ҳамнавоӣ кардан аст. Аммо дар зимн бояд ба ёд дошта бошем, ки ғолибан умури дунёи имрӯз аз тариқи ҳамнавоӣ кардан бо стандартҳои пазируфташуда сурат мегиранд. Нуктаи дуюм ин аст, ки гурӯҳҳо ба василаи эъмоли фишор ба хотири ҳамнавоӣ кардани афрод ҳисси фардияти онҳоро нобуд месозанд. Дар ин маврид бояд ба хотир дошта бошем, ки ағлаб мо ҳангоме эҳсоси истиқлол ва озодӣ мекунем, ки узви як гурӯҳ буда ва таъмини равонӣ дошта бошем, на ин ки ба танҳоӣ дар баробари гурӯҳе қиём кунем ва бе доштани ҳомӣ ва пуштибон худро тардшуда (рондашуда)ва танҳо эҳсос намоем (-С. 328-329).

Дар фасли баъдӣ(19), ки таорӯз ва рақобати мобайни гурӯҳҳо мебошад, дар мавриди тими ман ва тими шумо пирӯз хоҳад шуд ва оё ин гуна масоил дар санъат ва тиҷорат пеш меоянд? Суҳбат мешавад. Дар хулосаи ин фасл омадааст, ки бисёр сода аст шароите фароҳам кунем, ки таҳти онҳо гуруҳҳо ба рақобат бипардозанд. Дар чунин мавқиятҳо ҳамон вақт рақобат бештар мешавад ва пешрафт мекунад, ки рӯҳияи гурӯҳе босуботтар ва пайвастагии афроди гурӯҳ ба якдигар бештар бошад. Оё эҳсосе, ки мобайни гурӯҳҳо ба вуҷуд меояд, бештар хусумат ва душманӣ пайдо хоҳад кард? Дар чунин шароите тартиб додани ҷаласаҳои муштарак барои намояндагони гурӯҳҳо фақат ба печидагии масъала кумак мекунад.

Ҳадафе, ки дар ибтидои ҷаласа мавриди назар аст (яъне ёфтани як роҳҳал барои масъалаи мавриди назар) ба зудӣ табдил ба таассуб, ба арзи андомҳои намояндагони гуруҳҳо мешавад. Ба

ин тартиб ин ҳар намоянда мехоҳад назароти дигаронро бо лаҷан бикашад ва дар натиҷа ақидаи худро ба соирин биқабулонад, ҳамчуноне, ки рӯҳияи гурӯҳи баст меёбад ва афроди гурӯҳ ба якдигар пайвастагии бештаре пайдо мекунад ва таассуби гурӯҳ нисбат ба тарҳи пешниҳодияш бештар мешавад ва таассуби намояндаи гурух нисбат ба гуруҳаш низ афзоиш меёбад. Аз тарафи дигар, агар афроде барои доварӣ интихоб шаванд, ки бастгии наздик ба ҳеҷ кадом аз гурӯҳҳо надошта бошанд, хеле зуд метавонанд дар интихоби яке аз тарҳҳои пешниҳодӣ ба унвони беҳтарин тарҳ тасмим бигиранд. Аммо, агар ин доварон ҳам, ки ҷанбаи бетарафӣ доранд ва бихоҳанд назари худро бар гурӯҳҳо таҳмил намоянд, бо вуҷуди ин ки аз тарафи худи гуруҳҳо ба ин кор даъват шудаанд, вале боз ҳам назарашон бо муқовимати гуруҳҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Албатта, гурӯҳе, ки тарҳаш пазируфта шудааст, назари доваронро меписанданд. Аммо гурӯҳҳои дигар нороҳат ва норозӣ хоҳанд шуд. Инчунин гурӯҳе, ки тарҳаш мавриди қабул воқеъ нашудааст, дар ҳоле, ки саъй мекунад, дар баробари тасмими гирифташуда муқовимат кунад ва онро напазирад дар дохили худ низ дучори мушкилоте мешавад ва ба эҳтимоли зиёд даврони гусастагии гурӯҳ шуруъ мешавад ва афроди он аз якдигар фосила хоҳанд гирифт.

Аз тарафи дигар гурӯҳе, ки ба пирузӣ расидааст, аз тарси хатарҳои эҳтимолӣ бештар саъй мекунад сохти гурӯҳро тавре, ки ҳаст нигоҳ дорад ва пайвастагии афродро нисбат ба якдигар бештар кунад, зеро ки ҳамин сохт ва таркиб будааст, ки муҷиботи пирӯзии гурӯҳро фароҳам овардааст. Ҳамон тавре, ки мулоҳиза кардем, дар ин фасл роҳҳали ягона ва рӯшане ҷиҳати ҳалли масъалаи рақобат ва кашмакашиҳои гурӯҳӣ ироа намудааст. Вале пешниҳод шудааст, ки тафҳим ва тафоҳим бештар байни гурӯҳ ба таври куллӣ ва афроди ташкилдиҳандаи он муҷиб мешавад, ки ба ҷанбаи айнияти масъала ва роҳҳалҳои он бештар таваҷҷуҳ шавад ва ҳамчунин пешниҳод шудааст, ки агар муваффақияте фароҳам шавад, ки намояндагони гурӯҳҳо низ ба шакли гурӯҳӣ дароянд, ки аъзои он ҳисси пайвастагии бештаре нисбат ба якдигар дошта бошанд, мумкин аст ба таври муассиртаре амал кунанд, гарчи пайвастагӣ ба ин гурӯҳи тоза ва

намоянда будан аз тарафи дигар фишори фаровоне бар онҳо таҳмил хоҳад намуд.

Билохира агар ҳамаи афрод худро мутаваҷҷеҳи ҳусул ба як ҳадафи олитар, ки марбут ба ҳадафҳои куллии созмон ва муассисаи онҳост, бинамоянд, шояд ба беҳтарин натиҷаи матлуб бирасанд.

Дар фасли бистум тарбияти мудирон матраҳ аст, ки мавзуъоти истифода аз назароти марбут ба нуфуз дар дигарон, ёдгирии гуруҳҳо (муваффақияти ҳар кас ношӣ аз маҳорати ӯ дар чигунагии ҷамъоварии иттилоот ва ташхиси муносибатарин роҳҳал ва иттихози муфидтарин тасмим ва билохира бо мавқеъ иқдом кардан дар бораи ҳалли масъалаи мавриди назар аст. (-С. 348).

Мардум чи гуна ёд мегиранд? Ёдгирӣ иборат аз дубора созмон бахшидан ба идрокот аст. Ҳангоме, ки умури тоза ва ё куҳнатар дар дунёи идрокӣ ба шеваи навин бо якдигар марбут мешавад ва созмони ҷадид пайдо мекунад, шахс ба ёдгирӣ пардохтааст. Мавқеъе, ки як мудир масоилро дигар дар пушти айнакҳои худ намебианд, балки саъй мекунад масоилро аз назаргоҳи сарони бахшҳо мавриди мутолиа қарор диҳад, он вақт мешавад гуфт ки аз мудир чизе ёд гирифтааст. Ашхос метавонанд бо эҷоди равобити тоза байни умуре, ки пештар ёд гирифтаанд умури тозаеро ёд бигиранд ва барои ин манзур ба вуҷуди ҳеҷ омили тозае ҳам ниёз нест. Хулоса мафҳуми ёдгирӣ бар асоси “дубора созмон бахшидан ба майдони идрок аст” (-С.352-353).

Ингуна метавон афродро водор кард, ки мисли як мудир бияндешанд ва амал кунанд, таклифи гуруҳҳо чӣ мешавад, (мудири шоиста фарде аст, ки масоили марбут ба мудириятро аз тариқи ҳамкории гуруҳҳо ҳал кунад.), (касоне метавананд бо муваффақият дар дигарон нуфуз кунанд, ки аз хусусиятҳои шахсии худ огоҳ бошанд, ангезаҳои худро ташхис диҳанд ва ҳамчунин нуқоти заъфи худро низ аз назар дур надоранд ва худро ба унвони як инсон мавриди мутолиа ва озмоиш қарор диҳанд).

Равиши дигар ҷиҳати тарбияти мудирон (равиши бози кардани нақшҳои мутанаввеъ аст. Фарде, ки барои мудирият тарбият мешавад дар ҳамон давраи омӯзишӣ ё коромӯзӣ ба таври

систематик ва ё ғайри систематикӣ уҳдадори чандин нақш дар сатҳҳои мухталифи созмонӣ мешавад (-С.357).

Равиши устодӣ – шогирдӣ равишест, ки касби дониш ва маълумот ба даст овардан аст. Дар тарҳи ба уҳда гирифтани нақшҳо таъкид ба рӯи таҷриба аст дар сурате, ки дар шеваи тадриси килоссикӣ таъкид ба рӯи касби дониш ва маълумот аст. Равише, ки асоси корро бар масъалагушоӣ қарор медиҳад (равиши ба вуҷуд овардани кумитаи корфармоён ва мудирон дар сатҳи поинтар).

Хулосаи ин бахш дар он ифода меёбад, ки ҳар фарде, ки алоқаманд ба тарбияти мудир барои созмонҳои санъатӣ ва тиҷорӣ бошанд бояд ба се суол, ки монанди калиди ҳалли муаммо ҳастанд таваҷҷуҳ кунад: 1) мардум чигуна ёд мегиранд? 2) як мураббӣ (ё сарпарасти барномаи омӯзишӣ) чигуна афродро тарбият мекунад? 3) хусусияти як мудир чист?.

Барои тарбият кардани афрод бояд масоиле ба онҳо пешниҳод дод, ки ҳалли онҳо зарурати дубора созмон бахшидани идрокоти фард бошад. Ин масоил дар мавқеиятҳое бояд матраҳ шаванд, ки барои ҳалли онҳо дониш ва таҷрибаҳои лозим, аз ҷумла иттилоот ва таҷрибаҳои мартуб ба гуруҳҳо фароҳам бошад.

Мудири идеал ин аст, ки метавонад дар ҷамъоварӣ ва таҷзияю таҳлили иттилоот, иттихоз (гирифтан)и тасмим ва амал намудан бар асоси тасмимҳои гирифташуда кушиш намояд. Ҳамчунин як мудир бояд комилан аз ин нукта огоҳ бошад, ки масоили мутағайир ва моҳияти онҳо аксаран қобили пешбинӣ нест ва ба илова ба соири мардум вобаста аст ва сирфан ба хотири мақоме, ки дар силсиламаротиби созмонӣ дорад фишорҳои мутанаввиъе бар ӯ таҳмил мешавад (-С. 363-364)

Қисмати чаҳоруми ин китоб аз шаш фасл иборат буда, фасли 21-ум аз бахшҳои созмони мутағайир,ки аз мавзӯъҳои ҳар чиз мумкин аст ангезае барои ҳар чизи дигар бошад, (Масъулиятҳои куллӣ ва ҷузъии ҳар фард бояд рушан шуда ва саъй шавад ба ҳар тариқе, ки мумкин аст афродеро ба вазифаашон ошно кард, то битавонанд ба хубӣ вазифаи маҳмуларо анҷом диҳанд (-С. 372), ки таъкид ба рӯи ҷанбаҳои инсонӣ ва беҳбудии равобити инсонӣ бошад. Ҳар фард мумкин

аст, дар дидани назароти дигарон “нобино” бошад. Аммо мудир набояд ва наметавонад чунин бошад. Ӯ бояд созмонро як чизи мутаҳаррик ва пуё бидонад.

Хулосаи ин фасл он аст, ки созмонҳо як маҷмӯа аз системаҳои марбут ба якдигар ҳастанд, барои анҷоми вазоифи печида тарҳрезӣ шудаанд. Барои ин ки битавонем вазъи анҷоми вазоифро беҳбуд бахшем ва ё ин ки дар он тағйироти куллӣ ба вуҷуд оварем метавонем ба се тариқ иқдом кунем: 1) Метавонем дар заминаи ташкилот ва сохти созмон тағйироте ба вуҷуд оварем. Ин гуфта ба он маъно аст, ки қодирем системаи иртиботӣ ва системаи қудрат ва ихтиёрро ба тариқи хосе контрол намоем. Ҳамин тавр дар системаи фаннӣ ва технологии созмон дахолат кунем, яъне васоил ва абрози тозатар ва мудернтар ва муассиртаре дар ихтиёри коркунон бигузорем, ки касби иттилоот бо суҳулат ва сурати бештар имконпазир гардад ва ё ин ки метавон ба ҷанбаи инсонияти афрод таваҷҷуҳи бештар дошт – яъне саъй кунем, ки дар нигариш ва равобити инсонии афрод тағйироте ба вуҷуд оварем. Ҷиҳати анҷоми ин манзур мумкин аст барои афрод фурсатҳои коромӯзии илмӣ ва амалӣ фароҳам созем. Ё теъдоди афроди шоғил (коргар)-ро кам ва зиёд кунем, ба ибораи дигар мумкин аст лозим бошад ивази фардиро бихоҳем ва ба ҷойи у шахси дигареро даъват кунем. Аммо ҳеҷ гоҳ набояд фаромуш кунем, ки агар мо аз яке аз назарот ва пешниҳодҳои додашуда, пуштибонӣ мекунем ин ба маъное нест, ки соири назарот нодуруст ҳастанд. Аз се ҷанбаи ташкилот, технологӣ ва афрод ҳеҷ кадом ба танҳоӣ наметавонанд амал кунанд, зеро ҳар як аз ин ҷанбаҳо муҷиди(пайдоиши) тағироти муҳим дар ду ҷанбаи дигар буда бошад ва худ низ аз онҳо мутассир аст (-С. 376-377).

Фасли бисту ду дар мавриди сохт, мардум ва технология баҳс мекунад, ки чунин мавзӯъҳоро дар бар мегирад: чанд назарияи асосӣ ва решаи пайдоиши онҳо, назарияи асосӣ марбут ба мудирияти илмӣ (кори ҳар кас бояд дар беҳтарин вазъи мумкин, ки мутаносиб бо хусусиятҳои фардии уст сурат гирад ва на танҳо фард вазифаи худро тавре анҷом диҳад, ки муносибтарин вазъи мумкинро барои ӯ дошта бошад, балки бояд наҳваи кор аз назари ширкат ҳам ҷолибтарин ва аз роҳи сарфаҷуӣ зиёд бошад.

Ҷараёни кор ба таври илмӣ таъйин хоҳад шуд ва ҳамчунин маҳдудиятҳо ва масъулиятҳои ҳар фард ба тариқи илмӣ мушахас мегардад (-С. 381).

Арзиш ва фоидаи мудирияти илмӣ зуҳури мудирияти муштарак, яъне таваҷҷуҳ намудан ба неруи гурӯҳ ва истифода аз он ба ҷои қудрати фардӣ, зеро афрод аз он ҷо ки худ ба вуҷуд овардаанд, дар ниҳояти самимият ҳимоят ва пуштибонӣ мекунанд.

Муқовимат ва манзалати мудирияти муштарак дар чист? Дунёи навин ва технологияи иттилоотӣ (абзорҳо ва васоили технологӣ мисли компютере, ки ҷиҳати андозагирӣ мавриди истифода қарор мегиранд ва инсонро водор намесозанд, ки бо дасту пояш кор кунад, балки ба ӯ фармон медиҳанд, ки аз нерӯи мағзӣ ва фикрӣ истифода кунад).

Дар мудирият ҷараёне бо номи телиризм мавҷуд буд, ки тақсими корро дар заминаи қобилияти ҷисмии организм ба роҳ монда буд ва тарҳрезиро аз анҷом додани кор ҷудо сохт ва дар натиҷа назарияи эҷоди тахассусро дар умури санъатӣ эҷод кард, ки бар асоси он масоили пешбини нашудаи муқовимати инсонӣ ба вуҷуд омад. Мавриди истифодаи ин равиш (ҳадди ақал дар шакли аввалияш) дар сатҳи корҳои соатӣ буд.

Равиши мудирияти муштарак тарҳрезӣ ва анҷоми корро бо ҳам даромехт ва ин маҷмӯаро ба унвони амали гуруҳҳо пешниҳод кард. Ин равиш гарчи барои коргарони корҳои соатӣ қобили иҷро менамуд, вале асари муҳими он дар сатҳҳои марбут ба мудирият ҷилвагар шуд ва дар натиҷа ба афзоиши монеаҳое, ки дар масири ҳаракат аз коргарӣ ё кормандӣ ба суи мудирият буд кумак кард.

Технология дар заминаи корҳои фикрӣ дубора тарҳрезиеро аз анҷоми кор ҷудо сохт. Ин равиш бар тамоми сатҳҳои мухталифи созмон асар гузошт ва то ҳадди зиёде бар зидди мудирияти муштарак ба мубориза бархост, зеро ки ин равиш ҳам мудиронро ҳидоят мекунад (яъне бар мудирон ба наҳве ҳукумат мекунад) ва ҳам ба мудирият коргарони соатӣ мепардозад.

Ин се равиш системаҳои сад дар сад ҷудо аз ҳам нестанд. Ба ибораи дигар шахс маҷбур нест, ки ҳатман яке ё дигареро интихоб кунад. Ҳар як аз ин равишҳо агар натавонад боре аз

души аъзои созмон бардорад, ҳадди ақал қадаме аст, ки дар роҳҳали мушкилоти созмонӣ бардошта мешавад (-С. 397.)

Фасли 22 бошад гирифтани тасмим дар созмонро мавриди баррасӣ қарор дода, мавзӯъҳои ҳадафҳо, мушкилот ва вазоифи созмонҳо чигуна дар ҳалли масоил иқдом мекунанд? Созмонҳо дар гушоиши чи навъ масоил ва мушкилоте иқдом мекунанд? (инсон тамоюли рӯ ба рӯ шудан бо мавқиятҳои ношинохта ва мубҳам надорад ва барои ҳамин дар бархурд бо чунин вазъиятҳое саъй мекунад онҳоро бишиносад ва таҳти контрол ва назм даровард. (-С.405) ва масоил барои созмонҳо чигуна ба вуҷуд меояд? Созмонҳо чигуна ва чӣ вақт мутаваҷҷеҳ мешаванд, ки мушкилиеро ҳал кардаанд? Чи навъ масоиле барои аъзои як созмон дар ҳукми масоили воқеӣ ва қабили аҳамият ҳастанд? матраҳ месозад.

Дар хулосаи баҳси ин мавзӯъҳо муҳақиқ мегӯяд созмонҳо ҳам монанди афрод ба ҷустуҷӯи масоил мепардозанд ва аз пайдо кардани роҳҳали онҳо эҳсоси ризояти хотир менамоянд. Аммо созмонҳо бо доштани гурӯҳҳои мутаддид ва қудратҳои гуруҳии мутафовут дар дохили онҳо, дар гирифтани тасмим ва интихоб кардан бо афрод тафовут доранд. Ҳар созмонеро метавон системаи муташаккил аз системаҳои кучактар донист, ки ҳадафҳо ва алоқаҳои мутанавеъ ва мухталифро дар бар дорад. Бинобар ин дар гирифтани тасмимҳо як созмон бояд чунон амал кунад, ки ваҳдаташ дастхуши тазалзул ва чанддастагӣ нашавад.

Гуруҳҳои кучак ё системаҳои кучактар дар созмонҳо, то андозае бар асоси барномарезӣ шудан ва мушаххас будани вазифаҳо ба вуҷуд меоянд. Афрод васоил ва ташкилоте, ки барои кор кардан дар заминаи баъзе масоили нашинохта ва барономарезӣ нашуда муносиб ҳастанд барои анҷоми умуре, ки чунин мушахасотеро надошта бошанд муфид нахоҳад буд. Бинобар ин дар як замон мумкин аст, ки гуруҳҳои мухталиф дар ҳар сатҳе ба вуҷуд ояд.

Аз он ҷо ки таваҷҷуҳ ба вазифаҳои мушаххас ва муайян ва натиҷаҳои мустақиме, ки аз ин гуна умур ба даст меоянд мумкин аст муҷиби мавриди ғафлат қарор гирифтани умури барномарезӣ намуда ва номушаххас гарданд. Лизо ҳар созмон бояд фурсатҳое барои таҳқиқ дар заминаи ин гуна умур фароҳам гардад.

Механизмҳое, ки дар фароҳам кардани чунин фурсатҳое ба кор мераванд, иборат аз: истифода аз афроде, ки дорои шахсияти пуё мебошанд ва ҳамвора ба дунболи ҳалли масъалаи тозае ҳастанд, истифода аз гурӯҳҳои мутахассис барои анҷоми таҳқиқоти маҳз ё асосӣ ва саранҷом ширкат додани афрод дар анҷоми вазифаҳои мутанаввеъ мебошанд.

Дар арзишёбии натиҷаҳои ҳосила аз анҷоми тасмимҳо, созмонҳо ағлаб бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад. Технология дар ба даст овардани иттилооти дуруст ва дақиқ аз натиҷаҳои кор ба созмонҳо кумак кардааст. Бо илова созмонҳо бо истифода аз имконоти технологӣ метавонанд иттилооти лозимро бо сурат ба даст биоваранд ва дар натиҷа кори худро осонтар арзишёбӣ кунанд. (-С. 414-415).

Дар фасли 24 созмонҳо ва афрод мавриди баҳс қарор гирифтааст, ки нақши инсонии система, ҳарамҳо ва мардум, қудрат доштан ва вобастагӣ, муамои печидаи масъулият (қабули як масъулият бояд ҳамроҳ бо доштани қудрати муносиб бо он масъулият бошад), (-С.437), андоза матраҳ аст (ҳар гоҳ афрод дар мавқеияте қарор гиранд, ки эҷоди иртибот барояшон мушкил бошад ва натавонанд иттилоотро дуруст дарёфт кунанд дучори нокомӣ хоҳанд шуд ва чӣ басо дар асари ин ҳолати равонӣ нисбат ба якдигар пархошҷӯ ва хашмгин ҳам бишаванд), (-С. 437).

Тағийри созмонҳо ба василаи таъвиз ва тағйири афрод баррасӣ мешавад, ки хулосаи ин фасл чунин аст: порае аз хусусиятҳои созмонҳои санъатӣ дар асри ҳозир ба таври зарурӣ ба рӯи афроде, ки дар онҳо саргарми анҷоми вазифа ҳастанд таъсир мегузорад. Баъзе аз ин асарот манфӣ ва бад ҳастанд, зеро ё ба шахсияти афрод латама мезананд ва ё ин ки дар фаъолиятҳои марбут ба масъалагушоии созмонҳо дахолат менамоянд. Вале шояд ҳеҷ як аз ин асароти бад воқеан то он ҳад бад набошад, ки мазаёи хусусияти фавқуззикрро дар заминаи контроли воқеаҳои иқтисодӣ таҳтутшуоъ қарор диҳад.

Хусусиёте, ки дар назар аст ҳамон шакли ҳарафии ташкилот ва тамоюл ба аздиёди рақобатҳои дохилӣ ва шахсӣ аст. Тавзеъи (вазъи) қудрат ва ихтиёр тибқи риояти силсиламаротиб, тамоюл ба афзоиши вобастагӣ ва тарс аз арзёбӣ шудан, назарияи масъулияти фардӣ бо ин фарз, ки корҳои бузургро метавон ба

таносуби афрод ба қитъаҳои кучак тақсим кард ва истифода аз назарияи “андозаи маҳз” дар созмонҳои мудери бо мушкилоте, ки дар заминаи иртиботот вуҷуд дорад, ҳама ва ҳама ҷузъи хусусиятҳои фақуззикр ҳастанд.

Ба таври куллӣ, ҳар кадом аз ин хусусиятҳо дар ҳадди худ муҷиби эҷоди таъорӯзи равонӣ ва нокомӣ дар афрод мешавад ва ба тадриҷ бар мизони фишорҳои равоние, ки бар мудир ворид мешавад меафзояд.

Васоил ва шеваҳое барои рафъи мушкилоте, ки баён шудаанд пешниҳод гардидаанд. Яке аз шеваҳое, ки бештар аз соирин мавриди истифода қарор гирифтааст, назарияи гурӯҳи рушдёфта ва ё таълимдида аст. Назарияи гурӯҳи таълимдида дар айни ҳоле, ки ба тағйири равобити афрод кумак мекунад ва нокомиҳо фароҳам месозад ба тағйири сохтмон ва ташкилоти созмонҳо низ хидмат мекунад ва ташкилотро бори дигар чунон месозад, ки корҳо ба таври табиӣ ва ба наҳви шоиста анҷом пазирад.

Фасли 25 дар мавриди ташкилот ё сохти созмонӣ баҳс мешавад, ки мавзӯҳои порае аз абъоди ташкилоти созмонӣ, танзили (поин овардани) мақоми шахси муқтадир дар созмон, иртиқои мақоми иртибот ва нақши ташкилот ва аҳамияти тарҳи созмониро дар бар мегирад.

Дар хулосаи ин фасл омадааст: ташкилоти созмонӣ бояд бештар аз як сохтори созмонӣ дар зеҳн эҷоди маъно кунад. Дар сохтори созмонӣ се қисмат қобили ташхис аст, сохти марбут ба мофавқ ва афроди соҳибқудрат, сохти иртиботӣ ва сохти марбут ба намоиши нақшҳое, ки бояд иҷро шаванд. Дар сохти ин қисматҳо чунон нишон дода шудаанд, ки ҳар як ба наҳве бо дигаре марбут аст ва ба таври куллӣ табақоти болотари сохт, ки марбут ба мофавқ аст тавре ёдоварӣ мешаванд, ки гуё аз соири қисматҳо бисёр муҳимтаранд. Аммо руиҳамрафта омилҳое аз қабили тавсеаи созмонҳо, тахассус дар умури мухталиф ва саранҷом фароҳам омадани дониши ҷадид ҳама бо ҳам дар коҳиш додани афроди соҳибқудрат дар созмон (яъне афроди мо фавқ) муассир буда ва ҳастанд. Албатта дар муқобил ба аҳмияти умуре аз қобили иртибот ва сохти нақшҳо низ афзуда шуда ва афзуда ҳам хоҳад шуд.

Аммо пас аз ин ки масъалаи ташкилоти созмонҳо барои солиёни дароз мавриди ғафлат қарор гирифт, акнун мо бори дигар дар сададе баромадем, онро мавриди мутолиа ва мулоҳизаи дақиқ қарор диҳем. Таваҷҷуҳ ба ташкилоти созмонӣ аз ду ҷиҳат дорои аҳмият аст: яке ин ки эҷоди тағйир дар созмонҳо имконпазир аст ва дигар ин ки ин тағйирот дар рафтори афроди созмон ба таври ошкоро муассир аст. Агар мо бихоҳем бифаҳмем, ки дар асари эҷоди тағйироте махсусан чи навъ натиҷаҳое ҳосил хоҳад шуд, он вақт метавонем ба суоле аз қабили пурсиши зер посухи муносиб диҳем.

Фасли 26, ки технология ва созмон ном дорад, дар мавриди дунёи фаъол ва ҷадиди созмонӣ (тағйирот ҳангоме воқеъ мешавад, ки назарот ва идеяҳо табдил ба барномаҳое барои абзори навин гарданд (-С.451)

Технологияи мошинҳо илова бар доштани ҷанбаи механикӣ ҷанбаи зеҳнӣ низ пайдо кардаанд ва на танҳо корҳое, ки инсонҳо бо дасту по анҷом медоданд ба соддагии бешатар анҷом медиҳанд, балки вазифаҳои мағзии онҳоро ҳам ба уҳда гирифтаанд изтироб ва парешон шудаанд. (-С.453) Дар технологияи имрӯз “дигар лузуме надорад умури содда, такрорӣ ва якнавохт ба василаи инсонҳо анҷом шаванд, балки метавон дар иваз аз вуҷуди фард ба унвони сарпарасти чандин кору фаъолияти бо арзиш, ки ба василаи мошинҳо сурат мегирад истифода кард. (-С.454.) ва аз чанги корҳои касалкунанда ва якнавохт раҳонид. (-С. 455).

**Тасаввуроти зеҳнии мо аз як мудир ба эҳтимоли қавӣ ин аст, ки ӯ фарде аст бо қудрат, бузург, мунфарид, беҳамто, ки дорои хусусиятҳое аст, ки аз тарафи табиат ба таври зотӣ дар ӯ вуҷуд дорад, вале бояд афзуд, ки дигар умри чунин тасаввуроте ба сар омадааст, зеро мудир сарфи назар аз хусусиятҳои зотӣ бояд аз таълим ва тарбияти хосе низ баҳраманд бошад. (с 464.)**

Хулосаи фасли охири китоб, ин аст, ки баҳс ба таври куллӣ дар бораи технологияи таҷзия ва таҳлили иттилоот ва техникаҳои марбута ва асароти ин навъ техникаҳо ба рӯи мардум дар сатҳи мухталифи созмонӣ буда аст. Техникаҳо бар корҳои мардум дар ҳамаи самтҳои созмонӣ кам беш массиранд, аммо асароти онҳо бар аъмоли афрод дар бахшҳои мхталиф дараҷаҳои мутафовуте доранд.

Агар бадбин бошем метавонем дар бораи асароти бади мошинҳо дар ҷонишин шудани инсонҳо, то ҳадде нигарон бошем. Ин ҷонишинӣ фақат дар умури механикие, ки ба василаи дасту по анҷом мегиранд нест , балки мавзӯъи анҷоми қазоват ва иттихози тасмим ҳам дар миён аст. Аммо агар шахси хушбине бошем хоҳем дид, ки ҳамин дастгоҳҳои электрикӣ муҷиби ба вуҷуд омадани фурсатҳо ва роҳҳои беҳтаре дар заминаи масъалакушоӣ шудаанд. Ба иловаи ин мошинҳо роҳҳалҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ҳаргиз то қалб аз ин вуҷуд надоштанд. Иттихози тасмимҳои дурусттар ва сареътар ҳам яке дигар аз натиҷаҳои истифода аз ин навъи мошинҳост.

Натиҷаҳои ҳосилшуда аз технологияи таҷзия ва таҳлили иттилоот бо идеяҳои марбут ба мудирияти муштарак бархурдҳое доранд, зеро ки дар мудирияти муштарак таъкиди бештаре ба рӯи арзишҳои инсонӣ аст. Ва чун вазифаҳо ба сурати барномаӣ дарнаёмадаанд, лизо ба умуре монанди қудрати созандагӣ, офаринандагӣ ва ибдоъ (эҷод) таваҷҷуҳи шоёне мешавад. Аммо ҳангоме, ки вазифаҳо ба сурате барномавӣ даромаданд ва мошин иҷрои барномаҳоро кантрол кард, он вақт байни ду неруи мухталифҷиҳат, ки яке мутаваҷҷеҳи арзишҳои инсонӣ аст ва дигаре фақат коройи ӯро дар назар мегирад бархурд ва таъорӯзе ( укдае, гирехе) пеш хоҳад омад.

Бар асари рушду тавсеаи техникаҳои таҷзия ва таҳлили иттилоот имкони эҷоди ҳарфаӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҳолат, тарбияти мудирон на танҳо пураҳмияттар шудааст, балки бояд дар замони тулонитар сурат гирад  ва дар зимн барномаи мушкилтар ва печидатареро таъқиб кунад. Стандартҳое, ки дар соли  1980 барои интихоби як мудир дар назар гирифта хоҳад шуд ба эҳтимоли қавӣ дар сатҳе ба маротиб болотар аз сатҳи имрӯзӣ хоҳад буд.

Аз назари созмонӣ, эҳтимоли ин ки тағйироти амиқ ва шигарфе дар созмонҳо ба вуҷуд ояд тақрибан ба яқин наздик шудааст. Дар натиҷаи таъсироте, ки риояти усули марбут ба мудирияти муштарак ва ҳамчунин технологияи таҳлили масоил дар созмонҳо доштаанд, метавон гуфт, ки барои аввалин бор дар созмонҳо ташкилоте ба вуҷуд меояд, ки дар асрҳои гузашта ҳаргиз собиқа надоштааст. Ба ҷурат метавон гуфт, ки аҳамияти

нақши соҳибони қудрат ва ихтиёр дар созмонҳо (яъне табақае, ки дар сатҳҳои олии созмон қарор доранд) рӯз ба рӯз камтар мешавад, зеро ки дар ташкилоти марбут ба мудирияти муштарак ва ё созмоне, ки дар он мудирон аз равишҳои технологӣ барои таҷзия ва таҳлили иттилоот истифода мекунанд баҳрагирии чандоне аз ӯ амр ва навоҳӣ (боздоштҳо) ва ё қудрат ва ихтиёр намешавад. Ба эҳтимоли зиёд тасмим иборат аз воҳиде хоҳад буд, ки бар асоси он созмонҳо тарҳрезӣ мешаванд. Дар муқобили хоста шудани аҳмияти қудрат ва ихтиёр ба арзиш ва аҳамияти таълиму тарбияту парвариши неруи фикрӣ афзуда мешавад.

Билохира дар сурате, ки хонанда фикр кунад, ки мавзӯи мавриди баҳс чизе ҷуз тавсифи арзишҳои инсонӣ ба сӯи мавқеияти собит ва контрол шуда набуда, балки бояд гуфт, ки ба ақидаи нигоранда барои он чи ки дар риштаи мудирият рух додааст ин тавсифи одилона нест. Ба ибораи дигар мо танҳо аз суе ба суи дигар ҳаракат накардаем, балки ончи иттифоқ афтодааст шомили басту тавсеаи чандин навъи иттилоот ва дониши ҷадид будааст. Ҳамроҳ бо ин донишу иттилоот образҳои навзуҳуре барои ба марҳилаи амал даровардани ин назарот ва пешниҳодҳо ба бозор арза шудаанд панҷоҳ сол пеш уламои улуми иҷтимоӣ дар сатҳи дигаре дар саҳна зоҳир шудаанд ва дар замони ҳозир донишмандони улуми иртиботӣ ва мутахассиҳо техникаҳои таҷзия ва таҳлили масоил аз тариқи ба кор гирифтани комютерҳо вориди майдон шудаанд. Гурӯҳи ахир, ки аз усули риёзиёт илҳом мегиранд ба суръат ва қударти чашмгиртаре дар пешбурди назарҳои худ кушо ҳастанд.

Тамоми ин назарҳо ва васоиле, ки ба ҳамроҳи онҳо ба вуҷуд омадаанд ба мо нишон медиҳанд, ки бояд дар ақидаҳои худ нисбат ба созмонҳои санъатӣ ва бозаргонӣ ва ташкилоти марбутаи онҳо ва ҳамчунин дар мавриди тарбияти афроде, ки битавонанд дар ин созмонҳо ба хубӣ фаъолият намоянд таҷдиди назар кунем.

Ағлаб иттифоқ меафтад, ки мо дар бораи сиҳати ақидае, ки муддатҳо доштаем пофишорӣ мекунем ва аз сиҳат ва дурустии он дифоъ менамоем. Ҳамон тавре ки аз шуруъ ба даврони муҳандисӣ - санъатӣ афроди зиёде аз равишҳои кухна ва қадимии пешина дифоъ мекарданд ва аз кори худ ҳам комилан хушҳол

буданд. Зеро муҳандисони тозакор дар тарҳҳои худ ба омили инсонӣ чандон таваҷҷуҳе накарда буданд ва лизо касоне, ки ба ин тарҳҳо бо назари интиқодӣ менигаристанд бо хушҳолӣ мегуфтанд, ки “кори электрикӣ ҳеҷ гоҳ ҷойи кори фалон устодро намегиранд”, эҳтимол ҳам дорад, ки дифоъи мо аз як система ба хусус ба ин иллат (сабаб) бошад, ки ба омилҳои отифӣ он қадар таваҷҷуҳ мешавад, ки ба ҳадди ифрот мегарояд ва лизо мо муътақид мешавем, ки чунин вазъияти хатарноке набояд вуҷуд дошта бошад.

Шояд он чиро ки мо анҷом медиҳем, ҳамон чизҳое бошанд, ки мавриди таъкиди муҳаққиқон ва мутафаккирон будааст. Ин умур иборат аз беҳтар шинохтани муваффақиятҳои печида ва масоили инсонӣ ва ғайриинсонии марбут ва кӯшиш дар роҳҳали онҳо барои касе, ки дар оянда моил аст, ки ҳирфаи мудириятро интихоб кунад, ки нисбат ба тамоми омилҳои қадимӣ ва муассир таваҷҷуҳ кунад ва онҳоро ба хубӣ бишиносад ва дар роҳи рафъи мушкилоти худ аз вуҷуди онҳо истифода ҷӯяд.

*Таҳияи* **Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони мухтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи “Илм ва Ҷомеа” арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 98-558-47-10
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002

Сарраёсати хазинадории маркази
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 13.07.2017*
*Барои нашр имзо шуд 14.07.2017*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 20,3 Андоза 70х100$^{1}$/$_{8}$.*
*Адади нашр 200 нусха. Супориши №50.*

*ҶСК «Чопхонаи Дониш»*
*ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2*

*www.ravshanfikr.tj*